МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ-АМАЛИИ
АГЕНТИИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ
МОЛИЯВӢ ВА МУБОРИЗА БО КОРРУПСИЯИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# МИЗОНИ ҚОНУН

№1, 2020

**МУАССИС**

Агентии назорати давлатии молиявӣ ва
мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

**САРМУҲАРРИР**

Назарализода И.Н. – муовини сардори шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ,
маркази матбуот ва робита бо ҷомеаи Сарраёсати муқовимат ба
коррупсияи Агентӣ, подполковники адлия

**МУОВИНИ САРМУҲАРРИР**

Бобохонзода К.С. – нозири калони шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ,
маркази матбуот ва робита бо ҷомеаи Сарраёсати муқовимат ба
коррупсияи Агентӣ, лейтенанти калони адлия

**АЪЗОЁНИ ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ**

Муовинони сардорони воҳидҳои сохтории Агентӣ

**КОТИБИ МАСЪУЛ**

Назуруллозода Б.Н. – мутахассис оид ба корҳои матбуот ва
воситаҳои ахбори оммаи Агентӣ

**МУТАХАССИСИ ТЕХНИКӢ**

Фозилзода Ш.Х. – коргузори Сарраёсати муқовимат ба коррупсияи Агентӣ

**НИШОНӢ**

734043, ш. Душанбе, хиёбони А.Сино 126/1.
Тел.: (+992 37) 236-64-72, факс (+992 37) 236-64-53.
Телефони боварӣ: (+992 37) 224-23-23.
Сомона: www.anticorruption.tj. Почтаи электронӣ: info@anticorruption.tj

Ба чоп 01.09.2020 имзо шуд. Коғази ҷилодор. Чопи офсетӣ. Андоза 60x84$^{1}/_{8}$.
Ҷузъи чопӣ 19,5. Адади нашр 200 нусха.

Дар матбааи «Промэкспо» чоп шудааст.
734042, ш. Душанбе, кӯч. Айнӣ 13В. Тел.: (+992 37) 227-63-73, 919-76-97-97.
E-mail: promexpo_tj@mail.ru

Маҷалла 5-уми майи соли 2020 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
таҳти №152/МҶ-97 ба қайд гирифта шудааст.

“Мизони қонун” на бо ҳамаи андешаҳои муаллифон мувофиқ буда, ба хотири риояи
гуногунандешӣ ақоиди мухталифро чоп мекунад. Масъулияти саҳеҳии рақамҳо ва санаду
иқтибосҳо ба зиммаи муаллифон аст.
Нашри матолиби “Мизони қонун” танҳо бо ризоияти хаттии идораи он имкон дорад.

Дар шумора хабару аксу гузоришҳо аз шабакаи интернет,
муаллифон ва бойгонии маҷалла истифода шудаанд.



***Таъсиси ниҳоди махсусгардонидашуда – Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия яке аз дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба коррупсия мебошад, ки вазифаи он аз назорати истифодаи дуруст ва мақсадноки маблағҳои буҷетӣ, амволи давлатӣ, таҳкими қонуният, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин, манфиатҳои давлат ва ҷомеа иборат мебошад.***

***АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ***
***ВАҲДАТИ МИЛЛӢ – ПЕШВОИ МИЛЛАТ,***
***ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН***
***ЭМОМАЛӢ РАҲМОН***

# ИСТИҚЛОЛИЯТИ ТОҶИКИСТОН ВА ЭҲЁИ МИЛЛАТ

***Султонзода Сулаймон Саид – Директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-майори адлия***



Тоҷикон дар тӯли ҳазорсолаҳо ҷабру ҷафои ачнабиёнро бо сабру таҳаммул ва бурдбории мардонавор паси сар намуда, бо дастовардҳои безаволи фарҳангиашон беҳтарин бозёфтҳои маънавии нухбагони сарзамини хешро ҳифз кардаанд. Тоҷикон таърихи бою куҳан доранд. Ҳанӯз дар асрҳои VII-IX давлатҳои Суғду Бохтар, Порту Марғиён ва Хоразми Бузургро созмон дода, дар рушди тамаддуни башар ҳиссагузорӣ кардаанд. Дар масири таърих борҳо тавассути ҳамлаҳои давлатҳои абарқудрат истиқлолияти худро аз даст дода, боз соҳиби давлату шаҳомат гаштаанд.

Барои миллати куҳанбунёди тоҷик пас аз суқути давлати Сомониён қариб ҳазор сол лозим шуд, ки дар порае аз сарзамини таърихии аҷдодиаш давлати худро бунёд намояд ва ба оламиён аз истиқлоли дерин-тизори сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиаш паём фиристад. Хушбахтона, истиқлолияти давлатии тоҷикон аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ бо қаноатмандӣ эътироф гардид.

Соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Эъломияи истиқлолияти он ифода ёфт, ки он 24 августи соли 1990 дар Иҷлосияи дуюми Шӯрои Олии Тоҷикистон қабул шуд. 9 сентябри соли 1991 Шӯрои Олии Тоҷикистон дар иҷлосияи ғайринавбатии худ соҳибихтиёриву мустақилияти Тоҷикистонро эълон намуд. Эъломияи истиқлолият волоияти Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, истифода ва ихтиёрдорӣ ба боигариҳои миллии ҷумҳурӣ, эътирофи принсипҳо ва меъёрҳои байналмилалро аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба уҳда гирифт. Санаи 9 сентябр – мувофиқи Эъломия рӯзи истироҳат муқаррар карда шуд.

Вале Тоҷикистон аз нахустин рӯзҳои истиқлолияти худ дар раванди барқарорсозӣ ва ташаккули пояҳои давлату давлатдории нав, таъмини амнияту оромии ҷомеа, суботи сиёсиву иҷтимоии кишвар ва сарҷамъиву ваҳдати мардум бо мушкилоту монеаҳои сангин рӯ ба рӯ гардид. Яъне, агар барои аксари ҷумҳуриҳои собиқ абарқудрати ягона истиқлолият нисбатан ба осонӣ муяссар гардида бошад, барои Тоҷикистони мо расидан ба ин неъмати бебаҳо ниҳоят гарон афтод.

Эълони истиқлолият мебоист пешрафти иҷтимоию-сиёсӣ ва иқтисодии сарзаминро ибтидо мегузошт, имкон медод, ки роҳбарияти давлати мустақил дар шароити парокандашавии Иттиҳоди Шӯравӣ талош варзида, ҳадди имкон насиби худро рӯёнанд. Тоҷикистон ягона давлати мустақил буд, ки артиши дар ҳудудаш будаи Шӯравиро мил-

лӣ карда натавонист. Бухрони иҷтимоию сиёсии кишвар торафт амиқтар мегардид.

Бархӯрди манфиатҳои доираҳои гуногуни дохиливу хориҷӣ, ки асосан аз беруни кишвар идора карда мешуданд, оқибат ба ҷанги шаҳрвандӣ оварда расонид. Лекин ба шарофати хиради азалии миллати тоҷик ва ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти ҷомеа ба мо муяссар шуд, ки ҳамдигарфаҳмиву ҳамдигарбахшӣ, сулҳу субот ва ваҳдати миллиро барқарор намуда, хатари парокандагии миллат ва ҳамчун давлати мустақил аз байн рафтани Тоҷикистонро бартараф намоем.

Истиқлолияти давлатӣ волотарин ва боарзиштарин дастоварди миллати тоҷик дар масири даҳ асри охир буда, нишонаи ҳувият ва озодӣ, ифтихор ва номус, рамзи саодат ва шарти бақои миллати соҳибихтиёру соҳибдавлати тоҷик мебошад. Тоҷикистон маҳз ба шарофати истиқлолият ҳамчун узви баробарҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардид ва дар харитаи сиёсии дунё бо ҳама махсусиятҳои давлатдории муосир арзи ҳастӣ намуд.

Истиқлолияти давлатиро дар роҳи худшиносии милливу таърихӣ, эҳёи ойину суннатҳо ва рушди илму адаб метавон марҳалаи дурахшону пурифтихори фарҳангу тамаддуни миллӣ, даврони рушди неруи зеҳнӣ ва эҷодкорӣ арзёбӣ намуд.

Истиқлолият рамзи соҳибдавлатӣ ва ватандории миллати сарбаланду мутамаддини тоҷик аст, ки номаи тақдирашро бо дасти хеш навишта, роҳу равиши хоса ва мақому мавқеи муносибро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ пайдо карда, набзи давлату миллати моро бо набзи сайёра ҳамсадо месозад.

Баъди соҳибистиқлол гардидан Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фосилаи кӯтоҳи замонӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардид ва бо ҷаҳду талоши созандаву бунёдкоронаи халқи тоҷик ба кишвари ободу осуда мубаддал гашт. Акнун моро зарур аст, ки баҳри таҳкими ҳувияти миллӣ ва шакл гирифтани тафаккуру андешаи миллӣ, инчунин ҷиҳати бедор намудани ғурури миллӣ дар зеҳни наврасону ҷавонон, гузаштаи пуршебу фарози миллатро хотировар шавем ва аз корномаҳои дурахшони фарзандони халқи худ ҳар чӣ бештар насли имрӯзаро огаҳ намоем.

Истиқлолият барои ҳамаи наслҳои миллати мо, аз ҷумла ниёгони сарбаландамон ормони воло, номаи тақдир, ҳифзи шарафу номуси ватандорӣ ва дар мушкилтарин лаҳзаҳои таърих бо сабру таҳаммули оқилона ва ҳусни тадбир дар ниҳоди давлатдории аҷнабиён пеш бурдани суннатҳои давлату давлатдории аҷдодӣ будааст.

Истиқлолият барои мо як марҳилаи сифатан наву воқеии таърихӣ, талошҳои озодихоҳона ва кору пайкорҳои ошкору ниҳони расидан ба давлату давлатдории миллӣ ва ҳифз намудану пос доштани мероси маънавию фарҳангии миллат мебошад.

Истиқлолияти давлатӣ дар назди мардуми тоҷик вазифаҳои бузурги таърихиеро гузошт, ки муҳимтарини онҳо ташкили аркони давлати соҳибихтиёри миллӣ, таҳкими сулҳу субот, таъмини амнияти давлат ва ҷомеа, оғози раванди созандагиву бунёдкориҳо ва расидан ба сатҳи зиндагии шоистаи мардум буданд.

Таъсисёбии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ маҳсули истиқлолияти кишвар ба ҳисоб рафта, он дорои салоҳияти анҷом додани назорати давлатии молиявӣ, мубориза бо коррупсия бо роҳи амалӣ намудани таҳқиқи ибтидоӣ ва тафтишоти пешакӣ, инчунин корҳои ташвиқотию тарғиботӣ буда, ҳамчун мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар маҳсуб меёбад.

Дар ин раванд, ҷиҳати фаъолияти мақомот заминаҳои моддию техникӣ фароҳам оварда шуда, бо дастгирии Ҳукумати кишвар шароити хуби корӣ муҳайё карда шудааст.

Соли равон низ дар таърихи фаъолияти ниҳоди мазкур ҳамчун соли таърихӣ ба шумор рафта, бо ибтикори бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат,

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои нави дастгоҳи марказии Агентӣ бо тамоми шароити зарурии корӣ сохта, 17 декабри соли 2019 ба истифода дода шуд.

Воқеан, бино бо тарҳи замонавӣ сохта шуда, он дорои утоқҳои кории алоҳида, толори баргузории ҷаласаву чорабиниҳои калон, китобхона, толори варзишӣ ва ошхонаи замонавӣ буда, шароитҳои беҳтарин фароҳам оварда шудааст.

Дар ин рӯз аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо кормандони мақомот мулоқот баргузор карда шуда, фаъолияти ин ниҳод мавриди таҳлилу ҷамъбаст қарор гирифт.

Дар қатори дастовардҳои мақомот дар ин давра, ҳамчунин аз ҷониби Президенти мамлакат оид ба бартараф намудани камбудиҳои мавҷуда, беҳтар намудани фаъолият, тақвияти мубориза бо коррупсия, ҳамкорӣ бо дигар сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ, назорати дурусти истифодаи маблағҳои буҷетӣ, риоя ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, босифат анҷом додани тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ, ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ дар муқовимат ба коррупсия дар назди роҳбарият ва кормандони он вазифаҳои мушаххас гузошта шуд.

Дастгирӣ ва ғамхориҳои Пешвои миллат нисбат ба мақомоти Агентӣ ҳар як кормандро водор месозад, ки фаъолияти пурсамар намуда, саҳми босазои худро дар мубориза бо коррупсия гузошта, ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста меҳнати софдилона намояд.

Танҳо дар ҳолати муборизаи дастаҷамъона, ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ва тамоми мардуми кишвар мо метавонем сатҳи содиршавии кирдорҳои коррупсиониро коҳиш дода, сазовори зиндагии арзанда гардем.

Тамоми сокинони кишвари озоду ободи мо имрӯз ифтихор доранд, ки бисту нуҳ сол қабл аз ин нахустин хиштҳои пойдевори истиқлолияти воқеӣ ва давлатдории миллии худро ниҳода, аз шарофати мустақилият соҳиби рамзҳои давлатӣ – Парчам, Нишон ва Суруди нави миллӣ гардидем.

Бо эътимод метавон изҳор намуд, ки 29-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷашни мубораки миллӣ ба густариши бештари худогоҳиву худшиносӣ, ваҳдати миллӣ, ҳисси ватандӯстиву ватанпарастӣ ва ифтихори ватандории ҳар як фарди бонангу номуси кишварамон нерӯи тоза мебахшад.

Хоҳони онам, ки кишвари азизи мо бо роҳбарии Пешвои миллат ҳамеша сарсабзу шукуфон, дастоварду комёбиҳо ҳамқадами истиқлолият бошанд. Сулҳу субот, тинҷиву оромӣ то абад поянда бод.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки бо фармоиши Директори Агентӣ аз 29 апрели соли 2020, №63 Низомнома дар бораи маҷаллаи илмӣ-амалии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон - “Мизони қонун” тасдиқ гардида, минбаъд ҳайати таҳририя тасмим гирифтааст, ки дар маҷаллаи мазкур маводҳо, мақола, натиҷаҳои корӣ ва дастовардҳои илмиву амалии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, олимон, унвонҷӯён ва дигаронро ба табъ расонад.

Умед аз он дорем, ки маҷаллаи “Мизони қонун” ҷиҳати таҳкими илму маърифат дар ҷомеа, баланд гаштани савияи дониши кормандон ва беҳтар шудани ҷаҳонбинии хонандагон таъсири мусбӣ хоҳад расонид. Дар навбати худ ба муаллифон, устодон, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар риштаи кор ва фаъолият барору комёбӣ орзу менамоем.

Истиқлолияти давлатии кишвари маҳбубамонро ба ҳамаи Шумоён муборакбод намуда, ба давлатамон шукуфоӣ, пешрафт, ба хонадони ҳар як сокини он зиндагии хубу осоишта, суботи комил ва дар кору зиндагӣ муваффақиятҳои беназирро таманно менамоям.

Истиқлолияти давлатӣ муборак бод!

# ҲАМБАСТАГӢ – ОМИЛИ МУВАФФАҚИЯТ

***Шодиева Момогул – сармуҳаррири маҷаллаи «Молия ва ҳисобдорӣ»-и Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон***

**“Коррупсия яке аз монеаҳои ҷиддии рушди босуботи кишвар буда, метавонад боиси коҳиш ёфтани эътибору обрӯи давлат дар арсаи байналмилалӣ ва норизоии шаҳрвандон аз фаъолияти сохтору мақомоти давлатӣ гардад.”**

**Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон**



Пешниҳоди умум гардонидани маҷаллаи илмӣ-амалии “Мизони қонун” аз сӯйи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, талаби давр буда, он ҷиҳати дастрасӣ ба иттилооти соҳавӣ мусоидат хоҳад кард. Имрӯз, ки дар ҳар коргоҳу муассисоти давлатӣ хавфи сар задани омилҳои коррупсионӣ гаҳу ногаҳ ба назар мерасад, муборизаи дастаҷамъона бурдан бо ин падидаи номатлуб, кори ҳар фарди солимақли ҷомеа аст. Бахусус, ифшо ва пешкаши ҷомеа намудани амалҳои коррупсионӣ ва дар навбати худ садди роҳ гаштан ба ҳар гуна кирдорҳои хусусиёти коррупсионидошта тавассути расонаҳои хабарӣ, то ҷое метавонад дар пешгирӣ намудани амалҳои коррупсионӣ мусоидат намояд.

Дар умум маҷаллаву рӯзномаҳои соҳавӣ метавонанд дар соҳибмаърифат кардани мардум таъсиргузор бошанд. Ба гунаи мисол, маҷаллаи “Молия ва ҳисобдорӣ”-и назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз соли 2000 инҷониб нашр мешавад, дар баробари расонидани иттилооти иқтисодӣ, ҳамзамон дар баланд бардоштани савияи молиявии ҷомеа то ҷое саҳми худро гузоштааст.

Маҷаллаи мазкур тахассусӣ буда, бештар фарогири масъалаҳои молиявию иқтисодист.

Аксари матолиби ба нашр расида, маҳсули қалами олимони иқтисодшиносу мутахассисони соҳаи молиявию иқтисод аст, ки дар маҷмӯъ хусусияти таҳлилӣ доранд.

Маҷаллаи мазкур дар бароварда сохтани эҳтиёҷоти донишҷӯёну устодони макотиби олӣ ва мутахассисони соҳаи молияву иқтисод низ чун дастури методӣ мусоидат мекунад.

Ҳар як фарди бедордили миллат хуб огаҳ аст, ки ришвахӯрию фасоди молӣ буҷети кишварро коҳиш дода, садди рушди иқтисод мегардад. Аз ин рӯ, ҷиҳати пешгирӣ ва мубориза бо ин падидаи номатлуб як қатор заминаҳои ҳуқуқиву сохторӣ фароҳам оварда шудааст, ки Идораи маҷалла дар такя ба онҳо ва ҳамдастиву ҳамкорӣ бо олимону коршиносону мутахассисони соҳа ва дигар табақаи ҷомеа, матолиби таҳлиливу пешниҳодоти судманд ба нашр мерасонад. Ҳамзамон, Идораи маҷалла дар

ҳамкорӣ бо мутахассисони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иштироки фаъолонаи кормандони соҳаи молия, дар мавзӯоти пешгирии амалҳои коррупсионӣ рӯнамоиҳо (презентатсия) баргузор карда, гузориш аз ин нишастро тариқи маҷалла пешкаши умум мегардонад.

Инъикоси омилҳои коррупсионӣ ва дар навбати худ роҳҳои пешгирӣ аз падидаҳои номатлуби коррупсионӣ, ки хисорот ба буҷет ва рушди иқтисодиёти кишвар меоранд, аз мавзӯоти калидии маҷалла ба ҳисоб мераванд.

Ҳамчунин, татбиқу амалигардонии барномаҳои афзалиятноки ҳукуматӣ, бахусус натиҷагирӣ аз марҳилаи аввали "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030"ва оғози марҳалаи дуюми он аз мавзӯоти асосии маҷалла ба ҳисоб мераванд.

Тавре маълум, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми соли гузаштаи худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати мамлакатро вазифадор карда буданд, ки ҷиҳати ҷорӣ кардани технологияҳои рақамӣ дар соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, консепсияи иқтисодиёти рақамӣ ва дар асоси он қабул намудани барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисодиёти рақамиро татбиқу амалӣ созад. Роҷеъ ба ин дастури Сарвари давлат, ки дар рушди иқтисодиёт мусоидат мекунад, натиҷагирӣ аз ин иқдомро дар суҳбат бо олимону коршиносони ватанӣ пешниҳоди хонандагони маҷалла гардонидем.

Дигар масъалае, ки метавон онро масъалаи рӯз маънидод кард, ин таҳрияи Кодекси андоз дар таҳрири нав мебошад.

Назару пешниҳодоти олимону коршиносон ва соҳибкорони кишвар роҷеъ ба ин масъалаи муҳим дар саҳифаҳои маҷалла ба нашр расида, пешниҳоди гуруҳи корӣ гардид.

Масъалаи соҳибкорӣ, ки Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба он таваҷҷуҳи хоса доранд, аз мадди назари маҷалла дур намондааст. Олимону коршиносону таҳлилгарон роҷеъ ба роҳҳои баланд бардоштани ин соҳаи муҳимми рушди иқтисодиёт андешаҳои худро тавассути маҷаллаи "Молия ва ҳисобдорӣ" ба нашр мерасонанд, ки аз аҳамият холӣ нест.

Тавре маълум, бо пешниҳоди Сарвари давлат солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардид, ки чунин иқдом ва ташаббуси арзанда ба рушди иқтисодиёти кишвар мусоидат хоҳад кард. Мо назару таҳлилоти олимони иқтисодшиносро роҷеъ ба ҷанбаҳои манфиатовари иқтисодии масъалаи мазкур ба нашр расонидем, ки фикр мекунем ҳамчун дастури методӣ ба коршиносон кумак хоҳад кард. Аҳли эҷоди Идораи маҷалла тасмим гирифтаанд, то дар ҳар шумораи нашрия аз дастовардҳои замони Истиқлол дар 30 соли сипаришуда бештару беҳтар маводҳои таҳлилӣ ба нашр расонанд.

Умеду боварӣ дорам, ки пешниҳоди умум гардонидани маҷаллаи "Мизони қонун" аз ҷониби Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон туҳфаи хубу арзандае хоҳад гашт ба истиқболи 30-юмин солгарди Истиқлолияти давлатӣ ва таъмини дастрасӣ ба иттилооти соҳавӣ. Иқдоми мазкурро метавон ҳамчун хишти мустаҳками бинои матбуоти давр маънидод кард. Дар ин ҷода ба дастандаркорони маҷаллаи мазкур муваффақияту барори кор орзумандам. Мо дар ҳамдастиву ҳамҷоягӣ метавонем ҳар гуна зуҳуроти номатлуби ҷомеа, бахусус ришвахӯрию фасоди молиявиро решакан намоем.

# НАҚШИ МАҚОМИ ОЛИИ АУДИТ ДАР АРЗЁБИИ ТАТБИҚИ СИЁСАТИ МОЛИЯИ ДАВЛАТӢ ВА ИСТИФОДАБАРИИ МОЛИКИЯТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Чиллазода Қарахон – раиси Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон***



Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани самаранокии назорат ва таҳвияти он ислоҳоти низоми назорати молияи давлатиро оғоз намуда, ҷиҳати таъсиси низоми аудити мустақили беруна тадбирҳои боз ҳам судманд андешида истодааст.

Яке аз ҳуҷҷатҳои заминавӣ, ки ҳанӯз аз соли 2007 таҳкими низоми назорати давлатии молиявиро тавассути ҷорӣ намудани низоми аудити мустақили беруна пешбинӣ намудааст, Стратегияи "Истеҳсолоти низоми идоракунии давлатӣ" ба ҳисоб меравад, ки он барои такмили самарабахши идоракунии молияи давлатӣ нигаронида шуда буд.

Ҷиҳати амалӣ гардидани ҳадафҳои мазкур 17 майи соли 2007 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти раисии Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати иқтисодӣ аз ҳисоби ҳайати роҳбарикунандаи як қатор мақомоти давлатӣ барои таҳияи лоиҳаи "Стратегия ва Нақшаи тадбирҳо оид ба таъсиси мақоми нави аудити мустақили беруна" гурӯҳи корӣ таъсис дода шуда, он вазифадор карда шуд, ки Стратегия ва Нақшаи тадбирҳоро барои тасдиқ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

Дар ин самт гурӯҳи корӣ, зимни сафари омӯзишӣ ба Олмон бо заминаҳои ҳуқуқӣ ва методологияи аудити мақоми олии аудити Олмон (Бундесрехнунсхоф), инчунин бо тарзи ҳамкории он бо Вазорати молияи Олмон ва Парламенти Федералӣ (Бундестаг) шинос шуданд. Дониши дар ин сафар андӯхтшуда боиси дар сохтори Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид кардани як қатор хусусиятҳои мақоми олии аудити Олмон, аз ҷумла сохтори коллегиалӣ ва дараҷаи бештари мустақилият (дар муқоиса бо шохаҳои ҳокимияти иҷроия ва қонунгузор) гардид.

Баъдан, соли 2008 лоиҳаи Стратегия ва нақшаи амал таҳия шуда, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид, ки ин сарогози марҳалаи омодагии ҳуқуқӣ ва институтсионалии зарурӣ барои таъсиси Палатаи ҳисоб гардид.

Ҳамин тариқ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моҳи июни соли 2011 ба имзо расонида шуд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи декабри соли 2011 қарор қабул намуд, ки он барои таъминоти кадрӣ ва ҷудо намудани

дигар манбаъҳои лозима барои фаъолияти Палатаи ҳисоб замина гузошт.

Бо пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъин намудани ҳафт аъзои Палатаи ҳисоб аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳи ноябри соли 2012 марҳилаи таъсис ва такмили Ҳайати мушоваравии Палатаи ҳисоб мутобиқи қонунгузорӣ анҷом ёфт. Пас аз таъин ва қабули минбаъдаи кормандони маъмурӣ ва техникӣ, ҷудо кардани бино ва дигар манбаъҳо барои Палатаи ҳисоб дар соли 2012 дар Тоҷикистон раванди таъсиси мақоми иҷрокунандаи вазифаи олии аудит мувофиқи тағрибаи байналмилалӣ ба охир расид.

Мутобиқи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон" Палатаи ҳисоб мақоми олии назорати молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки аудити мустақили берунаро оид ба баҳодиҳӣ ба иҷрои буҷети давлатӣ анҷом дода, ҷиҳати такмили он пешниҳод омода месозад.

Ваколати Палатаи ҳисоб вобаста ба гузаронидани аудити мустақили беруна ба тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳн мегардад. Палатаи ҳисоб дорои ваколатҳои иҷроия, қонунгузорӣ ва ҳифзи ҳуқуқ набуда, наметавонад ба афзалият ва норасоиҳои сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи молияи давлатӣ ва истифодабарии моликияти давлатӣ баҳо диҳад: Палатаи ҳисоб ҳуқуқ дорад ба татбиқи сиёсати мазкур баҳо диҳад ва аз рӯи натиҷаҳои он хулосаи худро ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз таъсисёбӣ дар таҳияи санаду меъёрҳои ҳуқуқӣ, дастурамалҳо, низомномаҳо, Кодекси одоби кормандони Палатаи ҳисоб ба дастовардҳои муайяне ноил гардид. Илова ба ин, Палатаи ҳисоб расман аз моҳи октябри соли 2013 ба аъзои Ташкилоти байналмилалии мақомоти олии назорати молиявӣ "INTOSAI", аз моҳи декабри соли 2013 ба аъзои Ташкилоти байналмилалии иқтисодии мақомоти олии назорати молиявӣ "ECOSAI" ва аз моҳи сентябри соли 2014 ба аъзои Ташкилоти байналмилалии минтақавии мақомоти олии назорати молиявӣ "ASOSAI" шомил гардид.

Дар баробари ин рушди низоми аудити беруна дар Тоҷикистон бо назардошти ҳадафҳои миллии рушди кишвар, амалӣ намудани нақшаҳои дарозмуддатро талаб менамояд. Афзалиятҳои аввалиндараҷа барои Палатаи ҳисоб такмили заминаи ҳуқуқӣ, таҳия ва ҷорӣ намудани методологияҳои аудити молиявӣ, мутобиқат ва самаранокӣ, ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалии аудит ва технологияҳои муосири иттилоотию иртиботиро талаб менамояд.

Оғоз аз моҳи октябри соли 2016 ҷиҳати иҷрои Стратегияи ислоҳоти системаи идоракунии давлатӣ ва Стратегияи идоракунии молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маблағгузории Ассосиатсияи байналмилалии рушд (Бонки Умумиҷаҳонӣ) ва Департаменти Британияи Кабир оид ба рушди байналмилалӣ, Лоиҳаи дуюми "Мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатӣ", аз ҷумла дар Палатаи ҳисоб қисмати "Тақвияти аудити беруна" амалӣ шуда истодааст.

Мақсади аввалиндараҷаи қисмати мазкури лоиҳа мутобиқгардонии заминаи меъёрии ҳуқуқии Палатаи ҳисоб ба ҳайси узви комилҳуқуқи Созмони бонуфузи байналмилалии "INTOSAI", таҳия ва ҷорӣ намудани усулҳои нави аудити молиявӣ, аудити мутобиқат ва аудити самаранокӣ, рушди тахассусии аудиторони касбӣ тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотию иртиботӣ мебошад.

Вобаста ба ин 2 январи соли 2018 бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар мувофиқа бо Бонки Умумиҷаҳонӣ миёни Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ширкати байналмилалии CIPFA (Британияи Кабир) шартнома оид ба расонидани кумаки машваратию техникӣ бо

Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расонида шуда, корҳо ҷиҳати таҳкими низоми аудити беруна оғоз гардид.

То ин давра коршиносони ширкат таҳлили функсионалии фаъолияти Палатаи ҳисобро гузаронида, тавсия оид ба зарурати ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалии аудити беруна, такмили сохтор, рушди қонунгузорӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотию иртиботӣ, аз ҷумла барномаи электронии чорабиниҳои назоратӣ, харидории технологияи компютерӣ ва гузаронидани шабакаи дохилиро пешниҳод намуданд.

Вобаста ба ин аз ҷониби Палатаи ҳисоб 13 стандарти миллии аудит мутобиқ ба стандартҳои байналмилалии аудит қабул ва мавриди истифода қарор дошта, айни ҳол бо мақсади таҳияи стандартҳои миллӣ 35 стандарти байналмилалии дигар мавриди тарҷума қарор дорад.

Инчунин то ин давра аз тарафи коршиносони ширкати зикршуда 21 ҳуҷҷати техникӣ, лоиҳаи Стратегияи рушди Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019 – 2023, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон” (дар таҳрири нав), лоиҳаи Низомномаи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дастурамал оид ба аудити молиявӣ ва Дастурамал оид ба иртиботро барои баррасӣ ва қабул пешниҳод намуд.

Қайд кардан зарур аст, ки Стратегияи рушди Палатаи ҳисоб барои солҳои 2019-2023 санади сиёсати миёнамуҳлат ва асоси стратегӣ барои рушди Палатаи ҳисоб ҳамчун мақоми мустақили аудити берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар он самтҳои асосии фаъолият, ҳадафҳо ва вазифаҳо, инчунин натиҷаҳои дар панҷ соли оянда пешбинишуда аниқ муайян карда шудааст.

Илова ба ин, дар доираи уҳдадориҳои худ коршиносони ширкат барои кормандони Палатаи ҳисоб курсҳои омӯзишӣ оид ба истифодабарии стандартҳои аудити молиявӣ ва ҳамзамон гузаронидани аудити молиявии таҷрибавиро дар 6 мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва як лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ анҷом доданд. Дар натиҷаи аудити таҷрибавии молиявӣ, намунаи хулосаи аудити молиявӣ мутобиқ ба стандартҳои байналмилалии аудит таҳия шуд. Инчунин дар натиҷаи аудити таҷрибавии молиявӣ Дастурамали мукаммали аудити молиявӣ таҳия гардид. Тасмим шудааст, ки намунаи таҳияшуда минбаъд дар фаъолияти аудити Палатаи ҳисоб ҷорӣ карда мешавад.

Дар баробари ин, коршиносони ширкати зикршуда курсҳои омӯзишӣ оид ба истифодабарии стандартҳои аудити самаранокиро гузаронида, ҳамзамон як аудити таҷрибавии самаранокӣ вобаста ба харидорӣ, нигоҳдорӣ ва тақсимоти маводи доруворирo гузаронидаанд. Қайд кардан ба маврид аст, ки ин якумин аудити самаранокӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки бо риояи стандартҳои байналмилалӣ гузаронида шудааст. Дар нимсолаи дуюми соли 2020 гузаронидани боз ду аудити таҷрибавии самаранокӣ ба нақша гирифта шудааст. Намунаи нави хулосаи аудити самаранокӣ ва Дастурамали мукаммали аудити самаранокӣ таҳия карда мешавад.

Бо мақсади омӯзиши таҷрибаи дигар мақоми олии аудит дар доираи қисмати мазкури Лоиҳа барои кормандони Палатаи ҳисоб сафарҳои омӯзишӣ ба Коргоҳи назорати давлатии Латвия, Палатаи ҳисоби Қирғизистон ва Коргоҳи миллии аудити Британияи Кабир ташкил карда шуданд.

Қобили қайд аст, ки иҷрои маҷмӯи чорабиниҳои банақшагирифташуда низ бо амалисозии муваффақи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваст буда, Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба монанди дигар мақоми олии аудит, дар ҷаҳон ҳадафи дастёбӣ ба сатҳи баланди мустақилият ва касбиятро дар фаъолияти худ пайравӣ мекунад.

Палатаи ҳисоб дар асоси созишномаҳо бо мақомоти олии назорати молиявии Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Қазоқистону

Молдова, Латвия, Беларус, ҷумҳуриҳои исломии Эрону Покистон ва Ҷумҳурии мардумии Хитой ҷиҳати мукаммалгардонии идоракунии молияи давлатӣ ва тақвияти аудити берунаи давлатӣ, ҷорӣ намудани усулҳои нави аудити самаранокию натиҷанокӣ ва мутобиқгардонии заминаҳои меъёрии ҳуқуқии Палатаи ҳисоб ба стандартҳои байналмилалӣ, ҳамкориҳои судмандро ба роҳ мондааст.

Айни замон созишномаҳои ҳамкорӣ байни Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Идораи олии баррасии Ҷумҳурии Афғонистон ва Суди ҳисоби Туркия тибқи муқаррарот дар марҳилаи баимзорасонӣ ва бо Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Узбекистон бошад мавриди баррасӣ қарор дорад.

Ҷиҳати баланд бардоштани савияи дониш ва малакаи касбӣ дар давраи солҳои 2013-2015 -18 нафар, дар соли 2016 - 15 нафар, дар соли 2017 - 11 нафар, дар соли 2018 - 35 нафар, дар соли 2019 - 32 нафар ва дар нимсолаи якуми соли 2020 - 11 нафар кормандон берун аз қаламрави ҷумҳурӣ ва дар дохили ҷумҳурӣ барои омӯзиш ва иштирок дар чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ ва дохилӣ сафарбар карда шуданд.

Инчунин, дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ кормандони Палатаи ҳисоб ҷиҳати баланд бардоштани савияи дониши хеш тариқи видеоконфронс дар семинарҳои барпонамудаи Ташкилотҳои байналмилалии “INTOSAI”, “ECOSAI” ва Палатаи ҳисоби Федератсияи Россия дар мавзӯъҳои “Ҳамкорӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ”, “Аудити ҳадафҳои рушди устувор” ва “Пешоҳангии Мақоми Олии Аудит дар замони паҳншавии бемории сироятии пандемии “COVID-19”, усул ва техникаи аудит” иштирок намуданд.

Ҷиҳати иҷрои талаботи қонунгузорӣ вобаста ба гузаронидани аудити мустақили беруна оид ба баҳодиҳӣ ба лоиҳа ва иҷрои буҷети давлатӣ ва пешниҳоди хулоса ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2013-2020 фаъолияти худро аз рӯи талаботи стандартҳои миллии таҳияшуда, стандартҳои байналмилалӣ ва таҷрибаҳои омухташуда сол аз сол беҳтар менамояд.

Вобаста ба ин ҳамасола аз ҷониби Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти масъулони асосии қисми даромади буҷети давлатӣ, тақсимкунандагони асосӣ, тақсимкунандагон, гирандагони маблағҳои буҷетӣ ва дар Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба баҳодиҳӣ ба ҳисоботи солонаи иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон чорабиниҳои назоратӣ гузаронида мешавад.

Аз натиҷаи чорабиниҳои назоратии анҷомдодашуда дар хулосаи иҷрои қисми даромаду хароҷоти буҷети давлатӣ ва истифодаи мақсадноку самараноки маблағҳои буҷетӣ дар баробари зарарҳои молиявӣ дигар камбудиҳо ошкор карда шуда, ҷиҳати ислоҳи онҳо ба тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ ва дигар мақомоти масъул зиёда аз 50 то 60 тавсияҳои судманд пешниҳод карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки аз рӯи тавсияҳои пешниҳодшуда ҳамасола дар Ҳисоботи солона оид ба иҷрои Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ тағйирот ворид карда шуда, ҳисоботи мазкур мукаммал гардида истодааст.

Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати сазовар пешвоз гирифтани 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар амал татбиқ намудани дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади таъмини волоияти қонун, пурзӯр кардани интизоми иҷроия ва меҳнат фаъолияти худро тибқи талаботи қонунҳои амалкунанда ба роҳ монда, аз тамоми воситаю имкониятҳо истифода бурда, барои боз ҳам беҳтар намудани назорати шаффофу мақсадноки Буҷети давлатӣ, пешгирӣ намудани омилҳои коррупсионӣ мунтазам тадбирҳои заруриро хоҳад андешид.

# ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ МО АЗ УМҚИ ТАЪРИХИ КУҲАНБУНЁДАМОН РЕША МЕГИРАД

***Каримзода Карим Мазиё – муовини раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои сиёсӣ***



Таърихи тоҷикон шурӯъ аз давраи зуҳури ин халқ ва ташаккули он ба сифати нажоди ориёӣ аз рӯйдодҳои муҳими сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ саршор буда, як қисмати ноҳамвори таърихи ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад.

Раванди пайдоиш ва ташаккули ин нажод аз замонҳои хело қадим, яъне ҷамоаи авлодӣ ва қабилавӣ шурӯъ гашта, расидани он ба дараҷаи халқият ё миллат ба осонӣ ва якранг ҷараён нагирифтааст. Бунёди халқи мазкур дар як минтақаи ҷуғрофии алоҳида ба туфайли омезиши авлоду қабилаҳои гуногуни сарзамини ориёӣ, ташаккули муносибатҳои хешутаборчигӣ, пайдоиши забон ва расму оини ягона асос ёфтааст. Саҳифаҳои таърихи он аз муборизаҳои хунин барои мавҷудият, инчунин омезиши таммадун, фарҳанг, забон ва нажодҳо низ орӣ нест.

Дар як сарзамини тулонӣ, аз Шимол - аз ҳавзаи рӯдхонаи Волга то ба Ҳиндустони марказӣ ва аз Шарқ - аз Хитою Муғулистон то ба рӯдхонаи Дунаю минтақаи Осиёи хурд арзи ҳастӣ намудан, мубориза ва истодагарӣ дар назди табиати сангин, омӯхтан ва истифодаи табиат ба мақсади баҳрабардорӣ ва беҳ намудани шароити зист, ром ва мутеи худ намудани ҳайвоноти ваҳшӣ, рӯ овардан ба чорводорӣ, даст задан ба заминдорӣ, ҳунармандӣ ва шаҳрсозию давлатдорӣ аз ҷидду ҷаҳди ҳанӯз бармаҳали онҳо барои ҳастӣ, мавҷудият ва рушду такомул шаҳодат медиҳад.

Бавуҷудоварандагони аввалин дин будан, доштани пайғамбари соҳибкитоб бо номи Зардушт ва китоби ӯ Авасто, аввалин алифбо ва империяи бузурги ҷаҳонӣ бунёд кардан, фарҳанги оламшумул, осори хаттӣ ва ёдгориҳои меъморӣ ба мерос гузоштани онҳо нишони худшиносию худогоҳии гузаштагони мо мебошад.

Миллате дар ҷаҳон чунин асари гаронбаҳои таърихӣ, ба монанди Авасто надорад ва он барҳақ сарчашмаи маънавиёти миллати мо ба шумор меравад. Дар ҳамон замон дар ду нусха дар 12 ҳазор пӯсти гов ва бо оби тилло навишта шудани 1200 боб аз худшинос ва соҳибтамадун будани халқи мо башорат медиҳад. Мувофиқи гуфтаи муаррихи юнонӣ Плинӣ Авастои Зардушт китоби бузургтарин дар ҷаҳон буда, аз 2 миллион байт иборат буд.[1]

Дар ин асари търихӣ аҷдодони мо мазмуни фаъолияти инсони муътақидро дар

1. Юсуфшоҳ Яъкубов. Таърихи қадими халқи тоҷик. Замони Ориёҳо. Китоби дарсӣ. С.81.

сегонаи зардуштӣ: ***ҳумата, ҳухта, ҳварита*** «рафтори нек, гуфтори нек ва пиндори нек» муайян намуда, онро ба «рафтори бад, гуфтори бад ва пиндори бад»-и инсони ғайри муътақид муқобил гузоштаанд.[2]

Ин таълимот дар тамоми давраи мавҷудияти халқи тоҷик ҳамчун сарчашмаи рафтору амали онҳо боқӣ монд.

Ҳамин аст, ки 2500 сол пеш аз ин ачдоди гузаштаи мо Куруши Кабир амали инсондӯстонае содир намуд, ки мислаш дар таърихи давлатдорӣ дида нашуда буд. Ӯ эълон кард, ки «Ҳар кас дар интихоби дин озод аст. Одамон метавонанд кадом мазҳаб ва динеро, ки ба он эътиқод доранд, қабул намоянд, инчунин барои худ касб интихоб намоянд, ба шарте, ки ҳуқуқи дигаронро поймол накунанд».

Ҳамаи яҳудиёнро аз асорат озод намуда, супориш медиҳад, ки тамоми тиллову нуқраи аз онҳо гирифташударо ба онҳо баргардонанд, барои онҳо ҳама чизи заруриро муҳайё сохта, онҳоро ба Замини Муқаддас гусел намоянд. Ӯ ба яҳудиён мефармояд, ки дар Байтулмуқаддас ибодатгоҳи дуюми ҳазарати Сулаймонро (шоҳи сеюми яҳудиҳо, ҳокими афсонавии шоҳии Исроил дар солҳои 965-928 то солшумории мо, давраи гулгулшукуфии шоҳии Исроил, писари шоҳ Довуд, ки дар замони подшоҳиаш ибодатгоҳи Байтулмуқаддасро сохта буд) бунёд намоянд. Барои ин амали олиҳимматона Куруши Кабир дар Китоби Эзра, ки соли 460 то солшумории мо дар Байтулмуқаддас навишта шудааст, Нузули Масеҳ (Мессия) зикр мешавад. Бо ин сабаб Куруши Кабир дар Аҳди Қадим (Таврот) 23 маротиба зикр карда шуда, чандин маротиба дар назар дошта шудааст.

Барои некӯкорию олиҳимматӣ дар Инҷил Куруш абадзинда эълон гардида, аз тарафи худо ба ӯ дода шудани тахту тоҷи шоҳӣ қайд карда мешавад. Аз ин рӯ, яҳудиён дар тамоми давраи дуру дарози таърихӣ ба наслҳои Куруш ҳамчун ба дӯстон ва ҳимоятгарони худ аз истисморгарони **селевидҳо** ва римиҳо муносибат мекарданд.

Дар Эъломия дарҷ гардидаст, ки ҳамаи аҳолӣ аз эътиқод ва одатҳои гузаштагони мо ифтихор ва қаноатмандӣ мекарданд. Ҳатто юнониҳо, ки душманони доимии форсҳо ба ҳисоб мерафтанд, Курушро «қонунгузор» меномиданд. Ӯро инчунин бо номи Куруш-адолатпарвар, Куруш-олиҳиммат, Куруш-фотеҳи тавоно, Куруш-подшоҳи ботаҳаммул ном мебурданд ва шахсе, ки дар дунёи қадим то ин дараҷа ба таҳсину офарини шоҳону императорон сазовор шуда бошад, чуноне, ки Куруши Кабир сазовор шудааст, дигар вуҷуд надорад.

Соли 1971 «Силиндри Куруш» аз ҷониби СММ аввалин Эъломияи ҳуқуқи башар дар таърих эълон карда шудааст. Нусхаи Эъломия ба ҳамаи забонҳои расмии СММ тарҷума ва дар СММ маҳфуз нигоҳ дошта мешавад. Рӯзи 29 октябр - Рӯзи байналмилалии Куруши Кабир мебошад.

Бо ин назардошт, Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ ба муносибати 15-умин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд:

«Гарчанде илми ҳуқуқшиносии мамолики Ғарб қонунҳои асосӣ ва қонунҳои ин кишварҳоро ҳамчун манбаи нахустини пайдоиш ва эътирофи ҳуқуқу озодиҳои инсон мешуморад, вале миллати мо низ дар ҳаллу фасли ин масъала дар ҳошияи таърихи башар набудааст. Дар ин бобат ёдовар шудан аз Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир, ки зиёда аз дувуним ҳазор сол қабл аз ин қабул гардида буд, кофист.

Бояд гуфт, ки санади мазкур нахустин маротиба дар таърихи башар ҳуқуқ ба озодии виҷдон, ҳуқуқ ба озодии ҳаракат ва ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзилро эътироф ва татбиқ кардааст.

2. История Таджикского народа. Том I . Древнейшая и древняя история. Душанбе 1998. С.236.

Ба андешаи мо, аз ҷониби аҳли илм ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ба таври сазовор қадршиносӣ гардидани ин санади боадолати таърихӣ ҳамчун нахустин эъломия доир ба ҳуқуқҳои фитрии инсон дар таърихи башар як амри хайр аст.

Аз ин рӯ, тоҷикон, ки дорои фарҳанги волои инсондӯстӣ мебошанд, татбиқи орзуву ормонҳои ниёгони гузаштаи хеш ва ҳадафу талошҳои донишмандону мутафаккирони худро дар хусуси инсон ва ҳуқуқу озодиҳои он, қадру қимат ва шаъну номуси ӯро ба Конститутсияи худ ҷой доданд».

Мавриди зикр аст, ки худшиносии миллӣ яке аз хислатҳои асосии ҳар миллат аст ва инкишофи он имкон медиҳад, ки миллат ҳамчун гурӯҳи устувори таърихан ба вуҷудомадаи одамон, ки дар заминаи забони умумӣ, ҳудуди зист, ҳаёти иқтисодӣ, фарҳанг ва хислати ба худ хос ташаккул меёбад, фарқ карда, таркиб ёбад. Ин раванди худшиносӣ ва рушди хислати фарҳангӣ ва ба худ хоси миллат, инчунин хислати инсонӣ низ мебошад ва ба ӯ имконият медиҳад, ки ба кадом миллат мансуб буданашро муайян намояд.

Худогоҳии миллӣ худро ҳамчун миллат дарк кардани инсон аст. Ба таври дигар гӯем, он аз тарафи инсон дарк кардани амалҳои худ, ҳиссиёт, андеша, мақсади рафтор, манфиат ва мавқеи худ дар ҷомеаро ифода мекунад ва рушди худогоҳӣ шарти муҳими ташаккули шахсият ба шумор меравад.

Агар ҳисси худшиносиву худогоҳӣ, ифтихормандӣ аз мансубият ба нажоди созандаю бунёдкор ва соҳибтамаддун, инчунин масъулияти инсонию шаҳрвандии фарзандони баруманди ин халқ нисбат ба ҳифз ва афзун гардонидани дастовардҳои гузаштагонашон намебуд, минбаъд ба давлатдорию девонсолорӣ, фарҳанги ҷаҳоншумул ва истиқлолияти миллӣ намерасидем.

Олими тоҷик С. Абдуллоев навиштааст: «Пӯшида нест, ки тоҷикон аз аҳди бостон дар таъйиди муҳимтарин равандҳои таърихии машриқзамин ва ба ин васила ҷомеаи башарӣ нақши умда ва созанда доштанд, дастгоҳҳои муназзам ва комили идорӣ, ки Сомониён бунёд ниҳоданд, дар тӯли чанд қарни баъдина барои силсилаҳои Ғазнавиён, Салҷуқиён, Хоразмшоҳиён ва ғайра сармашқ ва чароғи ҳидоят буд».[3]

Ё чуноне, ки алломаи араб Ҷоҳиз (ваф. 869) навишта буд «… ва мо ойин ва қавонини кишвар ва кишвардорӣ ва тартиб додани табақоти вижагон ва хавос ва соири табақоти оммаро аз онҳо гирифта ва сиёсатмадорӣ ва мардумнавозӣ аз онон омӯхтем».[4]

Ҳатто дар даврaҳои алоҳидаи барои рушду такомули хеш басо номусоид ва вазнини таърихӣ авлодони гузаштаи мо на танҳо фано нагаштанд, онро инкишоф медоданд ва чунине қайд карда мешавад «ҳатто баъд аз нақли коргузории девонҳо ба забони арабӣ, ки мақсади аъроб аз он ҷилвагарӣ аз нуфузи фарзонагони Аҷам ва рӯҳонияти миллии онҳо созмони идораи хилофат буд, донишварони ин сарзамини адабпарвар ба зудӣ ба забони араб тасаллут ёфта, девонҳои навтаъсиси арабиро таҳти нуфузи худ қарор доданд».[5]

Ё магар Салмони Форс ҳисси худшиносиву худогоҳӣ ва ҳуввияти миллӣ надошт. Ӯ бо ақлу заковат ва хиради волои худ то ба дараҷаи саҳобагӣ ва наздикию дӯстии Ҳазрати Паёмбар (с) ноил гардид. Ҳамин ҳаст, ки Паёмбарамон ба мардуми форсу тоҷик таваҷҷуҳи хоса пайдо карданд.

Зикр мегардад, ки рӯзе Муҳаммад оятеро мехонд, ки маънои он ин аст: «агар эй араб, Шумо аз ин дин рӯй бигардонед, қавме пайдо хоҳад шуд, ки кори ин динро пеш хоҳад бурд. Асҳоб аз ӯ суол карданд, ки он кадом қавм аст? Дар ин асно Салмони Форс дар паҳлуи вай нишаста буд. Паёмбар

3. Абдуллоев С. Амир Исмоили Сомонӣ. Хуҷанд. 1998.С.12.
4. Дар ҳамон ҷо. С.132.
5. Дар ҳамон ҷо. С.145.

гуфт: Қавми Салмони Форс кори ин динро бо шоистагӣ пеш хоҳад бурд.»[6]

Шояд гуфтаи Паёмбар дар хусуси он ки «биҳиштиён бо забони арабӣ ва форсӣ такаллум мекунанд», аз ҳамнишинӣ, наздикӣ ва дӯстии Ҳазрати Паёмбар бо Салмони Форс аст.

Ё чуноне ки муаррихи муосири Эрон Муҳаммад Ҷаводи Машкур менависад: «Агар форсии дарӣ забони мусалмонони Эрон намешуд ва фуқаҳои бузурге чун Абӯ Ҳанифа ба ҷонишин сохтани он забон дар адои намоз ва сиғаҳои шаръӣ фатво намедоданд… ҳаргиз он забон наметавонист дар Эрон пойдор бимонад, балки монанди дигар мамолики фатҳшуда чун Шом ва Шимоли Африқо ба тадриҷ забони миллӣ аз байн рафта ва забони арабӣ ҷои онро мегирифт».[7]

Ҳамин тариқ, дар он давраҳои ниҳоят тезу тунди густариши дини ислом ва ҷорикунии забони арабӣ, Абӯ Ҳанифа тавонист қарзи миллии хешро дар назди аҳли форс адо намояд ва қоимияти забони форсиро нигоҳ дошта, ба дараҷаи чароғи уммати ҳазрати Паёмбар (с) ноил гардад.

Ба ин масъала дахл карда, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки «Яке аз кӯшишҳои ҷиддие, ки дар таърихи миллати мо барои пешгирии нуфузи забони арабӣ ва тамаддуни қавмҳои бегона корбаст гардид, ин бузургдошти забони модарӣ, пос доштани ҳуввияти миллӣ ва арзишҳои фарҳангӣ дар замони давлатдории Сомониён буд»[8]

Дар аҳди Сомониён, алалхусус Амир Исмоили Сомонӣ ба итмом расидани ташаккули халқи тоҷик, шаҳодати нақши ин сулола ва Амир Исмоил дар фароҳам овардани шароити мусоиди сиёсию иҷтимоӣ ва муҳимми адабию фарҳангӣ дар роҳи шинохти ин миллат гардид.

«Ман девори Бухороям» - гуфтани Амир Исмоил низ аз сатҳи баланди худшиносиву худогоҳии ӯ дарак медиҳад, ки дар давраи салтанати худ тавонист амнияти давлату шаҳрвандон ва рушду такомули давлатро таъмин намояд, бо ҳамин ба ташаккули халқи тоҷик мусоидати назаррас намуд.

Чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат таъкид доштанд: «Давраи эҳёи маданият, фарҳанг, рушди илму адабиёт ва шукӯҳи иқтидори давлати тоҷикон ба аҳди Сомониён, хусусан шоҳ Исмоили Сомонӣ марбут аст. Ин давронро метавон марҳалаи дурахшону пурифтихори тамаддуни миллӣ ва авҷи камолоти давлатдорӣ, ташаккули шахсиятҳои баруманд номид. Неруи ақлу заковат ва созандагиву эҷодкорӣ маҳз дар ҳамин даврон ба авҷи аъло расид.»[9]

Халқи тоҷик то абад аз номи Гурдофарид, Томирис, Рухшона, Маликаи Бухорхудот, Робиаи Балхӣ, Маҳастии Хуҷандӣ, Зебунисо, Нодира ва даҳҳо дигар хоҳарону модарони фарзона, донишманду оқила, размандаву ҷасур бо эҳтиром ва бо ифтихор ёд мекунад. Онҳо дар баробари дигар фарзандони фарзонаи миллат бори ҳастии миллатро кашида, саҳм ва ҷойгаҳи муносиби онҳо дар шинохти миллӣ нақши арзандаро соҳиб аст.

Қаҳрамониҳои Шераки далер, Муқаннаъ, Спитамен, Темурмалик, Восеъ ва муборизаи онҳо ба муқобили истилогарони сарзамини мо ва истисморгарони халқ саҳифаҳои таърихи моро боз ҳам бою пургановат гардонида, имрӯзҳо низ боиси фахр ва намунаи ибрати ҳазорон ҷавонмардони миллатанд.

Мавриди зикр аст, ки истиқлолияти фарҳангии халқи тоҷик дар расидан ба истиқлолияти сиёсии он нақши калидӣ дорад. Дар ин замина забон, фарҳанг, адабиёт ва

6. Рустамзода Б. Имоми Аъзам (Абӯ Ҳанифа) кист? Душанбе. 1999.С.15
7. Рустамзода Б. Имоми Аъзам (Абӯ Ҳанифа) кист? Душанбе. 1999.С.15
8. Раҳмонов Э.Ш. Ҷавонон - ояндаи миллат. Садои мардум, 21 майи соли 1998.
9. Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих. С.9-10.

нобиғаҳои оламшумули халқамон, аз қабили Рудакиву Фирдавсӣ, Ибни Сино, Хайём, Ҳофиз, Саъдӣ, Ҷомӣ ва дигарон новобаста аз надоштани давлати миллӣ ва истиқлолияти сиёсӣ, ки тӯли ҳазор соли охир идома дошт, ҳамчун муаррифгари халқу миллати тоҷик монда, роҳи моро мунаввар сохта, ба истиқлолиятхоҳию ватандорӣ ҳидоят мекарданд. Чуноне ки Фирдавсӣ менависад:

*Басо ранҷ бурдам дар ин сол сӣ,*
*Аҷам зинда кардам бад-ин порсӣ!*

Ё ки «Халқи моро дафтари Айнӣ шаҳодатнома гашт», шаҳодати гуфтаҳои болоянд.

Ин рукнҳо ва ғояҳои асосии давлатдорӣ, минбаъд низ дар ташкили ҷумҳурии мухтори сотсиалистӣ (1924), ҷумҳурии алоҳидаи шӯравӣ (1929) ва алалхусус давлати мустақили тоҷикон (1991) нақши калидӣ бозиданд.

Андеша ва ғояҳои инсондӯстона, амалу рафтори олиҳиммatona, нексиришт ва накукорӣ, саховатпешагӣ ва ҷавонмардии аҷдодони дуру наздики мо барои наслҳои имрӯзаву ояндаи мо ибратомӯзанд, барои худшиносиву худогоҳӣ, ҳуввияти миллӣ ва ифтихор аз давлату давлатдорӣ мактаби нотакроранд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба моҳияти истиқлолияти давлатӣ дахл карда, дар Паёмашон ба муносибати 19-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон таъкид доштанд, ки «Мову шумо бояд ҳеҷ гоҳ фаромӯш насозем, ки озодӣ ва истиқлолият муқаддастарин ва волотарин дастоварди миллат буда, саҳифаҳои пурифтихори озодихоҳиву ватанпарастии мардуми мо хуни ҳазорон далерону родмардони ватанпарвар навишта шуданд. Аз ин лиҳоз, давраи нуздаҳсолаи истиқлолияти Тоҷикистон дар умқи таърихи куҳанбунёдамон реша дорад ва ҳамеша аз он неруву ғизо мегирад».

Ҳамин аст, ки истиқлолият «муқаддастарину азизтарин неъмати дунё, рукни асосии давлати озод, рамзи шарафу номуси ватандорӣ, кафолати хонаи ободу сари баланд ва неруи таконбахши ҳаёти ҳаррӯзаи мо» арзёбӣ мегардад.[10]

Роҳбари давлат моҳият ва ҷавҳари аслии истиқлолияти давлатиро амиқ дарк намуда, онро танҳо дар худшиносиву худогоҳӣ ва ҳуввияти миллии халқи тоҷик дарёфт. Дар давраи басо ҳасоси таърихи навини миллатамон «Ман ба шумо сулҳ меорам» ва «То он вақте ки як ҳамватани мо берун аз кишвар аст, ман худро ором ҳисобида наметавонам», натиҷаи олии шуҷоат, далерӣ ва мардонагӣ, ифтихор аз гузаштаи ноҳавори таърихи миллат ва фарзандони барӯманди он ба шумор меравад, ки аз ҳисси баланди ватандӯстӣ ва ҳуввияти миллии ӯ дарак медиҳад. Амалҳои чавонмардонаи ӯ ҳосили нек бабор овардаанд, ки мо аз самараи онҳо бархурдор мебошем.

Роҳбари давлат истиқлолияти миллиро пайваста тараннум, таъкид ва ҳифзи онро муқаддастарин вазифаи инсонию шаҳрвандии ҳар фарди бо нангу номуси миллат арзёбӣ менамояд ва худ парчамбардори ин давлати соҳибистиқлол пазируфта шудааст.

Дар аввалин санадҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ аз қабили: Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон (24 августи соли 1990). Изҳорот дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи эълон шудани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (9 сентябри соли 1991) нахустин бор масъалаҳои муҳими сиёсӣ, аз ҷумла масъулияти таърихӣ барои тақдири халқи Тоҷикистон ва давлати миллии он, ҳуқуқи ҳар халқ дар таъмини сарнавишти худ, эҳтироми тамоми халқу миллатҳо, таъмини зиндагии шоиста барои ҳар як инсон эълон гардиданд.

10. Истиқлолияти Тоҷикистон дар умқи таърихи куҳанбунёдамон реша дорад. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 19-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, 8 сентябри соли 2010// «Ҷумҳурият». 9 сентябри соли 2010.

Санадҳои таърихии зикршуда, ҳамчунин як қатор принсип ва институтҳои умумиэътирофшудаи давлатдории демократӣ, аз қабили: ягонагӣ ва ҳукмравоии ҳокимияти давлатӣ дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ, мустақилият дар муносибатҳои байналмилалӣ, инкишоф ёфтани ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ, эътирофи шаклҳои гуногуни моликият, арзиши олӣ будани инсон, ҳуқуқу озодиҳои онро эълон намуданд.

Пас истиқлолияти давлатӣ, ки аз замони ба даст овардани он 29 сол сипарӣ мешавад, ба халқи тоҷик чӣ дод?

***Аввалан,*** истиқлолият- ин орзую омол ва муборизаи дуру дарози фарзандони баруманди халқи тоҷик аст, ки ҳамчун бузургтарин рӯйдоди таърихӣ дар аввалҳои солҳои 90-уми садаи XX ба даст омад ва новобаста аз нобасомониҳои солҳои аввали истиқлолият он аз тарафи мардуми мо бо сарфарозӣ пазируфта шуд. Он то андозае ислоҳи таърихӣ нисбат ба сарнавишти халқи тоҷик ноодилона буда, ҳаққи ҳалолу раъднопазири халқи мо мебошад. Ин руйдод ба халқи тоҷик шароити мусоиди сиёсию ҳуқуқӣ фароҳам овард, ки бо дарки баланди масъулияти таърихӣ дар назди наслҳои гузашта, имрӯзу ояндаи сарнавишт ва тақдири минбаъдаи худро ба дасти худ бигирад.

***Баъдан,*** халқи тоҷик, имконият пайдо намуд, ки бори аввал сарвари сиёсии худро дарёбад ва ӯро тавассути раъйдиҳии умумихалқӣ якдилона ба роҳбарии худ пазирояд ва ба ӯ тақдири давлату миллатро бовар намояд.

Роҳбари сиёсии мамлакат Эмомалӣ Раҳмон аввалан ба ҳайси Раиси Шӯрои Олӣ ва баъдан Президенти мамлакат тавонист дар вазъияти басо ноустувори сиёсию иҷтимоӣ самтҳои асосии марҳилаи аввали истиқлолияти давлатиро дурандешона муайян карда, давлати тозаистиқлолро аз парокандагӣ ва фаношавӣ эмин нигоҳ дорад. Ҳизбҳои сиёсию ҳаракатҳо ва гурӯҳҳои гуногуни силоҳбадастро паси мизи гуфтушунид оварда, новобаста аз манфиатҳои гуногуни ба ҳам зидди онҳо манфиатҳои истиқлолияти давлатӣ ва ваҳдати миллиро роҳандозӣ намуда, тавассути фарҳанги волои ваҳдати миллӣ дар мамлакат сулҳу салоҳро барқарор созад. Теъдоди зиёди гурезагон ва муҳоҷирони иҷбориро чи аз беруни кишвар ва чи аз дохили он ба ватан ва ба ҷои зисти муқимӣ баргардонида, дар дили онҳо шуълаи умед ва бовариро ба ояндаи худ барафрӯзад. Онҳоро ба фаъолияти ободкорию созандагӣ ва иштироки фаъолона дар ҳаёти сиёсию иқтисодии мамлакат ва идоракунии давлат сафарбар намояд.

***Сеюм.*** Истиқлолияти давлатӣ барои расидан ба ваҳдати саросарии миллӣ дар мамлакат шароити сиёсию ҳуқуқӣ фароҳам овард. Гуфтушунидҳо оид ба истиқрори сулҳ дар фазои давлати соҳибихтиёр баргузор мегардиданд, ки ин ҳолат ба раванди гуфтушунид, дарки масъулияти таърихӣ барои давлату миллат ва истиқлолияти ба дастомада бе таъсири мусбӣ намонд. Чуноне ки Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд - «маҳз бо ваҳдати миллӣ ва дар ин замина муттаҳид сохтани неруҳои сиёсӣ, таъмин кардани ризоияти ҷомеа тавонистем, ки истиқлолияти давлатӣ ва тамомияти арзии кишварамонро ҳифз кунем ва сарҷамъии мардуми Тоҷикистонро таъмин намоем…

… Истиқлолият ва ваҳдати миллӣ ду боли як иқбол ва ду рукни меҳварии фарҳанги давлатдориву давлатсозии мо мебошад, ки ҳамдигарро неруи тоза ва тақвият мебахшанд»[11].

***Чорум.*** Истиқлолияти давлатӣ ба мо имконият дод, ки бо дарку фаҳмиши худ, бо такя бо арзишҳои миллӣ ва арзишҳои

11. Истиқлолияти давлатӣ ва Ваҳдати миллӣ ду боли як иқболанд. Суханронии Эмомалӣ Раҳмон дар маросими таҷлили 14-умин солгарди Ваҳдати миллӣ. Наврӯзгоҳи шаҳри Душанбе, 26 июни соли 2011// «Ҷумҳурият», 29 июни соли 2011.

умимиэътирофшудаи умумибашарӣ давлатдорӣ, хусусияти онро ҳамчун давлати демокративу ҳуқуқбунёд, дунявию ягона ва низоми идоракунии онро интихоб намуда, моҳияти онро иҷтимоӣ арзёбӣ намоем. Тариқи раъйпурсӣ Конститутсияи давлати соҳибистиқлолро қабул намоем ва асосҳои сохтори конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳукми қонунӣ бахшем. Сохтори ҳокимияти давлатӣ, мақомоти низоми ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ, унсурҳои давлатдорӣ, аз қабили артиши миллӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, амният, андозу гумрук ва дигарҳо таъсис дода шуда, фаъолияти онҳо ба ҳифзи истиқлолияти давлатӣ, амният, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд равона карда шуд.

Рамзҳои давлати миллӣ, аз қабили Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ ва ҳама гуна арзишҳои ба таърих ва фарҳангу анъанаҳои давлатдории худро бунёд ва зинда намуда, онҳоро барои таъмини рушди миллӣ, худшиносиву худогоҳӣ сафарбар намоем.

***Панҷум,*** бо фарорасии ваҳдати миллӣ, давлат фаъолияти ҳамаҷонибаи худро ба ҳифз ва афзун гардонидани арзишҳои истиқлолият, ҳалли масъалаҳои муҳими давлатдорӣ ва давлатсозӣ ва бунёди асосҳои иқтисодӣ ва иҷтмоии ҷомеа сафарбар намуда, аз бунбасти коммуникатсионӣ бароварди давлат, яъне муттаҳид намудани тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ ва аҳолии онҳо, расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ва таъмини амнияти озуқавориро аз вазифаҳои аввалиндараҷа ва стратегии худ арзёбӣ кард ва тамоми имкониятҳои сиёсию иқтисодии худро ба ҳалли масъалаҳои зикргардида равона намуд.

Натиҷаи ваҳдат ва ризоияти миллӣ ва дуруст муайян намудани дурнамои сиёсати иқтисодии мамлакат буд, ки аз соли 1997 сар карда, дар ҷумҳурӣ раванди пастравии иқтисодиёти миллӣ бозистода шуд, аз соли 2000 ба ҳама нобасомониҳои солҳои охир дар ҷаҳон нигоҳ накарда, рушди бемайлони он оғоз гардид.

***Шашум.*** Давлати Тоҷикистон ҳамчун субъекти комилҳуқуқи байналмилалӣ ва соҳибихтиёр сиёсати хориҷии худро бо назардошти манфиатҳои миллӣ дар самтҳои ҳаётан муҳими давлатдорӣ амиқ муайян намуда, равобит ва ҳамкории судманд ва мутақобилаи худро пеш аз ҳама бо мамлакатҳои Осиёи Миёна, ки бо халқҳои ин давлатҳо умумиятҳои зиёди таърихию фарҳангӣ дорад, дигар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, ба хусус Федератсияи Россия дар доираи муносибатҳои дуҷониба ва дар доираи созмонҳои байналмилалии умумӣ ва минтақавӣ тавсеа бахшида, онҳоро барои ба амал баровардани манфиатҳои давлат ва ҷомеа равона месозад.

Ҳамкории судмандро бо мамлакатҳои Ғарб, Осиё, созмонҳои байналмилалии умумӣ ва минтақавӣ, аз қабили: СММ, муассисаҳои махсусгардонидашуда ва дигар мақомоти он, Созмони Конфронси Исломӣ, созмонҳои байналмилалии молиявӣ ҳамчун самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии давлат арзёбӣ мегарданд, ки натиҷаи ин ҳамкориҳо назаррас мебошанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2011 таъкид доштанд, ки: «метавонем бо итминон изҳор намоем, ки рисолат ва ҷавҳари ин сиёсат ҳимояи ҳамаҷонибаи манфиатҳои миллӣ, таъмини озодиву истиқлолияти мамлакат, амнияту суботи ҷомеа ва кафолати пешрафту тараққии кишвар, ҳамчунин тақвият бахшидан ба ҷойгоҳи хоси Тоҷикистон дар низоми навини робитаи байналмилалӣ ба шумор меравад. Тоҷикистон чун ҳамеша тарафдори ҳамкории созанда бо ҳар як ҷониби хайрхоҳ буда, сиёсати мутавозину мусолиатомез ва санҷидаву фарогиреро пеш гирифтааст, ки ҳадафи он ҳарчи зиёдтар намудани сафи дӯстони Тоҷикистон аст.

Мағзу муҳтавои сиёсате, ки мо татбиқ менамоем ва онро бо номи «дарҳои кушода» ба ҷаҳониён муаррифӣ кардаем, маҳз аз он иборат аст, ки мо бо ҳамаи созмонҳои байналмилалӣ ва тамоми кишварҳо ҳамкории фаъол ва созанда дошта бошем».[12]

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва халқи шарафманди он дар рӯ ба рӯи ҷашни 29-солагии истиқлолияти давлатӣ қарор доранд. Новобаста аз дастовардҳои 29 соли истиқлолият он аз ҳар вақт дида ба ҳифз ва эҳтиром бештар ниёз дорад, зеро ҳодисаи пурпечутоб ва аз доираи принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дури вақтҳои охир баръало нишон медиҳанд, ки халалдор намудани истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва ба муноқишаи сиёсию ҳарбӣ кашидани халқҳо ва давлатҳо тавассути дасти соҳибқудратҳо ба амалияи байналмилалӣ табдил ёфтааст. Пайдо намудан ва мустаҳкам гардондани нуфузи худ дар минтақаҳои гуногуни ҷуғрофии аз ҷиҳати стратегӣ муҳим ва дорои захираҳои бойи ашёи хом, соҳиб шудан ба бозорҳои ҷаҳонии энергетикӣ ва манфиатҳои ҳалкунанда дар сиёсати ҷаҳонӣ ба вазъи муносибатҳои байналмилалӣ тағйироти ҷиддӣ ворид намуданд.

Ин равандҳои номатлуб набояд аз ҷониби мо сарфи назар карда шаванд. Дар навбати худ, танҳо худшиносу худогоҳ будан, доштани ҳуввияти миллӣ, дуруст дарк кардани манфиатҳои миллӣ, муттаҳидӣ дар атрофи сарвари давлат ва муттаҳидии миллат метавонанд моро аз ҳама гуна нобасомониҳои манфии геополитикӣ раҳо бахшанд.

Аз ҷониби дигар, муносибати ҳокимият ва ҷомеа бояд дар доираи манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат ва бе майлон баланд бардоштани вазъи иҷтимоӣ ва некуаҳволии халқ сурат бигирад. Дари идораи давлат бояд барои фарзандони баруманди ин миллат кушода бошад, ақлу заковат, фарҳанг ва қудратҳои зеҳнии мамлакат бояд атрофи ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва дурнамои рушди давлату давлатдорӣ гирд оварда шаванд. Унсурҳои барои давлатдорӣ ва идораи давлат бегона, аз қабили маҳаллу маҳалгароӣ, сарпарастии беасос ва бе салоҳиятӣ дар кору амали давлатдорӣ, ки боиси нофаҳмӣ дар ҷомеа, беэътибор ва заиф гаштани ҳокимият ва дар маҷмӯъ давлат мегардад, бояд аз байн бурда шаванд.

Ҳақ ба ҷониби А.Маҳмадаминов аст, ки мегӯяд: «ниҳоди кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳат ба рӯйдодҳои оғози саддаи XX шабоҳате дорад. Масъалаи худогоҳии миллӣ, шинохту посдории манфиатҳои мардуму кишвар, устувор доштани пояи истиқлолу ягонагӣ, боло бурдани сатҳи донишу огоҳии мардум, дуруст таъин кардани роҳи тараққиёти ҷомеа ва монанди инҳо аз он ҷумлаанд»[13]

Истиқлолияти давлатӣ дар баробари ватан, ватандорӣ, худшиносиву, худогоҳӣ ва ваҳдати миллӣ бояд мояи ифтихор ва нангу номуси миллии ҳар фарди ҷомеаи Тоҷикистон гардад. Он бояд ғояи муттаҳидкунанда ва рушди фарҳанги миллии мо бошад. Зеро маҳз музаффариятҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва рушди устувори иқтисодиёти миллӣ моро ба сӯи ҷомеаи ҳақиқатан демокративу ҳуқуқбунёд ва иҷтимоӣ раҳнамун месозанд.

Пас мо бояд аз фарзандони фарзонаи ин миллат сабақ гирем, худшиносу худогоҳ бошем, ҳуввияти миллӣ дошта бошем. Арзишҳои миллиро чун гавҳараки чашм ҳифз кунем ва тоҷик будан барои мо бояд мояи ифтихор гардад.

Танҳо дар ҳамин ҳолат давлати мо метавонад умри абад дошта бошад ва мо дар он осуда зиндагӣ ва ҳаёт ба сар бурда метавонем.

12. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20 апрели соли 2011. Душанбе - 2011.

13. Мадаминов А. Адабиётшиносӣ ва худогоҳии миллӣ. Душанбе: Сино. 1998. С.7.

# РОҶЕЪ БА БАЪЗЕ ҶАНБАҲОИ ҶАВОБГАРИИ ГРАЖДАНӢ-ҲУҚУҚИИ ШИРКАТҲОИ САЙЁҲӢ

***Ҳошимзода Даврон Додоҷон – судяи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшинос***



***Калидвожаҳо:*** ҳуқуқ, уҳдадорӣ, иштирокчиён, шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ, ҷавобгарии граждани-ҳуқуқӣ, сайёҳ, муносибатҳои ҳуқуқӣ, фаъолияти сайёҳӣ, хизматрасонӣ, муносибатҳои шартномавӣ, ширкати сайёҳӣ, маҳсулоти туристӣ, субъектони хоҷагидорӣ, агенти сайёҳӣ.

***Ключевые слова:*** право, обязательство, участники, договор оказания туристских услуг, гражданско-правовая ответственность, турист, правовые отношения, туристическая деятельность, услуга, договорные отношения, туристическая компания, туристическая продукция, хозяйствующие субъекты, туристический агент.

***Keywords***: right, obligation, participants, contract for the provision of tourist services, civil liability, tourist, legal relations, tourist activity, service, contractual relations, travel company, tourist products, business entities, travel agent.

Тоҷикистон вобаста аз минтақаи ҷойгиршавӣ ва шароити иқлимӣ, кишвари сайёҳӣ ба шумор рафта, имкониятҳои васеи сайёҳиро доро аст. Сармоягузорӣ гардидани соҳа, имконият медиҳад, ки ҷойҳои корӣ нав таъсис дода шуда, даромади назарраси буҷети давлатӣ таъмин карда шавад. Дар робита ба ин, Ҳукумати Тоҷикистон бо мақсади инкишоф додани соҳа ва ҷалби бештари сайёҳон як қатор чорабиниҳои муассирро роҳандозӣ карда истодааст. Чунончи, таъсис додани Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳия ва қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳии дохилӣ»[1], таҳия ва тасдиқ шудани Стратегияи рушди сайёҳӣ барои давраи то соли 2030[2] ва м.и. Ин чорабиниҳо имконият доданд, ки танҳо соли 2019 аз Тоҷикистон бештар аз 1,2 миллион нафар сайёҳон боздид ба амал оранд, ки ин назар ба соли 2018 219,7 нафар ё баробар ба 21,5 фоиз зиёд мебошад[3].

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳии дохилӣ». Қонуни амалкунанда. Санаи қабул: 18.07.2017 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2017, №7-9, мод. 573.
2. Стратегияи рушди сайёҳӣ барои давраи то соли 2030. Стратегияи амалкунанда. Санаи тасдиқ: 01.08.2018 с. [манбаи электронӣ]. URL: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?Rgn=132279 (санаи дастрасӣ: 10.02.2020).
3. Амонзода Ш. «Ба Тоҷикистон беш аз 1,2 миллион нафар сайёҳони хориҷӣ ташриф оварданд, ки дар қиёс ба соли 2018 21,5 фоиз зиёд аст» [манбаи электронӣ]. URL: https://khovar.tj/2020/02/shirin-amonzoda-ba-to-ikiston-besh-az-1-2-million-nafar-sajyo-oni-hori-tashrif-ovardaand-ki-

Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардидани солҳои 2019-2021[4], муқаррар шудани имтиёзҳои андозӣ, аз ҷумла андоз аз арзиши иловашуда ва боҷҳои гумрукӣ озод шудани воридоти техника, таҷҳизот ва масолеҳи сохтмонӣ барои иншооти сайёҳӣ[5] ва м.и. барои рушди соҳа имконияти мусоид фароҳам оварданд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди соҳаи сайёҳӣ мунтазам таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, аз ҷумла дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олӣ 26 декабри соли 2019 иброз доштанд, ки: «Рушди соҳаи сайёҳӣ самти афзалиятноки сиёсати давлати мо ба ҳисоб рафта, ҷиҳати боз ҳам тараққӣ додани он аз ҷониби Ҳукумати мамлакат вобаста ба пардохти андоз ва боҷҳои гумрукӣ як қатор имтиёзҳо пешбинӣ гардидаанд. То имрӯз дар кишвар зиёда аз 200 ширкати сайёҳӣ фаъолият дошта, 15 лоиҳаи инфрасохтори сайёҳӣ аз имтиёзҳои пешбинишуда бархурдор гардидааст»[6].

Зимнан, соҳаи сайёҳӣ бинобар сабаби сарчашмаи муҳими даромади иқтисодӣ ба шумор рафтан, дар мавриди таваҷҷӯҳи на танҳо давлат, инчунин дар мавриди таваҷҷӯҳи «бозингарон»-и калидии соҳа - ширкатҳои сайёҳӣ қарор дорад. Дар бозори хизматрасонии сайёҳӣ рӯйи кор омадани шумораи зиёди ширкатҳои сайёҳӣ агар аз як тараф барои афзоиши рақобат ва болоравии сатҳ ва сифати чунин хизматрасонӣ мусоидат намояд, аз тарафи дигар, эҳтимолияти поймолшавии ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасонии сайёҳиро заминагузорӣ менамояд. Зеро, на ҳама вақт имконияти назорати фаъолияти ширкатҳои сайёҳӣ ҷой дошта, муносибатҳои байниҳамдигарии ширкатҳои сайёҳӣ ва сайёҳон тавассути шартнома ба танзим дароварда мешаванд.

Шартнома ба андешаи дурусти М. Раҳимов санади иродавии иштирокчиёни он буда, бештар манфиати иқтисодии онҳоро пайгирӣ менамояд[7]. Аз тарафи дигар хизматрасонии сайёҳӣ вобаста ба моҳият муносибатҳои граждани-ҳуқуқии нисбатан мураккаб ба шумор рафта, доираи васеи иштирокчиён - ширкати сайёҳӣ, агенти сайёҳӣ ва сайёҳро дар бар мегирад, ки онҳо бо ҳам дар муносибати гуногуни ҳуқуқӣ қарор доранд. Инро метавонад таснифи шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ-экскурсионӣ, ки аз тарафи Д. Сангинов гузаронида шудааст, мушаххас тавзеҳ диҳад. Ба андешаи ӯ шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ-экскурсионӣ вобаста ба иштирокчиён метавонад бошад: а) шартномае, ки дар байни ширкатҳои сайёҳӣ (агентҳои сайёҳӣ) ва сайёҳон баста мешавад; б) шартномае, ки дар байни ширкатҳои сайёҳӣ ва шариконӣ онҳо - иҷрокунандагони бевоситаи намудҳои мушаххаси хизматрасонӣ баста мешавад; в) шартномае,

dar-iyos-ba-soli-2018-um-21-5-foiz-ziyod-ast/ (санаи дастрасӣ: 10.02.2020).

4. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 январи соли 2019, №1170 «Дар бораи эълон кардани солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ». Фармони амалкунанда. Санаи қабул: 02.01.2019 с. [манбаи электронӣ]. URL: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?Rgn=132914 (санаи дастрасӣ: 10.02.2020 с.).
5. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 апрели соли 2018, №189 «Дар бораи номгӯйи объектҳои сайёҳие, ки барои сохтмони онҳо ворид намудани техника, таҷҳизот ва масолеҳи сохтмонӣ аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷҳои гумрукӣ озод карда мешаванд». Қарори амалкунанда. Санаи қабул: 12.04.2018 с. [манбаи электронӣ]. URL: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?Rgn=131410 (санаи дастрасӣ: 10.02.2020 с.).
6.Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ. - Душанбе: Шарқи Озод, 2019. - С. 20-21.
7. Рахимов М.З. Конечный результат предпринимательской деятельности: теория и правовое регулирование. - Душанбе: Деваштич, 2007. - С. 77.

ки байни ширкати сайёҳӣ ва агентҳои сайёҳӣ баста мешаванд[8].

Дуруст аст, ки «иҷрои дахлдори уҳдадориҳои шартномавӣ болоравии истеҳсолот, таъмини қонеъгардии талаботро мусоидат менамояд»[9]. Лекин дар муносибатҳои шартномавии ғайримустақим қарор доштани сайёҳ, ҳамчун истеъмолкунандаи ниҳоӣ, на ҳама вақт метавонад кафолатнокии ҳуқуқ ва манфиатҳои ӯро замина гузорад. Тавре ки аз таснифи гузаронидаи Д. Сангинов бармеояд, сайёҳ бо агентҳои сайёҳӣ ва иҷрокунандагони бевоситаи намудҳои мушаххаси хизматрасонӣ дар муносибатҳои шартномавии ғайримустақим қарор дошта, натиҷаи ниҳоиро аз ширкати сайёҳӣ ба даст меорад. Бинобар ин, сайёҳ ҳангоми иҷро ва ё ба таври дахлдор иҷро нашудани ӯҳдадориҳои шартномавӣ, наметавонад иддаои худро ба агенти сайёҳӣ ва ё иҷрокунандаи бевоситаи хизматрасонии мушаххас пешниҳод намояд. Масалан, дар мавриди мавқуф гузошта шудани парвоз, расонида шудани хизмати пастсифат аз ҷониби меҳмонхона ва м.и. Бо ин назардошт, муаммоҳои ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқии ширкатҳои сайёҳӣ дар шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ масъалаи аввалиндараҷа буда, дар мавриди таваҷҷӯҳи намояндагони зиёди илми ҳуқуқи гражданӣ қарор дорад.

Қайд бояд намуд, ки «масъулияти молумулкӣ (ҷавобгарии гражданӣ) яке аз категорияҳои асосии ҳуқуқӣ ба шумор рафта, имконият медиҳад, ки инкишофи мӯътадили гардиши молумулкӣ таъмин карда шавад»[10]. Ин масъулият «аҳмияти бағоят муҳими назариявӣ ва амалӣ дорад, бахусус нисбати муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии сайёҳӣ. Ҷавобгарии гражданӣ аз ҷониби иштирокчиён ба таври дахлдор иҷро шудани ӯҳдадориҳоро таъмин намуда, барои риоя гардидани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳо замина фароҳам меорад ва мутобиқан ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои сайёҳонро ҳамчун ҷониби осебпазири уҳдадорӣ таъмин менамояд»[11]. Бо ин назардошт, аксар намояндагони илми ҳуқуқи гражданӣ ба зиммаи ширкатҳои сайёҳӣ вогузор карда шудани масъулиятро оиди хизматрасонии сайёҳӣ ба мақсад мувофиқ медонанд. Дар ин маврид диққати бештар ба он дода мешавад, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои як тараф ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафи дигар мутобиқат менамояд. Масалан, А. Толстова бо кушода додани мафҳуми шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ ба хислати дутарафа доштани он ишора карда, мантиқан ҷавобгарии агенти сайёҳӣ ва иҷрокунандагони бевоситаи намудҳои мушаххаси хизматрасониро дар назди сайёҳ истисно мекунад. Ӯ қайд мекунад, ки «иҷро ва ё ба таври дахлдор иҷро нагардидани уҳдадорӣ оид ба шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ, ҳамчунин расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатии сайёҳ ҳангоми истеъмоли хизматрасонӣ, асос барои ба ҷавобгарии гражданӣ кашида шудани вайронкунандаи шартнома мегардад»[12].

Дар асоси такя ба андешаҳои А. Толстова қайд кардан мумкин аст, ки ширкати сайёҳӣ ва сайёҳ манфиатҳои худро мавриди

8. Сангинов Д.Ш. Правовое регулирование туристской деятельности в Республике Таджикистан: проблемы и пути их решения. - Душанбе, 2010. - С. 113.
9. Рахимов М.З. Надлежащее исполнение как достижение конечного результата // Избранные труды по гражданскому и предпринимательскому праву. - Душанбе: Бухоро, 2014. - С. 466.
10.Ниг.: Гражданское право: учебник: в 2 т. Т. 1 // отв. ред. проф. Е.А. Суханов. - 2-е изд., перераб. и доп. - Москва: Бек, 2003. - С. 427; Гражданское право: учебник: в 3 ч. Ч. 1 // под ред. А. П. Сергеева, Ю. К. Толстого. - 3-е изд., перераб. и доп. - Москва: Проспект, 1998. - С. 549.
11. Завьялова С.В. Особенности гражданско-правовой ответственности по договору оказания туристских услуг // Современные тенденции развития науки и технологий. - 2015. - №4. - С. 65.
12. Толстова А.Е. Гражданско-правовая ответственность субъектов договора возмездного оказания туристской услуги // Гуманитарные и юридические исследования. - 2013. - №3. - С. 65.

роҳбарӣ қарор дода, дар асоси ихтиёрӣ ба муносибатҳои шартномавии дутарафа ворид мегарданд, ки шартҳои асосии он маҳз аз ҷониби онҳо қайду шарт карда мешавад. Аз ҷониби онҳо қайду шарт карда шудани шартҳои шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ, иштироки шахсони сеюмро истисно намуда, ба иродаи онҳо (тарафҳои шартнома) хислати ҳатмиро медиҳад. Яъне «дар асоси батанзимдарории шартномавӣ ҳамон муносибатҳое ба низом дароварда мешаванд, ки бо батанзимдарории ҳуқуқӣ дахл карда нашудаанд»[13].

Мавқеи илмии ҷолибро оид ба ҷавобгарии граждани-ҳуқуқии ширкати сайёҳӣ дар шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ Т. Шкода иброз менамояд. Ба андешаи ӯ, шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ гарчанде дар ҳолатҳои алоҳида дар байни агенти сайёҳӣ ва сайёҳ баста мешавад, ин маънои аз ҷониби агент ба зимма гирифта шудани масъулияти гражданиро надорад. Зеро агенти сайёҳӣ метавонад шартномаро чи аз номи худ ва чи аз номи ширкати сайёҳӣ ба расмият дарорад, лекин вай дар ҳамагуна ҳолат аз ном ва бо супориши ширкати сайёҳӣ амал менамояд[14].

Агар ба ин масъала аз нигоҳи моддаи 912 (шартномаи супориш) ва моддаи 927 (шартномаи комиссия) Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон назар афканда шавад, вай метавонад баъзе баҳсҳоро ба миён орад. Тибқи талаботи моддаи 912 Кодекси гражданӣ вакил амалҳои худро аз ном ва аз ҳисоби тарафи дигар анҷом медиҳад, ки предмети амали ӯро амалҳои аҳмияти ҳуқуқӣ дошта ташкил медиҳанд, яъне вакил дар асоси шартномаи супориш амали ҳуқуқии муайянеро иҷро менамояд. Масалан, ҳимояи манфиатҳо дар мақомоти судӣ. Бо ин назардошт, муносибати байниҳамдигарии агенти сайёҳӣ ва ширкати сайёҳӣ наметавонанд дар асоси шартномаи супориш ба расмият дароварда шаванд. Амалҳои агенти сайёҳӣ аз рӯи моҳият бештар тобиши тарғиботӣ дошта, мақсади ҷалби мизоҷро пайгирӣ менамояд.

Дар мавриди аз нигоҳи моддаи 927 Кодекси гражданӣ таҳлил карда шудани муносибати байниҳамдигарии ширкати сайёҳӣ ва агенти сайёҳӣ, дурустии мавқеи илмии Т. Шкода исботи худро пайдо менамояд. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои аз ҷониби комиссионер ба даст овардашуда ба номи комитент гузаронида мешавад, ки комиссионер барои амалҳои худ фақат подошпулӣ мегирад. Илова ба ин, предмети амалҳои комиссионерро маҳз баста шудани як ё якчанд аҳдҳо ташкил медиҳад, ки ин ба моҳияти амали агенти сайёҳӣ ҳангоми баста шудани шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ бо истеъмолкунанда – сайёҳ мувофиқат менамояд. Бинобар ин, шартнома бо сайёҳ гарчанде аз номи агенти сайёҳӣ ба расмият дароварда шавад лекин, ҷавобгарии граждани-ҳуқуқӣ ба зиммаи ширкати сайёҳӣ вогузор карда мешавад.

Я. Волвач дуруст қайд мекунад, ки «ҳолати ба зиммаи шахси сеюм вогузор карда шудани иҷрои ӯҳдадориҳои сайёҳӣ худ аз худ муносибатҳои ҳуқуқиро дар байни сайёҳ ва иҷрокунанда ба миён намеорад. Шахси сеюм аз нигоҳи ҳуқуқӣ ташкилкунандаи сайёҳатро иваз намекунад, бинобар ин, вай бо мизоҷ ба муносибатҳои ҳуқуқӣ ворид намегардад, танҳо амалеро иҷро менамояд, ки барои содири он қарздор ӯҳдадор аст. Ширкати сайёҳӣ аз муносибатҳои ҳуқуқӣ хориҷ намегардад ва то

13. Рахимов М.З. Договор как средство достижения конечного результата // Избранные труды по гражданскому и предпринимательскому праву. - Душанбе: Бухоро, 2014. - С. 413.
14. Шкода Т.В. Некоторые вопросы гражданско-правовой ответственности туроператора и турагента по договору оказания туристских услуг [электронный ресурс]. URL: http://naukarus.com/nekotorye-voprosy-grazhdansko-pravovoy-otvetstvennosti-turoperatora-i-turagenta-po-dogovoru-okazaniya-turistskih-uslug (дата доступа: 09.02.2020 г.).

ичрои пурраи ӯҳдадориҳо тарафи ӯҳдадор боқӣ мемонад»[15].

Бо такя ба ин нуқтаи назар, тақсим кардани уҳдадорӣ аз рӯи шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ байни иштирокчиён, наметавонад ширкати сайёҳиро аз ҷавобгарии граждани-ҳуқуқӣ озод намояд. Зеро иштирокчиёни дигар бо сайёҳ бевосита ба муносибатҳои граждани-ҳуқуқӣ ворид нагардида, ҳамон ӯҳдадориеро ичро мекунанд, ки онро бояд ичро мекарданд ё ба таври муқаррарӣ ичро менамоянд. Масалан, ба фаъолияти мусофиркашонӣ машғул будани ширкати ҳавопаймоӣ.

Қайд бояд намуд, ки на ҳамаи намояндагони илми ҳуқуқи граждани аз ҷавобгарии граждани-ҳуқуқӣ озод будани агенти сайёҳӣ ва ичрокунандагони бевоситаи намудҳои мушаххаси хизматрасониро ҳамчун тарафи сеюми шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ дуруст мешуморанд. Чунончи, Е. Ахтямова, Ю. Ченено падидаи «ҷавобгарӣ бидуни гуноҳ»-ро фарқ намуда, дар ҳамин асос фаро расидани ҷавобгарии шахсони сеюмро дар шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ ҷоиз медонанд[16]. Мавқеи илмии ба ин монандро, инчунин С. Завялова ишғол менамояд[17].

Албатта, бо гунаҳгор дониста шудани ширкати сайёҳӣ дар ичро ва ё ба таври дахлдор ичро карда нашудани уҳдадориҳо оид ба хизматрасонии сайёҳӣ, аз масъулият озод карда шудани шахсони сеюм аз рӯи адолат дониста намешавад. Зеро дар ҳолатҳои алоҳида ичро ё ба таври дахлдор ичро нашудани уҳдадориҳо оид ба хизматрасонии сайёҳӣ метавонад натиҷаи амалҳои «гунаҳкорона»-и шахсони сеюм ва ё худи истеъмолкунанда – сайёҳ бошад. Масалан, пардохт ё сари вақт пардохт карда нашудани ҳаққи хизматрасонӣ, пардохт карда нашудани хароҷоти воқеии ширкати сайёҳӣ ва м.и. Дар чунин ҳолатҳо ва ҳолатҳои дигари ба ин монанд, ширкати сайёҳӣ наметавонад масъулиятро барои ичро ва ё ба таври дахлдор ичро карда нашудани уҳдадориҳо оид ба хизматрасонии сайёҳӣ ба зимма гирад. Аз ин ҷо, истеъмолкунанда – сайёҳ уҳдадор аст арзиши хизматрасониро дар ҳаҷми пурра пардохт намояд, агар бо шартнома тартиби дигаре муқаррар нашуда бошад.

Масъулияти шахсони сеюм ва истеъмолкунанда – сайёҳ аз рӯи шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ паҳлуи дигари масъала буда, дар ин самт гузаронида шудани таҳқиқоти алоҳидаи илмиро талаб менамояд.

Дар асоси таҳлилҳои гузаронидашуда зикр кардан ба маврид аст, ки унсури муҳими фаро расидани ҷавобгарии граждани-ҳуқуқии ширкати сайёҳиро аз рӯи уҳдадориҳо оид ба хизматрасонии сайёҳӣ гуноҳ ташкил медиҳад, ки он метавонад дар ҳолатҳои зерин зоҳир гардад:

а) мутобиқ ба шартҳои мувофиқашуда ичро ё ба таври дахлдор ичро нагардидани ӯҳдадориҳо оид ба хизматрасонии сайёҳӣ, ки дар ин робита хизматрасонии сайёҳӣ сифати худро гум кардааст;

б) аз тарафи ширкати сайёҳӣ гузаронида шудани муҳлати пешниҳоди хизматрасонӣ, ки дар ин партав хизматрасонӣ аҳмияти худро барои истеъмолкунанда – сайёҳ гум кардааст;

15. Вольвач Я.В. Гражданско-правовые способы защиты прав и интересов туриста по туристскому договору // Туризм: право и экономика. - 2005. - № 5. - С. 9-14.
16.Ниг.: Ахтямова Е.В. Гражданско-правовое регулирование туристской деятельности в Российской Федерации: дис.... канд. юрид. наук: 12.00.03. - Краснодар, 2007. - С. 183-184; Ченено Ю.А. Гражданско-правовое регулирование туристской деятельности: автореф. дис.... канд. юрид. наук: 12.00.03. - Екатеринбург, 2003. - С. 17.
17.Ниг.: Завьялова С.В. Особенности гражданско-правовой ответственности по договору оказания туристских услуг // Современные тенденции развития науки и технологий. - 2015. - №4. - С. 68.

в) ба истеъмолкунанда – сайёҳ аз тарафи ширкати сайёҳӣ дода нашудани маълумоти пурра дар бораи иҷрокунандаи бевоситаи намудҳои мушаххаси хизматрасонӣ, ки дар натиҷа ба ҳаёт, саломатӣ ва молумулки ӯ зарар расонида шудааст;

г) аз тарафи иҷрокунандаи бевоситаи намудҳои мушаххаси хизматрасонӣ пешниҳод кардани хизматрасоние, ки вобаста ба сатҳ ва сифат ба шартҳои дар шартнома бо ширкати сайёҳӣ қайдшуда мутобиқат намекунанд;

ғ) аз тарафи шарикони расмии ширкати сайёҳӣ ба истеъмолкунанда – сайёҳ пешниҳод карда шудани маълумоти носаҳеҳ дар бораи роҳхат ё иҷрокунандагони бевоситаи намудҳои мушаххаси хизматрасонӣ.

Асосҳои номбаргардидаи ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқии ширкатҳои сайёҳӣ ҳадди ниҳоӣ набуда, метавонанд вобаста ба ҳолатҳои мушаххаси иҷро нагардидани ӯҳдадориҳо оид ба хизматрасонии сайёҳӣ ба таври зиёдшавӣ тағйир ёбанд.

Мавриди қайд аст, ки асоси якуми фаро расидани ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқии ширкати сайёҳӣ аз рӯи уҳдадориҳо оид ба хизматрасонии сайёҳӣ хислати «универсалӣ»-ро дошта, дар як вақт ҳам ба ширкати сайёҳӣ ва ҳам ба истеъмолкунанда – сайёҳ тааллуқ дорад. Яъне, мутобиқи асоси якум мумкин аст, ҳам пешниҳодкунандаи хизматрасонии сайёҳӣ ва ҳам истеъмолкунандаи ин хизматрасонӣ барои иҷро накардани уҳдадориҳои шартномавӣ ба ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқӣ ҷалб карда шаванд.

Ҳамин тавр, ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқии ширкатҳои сайёҳӣ аз рӯи ӯҳдадориҳо оид ба хизматрасонии сайёҳӣ мумкин аст, ҳангоми ҷой доштани гуноҳ фаро расад, ки ба сифати чунин асос метавонад иҷро ва ё ба таври дахлдор иҷро нагардидани ӯҳдадорӣ ва ё аз тарафи ширкатҳои сайёҳӣ ё шарикони расмӣ пешниҳод нагардидани маълумоти дахлдор оид ба хизматрасонии пешниҳодшаванда баромад намоянд. Ин талаб менамояд, ки ширкатҳои сайёҳӣ дар мавриди интихоби шарикони расмӣ ва иҷрокунандагони бевоситаи намудҳои мушаххаси хизматрасонӣ, ба эътибори кории онҳо таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ҳолатҳои паст кардани хатари фарорасии ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқиро дар доираи шартномаи ҳамкорӣ ҳаллу фасл намоянд. Чунин тартиб имконият медиҳад, ки сатҳ ва сифати хизматрасонии сайёҳӣ баланд карда шуда, ба талаботи пешниҳодшаванда мутобиқ гардонида шавад.

**Адабиёт:**

1. Вольвач Я.В. Гражданско-правовые способы защиты прав и интересов туриста по туристскому договору // Туризм: право и экономика. - 2005. - № 5. - С. 9-14.

2 .Завьялова С.В. Особенности гражданско-правовой ответственности по договору оказания туристских услуг // Современные тенденции развития науки и технологий. - 2015. - №4. - С. 65-72.

3. Нодиров Ф.М. Некоторые дискуссионные проблемы теории договора // Государство и право. - 2005. - №3. - С. 40-47.

4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ. - Душанбе: «Шарқи Озод», 2019. - 48 с.

5. Рахимов М.З. Конечный результат предпринимательской деятельности: теория и правовое регулирование. - Душанбе: «Деваштич», 2007. - 294 с.

6. Рахимов М.З. Избранные труды по гражданскому и предпринимательскому праву. - Душанбе: «Бухоро», 2014. - 638 с.

7. Сангинов Д.Ш. Правовое регулирование туристской деятельности в Республике Таджикистан: проблемы и пути их решения. Монография. - Душанбе, 2010. - 180 с.

8. Толстова А.Е. Гражданско-правовая ответственность субъектов договора возмездного оказания туристской услуги // Гу-

манитарные и юридические исследования. - 2013. - №3. - С. 65-69.

9. Чененов Ю.А. Гражданско-правовое регулирование туристской деятельности: автореф. дис. … канд. юрид. наук: 12.00.03. - Екатеринбург, 2003. - 22 с.

10. Шкода Т.В. Некоторые вопросы гражданско-правовой ответственности туроператора и турагента по договору оказания туристских услуг [электронный ресурс]. URL: http://naukarus.com/ nekotoryе-voprosy-grazhdansko-pravovoy-otvetstvennosti-turoperatora-i-turagenta-po-dogovoru-okazaniya-turistskih-uslug (дата доступа: 09.02.2020 г.).

***Ҳошимзода Д.Д.***

## ФИШУРДА

**Ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқии ширкати сайёҳӣ тибқи шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ**

Дар мақола ҷавобгарии гражданӣ-ҳуқуқии ширкатҳои сайёҳӣ аз рӯи шартномаи хизматрасонии сайёҳӣ ҳамчун намуди мустақили ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст. Диққати асосӣ ба махсусияти ҷавобгарии ширкати сайёҳӣ ҳамчун субъекти калидии пешниҳодкунандаи хизматрасонӣ ва муносибати байниҳамдигарии он бо шарикони пешниҳодкунандаи намуди мустақили хизматрасонӣ дода шудааст. Дар ин замина пешниҳод карда мешавад, ки масъулият аз рӯи ӯҳдадориҳо оид ба хизматрасонии сайёҳӣ дар ҳама ҳолат ба зиммаи ширкати сайёҳӣ вогузор карда шавад. Ин бо он асоснок карда шудааст, ки сайёҳ ҳамчун истеъмолкунандаи хизматрасонии сайёҳӣ бевосита бо ширкати сайёҳӣ ба муносибатҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ ворид гардида, шартҳои шартномаро бо ин ширкат мувофиқа менамояд.

***Хошимзода Д.Д.***

## АННОТАЦИЯ

**Гражданско-правовая ответственность туристической компании по договору оказания туристских услуг**

В статье анализируется гражданско-правовая ответственность туристической компании по договору оказания туристских услуг как самостоятельная форма юридической ответственности. Особое внимание уделяется специфике ответственности туристической компании как ключевого субъекта оказания услуг и его взаимоотношений с партнерами, предоставляющими независимые услуги. В этом контексте предлагается, чтобы ответственность за туристские услуги всегда была возложена на туристическую компанию. Это обосновывается тем, что турист как потребитель туристических услуг вступает в гражданско-правовые отношения именно с туристической компанией и обговаривает с ней основные условия договора.

***Hoshimzoda D.D.***

## ANNOTATION

**Civil liability of the tourist companies under a contract for providing tourist services**

The article analyzes the civil liability of a tourist company under a contract for providing tourist services as an independent form of legal liability. Special attention is paid to the specifics of the responsibility of a travel company as a key service provider and its relationship with partners who provide independent services. In this context, it is suggested that the responsibility for tourist services should always be assigned to the travel company. This is justified by the fact that a tourist as a consumer of tourist services enters into civil relations with a travel company and negotiates the main terms of the contract with it.

# ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ВА ТАҲКИМИ ҲОКИМИЯТИ СУДӢ

***Қодирзода Тоҳир Қамар – раиси Коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои граждании Суди Олӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ***



Аз байн рафтани давлати абарқудрати Иттифоқи Шуравии Сотсиалистӣ боиси соҳибихтиёр шудани 15 ҷумҳурии собиқ Иттифоқ гардид ва дар ин радиф Ҷумҳурии Тоҷикистон низ Истиқлолияти давлатиро ба даст оварад.

Аввалин санади ҳуқуқӣ, ки Истиқлолияти давлатиро дар Тоҷикистон эълон намуд, ин Эъломия «Дар бораи Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон» ва Қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 сентябри соли 1991, таҳти №392 «Дар бораи эълон намудани Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон» мебошад, ки санаи мазкур Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷашн гирифта мешавад. Ин санади ҳуқуқии тақдирсоз вазъи муносибатҳои сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоию ҳуқуқӣ ва муносибатҳои байналмиллалии кишварро ба куллӣ тағйир дода, ба рушди давлатдории тоҷикон заминаи воқеии сиёсиро фароҳам овард ва дар таърихи навини миллати тоҷик, оғози дигаргунсозиҳои навро дар самти бунёди давлати мустақилу миллӣ ва демократӣ эътироф шудааст.

Давраи ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар Тоҷикистон аз муқовиматҳои сиёсӣ сар зада, зиддиятҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар ҷумҳурӣ то ба ҷанги шаҳрвандӣ оварда расониданд. Вазъияти сиёсӣ чунон тезутунд шуда буд, ки ба ном "ҳукумати мусолиҳаи миллӣ" имконияти таъмин намудани роҳбарии давлат ва ҷомеаро надошт. Давлате, ки нав истиқлолияти худро ба даст оварда буд, ба ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуда, дар натиҷа дар мамлакат бетартибиҳо, беқонуниятӣ ва сиёсати бесарусомонӣ ҳукумфармо буд.

Ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон аз як тараф сатҳи пасти фарҳангӣ, сиёсӣ, маҳаллгароӣ ва таассуби динии роҳбарони мухолифини Ҳукумат бошад, аз тарафи дигар лидерҳои он ба қувваҳо ва машваратҳои беруна такя мекарданд ва иродаи онҳоро дар бораи эҷоди давлати динӣ иҷро менамуданд. Ин ду омили ҷиддӣ аз дохил ва хориҷи кишвар муқовимати шаҳрвандиро шиддат мебахшид.

Мухолифини Ҳукумати Тоҷикистон ягона роҳи тағйир додани низоми давлатдорӣ ва ба сари қудрат омаданро на бо роҳи сиёсӣ ва ба воситаи риояи қонуният, на бо назардошти манфиатҳои миллӣ, балки бо роҳи зӯроварӣ табаддулоти давлатиро пеш гирифта буданд. Хушбахтона, ба ин амалҳои бадхоҳонаи худ, ки барои таҳкими Истиқлолияти давлатӣ хатари бузург дошт, нарасиданд.

Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки моҳи ноябри соли 1992 дар вазъияти барои мардуми ҷумҳурӣ вазнин ва таҳдиди хатари парокандашавии давлат ва миллат баргузор гардид, дар сарнавишти

давлатдории миллии тоҷикон нақши бузурги таърихӣ бозид.

Дар ин иҷлосия вазъияти сиёсӣ ва низомии ҷумҳурӣ ба таври ҷиддӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, вакилон раиси нави Шӯрои Олиро интихоб намуданд, ки ҳамзамон сарвари давлат ба ҳисоб мерафт. Ба ин вазифаи олӣ интихоб шудани шахси ҷасуру воқеъбини миллати тоҷик муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, қарори муҳим барои халқи Тоҷикистон буда, аҳамияти бузурги таърихӣ дорад.

Аз рӯзи аввали ба мансаби Раиси Шӯрои Олӣ интихоб шудан муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барномаи муҳими стратегии давлатиро муайян карда, тарафдории худро ба низоми давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ эълон намуданд.

Бузургии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар он зоҳир гардид, ки ӯ тавонист ба лидери ғайриоддӣ, Пешвои миллат ва шахсияти бузурги давлатсоз табдил ёбад. Шахсияти ӯ дар муборизаҳои сиёсӣ ва низомӣ ташаккул ёфта, барои таъмини сулҳ, пойдории вазъияти сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар Тоҷикистон нақши сарнавиштсоз гардид.

Шахсиятҳои бузург ва пешвоёнро замон меофарад. Марҳилае буд, ки миллати мо дар ҳолати нестшавӣ, чудошавӣ ва давлати навбунёди соҳибихтиёри Тоҷикистон дар вазъияти басо ҳам ногувори ба минтақаҳо тақсимшавию барҳамхурӣ қарор дошт. Дар чунин марҳилаи тақдирсоз, таърих барои миллати тоҷик шахси тавонову ҷасур ва дурбину дурандеш, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба миён овард.

Барои таҳкими Истиқлолияти давлатӣ, ба таври воқеӣ ҳимоя намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон, манфиатҳои қонунии давлат ва ҷомеаи навини тоҷикон, заминаи боэътимоди ҳуқуқӣ лозим буд, ки ин қабл аз ҳама, қабули Конститутсияи навини давлати соҳибистиқлоли демократӣ ва дунявӣ буда метавонист.

Халқу давлати соҳибихтиёри Тоҷикистон бо роҳбарии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯзи 6 ноябри соли 1994 тавассути овоздиҳии умумихалқӣ Конститутсияи худро таҳия, қабул ва ҷонибдорӣ намуд ва дар Конститутсияи аз ҷониби халқи Тоҷикистон ба таври раъйпурсӣ қабулшуда, аз нав мансаби Президентӣ таъсис дода шуд ва муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамин рӯзи қабули Конститутсия Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи халқи Тоҷикистон якдилона интихоб шуданд.

Бо роҳбарии хирадмандонаю пешбининонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ, ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазир эътироф гардида, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат риоя ва ҳифз менамояд.

Асосҳои сохтори давлатӣ муайян гардида, Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона эълон гардид.

Истиқлолияти давлатӣ барои миллати тоҷик дастоварди бузурги таърихӣ, рамзи саодати миллат, соҳибихтиёрии миллӣ ва нишонаи давлатдории миллат мебошад.

Бо ба имзо расонидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар санаи 27-уми июни соли 1997 бо сарварии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар таҳкими Истиқлолияти давлатӣ нақши муҳим дошта, ба сулҳу ваҳдат, суботу оромӣ ва беҳбудии рӯзгори мардум мусоидат намуд.

Бояд қайд намуд, ки Тоҷикистон то даврои соҳибихтиёр шудан на соҳиби саноат буду на роҳҳои нақлиётӣ дошт. Вилоятҳо бо ҳам ба воситаи дигар ҷумҳуриҳо пайваст мешуданд. Дар даврони Истиқлолияти давлатӣ халқи Тоҷикистон бо роҳбарии оқилонаю дурбинона ва роҳбарии хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон корҳои созандагиро оғоз намуд. Навбунёдиҳое, ки дар даврои соҳибихтиёрӣ, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сомон расониданд, беназир мебошанд. Роҳҳо байни вилоятҳои Тоҷикистон кушода

шуданд, нақбҳои Анзоб, Шаҳристон, Чормағзак ба истифода дода шуд. Корхонаҳои азими саноатӣ сохта шуда, сохтмони Неругоҳҳои барқии Сангтуда 1, 2 ба охир расида, сохтмони иншооти аср Роғун сар шуд ва ду агрегати он дар истифодаи мардум қарор доранд. Осорхонаи миллӣ, Кохи Наврӯз ва даҳҳо боғчаю варзишгоҳҳо, осоишгоҳу дармонгоҳҳо ва ғайраҳо барои истифодаи мардум сохта ба истифода дода шуд. Ҳазорҳо гектар боғҳо бунёд, миллионҳо метри мураббаъ манзилҳои истиқоматӣ сохта шуда, дигар корҳои ободонию созандагӣ ба анҷом расонида шудаанд. Артиши миллӣ, мақомотҳои қудратӣ ва дигар бахшҳои муҳофизати ҳифзи ҳуқуқ таъсис дода шуданд. Пешравиҳои зикршуда дар даврони соҳибихтиёрӣ дар соҳаҳои хоҷагии халқ ва саноат ва дигар соҳаҳо барои зиндагии хубу ором ва амнияти мардуми азизи Тоҷикистон равона гардидаанд.

Давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Парлумони мамлакат баробари ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ ба гузаронидани ислоҳоти ҳуқуқӣ ва судӣ рӯ оварда, қонун ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии ҷавобгӯ ба талаботҳои давлати демократиро таҳия ва қабул намуданд.

Барои тасдиқи он ҳолат, ки маҳз дар давраи Истиқлолияти давлатӣ ва соҳибихтиёр шудани Тоҷикистон ҳокимити судӣ рушд намуд, ба тариқи фишурда, оид ба таърихи фаъолияти судӣ то даврони соҳибихтиёрӣ истода мегузарам.

Фаъолияти мақомоти судии Тоҷикистон баъди Инқилоби Октябр оғоз ёфта, дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, бинобар муташаниҷии вазъи сиёсию иқтисодӣ мақомоте, ки таъмини қонуният ва риояи ҳуқуқу манфиати шахрвандонро таъмин намояд, ташкил нашуда буданд. Судҳои қозигӣ аз рӯи қоидаҳои шариат ва фиқҳи исломӣ ҳанӯз ҳам амал мекарданд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва манфиатҳои қонуниашон ба пуррагӣ риоя ва ҳифз нашуда, судҳои қозигии тоинқилобӣ расман барҳам, ба ҷои онҳо «судҳои советии халқӣ» ва дар ҳамин радиф «судҳои қозигии халқӣ» таъсис дода шуданд. Соли 1924 аз рӯи намунаи судҳои Россияи советӣ суди округи Бухорои Шарқӣ барпо гардид, ки аз аввалин судҳои Советӣ ба ҳисоб мерафт.

Баъдан бо Қарори Кумитаи инқилобии РАСС Тоҷикистон аз 14 декабри соли 1924 Комиссариати халқии адлия таъсис дода шуд, ки он ҳамчун мақоми олӣ ба ҳисоб рафта, дар як вақт низоми фаъолияти тамоми мақомоти адлия ва суду прокуратураро назорат ва роҳбарӣ менамуд.

Дар ҳудуди РАСС Тоҷикистон дар давоми солҳои 1925-1926 судҳои халқӣ, судҳои округӣ ва шуъбаи Тоҷикистонии Суди Олӣ фаъолият мекарданд ва баъдан ба ҷои он соли 1927 Сарсуди РАСС Тоҷикистон таъсис дода шуда, то соли 1929 то даврааи ҷумҳурии иттифоқӣ шудани Тоҷикистон давом кард. Моҳи сентябри соли 1929 бо Қарори Кумитаи иҷроияи Марказии РСС Тоҷикистон Суди Олии РСС Тоҷикистон ташкил ёфт. Мебоист қайд кард, ки ҳарчанд мақомоти судӣ амал менамуд, он ба таври воқеӣ ба ҳифзу ҳимояи манфиатҳои шаҳрванд равона нагардида буд, он аз ҷиҳати моддию техникӣ, биною иншоот таъмин карда намешуд.

Мақомоти судии кишвар дар даврони соҳибихтиёрии миллати тоҷик куллан тағйир ёфта, фаъолияти он ба таъмини адолати судӣ, волоияти қонун, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрванд, инсон ва давлату ҷомеа равона карда шудааст.

Қабул гардидани Конститутсия дар давраи Истиқлолияти давлатӣ ба раванди ислоҳоти судию ҳуқуқӣ дар кишвар заминаи воқеии ҳуқуқӣ гузошт. Принсипи конститутсионии таҷзияи ҳокимият дар моддаи 9-и Конститутсия эълон гардид ва тибқи меъёри конститутсионӣ ҳокимияти давлатӣ дар Тоҷикистон дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад.

Тақсимоти ҳокимият барои таҳкими давлати ҳуқуқбунёд мусоидат намуда, дар

доираи салоҳиятҳои худ амал кардани шохаҳои ҳокимияти давлатӣ мебошад.

Ҳокимияти судӣ мустақил буда, дар ҷумҳурӣ Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, судҳои вилоятӣ, судҳои иқтисодии вилоятӣ, судҳои ҳарбӣ ва судҳои шаҳр ва ноҳия ваколати ба амал баровардани адолати судиро доранд. Дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ чунин салоҳиятро надоранд.

Ҳуқуқу озодиҳои инсон бевосита амалӣ ва риоя нашаванд, онҳо ба воситаи ҳокимияти судӣ аз роҳи татбиқи чорабиниҳои мақбуркунӣ таъмин карда мешаванд.

Агар дар эътирофу риояи ҳуқуқ ва озодии инсону шаҳрванд нақши ду ҳокимияти аввал назаррас бошад, дар ҳимояи он мақоми судӣ баланд мебошад. Чунин мавқеи ҳокимияти судиро миёни дигар мақомот принсипи давлати ҳуқуқбунёду демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ тақозо менамояд, ки аксарияти кулли ҷомеаи ҷаҳонӣ онро пазируфта, тавассути санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ асосҳояшро пойдор намудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳар кас кафолати ҳифзи судӣ муқаррар карда, ҳимояи судии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ҳамчун ҳимояи афзалиятнок эътироф намуда, онро кафолат додааст. Ҳифзи судӣ ё бо ибораи дигар ҳимояи судиро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳуқуқи шахс муқаррар намудааст.

Хусусияти фарқкунандаи ҳокимияти судӣ дар мустақилӣ, истисноӣ, ба қонун итоат намудан ифода ёфта, аз номи давлат амалӣ намудани адолати судиро таъмин мекунад.

Мурофиаи парвандаҳои гражданӣ, ҷиноятӣ ва маъмурӣ аз ҷониби судҳои умумӣ, судҳои ҳарбӣ гузаронида мешавад. Тартиби мурофиаи гражданӣ, ҷиноятӣ ва маъмурӣ, ки дар Кодексҳои мурофиавии гражданӣ, мурофиавии ҷиноятӣ ва мурофиавии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст, фарқ менамояд.

Аз рӯи тартиби қонунгузории мурофиавии гражданӣ парвандаҳо дар мурофиаи фармонӣ, мурофиаи даъвогӣ, мурофиаи парвандаҳое, ки аз муносибатҳои ҳуқуқи омма, даъватӣ бармеоянд ва мурофиаи махсус баррасӣ карда мешаванд.

Мурофиаи ҷиноятӣ бо Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ ба танзим дароварда мешавад. Зеро тартиби пешбурди мурофиаи судии ҷиноятӣ, аз марҳилаи сар кардани парвандаи ҷиноятӣ, гузаронидани таҳқиқи ибтидоӣ ва тафтишоти пешакӣ, дида баромадани парвандаҳо дар марҳилаҳои гуногуни судӣ то иҷрои қарори судӣ маҳз дар ҳамин Кодекс пешбинӣ гардидааст.

Бо Кодекси мурофиавии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон кирдоре, ки барои он ҷавобгарии маъмурӣ муқаррар гардидааст, асосҳои ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидан, шахсе, ки дорои чунин ваколат мебошанд ва тарзи дида баромадани чунин парвандаҳо нишон дода шудааст.

Принсипи амалӣ гаштани адолати судӣ аз ҷониби суд танҳо бо баррасии парвандаҳо дар суди марҳилаи якум маҳдуд нагардида, баррасии парвандаро ба тариқи кассатсионӣ ва назоратӣ дар бар мегирад. Бекор кардан ё тағйир додани қарорҳои судӣ танҳо аз ҷониби суди болоӣ ва бо тартиби ба амал баровардани адолати судӣ имконпазир мебошад. Татбиқи адолати судӣ чорабиниҳои мақбурсозии давлатиро дар бар гирифта, судҳо ваколати мақбурсозиро тибқи татбиқи ҷазо ба шахси гунаҳгор, таъмини иҷрои мақбурии уҳдадории ҳуқуқӣ ба кор мебаранд ва дигар вазифаҳоеро, ки бо қонун муайян шудааст, амалӣ менамояд.

Демократикунонии ҷомеа, волоияти қонун, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрванд, инсон ва давлату ҷомеа ва пурзӯр гардидани ҳокимияти давлатӣ ба фаъолияти судҳо низ вобастагии зич дорад.

Адолати судӣ яке аз зуҳуроти ба амал баровардани адолати иҷтимоӣ буда, оид ба ҳифз намудани ҳуқуқи инсон мавқеи хоса дорад.

Адолати судӣ танҳо бо роҳи муайян кардаи қонун ба амал бароварда мешавад. Дар давлати ҳуқуқбунёд роҳҳои дигари ба амал

баровардани он вуҷуд надорад ва вуҷуд дошта ҳам наметавонад.

Қабул гардидани як силсила қонунҳо, аз ҷумла кодексҳои мурофиавии граждани, судии иқтисодӣ, ҷиноятӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, қонунҳо «Дар бораи истеҳсолоти иҷро», «Дар бораи судҳои ҳакамӣ», «Дар бораи ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», дар судҳои вилоятӣ, суди шаҳри Душанбе, Суди Олӣ ташкил гардидани коллегияҳои судӣ оид ба парвандаҳои оилавӣ, маъмурӣ ба таҳкими ҳокимияти судӣ мусоидат намуда истодааст.

Қисми зиёди ваколатҳои амрдиҳӣ доир ба пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ, аз ҷумла ба ҳабс ва ҳабси хонагӣ гирифтан, кофтукови манзил, ҳабси молу мулк, муваққатан аз вазифа дур кардан ва ғайраҳо тибқи Кодекси нави мурофиавии ҷиноятӣ аз 1 апрели соли 2010 ба салоҳияти суд вогузор карда шудаанд.

Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ кулли ҷабҳаҳои фаъолияти пешбурди мурофиаи ҷиноятиро бо назардошти стандартҳои умумиэътирофшуда комилан тағйир дода, салоҳияти ҳокимияти судиро дар таъмини адолати судӣ таъмин намуда истодааст.

Дар Кодекси мазкур принсипҳои ҳифзи судӣ (моддаи 8), қонуният (моддаи 9), эҳтироми шаъну шараф (моддаи 10), дахлнопазирии шахсият (моддаи 11), дахлнопазирии манзил (моддаи 13), эҳтимолияти бегуноҳӣ (моддаи 15), баробарӣ дар назди қонун ва суд (моддаи 16), мустақилияти судяҳо (моддаи 17), мубоҳиса ва баробарии тарафҳо (моддаи 20) ва ғайра, ки меъёрҳои ҳуқуқии конститутсионӣ ба шумор мераванд, ифодаи пурраи худро дарёфт кардаанд.

Мутобиқи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, адолати судӣ дар асоси баробарии шаҳрвандон дар назди қонун ва суд қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил, молу мулк ва ҳолатҳои дигар сурат мегирад. Шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бетабаа дар қаламрави Тоҷикистон ба мисли шаҳрвандони Тоҷикистон аз ҳуқуқи ҳифзи судӣ баробар истифода мебаранд. Суд мустақилият беғаразӣ ва холисии худро нигоҳ дошта, роҳбарии мурофиаро таъмин менамояд. Суд ҳуқуқ надорад, ки ба яке аз тарафҳо имтиёз дода, ҳуқуқҳои тарафи дигарро маҳдуд намояд.

Баробарии тарафҳо дар мурофиаи судӣ идомаи принсипи конститутсионии баробарии ҳама дар назди қонун ва суд буда, ба масъалаи бо тарзи мубоҳиса сурат гирифтани мурофиаи судӣ алоқамандӣ дорад.

Ин меъёрҳо ба моддаи 7-и Эъломияи умумии ҳуқуқи башар бобати баробарии ҳама дар назди қонун ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон пурра мувофиқат мекунанд.

Дар даврони соҳибихтиёрӣ қабул гардидани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баъзе тадбирҳо оид ба таъмини мустақилияти ҳокимияти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 14 апрели соли 1997 ва чорумин «Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021”, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 апрели соли 2019, №1242 тасдиқ карда шудааст, идомаи барномаҳои ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон буда, андешидани тадбирҳои заруриро ҷиҳати таҳкими ҳокимияти судӣ мебошад.

Имрӯзҳо мо дар арафаи таҷлили яке аз рӯйдодҳои бузургтарини таърихи миллати тоҷик, бисту нуҳумин солгарди Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон қарор дорем.

Бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ ва Ваҳдати миллӣ оромию субот дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳукмфармо аст, ки ин ҳама аз бузургӣ, ободкорӣ, давлатсоз будан ва хизматҳои бепоёни Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад ва мо аз ин ифтихор менамоем, ки Президенти сулҳовару сулҳофар дорем ва ҳамеша дар гирди Пешвои муаззами худ муттаҳид ҳастем.

# СОДЕЙСТВИЯ В РЕАЛИЗАЦИИ АНТИКОРРУПЦИОННОЙ ПОЛИТИКИ ПРАВИТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Гафурзода Абдухалил Давлатали – ректор Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан, доктор юридических наук, профессор***



В последние годы в Республике Таджикистан намечаются заметные сдвиги в реализации Национальной стратегии противодействию коррупции. Еще в 2017 году при встрече с представителями Агентства по государственному финансовому контролю и борьбе с коррупцией Республики Таджикистан по случаю 10-ой годовщины создания данного государственного органа Основатель мира и национального согласия – Лидер нации, наш многоуважаемый Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон отметил, что «Гражданам следует разъяснять признаки коррупционного правонарушения, правовые пути и методы противодействия коррупционным действиям, коррупционные деяния ответственных лиц местных исполнительных органов государственной власти, особенно в сфере распределения приусадебных участков для строительства жилья, организации и ликвидации дехканских хозяйств, в сферах образования, здравоохранения, коммунальных услуг, налога, правонарушения сотрудников правоохранительных структур при проведении проверок, дознания и следствия, которые в настоящее время вызывают озабоченность у граждан страны».

В настоящее время Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан принимает активное участие в эффективной реализации антикоррупционной политики Правительства страны посредством проведения курсов повышения квалификации государственных служащих. В работе проводимых Академией курсов повышения квалификации по антикоррупционной политике активно участвуют работники Агентства по государственному финансовому контролю и борьбе с коррупцией РТ как в качестве слушателей, так и в качестве лекторов данных курсов.

Следует особо отметить, что Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан вносит значимый вклад в последовательном выполнении планов действий Национального Совета по противодействию коррупции и реализации соответствующих пунктов «Стратегии по противодействию коррупции в Республике Таджикистан на 2013–2020 гг.». В данных документах приоритетными вопросами являются пути и способы снижения количества коррупционных явлений в государственных учреждениях, способы и средства эффективного влияния на общественное сознание в целях улучшения качества социальных взаимоотношений.

Вопросы борьбы с коррупцией стали краеугольным камнем процесса созидания современного демократического общества и поэтому в Республике Таджикистан проводятся различные мероприятия по реализации соответствующих пунктов Стратегии противодействия коррупции в Республике Таджикистан на период 2013 – 2020 гг. Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан ведет тесное сотрудничество как с государственными органами и учреждениями, так и с международными организациями в решении проблем противодействия коррупции как в нашей стране, так и на региональном и международном уровнях. В этой связи на различных площадках мы участвуем в процедурах экспертизы законодательной базы как национального, так и интернационального значения. Проводится соответствующая экспертиза законодательной базы, где учитываются различные аспекты коррупционных рисков как необоснованно широкие пределы усмотрения и полномочия ответственных лиц, проводятся заполнения законодательных пробелов, рассматривается отсутствие или неполнота административных процедур, выявляются возможности образования необоснованных завышенных требований, а также выявление рисков злоупотребления правом заявителей. Наряду с этим подвергаются анализу и интерпретации фактов юридико-лингвистической неопределенности и при наличии таких элементов предпринимаются меры исправления и корректировки подобных пробелов.

С уверенностью можно сказать, что в борьбе против коррупции заметную роль может сыграть наша Академия, которая регулярно расширяет сотрудничество с государственными органами, гражданами, учеными, экспертами, исследователями, журналистами, общественными, межнациональными и межгосударственными организациями.

На встрече с представителями Агентства по государственному финансовому контролю и борьбе с коррупцией в 2017 году Основатель мира и национального согласия – Лидер нации, наш многоуважаемый Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон, отметил, что «для улучшения и приведения в соответствие с требованиями времени профессионализма сотрудников, противоборствующих коррупции органов следует совершенствовать специальные учебные программы, научно-практические инструкции по противодействию коррупции. Эффективными путями повышения плодотворности борьбы с коррупцией являются создание отдела или кафедры по предотвращению коррупции в соответствующих высших учебных заведениях страны, разработка и издание теоретической и научно-методической литературы по противодействию коррупции, оповещающих рекламных листов, установка их в общественных местах».

Именно с этой целью на основании пункта №18 Указа Президента Республики Таджикистан «О Стратегии по противодействию коррупции в Республике Таджикистан на 2013-2020 годы» №1504 от 30.08.2013 г, Национального плана реализации стратегии противодействия коррупции, принятого Национальным советом по противодействию коррупции и рекомендаций в рамках 4-ого раунда мониторинга в рамках Стамбульского плана действий по борьбе с коррупцией на базе нашей Академии теперь функционирует Центр повышения квалификации работников органов борьбы с коррупцией. В настоящее время ведется работа по обеспечению этого Центра достаточной материально-технической базой и по укомплектованию преподавательского состава квалифицированными кадрами. Для создания Центра повышения квалификации работников органов борьбы с коррупцией, на основании заранее принятого согласия соответствующими органа-

ми представлены специалисты в качестве постоянного представителя этих органов в данном Центре. Центр функционирует в рамках «Положения о Центре повышения квалификации работников органов борьбы с коррупцией», а также в соответствии с Планом работы. Данный Центр ведет свою работу в целях повышения квалификации и информированности работников органов борьбы с коррупцией и судей. В этой связи Академия государственного управления при Президенте Республики Таджикистан в рамках утвержденного плана регулярно проводит курсы повышения квалификации по вопросам коррупционных преступлений для сотрудников судебной власти, прокуратуры и других правоохранительных органов, а также на всех курсах повышения квалификации государственных служащих. Тематика учебных модулей охватывает различные аспекты антикоррупционной политики Республики Таджикистан как «Государственная политика по противодействию коррупции в Республике Таджикистан», «Профессиональная этика государственного служащего», «Коррупция как социальное явление: сущность и его формы», «Порядок проведения антикоррупционной экспертизы нормативных правовых актов и проектов нормативных правовых актов», «Средства противодействия коррупции в Республике Таджикистан».

Наряду с этим проводятся курсы повышения квалификации для ответственных лиц центральных государственных органов с целью предотвращения и профилактики коррупционных деяний на общую тему «Государственная политика по противодействию коррупции в Республике Таджикистан». Проводится отдельный специализированный курс на общую тему «Правовые основы государственной службы и антикоррупционная политика правительства Республики Таджикистан», где принимают участие ответственные лица государственных органов по предотвращению и профилактике коррупционных деяний в стране.

По всем вышеназванным темам курсов разработаны учебные модули. Разработан также учебный модуль «Мировой опыт противодействию коррупции», который предоставляется на курсах повышения квалификации государственных служащих как центральных органов управления, так и местных органов самоуправления. Наряду с этим, учебные материалы на электронных носителях и в распечатанном варианте предоставляются всем участникам тренингов, а также эти материалы предоставлены соответствующим государственным органам.

Следует отметить, что в период независимости нашей страны были приняты две национальные стратегии по противодействию коррупции и ими предусмотрены комплексные меры организационно-правового, социально-экономического, духовно-культурного характера. Одновременно наша страна ратифицировала все соответствующие международные акты, в том числе в 2006 году была подписана и ратифицирована Конвенция ООН против коррупции. В 2003 году Республика Таджикистан вступила в антикоррупционную сеть Организации экономического сотрудничества и развития и в настоящее время в рамках Стамбульского плана действий по борьбе с коррупцией проводит регулярные мероприятия, связанные с совершенствованием законодательства.

Таким образом, коррупция во всех своих формах является противоправным аморальным действием, которое может привести к плачевным и негативным последствиям в общественной жизни и в этой связи мы все обязаны направить все свои усилия на защиту и охрану прав и свобод человека, интересов государства и общества, организаций и учреждений, обеспечение законности, выявления и предотвращения коррупционных действий, имея при этом глубокие знания и большую ответственность.

**УДК 347.61/.64 (575.3)**

# МАҲДУДСОЗӢ, ҲУДУД ВА ПРИНСИПҲОИ АМАЛИСОЗИИ ҲУҚУҚҲОИ ПАДАРУ МОДАР

***Собирзода Исфандиёр Салом – ректори Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти адлия ва хадамоти ҳуқуқии корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовaддинови АМИ ҶТ***



«Давраи муосир бо тағйир ёфтани мавқеи ҳуқуқи оилавӣ дар низоми ҳуқуқ… ва тағйир ёфтани мафкураи он хислатнок карда мешавад. Акнун меъёрҳои он барои амалигардии комили тамоми ҷанбаҳои чӣ ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва чӣ ҳуқуқҳои молумулкии ҳамаи шахсоне, ки ба доираи муносибатҳои никоҳӣ-оилавӣ ҷалб гардидаанд, мусоидат менамоянд» [1, С. 31]. Бинобар ин, бо андешаи М. Маҳмудзода, Б. Худоёрзода розӣ шудан мумкин аст, ки «муносибатҳое, ки дар байни одамон ҳамчун аъзои оила пайдо мегарданд, танҳо бо муносибатҳои оилавӣ маҳдуд нагардида, берун аз он низ амал мекунанд ва онҳо на танҳо бо меъёрҳои ҳуқуқи оилавӣ, балки бо меъёрҳои ахлоқӣ низ ба танзим дароварда мешаванд». Онҳо инчунин қайд мекунанд, ки «... на ҳамаи муносибатҳое, ки дар байни аъзоёни оила пайдо мегарданд, бо меъёрҳои ҳуқуқи оилавӣ ба танзим дароварда мешаванд. Чунин муносибатҳо ҳамчунин аз ҷониби меъёрҳои ахлоқӣ, меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи конститутсионӣ ва дигар соҳаҳои ҳуқуқ ба танзим дароварда мешаванд» [2, С.99].

Нуқтаи назари ба ин монандро ҳамчунин муҳаққиқони рус С. Селетская, Е. Яковлева дар мавриди тадқиқи мақоми ҳуқуқии ҳамсарон ва табиати байнисоҳавии он баён медоранд. Онҳо тибқи таҳлили муқоисавии мақоми ҳуқуқии ҳамсарон дар доираи қонунгузории гражданӣ, оилавӣ, мурофиаи гражданӣ, мурофиаи иқтисодӣ, мурофиаи маъмурӣ ва дигарҳо ба хулоса омаданд, ки «дар давраи муосири пешрафти ҷомеа он чиз равшан аён мегардад, ки ҳамсарон ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ соҳиби ҳуқуқ ва уҳдадориҳои махсус мегарданд, ки бо ин онҳо аз дигар аъзоёни оила фарқ менамоянд» [3, С. 37-40].

Нуқтаи назарҳои овардашуда имкон медиҳанд дар он хусус хулосабарорӣ намоем, ки ҳамсарон дар муносибатҳои ҳуқуқии гуногун мақоми ягона надошта, доираи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо вобаста ба муносибатҳои ҳуқуқии воридшаванда муайян карда мешавад. Чунончи, дар асоси моддаи 12, қисми 5 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳеҷ кас уҳдадор нест ба муқобили худ, хешовандони наздик, ки доираи онҳоро Кодекси мазкур муайян кардааст, нишондод диҳад. Тибқи моддаи 6 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон зери мафҳуми хешовандони наздик падару модар, фарзандон, фарзандхондшудагон, бародарон ва хоҳарон, бобо, бибӣ (модаркалон), набера, инчунин ҳамсар фаҳмида мешаванд.

Талаботи моддаи 174 КГ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ҳамсарон ҳимоя шудани шаъну шараф ва эътибори кории тарафи дигарро баъд аз вафот истисно наменамояд. Вобаста ба муқаррароти ин модда, агар шахси паҳнкардаи маълумоте, ки шаъну шараф ё эътибори кории шаҳрвандро паст мезананд, дурустии ин маълумотро ба исбот нарасонад шаҳрванд ҳақ дорад аз тариқи суд раддияи чунин маълумотро талаб кунад. Бо талаби шахси манфиатдор ҳифзи шаъну шарафи шаҳрванд пас аз вафоташ низ имконпазир аст (моддаи 174, қисми 1).

Муқаррароти дигари ба ин монандро инчунин қонунгузории дигари Тоҷикистон, аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» ва ғайраҳо пешбинӣ менамоянд ва онҳоро мавриди танзим қарор медиҳанд.

Мавриди қайд аст, ки новобаста аз танзими муносибатҳои шахсии ғайримолумулкӣ бо иштироки ҳамсарон тавассути доираи васеи қонунгузорӣ, мавқеи қонунгузории оилавӣ дар ин самт хоса буда, бояд дар ин низом ҷойгоҳи калидиро дошта бошанд. Зеро чи хеле ки М. Аминов қайд менамояд, «муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ дар худ намуди махсуси муносибатҳои ҳуқуқиро ифода менамоянд, ки ба онҳо нишонаҳои хоса мансуб мебошанд. Онҳо дар худ муносибатҳои бо қонунгузорӣ танзимгардидаи байни аъзоёни оиларо ифода менамоянд, ки барандаи хислати ба боварӣ асосёфта буда, ба таври бемузд пайдо мегарданд ва муҳлати амали онҳо бо доираи вақт маҳдуд карда нашудааст» [4, С. 107].

Таҳлили сабабҳои болоравии содиршавии ҷиноятҳои алоқаманд ба оила ва нобалиғон, даст кашидан аз ҳуқуқи падару модар ишора ба он менамоянд, ки аксари онҳо маҳз бо таъмин нагардидани фарзандон аз ҷониби яке аз падару модар пайвандӣ дошта, тарафи дигарро барои даст задан ба амалҳои ниҳоӣ водор менамояд. Чунончи, шаҳрванд Н.Н. бо аризаи даъвогӣ нисбати Н.М. ва ҳамҷавобгарии З.З. дар бораи бартараф намудани монеъа ба Суди шаҳри Ваҳдат муроҷиат намуда, аз суд хоҳиш кардааст, ки монеаи аз ҷониби ҷавобгар ва ҳамҷавобгарон дар хусуси маскун гардидан ба манзили истиқоматии молик З.З. ба вуҷуд овардашуда бартараф карда шавад.

Дар мурофиаи судӣ маълум гардид, ки шаҳрванд Н.Н. соли 1997 бо шаҳрванд З.Ф. тариқи меъёри шариат ақди никоҳ баста, оила барпо менамояд, ки аз ҳамзистии якҷоя соҳиби се фарзанд мегарданд. Соли 2005 шавҳараш барои муҳоҷирати меҳнатӣ ба Федератсияи Россия сафар карда, бо ҳамин «бе ному нишон» мегардад. Соли 2013 хоҳарони шаҳрванд З.Ф. шаҳрванд Н.Н.-ро ҳамроҳи се кӯдаки умумии ноболиғ аз манзили истиқоматӣ берун мекунанд.

Дар мурофиаи судӣ шаҳрванд Н.Н. аз суд бинобар сабаби бо фарзандони умумии ноболиғ ҷойгир нашудан дар манзили истиқоматии падар боисрор маҳрум карда шудан аз ҳуқуқи модарӣ ва маскун намудани фарзандони умумии ноболиғро дар манзили истиқоматии шаҳрванд З.З., ки бобои фарзандони ноболиғи умумӣ аз ҷониби падар мебошад, талаб мекард.

Талаботи мазкур аз ҷониби Суди шаҳри Ваҳдат, гарчанде дар қисмати бартараф намудани монеа қонеъ карда шуда, дар қисмати маҳрум кардан аз ҳуқуқи модарӣ баррасӣ нагардид, ишора ба он менамояд, ки дар шароити муосири пешрафти муносибатҳои ҷамъиятӣ болоравии шумораи бекор гардидани ақди никоҳ ва бо ҳамин тариқи зиёдшавӣ тағйир ёфтани уҳдадории алиментӣ ба мушкилоти рақами аввал табдил ёфта, аз нигоҳи илмӣ комилан пурра ва ҳаматарафа таҳлил шудани худро талаб менамояд.

Мавриди қайд аст, ки дар доираи таҳлили мушкилоти уҳдадории алиментӣ бояд ду мафҳуми комилан гуногун ва ба ҳам монанд набуда: таъминот ва алимент аз ҳам фарқ карда шавад.

Б. Гонгало дуруст қайд менамояд, ки таъминот аз нигоҳи мазмун ва моҳият бо мафҳуми алимент як набуда, аз ҳамдигар ба

куллӣ фарқ менамояд[5]. Мафҳуми таъминот назар ба алимент васеъ буда, метавонад дар байни шахсоне низ пайдо гардад, ки онҳо бо ҳам дар муносибатҳои оилавӣ қарор надоранд. Масалан, шахсони ғайриқобили меҳнат, ки таҳти таъминоти меросгузор қарор доранд (моддаи 1170 КГ) Алимент мафҳум ва мазмуни маҳдуд дошта, тибқи муқаррароти қонунгузории оилавӣ байни шахсоне пайдо мешавад, ки бо ҳам дар муносибатҳои оилавӣ қарор доранд. Аз ин ҷо, фарқияти муҳим ва калидии алимент ва таъминот дар мавҷудияти муносибатҳои оилавӣ байни субъектони алимент ва таъминот зоҳир мегардад. Фарқияти дигари алимент ва таъминот бо меъёрҳои танзимсозанда низ муайян карда мешавад. Меъёри танзимсозандаи алимент қонунгузории оилавӣ буда, таъминот тавассути қонунгузории гражданӣ низ танзим мегардад.

Б. Гонгало ба он ақидааст, ки дар илми ҳуқуқ ба ҳам монанд кардани мафҳуми таъминот ва алимент аз ҷониби муҳаққиқони алоҳида, дар сарчашмаи ягонаи пайдоиш доштани онҳо зоҳир мегардад. Сарчашмаи ягонаи пайдоиши онҳо «алимент» (alimentum) буда, маънои «таъминот», «нигоҳ доштан»-ро ифода месозад [5].

А. Пергамент нисбати уҳдадории алиментӣ ҳанӯз дар аҳди шӯравӣ диққат зоҳир намуда, эътимод ба он дошт, ки падару модар ва фарзандон уҳдадоранд ҳамдигарро таъмин намоянд [6, С.420]. Ин як намуди мафҳуми уҳдадории алиментӣ буд, ки аз ҷониби А. Пергамент вориди илм карда шуд. Мафҳуми ба ин монанди уҳдадории алиментӣ аз ҷониби намояндаи илми муосир Н. Шерстнева пешниҳод карда шудааст. Ӯ ишора ба он менамояд, ки пардохти ихтиёрии алимент мумкин аст шахсан аз ҷониби шахс ё дар асоси созишнома дар бораи пардохти алимент амалӣ карда шавад [7, С.14].

Ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак ба истисноии субъектони зикргардида, инчунин бо як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Конститутсия, Кодекси гражданӣ, Кодекси оила, Кодекси меҳнат, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар ва кафолат дода мешаванд.

Аз нигоҳи аввал он чиз ба назар расиданаш мумкин аст, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак бо доираи васеи субъектон ва заминаҳои мустаҳками конститутсионӣ-ҳуқуқӣ мушкилоти худро куллан ҳаллу фасл намуда, дучори ягон масоил нест.

Таҳлили асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳуқуқ ва манфиати кӯдак шаҳодат ба он медиҳанд, ки оид ба ҳифзи манфиатҳои кӯдак ҳанӯз ҳам мушкилоти зиёд ба назар расида, дар сатҳ ва сифати дахлдор амалӣ шудани кафолати давлатӣ ва ҳуқуқии манфиатҳои кӯдакро душвор мегардонанд[8].

Дар байни асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак, Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи муҳим дорад. Зеро меъёрҳои ҳуқуқии бевосита ба ҳуқуқи кӯдакони ноболиғ бахшидашуда, бори аввал дар қонунгузории миллӣ танҳо бо қабули Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пайдо гардиданд [9, С.271]. Ин санад мафҳуми расмии кӯдакро пешбинӣ карда, асосҳои заминавии ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакро нисбати санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи мақоми кӯдак муқаррар менамояд.

Бинобар ин, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро зарур аст ҳангоми муайян кардани ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак муқаррароти Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди роҳбарӣ қарор дода, таҷрибаи ягонаро дар ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак асос гузоранд.

Моддаи 24 Кодекси оила доираи масъалаҳоеро муайян менамояд, ки суд вазифадор аст онҳоро ҳангоми бекор кардани ақди никоҳ ҳаллу фасл намояд:

а) муайян кардани маҳалли истиқомати фарзандони умумии ноболиғ пас аз бекор кардани ақди никоҳ, яъне бо кадоме аз падару модар мондани онҳо;

б) муайян кардани андозаи алимент ва тарафе, ки уҳдадор аст онро барои таъминоти моддии фарзандони умумии ноболиғ супорад;

в) бо талаби ҳамсарон ё яке аз онҳо тақсим намудани молу мулке, ки таҳти моликияти муштараки онҳо қарор дорад;

г) муайян кардани андозаи таъминоти моддӣ бо талаби ҳамсаре, ки барои гирифтани чунин таъминот ҳуқуқ дорад.

Қонунгузории оилавӣ дар моддаи мазкур барои аз ҷониби суд ҳаллу фасл гардидани масъалаҳои зикргардида, ду шарти асосиро пешбинӣ менамояд:

а) байни ҳамсарон ҷой надоштани созишнома оиди масъалаҳои дар боло номбар шуда;

б) муқаррар гардидани поймолшавии ҳуқуқу манфиатҳои ҳамсарон ё фарзандони умумии ноболиғ бо созишнома.

Дар асоси талаботи моддаи 24 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон суд метавонад ҳангоми баррасии аризаи даъвогӣ дар бораи бекор кардани ақди никоҳ, оиди баррасии масъалаҳои номбаршуда бидуни талаботи алоҳида дар шакли аризаи даъвогии иловагӣ ташаббус нишон диҳад.

Кодекси мурофиавии гражданӣ бо ба танзим даровардани тартиби баррасии парвандаҳои оилавӣ, масъалаи пайгиришавандаро дахл карда, онро ба таври дигар танзим менамояд. Тибқи талаботи моддаи 5 қисми 1 Кодекси мурофиавии гражданӣ, суд парвандаи гражданиро дар асоси аризаи шахсе, ки барои ҳимояи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии худ мурочиат кардааст, оғоз менамояд. Тибқи моддаи 198 қисми 3 Кодекси мурофиавии гражданӣ, ҳалнома дар доираи талаботи пешниҳоднамудаи даъвогар қабул карда мешавад. Вобаста ба ин, суд ҳуқуқ надорад ҳангоми баррасии аризаи даъвогӣ ва қабули санад, аз доираи талаботе берун шавад, ки дар ариза нишон дода шудааст.

Ҳамин тавр, қонунгузории мурофиавии гражданӣ дар асоси ба танзим даровардани тартиби баррасии парвандаҳои оилавӣ, салоҳияти судро бархилофи моддаи 24 Кодекси оила маҳдуд намуда, аз ҷониби он нишон дода шудани ташаббусро бобати баррасии масъалаҳои бо қонунгузории оилавӣ пешбинӣ гардида манъ менамояд. Ин метавонад оқибати зеринро ба вуҷуд орад:

а) пинҳон карда шудани сарчашмаи даромад бо мақсади озод шудан аз пардохти таъминоти моддӣ нисбати фарзандони умумии ноболиғ ва ҳамсари ғайриқобили меҳнати эҳтиёҷманд ё кам пардохт намудани он;

б) бегона кардани молу мулке, ки таҳти моликияти муштарак қарор доштанд ё ба таври дигар корношоям гардонидани онҳо;

в) аҳамиятнокии худро гум кардани ҳолатҳое, ки метавонистанд дар мавриди саривақт зоҳир шудани таваҷҷуҳ, дуруст ва дар муҳлати муқарраргардида ҳаллу фасл шудани талаботро замина гузоранд;

г) халалдор шудани манфиати кӯдак бинобар сабаби саривақт нагирифтани таъминоти моддӣ ё аз адолати судӣ пинҳон шудани тарафе, ки бояд таъминоти моддӣ пардохт намояд.

Тартиби мазкур ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакро ҷиддан дахл намуда, осебпазирии онро боло мебарад. Бинобар ин, бо мақсади ба муқаррароти қонунгузории оилавӣ мутобиқ намудани муқаррароти қонунгузории мурофиавӣ дар қисмати ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак, дар таҳрири зерин илова карда шудани сархати нав ба моддаи 5 қисми 1 Кодекси мурофиавии гражданӣ пешниҳод мегардад:

**«Судя ҳангоми баррасии ариза дар бораи бекор кардани ақди никоҳ ҳуқуқ дорад масъалаҳои дар моддаи 24 Кодекси оила пешбинӣ гардидаро ба истеҳсолоти алоҳида ҷудо намояд ё онро дар як вақт бо ариза дар бораи бекор кардани ақди никоҳ баррасӣ намояд».**

Ҳамин тавр, бо пешрафти муносибатҳои ҷамъиятӣ зарурати ҳимоя карда шудани ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак низ боло рафта, талаб менамояд, ки дар навбати аввал мухолифати санадҳо бартараф карда шуда, таҷрибаи ягона ба вуҷуд оварда шавад. Ҷой надоштани таҷрибаи ягона аксаран гуногунтатбиқшавии санадҳои меъёрии ҳуқуқиро ба

вуҷуд оварда, дар як мавриди маҳдудшавии ҳуқуқу озодиҳо, дар мавриди дигар поймолшавии ҳуқуқу озодиҳоро асос мегузорад, ки аз ин ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак низ истисно нест.

Қонунгузории оилавӣ маҳаки асосии муносибатҳои шахсии ғайримолумулкиро дар байни аъзоёни оила, аз ҷумла ҳамсарон бо назардошти махсусиятҳои ин соҳа муқаррар ва танзим намуда, ба сифати сарчашмаи асосии муносибатҳои ҳуқуқии алоқаманд ба ҳаёти оилавӣ баромад менамояд.

Дар асоси таҳлили муқаррароти қонунгузории оилавии Тоҷикистон ба хулоса омадан мумкин аст, ки Кодекси оилаи Тоҷикистон нисбати муносибатҳои шахсии ғайримолумулкии ҳамсарон танҳо ду моддаро дар доираи боби 6 бахшида, бо ин дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои шахсии ғайримолумулкӣ маҳдуд гардидааст. Ин мутобиқан дар танзимсозии муносибатҳои шахсии ғайримолумулкӣ дар байни ҳамсарон кофӣ набуда, зарурати васеъ карда шудани доираи худро талаб менамояд. Зеро дар шароити муосири пешрафти муносибатҳои ҷамъиятӣ доираи предмети танзимсозии меъёрҳои ахлоқӣ ба таври назаррас маҳдуд гардида, имконияти таъсиррасонии онҳо ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ва субъектони онҳо рӯ ба таназзул овардааст. Баробари ин, таҳлили сабабу омилҳои болоравии шумораи бекоршавии ақди никоҳ дар байни навхонадорон (оилаҳои ҷавон) онро собит менамояд, ки дар ин самт риоя нашудани талаботи меъёрҳои ахлоқӣ низ мавқеъи назаррасро ишғол карда истодаанд.

Таҳлили амалия ба он ишора менамояд, ки дар парокандашавии оилаҳои ҷавон дар баробари сабабу омилҳои дигар, доғдор гардидани иффати ҳамсар то бастани ақди никоҳ, доштани муносибатҳои маҳрамона бо шахсони бегона дар давраи ақди никоҳ аз ҳарду ҷониб (ҳам шавҳар ва ҳам ҳамсар), нобоварӣ нисбати тарафи дигар ва монанди инҳо, ки аслан бо меъёрҳои ахлоқӣ ба танзим дароварда мешаванд, ба сатҳи аввал баромада истодаанд. Ин сабабу омилҳо дар ҳолатҳои алоҳида барои даст ба ҷиноят задани тарафи дигар оварда мерасонанд. Чунончи, аз ҷониби истиқоматкунандаи ноҳияи Бобоҷон Ғафуров Шодиев М. мавриди лату кӯб қарор дода, шудани ҳамсараш бо гумони даст доштан дар содири хиёнат [10, С.].

**Дар чунин ҳолат дар баробари ҷавобгарии ҷиноятӣ ба миён гузошта шудани ҷавобгарии оилавӣ-ҳуқуқӣ ба мақсад мувофиқ дониста мешавад**. Зеро ин ҳуқуқпоймолкунӣ бо ҳуқуқпоймолкуниҳои дигар монандӣ ё айният надошта, бо хусусиятҳо ва таркиби субъективӣ фарқ менамояд, гарчанде байни онҳо аломатҳои умумӣ низ ҷой доранд.

Ба сифати субъекти ҷавобгарии оилавӣ-ҳуқуқӣ шахсоне баромад мекунанд, ки онҳоро муносибатҳои оилавӣ ба ҳам мепайвандад, яъне чунин шахсон нисбати ҳамдигар бегона набуда, дар муносибатҳои умумии оилавӣ қарор доранд. Предмети чунин ҷавобгариро муносибатҳое ташкил медиҳанд, ки дар натиҷаи иҷро ё ба таври дахлдор иҷро нашудани уҳдадориҳои оилавӣ пайдо мегарданд. Масалан, уҳдадориҳои алиментӣ.

Розӣ шудан мумкин аст, ки «ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин муносибати пурмасъули инсон нисбати уҳдадориҳои худ ва масъулият оид ба иҷрои дурусти уҳдадориҳои ба зиммаи шахс тибқи қонун вогузор шуда мебошад. Дар ҳолати аз ҷониби шахс иҷро нашудани чунин уҳдадориҳо, ҷавобгарӣ ба маънои негативии он - водор кардан, ҷуброн намудан, ҷазо додан фаро мерасад [11, С.73]. Ин масъала нисбати ҷавобгарии оилавӣ-ҳуқуқӣ баъзе мушкилоти худро дорад. Масалан, С.П. Гришаев ба он назар аст, ки «ҷавобгарии оилавӣ-ҳуқуқӣ дар намуди тоза вуҷуд надорад, нисбати поймолкунандагон муқаррароти ҳуқуқи граждани, ҷиноятӣ ва оилавӣ татбиқ карда мешаванд» [12, С.11]. С.Н. Тағоева ҷавобгарии оилавӣ-ҳуқуқиро ба сифати падидаи комплексӣ арзёбӣ менамояд. Ба андешаи ӯ ин ҷавобгарӣ дар ҷойе вуҷуд дошта метавонад, ки дар он сухан дар бораи маҳдуд кардани ҳуқуқ ё маҳрум кардан аз ҳуқуқ ё чораҳои иловагӣ нисба-

ти шахсе меравад, ки ба ҳуқуқвайронкунии оилавӣ роҳ додааст. [13, С.17]

Дар асоси таҳлили муқаррароти қонунгузории оилавӣ хулоса кардан мумкин аст, ки дар Тоҷикистон чунин ҷавобгарии ҳуқуқӣ умуман вуҷуд надорад ё ҷавобгарии мазкур бо ҷавобгарии дигари ҳуқуқӣ - ҷавобгарии граждани айният карда шудааст. [14, С.16] Ҳангоми чунин ранг гирифтани ҳолат мақоми ҳуқуқии ҳамсарон дар низоми муносибатҳои ҳуқуқӣ тағйир ёфта, онҳо наметавонанд ба чунин сифат баромад кунанд. Чунончи, қонунгузории граждани мафҳуми ҳамсаронро дар мавридҳои алоҳида (масалан, моддаи 304) истифода карда, дар мавридҳои дигар ба чунин сифат баромад кардани ҳамсаронро истисно менамояд. Дар ин робита онҳо мақоми даъвогар ва ҷавобгарро соҳиб гардида, мушкилоти худро ба чунин сифат ҳаллу фасл менамояд. Ин ҳолат метавонад дар доираи муқаррароти моддаи 198 қисми 3 КМГ Тоҷикистон истисно шудани ҳолатҳои барои баррасии парванда аҳмият доштаро, ки бо мақоми ҳамсаронро доштани тарафҳо алоқаманд мебошанд, замина гузорад. Зеро судя тибқи талаботи моддаи 198 қисми 3 КМГ Тоҷикистон ҳуқуқ надорад ҳалномаро берун аз доираи талаботи пешниҳоднамудаи даъвогар қабул намояд.

Ба танзим дароварда шудани ҷавобгарии оилавӣ-ҳуқуқӣ дар доираи боби алоҳида имкон медиҳад, ки масъалаҳои муҳими алоқаманд ба муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ, ки фарогири мақоми ҳуқуқии ҳамсарон мебошанд, дуруст ва пурра ҳаллу фасл карда шаванд, чигунае, ки инро дар мавриди бекор кардани ақди никоҳ (моддаи 24 Кодекси оила), тақсими молу мулки муштараки ҳамсарон (моддаи 39, қисми 3 КО) мушоҳида кардан мумкин аст. Лекин барои ин мухолифате, ки дар байни қонунгузории мурофиавии граждани ва қонунгузории оилавӣ дар қисмати тартиби баровардани ҳалнома ҷой дорад, монеъа эҷод намояд. Вобаста ба ин, пешниҳод мешавад, ки барои аз байн бурдани ин мухолифат, моддаи 198 қисми 3 КМГ Тоҷикистон дар таҳрири зерин баён карда шавад:

«3. Ҳалнома дар доираи талаботи пешниҳоднамудаи даъвогар қабул карда мешавад, агар бо қонунгузории соҳавии Тоҷикистон тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад. Ҳангоми бо қонунгузории соҳавӣ пешбинӣ гардидани тартиби дигар судя онро дар мавриди баррасии парванда ва баровардани ҳалнома ба назар мегирад».

Бастани ақди никоҳ дар мавриди доғдор будани иффати ҳамсар ва ё доштани муносибати маҳрамона дар давраи ақди никоҳ аз ҷониби ҳарду ҳамсарон хислати қасдонаро дошта, метавонад бо назардошти арзишҳои миллии халқи тоҷик ба ҳолати равонии тарафи дигар зарари маънавии ҷиддӣ расонад. Дар ин раванд расонида шудани зарари моддӣ дар намуди хароҷот барои бастани ақди никоҳ (бо назардошти анъанаҳои миллӣ), гирифтани табобат ҳангоми осеб дидани ҳолати равонӣ бинобар сабаби ошкор шудани амалҳои ношоистаи тарафи дигар ва ғайра истисно карда намешавад.

Аз нигоҳи муқаррароти қонунгузории ҷиноятӣ (моддаи 141 КҶ) ин ба ҷумлаи озодии шахс шомил гардида, зиндагӣ кардан бо ҳаёти маҳрамона аз ҷониби худи ӯ баъди расидан ба синни шонздаҳ мустақилона муайян карда мешавад. Ин озодӣ аз нигоҳи меъёрҳои ахлоқӣ ва арзишҳои миллӣ маҳдудиятҳои худро дошта, ба мустаҳкамии оила ва муҳити солими он метавонад ба таври манфӣ таъсир расонад. Бинобар ин, бо мақсади таъмин намудани мустаҳкамии оила ва солим нигоҳ доштани муҳити оилавӣ, он чиз дуруст шуморида мешавад, ки агар дар доираи боби 5 Кодекси оилаи Тоҷикистон ба сифати яке аз асосҳои беэътибор донистани ақди никоҳ бо ҳуқуқи талаб кардани ҷуброни зарари моддӣ ва маънавӣ, содир намудани амалҳои бо меъёрҳои ахлоқӣ ва арзишҳои миллӣ маънгардида аз ҷониби яке аз тарафҳо чӣ то давраи бастани ақди никоҳ ва чӣ баъди он, ки оқибаташ баъди бастани ақди никоҳ фаро расидааст, муқаррар карда шавад.

Муқаррар шудани асосҳои нави беэътибор донистани ақди никоҳ ва эътироф гардидани ҳуқуқи тарафи дигар барои талаб намудани ҷуброни зарари моддӣ ва маънавӣ аз як тараф мустаҳкам гардидани ҳаёти оилавиро замина гузорад, аз тарафи дигар мақоми ҳуқуқии ҳамсаронро дар низоми муносибатҳои шахсии ғайримолумулкӣ мушаххас намуда, барои дар як вақт ба инобат гирифта шудани манфиатҳои бо қонун ҳимояшавандаи шахсони сеюм замина фароҳам меорад.

Бо он розӣ шудан ғайриимкон аст, ки намояндагони алоҳидаи илми ҳуқуқи оилавӣ барои танзими мақоми ҳуқуқии ҳамсарон қабул гардидани қонуни алоҳидаро ба мақсад мувофиқ мешуморанд. Чунончи, С. Селетская, Е. Яковлева иброз медоранд, ки «мулоҳизаи мо оид ба махсусияти мақоми ҳуқуқии ҳамсарон, ки дар хусусияти байнисоҳавӣ доштани он ифода меёбад, имконият доданд, ки дар бораи зарурияти қабул шудани қонуни махсуси сатҳи федералӣ - «Дар бораи мақоми ҳуқуқии ҳамсарон дар Федератсияи Россия» хулосабарорӣ намоем». Онҳо дар ин қонун мустаҳкам шудани меъёрҳоеро мувофиқи мақсад медонанд, ки тартиби муайян намудани ҳамсаронро ҳамчун субъекти на танҳо муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ, инчунин муносибатҳои дигари ҳуқуқӣ пешбинӣ менамоянд [15, С.39].

Қонунгузории оилавӣ, ки дар танзими муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ мақоми марказиро ишғол мекунад, имконият дорад, ки тамоми масоили алоқаманд ба мақоми ҳуқуқии ҳамсаронро пурра мавриди танзим қарор диҳад, ки ин зарурияти қабул шудани қонуни алоҳидаро истисно мекунад. Бо мақсади дар қонунгузории дигар нигоҳ доштани асосҳои заминавии мақоми ҳуқуқии ҳамсарон он чиз дуруст шуморида мешавад, ки дар Кодекси оила ба ин қонун мутобиқ будани муқаррароти қонунгузории дигар ҳангоми танзими муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ пешбинӣ карда шавад, чуноне, ки ин дар КГ Тоҷикистон ба назар мерасад (моддаи 2, қисми 1 КГ).

Ҳамин тариқ, мақоми ҳуқуқии ҳамсарон дар низоми муносибатҳои шахсии ғайримолумулкӣ комилан мазмун ва моҳияти ягонаро надошта, вобаста ба муносибатҳои ҳуқуқие муайян карда мешаванд, ки ҳамсарон ба он дар ҳаёти муқаррарӣ ворид мегарданд. Бинобар ин, он чиз набояд мадди назар карда шавад, ки дар чунин ҳолат маҳаки асосӣ қонунгузории оилавӣ буда, санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигари танзимкунандаи муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ набояд ба он мухолифат намоянд, дар ҳолати акс ин санадҳо метавонанд қувваи ҳуқуқии худро аз даст диҳанд. Зеро:

а) ин барои бартараф карда шудани мухолифат байни қонунгузории Тоҷикистон ва қонунгузории оилавӣ мусоидат менамояд;

б) таҷрибаи ягонаи татбиқи муқаррароти қонун, аз ҷумла қонунгузории оилавиро нисбати мақоми ҳуқуқии ҳамсарон ба вуҷуд меорад;

в) арзишҳои ахлоқию маънавии оилавиро мустаҳкам намуда, барои устувории муносибатҳои оилавӣ замина мегузорад.

**Руйхати адабиётҳо**

1. Джандарбек Б.А. Семейное право в системе права РК (вопросы предмета и метода)./Б.А.Джандарбек//Алматы «Қазақ университети», 2008.

2. Маҳмузода М., Худоёрзода Б. Ҳуқуқи оилавии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ./М.Маҳмузода//Душанбе «Эр-граф», 2015.

3. Селецкая С.Б., Яковлева Е.А. О некоторых особенностях правового статуса супругов и его межотраслевой природе // Вестник Казанского юридического института МВД России. 2016. №3 (25).

4. Аминов М.М. Правовые основы признания и исполнения иностранных судебных решений по семейным делам в Республике Таджикистан // Теоретический и политико-правовой журнал Министерство юстиции

Республики Таджикистан «Жизнь и закон». 2016. №1.

5. Гонгало Б.М. Алиментное обязательство. [Электронный ресурс]. URL: http://www.finexg.ru/alimentnoe-obyazatelstvo/ Дата доступа: 09.07.2017 г.

6. Советское гражданское право // Под ред. С.Н. Братуся. М., 1951. Т. II.

7. Шерстнева Н.С. Принципы семейного права. М.: ТК Велби, Проспект, 2004.

8. См.: Чапурко Т. Государственная политика в сфере защиты прав и интересов несовершеннолетних // Власть. 2008. №6. С. 15-18; Еланина И. Защита интересов ребенка [Электронный ресурс] http://familyties.ru/docs/C3F96C108DDFD02BC325772F00450518.htm (Дата доступа: 15 декабря 2015 год).

9. Волков А., О. Юнусова. Направление совершенствования управления в области охраны и защиты прав несовершеннолетних в Республике Таджикистан // Ученые записки Худжанского государственного университета имени академика Б. Гафурова. Серия гуманитарные науки. 2013. №4 (37).

10. Исбот кун ки хиёнат накардӣ… Ҷангу ҷанҷоли зану шавҳар то суд рафт [Захираи электронӣ] // Реҷаи дастрасӣ: http://akhbor.com/-p6761-117.htm (санаи дастрасӣ: 25.08.2018).

11. Строгович М.С. Сущность юридической ответственности // Советское государство и право. 1979. №5.

12. Гришаев С.П. Семейное право в вопросах и ответах. Москва: Новая правовая культура, 2008.

13. Тагаева С.Н. Правовая сущность семейно-правовой ответственности. Душанбе: «Ирфон», 2012.

14.Ниг.: Тагаева С.Н. Правовая сущность семейно-правовой ответственности. Душанбе: «Ирфон», 2012.

15. Селецкая С.Б., Яковлева Е.А. О некоторых особенностях правового статуса супругов и его межотраслевой природе // Вестник Казанского юридического института МВД России. 2016. №3 (25).

**Аннотатсия**

Мақолаи мазкур маҳдудсозӣ, ҳудуд ва принсипҳои амалисозии ҳуқуқҳои падару модарро дар бар гирифта, амалигардии комили тамоми ҷанбаҳои чӣ ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ ва чӣ ҳуқуқҳои молумулкии ҳамаи шахсоне, ки ба доираи муносибатҳои никоҳӣ-оилавӣ ҷалб гардидаанд, таҳлил гардида аст.

Ҳамчунин, таҳлили муқоисавии мақоми ҳуқуқии ҳамсарон дар доираи қонунгузории гражданӣ, оилавӣ, мурофиаи гражданӣ, мурофиаи иқтисодӣ, мурофиаи маъмурӣ ва дигар ба миён гузошта шудааст.

Ҳамзамон, дар мақолаи илмии мазкур ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдак, ки бо як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Конститутсия, Кодекси гражданӣ, Кодекси оила, Кодекси меҳнат, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила», «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар ва кафолат дода мешаванд, мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Инчунин, таҳлили ин раванд аз нигоҳи амалияи судӣ, ҷой доштани ҷавобгарии ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҷавобгарии оилавӣ-ҳуқуқӣ дар мавриди вайрон шудани муносибатҳои молу мулкӣ ва муносибатҳои шахсии ғайри молу мулкӣ, ба мушоҳида мерасад.

Ҳамзамон, дар мақолаи илмӣ ақидаҳои муҳаққиқону олимони соҳа вобаста ба мавзуи таҳқиқотшаванда, ки аз муносибатҳои оилавӣ манша мегирад, гирд оварда шуда аст.

**Вожаҳои калидӣ**: *маҳдудсозии ҳуқуқҳо, падару модар, таъминот, қонунгузории оилавӣ, суд, никоҳ, кӯдак, оила, ҷавобгарӣ, кодекс.*

**Аннотация**

В этой статье рассматриваются ограничения, границы и принципы родительских прав, а также анализируется полное осуществление всех аспектов как неимущественных прав, так и имущественных прав всех лиц, вовлеченных в брачные и семейные отношения.

Так же, сравнительный анализ правового статуса супругов проводится в рамках законодательств гражданского права, семейного права, хозяйственного судопроизводства, экономического судопроизводства, административного судопроизводства и других.

В то же время, в научной статье рассматривается права и интересы ребенка, которые утверждены и установлены многими нормативно-правовыми актами, в том числе Конституции Республики Таджикистан, Гражданский кодекс, Семейный кодекс, Трудовой кодекс, Законами Республики Таджикистан «Об ответственности родителей за обучение и воспитание детей», «О предупреждении насилия в семье», «О защите прав ребенка» и ряд других нормативно-правовых актов, гарантирующих права и интересы ребенка.

Также, при анализе этого процесса с точки зрения судебной практики существует юридическая ответственность, в том числе семейно-правовая ответственность за нарушение имущественных отношений и личных неимущественных отношений.

В статье собраны мнения ученных и исследователей в этой сфере, которые берут корни из семейных отношении.

**Ключевые слова***: ограничение прав, родительские права, положение, семейное законодательство, суд, брак, ребенок, семья, ответственность, кодекс.*

**Annotation**

This article discusses the limitations, boundaries, and principles of parental rights, and analyzes the full implementation of all aspects of both non-property rights and property rights of all persons involved in marriage and family relations.

A comparative analysis of the legal status of spouses is carried out in the framework of civil law, family law, civil proceedings, economic proceedings, administrative proceedings and much more.

At the same time, this scientific article examines the rights and interests of the child, which are approved by a number of legal acts, including the Constitution, the Civil Code, the Family Code, the Labor Code, and the Laws of the Republic of Tajikistan on “Responsibility of Parents for Child Education and Upbringing”, on “Prevention of Domestic Violence”, on “Child Rights Protection” and other legal acts.

Also, when analyzing this process from the point of view of judicial perspective, the article examines legal liability, including family legal liability for violation of property relations and personal non-property relations.

This article gives an overview of the range of challenges that children face when forced to flee from situations which give serious pathological changes in the psyche of child. The article points to the importance of taking into account the factors when seeking to understand the social and emotional challenges children face.

There are collected opinions of scientists and researchers of the researching sphere, which is rooted in the family relations.

**Keywords:** *restriction of rights, parental rights, position, family law, court, marriage, child, family, responsibility, code.*

# МАСОИЛИ МУҚОВИМАТ БА ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Назаров Акмал Шодмонович – мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишкадаи такмили ихтисоси кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти адлия ва хадамоти ҳуқуқии корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои Вазорати адлияи Ҷумхурии Тоҷикистон***



Раванди мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм нишон медиҳад, ки имрӯз ҷилавгирӣ аз ин зуҳуроти номатлуб муттаҳидӣ ва ҳамоҳангии фаъолияти тамоми мақомоти давлатӣ ва қишрҳои гуногуни ҷомеаро тақозо дорад. Солҳои охир дар Аврупо, Шарқи Наздик, Африқо, Осиёи Марказӣ ва ИМА содир шудани садҳо ҷинояти дорои хусусияти террористӣ ва экстремистӣ аз хатари глобалӣ доштани ин зуҳурот шаҳодат медиҳад.

Тоҷикистон, ки ҷанги шаҳрвандиро аз сар гузаронидааст, аз оқибатҳои фоҷиабори фаъолияти ташкилотҳои экстремистӣ-террористии байналмилалӣ хуб огаҳ аст ва дар солҳои соҳибистиқлолӣ тарафдори муборизаи беамон ва муташаккилона зидди экстремизм ва терроризм мебошад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ифтитоҳи Конфронси байналмилалии сатҳи баланд дар мавзӯи «Муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез» зикр намуданд, ки: «Тоҷикистон дар арсаи мубориза бар зидди терроризму ифротгароӣ, тундгароӣ ва дигар хатару таҳдидҳои замони муосир, аз қабили гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва силоҳ, ҷиноятқориҳои муташаккили фаромиллӣ ва киберҷиноятҳо шарики табиии ҳамаи давлатҳои дунё ва созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ мебошад».

Мураккабшавии авзои сиёсии ҷаҳон дар меҳвари манфиатҳои геополитикии баъзе кишварҳо боиси боз ҳам вусъат ёфтани фаъолияти ташкилотҳои байналмилалии экстремистӣ-террористӣ гардидааст. Боиси таассуф аст, ки баъзе давлатҳо бо терроризм ва экстремизм мубориза бурда, дар кишвар ва минтақаҳои дигар ба хотири манфиатҳои геополитикӣ зуҳуротро бевосита ё бавосита пуштибонӣ менамоянд, онҳоро ҳатто ҳамчун ҳаракатҳои озодихоҳӣ ва ё ҷунбишҳои сиёсӣ эътироф ва ҳифз менамоянд. Зикр кардан зарур аст, ки дар Тоҷикистони соҳибистиқлол фаъолияти ташкилотҳои байналмилалии экстремистӣ-террористӣ аз рӯи ангезаҳои динӣ-сиёсӣ аз солҳои 90-уми асри гузашта оғоз гардид. Таҷриба нишон медиҳад, ки афкори ифротии ин гуна ташкилотҳо барои мардуми тоҷик бегона буда, асосан аз хориҷи кишвар таҳмил мешаванд. Аз ҷумла, фаъолияти экстремистӣ-террористии Ҳизби наҳзати исломӣ (фаъолияташ дар асоси Ҳалномаи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2015 манъ шудааст) собит сохт, ки солҳои 1993-2015 роҳбарон ва аъзои фаъоли он бо дастгирии хоҷагони хориҷӣ даҳҳо ҷинояти вазнин ва махсусан вазнинро содир карда, ҳадафи асосиашон ноором сохтани авзои сиёсӣ ва бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионӣ ва ғасби ҳокимият буд.

Сарфи назар аз имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон (27 июни соли 1997), бо супориши роҳбарони ҳизб куштори ходимони илм ва арбобони сиёсии Тоҷикистон идома ёфта, дар ниҳоят яке аз командирони собиқи тарафдори ҳизб, собиқ муовини вазири мудофиаи Тоҷикистон Назарзода Абдуҳалим 4 сентябри соли 2015 кӯшиши табаддулоти давлатӣ намуд.

Бояд хотиррасон намуд, ки мувофиқи талаботи моддаи 8 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсие, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё аз тариқи зӯрӣ ба сарнагун кардани сохти конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд, манъ аст. Ҳамчунин, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарки таҳдидҳои афзояндаи экстремизм ва терроризм ба амнияти миллӣ ва рушди босубот муборизаро дар ин самт пурзӯр намуда, тавассути парламенти кишвар зина ба зина қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм», «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм», «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» ва даҳҳо санади меъёрии ҳуқуқии дигарро қабул намуд.

Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020» дурнамои фаъолияти мақомоти салоҳиятдори давлатиро бо дарназардошти ташаккул ва ҷорӣ намудани меъёрҳо ва механизмҳои пешгирии экстремизм ва терроризм ҷиҳати таъмини рушди босуботи давлат, ҳамдигарфаҳмӣ дар ҷомеа, риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар мамлакат муайян намудааст. Илова бар ин, бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 17 майи соли 2004, №35 ва аз 14 ноябри соли 2016, №1359 ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаҳои алоҳида вобаста ба фаъолияти террористӣ ва экстремистӣ ворид карда шуда, баъдан онҳо вобаста ба тағйир ёфтани моҳияти ин намуди ҷиноят боз ҳам такмил дода шуданд. Инчунин, бо мақсади тақвият бахшидани мубориза дар ин самт бо қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2 августи соли 2011, №750 ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи 307 иловаи 4 – «Ташкили таълим ё гурӯҳи таълимии хусусияти динии экстремистидошта» илова гардид. Зарурати илова намудани он дар он зоҳир мегардад, ки ташкилотҳои экстремистӣ-террористӣ аз аввали солҳои 90-уми асри гузашта бо роҳи таълимоти хонагӣ-динӣ тафаккури баъзе ҷавононро ифротӣ гардонида истодаанд. Бо сабаби солҳои охир зиёд гардидани иштироки ғайриқонунии шаҳрвандони Тоҷикистон дар задухӯрдҳои мусаллаҳона дар хориҷи кишвар, бо қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 июли соли 2014 ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи 401 иловаи 1 – «Ҷалб ва иштироки ғайриқонунии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсони бешаҳрванд дар воҳиди мусаллаҳ, задухӯрди мусаллаҳона ё амалиёти ҷангӣ дар қаламрави дигар давлатҳо» илова карда шуд.

Дар эзоҳи моддаи мазкур муайян гардидааст: «Шахсе, ки ихтиёран аз иштироки ғайриқонунӣ дар воҳиди мусаллаҳ, задухӯрди мусаллаҳона ё амалиёти ҷангӣ дар ҳудуди дигар давлатҳо то қатъ гардидани фаъолияти воҳиди мусаллаҳ, анҷом ёфтани задухӯрди мусаллаҳона ё амалиёти ҷангӣ даст мекашад, агар дар кирдори ӯ

аломатҳои таркиби ҷинояти дигар мавҷуд набошанд, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад». Дар асоси муқаррароти мазкур беш аз 100 шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ватан баргардонида шуда, айни замон ҳаёти осоишта доранд.

Солҳои 2014-2017 ва се моҳи соли 2018, дар маҷмӯъ, аз тарафи ташкилоти экстремистӣ-террористии «Ал-Қоида», «Бародарони мусалмон», «Гурӯҳи 24», «Давлати исломӣ», «Ҷамоати Ансоруллоҳ», «Ҷамъияти Таблиғот», «Ҳаракати Исломии Ӯзбекистон», «Толибон», «Ҳизб-ут-Таҳрир», «Ҳизби наҳзати исломӣ», «Салафия» ва дигар гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ беш аз 3000 ҷиноят содир шудааст. Дар давраи зикргардида 52,19 фоизи ҷиноятҳои хусусияти экстремистӣ-террористидошта аз ҷониби аъзои «Давлати исломӣ» ва «Ҷабҳат-ан-Нусра» содир гардидаанд. Пайравони равияи динии «Салафия» дар 12,17 фисади ҷиноятҳои номбурда даст доранд. Аъзои ташкилотҳои дигари экстремистӣ-террористии номбаршуда якҷоя беш аз 35 фисади ҷиноятҳои мазкурро содир кардаанд.

Бо дарки масъулият метавон гуфт, ки амалҳои террористии ба қатлу куштори мардуми осоишта равонабуда ба ҳеҷ ваҷҳ аз арзишҳои фарҳангӣ, сиёсӣ, миллӣ ва динии умумиинсонӣ маншаъ намегиранд. Дар мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм истифода бурдани воситаҳои хусусияти ҳуқуқидошта роҳи ҳалли масъала набуда, роҳандозӣ намудани маҷмӯи чораҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва иттилоотӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Таҳлили парвандаҳои ҷиноятии хусусияти террористӣ ва экстремистидошта шаҳодат медиҳад, ки беш аз 80 фоизи шомилшудагон ҳангоми муҳоҷирати меҳнатӣ дар хориҷи кишвар ба созмону ташкилоти ифротгаро ва террористӣ ҷалб гардида, танҳо 8 фисад дорои маълумоти олӣ, 12 фоиз маълумоти олии нопурра ва миёнаи махсус буда, 78 фисади боқӣ маълумоти миёнаи умумӣ ва миёнаи умумии нопурра доранд.

Ҷавонони моилшуда аз телефонҳои мобилии ҳушманд ва барномаҳои Viber (Вайбер), WhatsApp (Ватсап) хеле васеъ истифода мебаранд. Ба воситаи ин гуна телефонҳо бо нархи арзон анҷом додани гуфтугӯи телефонӣ, равон сохтани ахбороти матнӣ, видео ва аудио имконпазир мебошад. Илова бар ин, моилкунандагон аз содагӣ ва камтаҷрибагии ҷавонон истифода бурда, онҳоро ба воситаи шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ, ба монанди «Одноклассники», «Mail.ru», «Twitter», «YouTube» ва монанди онҳо мунтазам ба гурӯҳҳои ифротӣ ҷалб менамоянд. Инчунин, экстремистон-идеологҳо ба воситаи барномаи Zello (телефон-ратсия), ки дар телефонҳои мобилии пуриқтидор ва компютерҳо насб мешавад, ба воситаи интернет дар як вақт бо 1000 муштарӣ дар режими онлайн ақидаҳои ифротиро талқин намуда, саволу ҷавоб баргузор менамоянд.

Бо усулҳои номбаршуда теъдоди зиёди муҳоҷирони меҳнатӣ аз ҳудуди Федератсияи Россия ба гурӯҳҳои ифротӣ ҷалб гардидаанд. Ҳамчунин, дар Федератсияи Россия 15 донишҷӯйи тоҷик, ки дар донишгоҳҳои бонуфузи он таҳсил мекарданд, барои иштирок дар задухӯрдҳои мусаллаҳона дар хориҷи кишвар ҷалб гардидаанд. Солҳои 2014-2016 аз шаҳри Харкови Украина, шаҳрҳои Алма-Ато, Остона ва Чимкенти Қазоқистон, шаҳрҳои Истанбул, Анталия ва Анқараи Туркия, вилояти Чуйи Қирғизистон, Беларус, Эрон ва дигар давлатҳо низ интиқол ёфтани шаҳрвандони Тоҷикистон ба назар мерасид.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аз шумораи умумии муайяншудагон, ки дар задухӯрдҳои мусаллаҳона дар хориҷи кишвар иштирок мекунанд, теъдоди муайяне дар мадраса ва мактабҳои давлатҳои мусалмонтабор низ таҳсил кардаанд. Аз ҷумла, дар Эрон 8 нафар, Миср – 5, Покистон – 3, Туркия – 2 ва дар Сурия 1 нафар. Бояд қайд намуд, ки ду нафар толибилми Донишгоҳи

исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам низ дар задухӯрдҳои мусаллаҳона дар хориҷи кишвар иштирок кардаанд.

Ташкилотҳои экстремистӣ-террористии «Давлати исломӣ» ва «Ҷабҳат-ан-Нусра» дар як қатор кишварҳои ҷаҳон фаъолият дошта, айни замон омили асосии ноороми дар Шарқи Наздик ба ҳисоб мераванд. «Давлати исломӣ» нуфузро дар Осиёи Марказӣ низ паҳн карданист ва намояндагони он дар Покистон ва Афғонистон аллакай фаъолиятро ба роҳ мондаанд.

Намояндагони гурӯҳҳои экстремистӣ-террористӣ ташвиқотро тавассути сомонаҳои интернетӣ пурзӯр карда, аз ҳисоби ҷавонони ба омӯзиши дини ислом майлдошта дар ҳудуди ҷумҳурӣ ва берун аз он, бахусус дар Федератсияи Россия, номзадҳои навро барои иштирок дар «ҷиҳод» пайдо ва онҳоро ба мамлакатҳои хориҷӣ равон мекунанд.

Мутаассифона, ҷомеаи ҷаҳонӣ то имрӯз дар самтҳои афзалиятноки мубориза бар зидди экстремизм ва терроризм барномаҳои фаромиллии таъсирбахш таҳия ва роҳандозӣ накардааст. Эътироф бояд кард, ки бо вуҷуди ҳамкориҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ дар ин самт ҳар як давлат ба муқобили экстремизм ва терроризм бо қувваи худ мубориза бурда истодааст.

Имрӯзҳо, ки зери ақидаи таҳрифшудаи динӣ-сиёсӣ ташкилотҳои экстремистӣ – террористӣ, ба монанди «Давлати исломӣ», «Ҷабҳат-ан-Нусра» ва ғайра ба дини мубини ислом доғ овардаанд, тақвият ва такмил бахшидани фаъолияти Созмони Ҳамкории Исломӣ тақозои замон аст.

Мардуми мусалмон бояд аз талаботи зерини ояти Қуръони маҷид баҳраманд бошанд: «Мусалмонҳо бо ҳам бародаранд. Оштӣ андозед бародарони худро ва битарсед аз Худо, шояд шумо бахшида мешавед» (Сураи Ҳуҷурот — 49, ояти 10).

Гуфтан ҷоиз аст, ки китоби муқаддаси мусалмонон – Қуръони маҷид бо ташаббуси бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба забони тоҷикӣ тарҷума ва чоп гардида, ройгон ба мардум тақдим гардид. Соли 2009 дар мамлакат 1310-солагии Имоми Аъзам — асосгузори яке аз мазҳабҳои муқтадиртарини дини мубини ислом бо шукӯҳу шаҳомати хоса таҷлил гардид. Айни замон дар пойтахти мамлакат сохтмони яке аз масҷидҳои калонтарин дар Осиёи Марказӣ, ки барои зиёда аз 100 ҳазор нафар пешбинӣ шудааст, идома дорад. Дар ҷумҳурӣ беш аз 4000 масҷид расман ба қайд гирифта шуда, фаъолият доранд.

Дар ин раванд барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамгироии бештар бо ҷомеаи байналмилалӣ муҳим аст, зеро кишвари мо ҷонибдори низоми ҷаҳонии одилона бидуни ҷангу низоъ, густариши ҳамкории судманду шарикии баробар ва нафъовари ҳама кишвари олам, таъмини амният бо роҳи созишу муколамаи созанда мебошад.

**Руйхати адабиёти истифода шуда:**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2. Ҳалномаи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2015;

3. Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон (27 июни соли 1997);

4. Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020»;

5. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 17 майи соли 2004, №35 ва аз 14 ноябри соли 2016, №1359;

6. Маҷаллаҳо.

## МАСОИЛИ МУҚОВИМАТ БО ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Шарҳи мухтасар

Дар мақолаи мазкур баъзе масъалаҳои асосие, ки имрӯз ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст, дида баромада мешавад.

Муаллиф дар асоси Ҳалномаи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2015 ва раванди пешбурди корҳои тафтишотию таҳлилӣ мақомоти дахлдор вобаста ба фаъолияти ғайриқонунии ташкилотҳои террористӣ ва экстремистӣ, ки имрӯзҳо ҷомеаи ҷаҳониро ба ваҳм гузоштааст, чунин хулосабарорӣ менамояд, ки оқибати ин гуна кирдорҳои оташангез ба пешрафти иқтисодию иҷтимоӣ ва маънавии давлат монеа мегардад.

**Вожаҳои калидӣ**: *терроризм ва экстремизм, стратегия, маводи мухаддир, ҷиноткориҳои муташаккили фаромиллӣ.*

## ПРОБЛЕМЫ СОПРОТИВЛЕНИЯ ТЕРРОРИЗМУ И ЭКСТРЕМИЗМУ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**Аннотация**

В этой статье рассматриваются некоторые ключевые проблемы, стоящие сегодня перед международным сообществом.

Исходя из решения Верховного Суда Республики Таджикистан от 29 сентября 2015 года и процесса проведения следственно-аналитической работы соответствующих органов власти в связи с незаконной деятельностью террористических и экстремистских организаций, которая сегодня пугает мировое сообщество, такой вывод препятствует экономическому, социальному и духовному развитию государства.

**Ключевые слова**: *терроризм и экстремизм, стратегия, наркотические вещества, транснациональная организованная преступность.*

## PROBLEMS OF RESISTANCE TO TERRORISM AND EXTREMISM IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**The abstract**

This article examines some of the key challenges facing the international community today.

Based on the decision of the Supreme Court of the Republic of Tajikistan dated September 29, 2015 and the process of conducting investigative and analytical work of the relevant authorities in connection with the illegal activities of terrorist and extremist organizations, which today frightens the world community, this conclusion impedes the economic, social and spiritual development of the state.

**Key words**: *terrorism and extremism, strategy, drugs, transnational organized crime.*

# ТАЪСИСЁБӢ ВА РУШДИ ВОҲИДҲОИ ТАШХИСӢ-КРИМИНАЛИСТИИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Муҳаммадизода Муҳамадӣ Толиб – сардори Раёсати ташхисӣ-криминалистии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-майори милитсия***



Дар сохтори Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали таъсисёбиаш бо ном ва шакли гуногуни сохтори корманд криминалист дар адои вазифа буд. Аввали соли 1982 дар ВКД ҶСС Тоҷикистон, шуъбаи ташхисӣ-криминалистӣ ҳамчун сохтори мустақил таъсис дода шуд.

Рушди ин соҳаи фаъолият маҳз дар даврони Истиқлолият назаррас буда, моҳи августи соли 2000 воҳидҳои кории шуъба васеъ гардида, дар заминаи он Раёсати ташхисӣ (экспертӣ) -криминалистӣ таъсис дода шуд.

Дар даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз бо дастгирии бевоситаи роҳбарияти Вазорати корҳои дохилӣ гузаронидани экспертизаҳои овозшиносӣ, молшиносӣ, муҳосибӣ, таркишӣ-техникӣ, автотехникӣ, техникӣ-криминалистии ҳуҷҷатҳо ва ғайраҳо ба роҳ монда шуд. Дар баробари ин, Раёсат бо техника ва таҷҳизотҳои криминалистии замонавӣ таъмин карда шуд.

Соли 2002 дар сохтори Раёсати ташхисӣ (экспертӣ) - криминалистии вазорат дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии давлатии дактилоскопӣ” Маркази бақайдгирии давлатии дактилоскопӣ таъсис дода шуд. Маркази мазкур бо таҷҳизоти замонавии тамғаи “Папилон” ҷиҳозонида шудааст, ки ғунҷоиши то 2,5 млн. изи дастро доро мебошад. Айни замон дар махзани мазкур 919256 изи дасти ихтиёран супоридаи шахрвандон ва 37827 изҳои дасти аз ҷойи ҳодиса гирифташуда нигоҳ дошта мешавад.

Аз нимаи дуюми соли 2012 чопи нашрияи иттилоотии «Криминалист» ба роҳ монда шуд, ки дар он таҳлили фаъолияти хизматӣ, бурду бохти раёсат ва донишу малакаҳои нави корӣ рӯи чоп меоянд, ки ҳар семоҳа як маротиба аз чоп баромада ҳамчун дастури методӣ барои истфода ба воҳидҳои зертобеъ ирсол мегардад. Ҳамчунин, дар ин давра намунаи нави хулосаҳои экспертиза бо забони давлатӣ коркард ва чоп шуда, ба намуди дастури методӣ ба ҳайати шахсӣ ирсол шудааст.

Дар назди Раёсати ташхисӣ-криминалистии ВКД, маркази таълимӣ доир ба тайёр намудани мутахассисон ва такмили ихтисоси онҳо ташкил карда шуд.

Раёсати ташхисӣ-криминалистии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро дар ҳамкорӣ бо дастгоҳҳои оперативӣ ва тафтишотӣ дар ҳамаи самтҳои айни за-

мон мавҷудбуда, амалӣ менамояд. Ғайр аз мақомоти корҳои дохилӣ Раёсат, инчунин, қарорҳои мақомотҳои прокуратура, суд, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва муборизаи бо коррупсияи ҶТ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ, инчунин, дар як қатор ҳолатҳо, аз рӯи дархости мақомоти ҳифзи ҳуқуқи давлатҳои аъзои ИДМ ба иҷро мерасонад.

Хадамоти ташхисӣ-криминалистии имрӯзаи МКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Раёсати ташхисӣ (экспертӣ)-криминалистӣ дар Вазорат, шуъбаҳо дар РВКД-ҳои дар вилоятҳои Суғд, Хатлон, шаҳри Душанбе ва шуъбачаи РВКД дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва РВКД дар ноҳия ва минтақаи Рашт иборат аст.

Раёсат бо тартиби муқарраргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматрасониҳои пулакиро дар асоси муроҷиати хаттии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҷиҳати гузаронидани экспертизаҳои давлатии судӣ ва тадқиқотҳо амалӣ менамояд.

Дар Раёсат комиссияи экспертӣ-тахассусӣ амал менамояд, ки оид ба иҷозат додани (маҳрум намудан) ҳуқуқи мустақилона гузаронидани намудҳои мушаххаси экспертизаҳои судӣ ба кормандони воҳидҳои ташхисӣ-криминалистӣ на танҳо мақомоти корҳои дохилӣ, балки дигар сохторҳои низомии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо шакли ташкил намудани тайёрии ибтидоии касбӣ (экспертӣ), бозомӯзӣ, такмили ихтисос ва коромӯзии кормандон амалӣ мегардонад. Бояд қайд намуд, ки намунаҳои экспертизаҳои таълимӣ, ки ба комиссия барои ҳуқуқи мустақилона гузаронидани экспертизаҳои судӣ пешниҳод мешаванд, баъд аз додани тақриз аз тарафи экспертҳои судии Раёсат, ки собиқаи корӣ на кам аз 10 сол доранд, амалӣ мегардад. Сатҳи омодагии касбии кормандони Раёсат ва сохторҳои поёнии он имконият медиҳанд, ки сари вақт ва сифатнокии зарурати гузаронидани экспертизаҳои судӣ, дар кушодашавии ҷиноятҳои ноаён ва муайян намудани шахсияти одамон, ки ба ҷиноят алоқамандӣ доранд, таъмин карда шавад.

Айни замон сохтори Раёсати ташхисӣ (экспертӣ)-криминалистии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон аз воҳидҳои шуъбаи ташкилӣ-методӣ, ки ба он гурӯҳҳои таҳлилӣ ва таъминоти техникаи криминалистӣ шомиланд, шуъбаи экспертизаҳои судӣ-криминалистӣ, шуъбаи экспертизаҳои судӣ-баллистикӣ ва бақайдгирии тиру гилзаҳо, дар таркиби он – Маркази бақайдгирии тиру гилзадон, шуъбаи экспертизаҳои махсуси судӣ, шӯъбачаи экспертизаҳои суди автотехникӣ, Маркази бақайдгирии давлатии дактилоскопӣ ва дафтари коргузорӣ иборат мебошад. Дар баробари ин, Раёсат шаклҳои гуногуни бақайдгириҳои криминалистро доро мебошад.

Дар қисми бештари мақомоти корҳои дохилӣ воҳидҳои ташхисӣ-криминалистӣ ташкил дода шудаанд, ки дар вилоятҳо - шуъбаҳо, дар шаҳру ноҳияҳои нисбатан калонтар - шуъбачаҳо, боқимонда ШКД гурӯҳҳои ташхисӣ-криминалистӣ иборат аз як то ду мутахассис адои вазифа доранд.

Дар лабораторияҳои Раёсати ташхисӣ-криминалистии ВКД ҳама намудҳои экспертизаҳои криминалистӣ ва қисми зиёди экспертизаҳои махсуси судӣ (дактилоскопӣ, трассологӣ, ташхиси ҳуҷҷатҳо, силоҳи сард ва оташфишон, лавозимоти ҷангӣ, воситаҳои тарканда, маводи мухадир, хатшиносӣ, автотехникӣ ва ғайраҳо), инчунин дигар шакли ташхисҳо (такрорӣ, комиссионӣ, комплексӣ, аз ҷиҳати объектҳо калонҳаҷмбуда ва ғайраҳо) гузаронида мешаванд.

Барои сари вақт ба қайд гирифтан ва аз болои силоҳҳои оташфишон назорати доимӣ барқарор кардан, ба ҷиноятҳои содиршуда ва содирмешуда, санҷишҳои саривақтӣ гузаронидан, таҳқиқоти автоматикунонидашудаи бақайдгирии баллистикӣ (АБИС) гирифта шуд.

Қайд намудан ба мавриди аст, ки дар тавозуни Раёсат лабораторияи сайёҳии кри-

миналистӣ дар базаи автомашинаи тамғаи «Ford Tranzit T350» дар шаҳри Душанбе лабораторияи сайёр дар базаи автомашинаи тамғаи «Эвеко» ва вилоятҳои Суғд лабораторияи сайёр дар базаи автомашинаи тағмаи «Газел» ва Хатлон лабораторияи сайёр дар базаи автомашинаи тағмаи «Форд» мавҷуд аст. Таъиноти асосии ин автомашинаи махсусгардонидашуда барои баромадани экспертон ба ҷойи ҳодиса бо таҷҳизотҳои махсус ва воситаҳои техникӣ, ки ҳангоми кофтуков, дарёфт, сабт ва гирифтани далелҳои шайъӣ истифода мешаванд ва таъмини шароит барои азназаргузаронӣ бо мақсади дарёфт, таҳқиқоти ибтидоии маводҳо ва далелҳо мебошад.

Айни ҳол, аз тарафи коршиносони воҳидҳои ташхисӣ-криминалистии Вазорати корҳои дохилӣ аз рӯи дархости мақомотҳои таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ, таъиноти суд ва судя бо мақсади таъмин намудани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахс дар рафти мурофиаи ҷиноятӣ, граждани, иқтисодӣ ё маъмурӣ тавассути донишҳои махсус дар соҳаи илм ва техника, муқаррар кардани ҳолатҳое, ки бояд исбот карда шаванд, як қатор экспертизаҳои муосир, айниятқунанда ва диагностикӣ гузаронида мешавад, ки аз он мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратӣ метавонанд самаранок истифода баранд:

1. Экспертиза ва таҳқиқотҳои трасологӣ:

– дактилоскопӣ;

– изҳои пой (пойафзол) ва нақлиёт;

– механоскопия (қулфҳо, изҳои олоти шикаст)

– габитоскопия (изи қисмҳои бадан)

– тамғаҳо (пломбаҳо);

– муайян намудани бутуни қисмҳои ашёҳо;

– силоҳи сард;

– воситаҳои халанда, поракунанда ва ҳаводиҳанда.

2. Экспертиза ва таҳқиқотҳои техникӣ-криминалистии ҳуҷҷатҳо:

– муҳрҳо;

– варақаи ҳуҷҷат;

– пулҳои қоғазин;

– навиштаҷотҳои чопӣ;

– муайян намудани сохтакориҳо дар ҳуҷҷат;

– дастгоҳи чопкунанда.

3. Экспертиза ва таҳқиқотҳои хатшиносӣ:

– навиштаҷотҳо;

– имзоҳо.

4. Экспертиза ва таҳқиқотҳои баллистикӣ:

– силоҳи оташфишон, қисмҳо ва изҳои он;

– лавозимотҳои ҷангӣ, қисмҳо ва изҳои он;

– муайян намудани самти парвози тир.

5. Экспертиза ва таҳқиқотҳои таркиши-техникӣ:

– воситаҳои тарканда, қисмҳо ва изҳои он;

– воситаҳои пиротехникӣ, қисмҳо ва изҳои он;

– воситаҳои таркандаи худсохт ва саноатии ҳарбӣ.

6. Экспертиза ва таҳқиқотҳои криминалистии маводҳо, моддаҳо ва маҳсулотҳо:

– воситаҳои нашъадор;

– моддаҳои махсуси кимиёвӣ;

– моддаҳои тарканда;

– моддаҳои кимиёвӣ;

– муайян намудани нишонаҳо ва рақамҳо дар олот ва ашёҳо.

7. Экспертиза ва таҳқиқотҳои автотехникӣ:

– молшиносӣ-нақлиётӣ;

– трасологӣ-нақлиётӣ;

– ҳолати садамаи роҳу нақлиётӣ;

– ҳолати техникии нақлиёт.

8. Экспертиза ва таҳқиқотҳои молшиносӣ:

– коршоямии ашё;

– арзиши аслии ашё.

9. Экспертиза ва таҳқиқотҳои муҳосибӣ:

– ревизияи молиявӣ-хоҷагидорӣ;

– санҷиши аудитии ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ

– санҷиши баҳисобгирии муҳосибӣ.

10. Экспертиза ва таҳқиқотҳои акси рӯи инсон.

– айнияти симои одам аз рӯи сурат;

– фото-робот;

11. Экспертиза ва таҳқиқотҳои фоноскопӣ (овозшиносӣ).

– айнияти овоз аз рӯи сабтҳои видео ва аудио;

Дар ин баробар, воҳидҳои экспертии Вазорати корҳои дохилӣ ҳангоми гузаронидани экспертизаҳои судӣ аз махзанҳои иттилоотӣ ва коллексияҳои криминалистӣ бо тариқи гузаронидани экспертизаҳо, васеъ истифода мебаранд.

Аз хизматрасониҳои ташхисҳои криминалистӣ на танҳо масъулини мақомоти корҳои дохилӣ, балки тамоми мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратии ҷумҳурӣ метавонанд самаранок истифода баранд.

# АНДОЗАИ ЗАРАРЕ, КИ АСОСИ ОҒОЗИ ПАРВАНДАИ ҶИНОЯТӢ МЕГАРДАД

***Раҳматуллозода Абдулҳақ – муовини сардори Раёсати тафтишотии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия***



Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд арзиши олӣ доштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро эътироф намуда, онҳоро дар асоси Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳифз мекунад. Маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат танҳо бо мақсади таъмини ҳуқуқу озодиҳои дигарон, амнияти давлат, сиҳатии аҳолӣ ва дигар самтҳои муҳим раво донистааст.

Имрӯз муносибатҳои ҷамъиятии байни истеъмолкунанда, истеҳсолкунанда, иҷрокунанда ва фурӯшандаи мол ба миён омадаро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунадагон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим дароварда, барои шахсоне, ки талаботи қонунро риоя намекунанд, ҷавобгарӣ, аз ҷумла ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ пешбинӣ кардааст.

Муқаррар намудани ҷавобгарӣ ва ба намудҳо ҷудо кардани он бояд вобаста ба хусусияту дараҷаи хавфнокии кирдор ба роҳ монда шавад. Зеро барои як кори камаҳамият ва ночиз муқаррар кардани ҷавобгарии ҷиноятӣ ва бо ин роҳ маҳдуд кардани ҳуқуқҳо ба манфиати кор набуда, моро ба ҳадафҳои худ, ки ислоҳ намудани ҷиноятқорон ва пешгирӣ кардани ҷиноятҳо мебошад, намерасонад.

Инак тасмим гирифтаем, ки дар оянда тавассути субъекти ҳуқуқэҷодкунанда бо пешниҳод намудани таклифу ақидаҳои худ ба мақоми қонунгузор ин нуқсони қонунро аз байн барем.

Пас аз мутобиқгардонии Кодекси ҷиноятӣ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нишондиҳанда барои ҳисобҳо» аз 05 январи соли 2008, №350 дар матни Кодекси ҷиноятӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 06 октябри соли 2008, №422 калимаҳои «маоши ҳадди ақале», «маоши ҳадди ақал» ва «ҳадди ақали маоши» ба калимаҳои «нишондиҳанда барои ҳисобҳо» иваз карда шуд. Аммо, тағйироти воридгардида на танҳо дорои ҷиҳатҳои мусбӣ, балки ҷиҳати манфиро низ ба бор овард.

Таъсири мусбат ва ё хуби тағйироти воридгардида дар он буд, ки гунаҳкорон вобаста ба сатҳи иқтисодӣ ва иҷтимоии аҳолии кишвар тавонанд имконияти пардохти маблағи ҷазои ҷаримавии худро пайдо намоянд. Таъсири манфии он бошад, ин барои баъзе ҷиноятҳо фаро расидани ҷавобгарии ҷиноятиро дар ҳолати расонидани зарар ба андозаи ночиз (4-сомонӣ, феълан 5-сомонию 80 дирам) ба вуҷуд овард. Масалан, тибқи моддаи 294 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати ба миқдори назаррас содир шудани фиреби истеъмолкунандагон, ки мувофиқи эзоҳи моддаи мазкур миқдори назаррасро даҳяки нишондиҳанда барои

ҳисобҳо муқаррар кардааст, бояд шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб карда шавад. Айни ҳол, бо гузашти давру замон ва бо дарназардошти сатҳи беқурбшавии пул ин кирдор, яъне фиреби истеъмолкунандагон бо расонидани зарар ба миқдори назаррас - чор ва ё 5-сомонию 80 дирам хусусияти хавфнокии худро аз байн бурдааст. Барои чор ва ё 5-сомонию 80 дирам нисбати шахс парвандаи ҷиноятӣ оғоз кардан ва ӯро ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида, ҳамчун ҷинояткор эътироф кардан аз рӯи принсипи инсондустӣ ва адолат намебошад.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи паёмҳои худ, аз ҷумла санаи 22 декабри соли 2017 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба аъзоёни Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон баён намуданд, ки «Кишвари мо роҳи эъмори ҷомеаи ҳуқуқбунёдро интихоб намудааст, ки яке аз ғояҳои асосии он таъмини волоияти қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад. Принсипи мазкур тақозо менамояд, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ҳамаи соҳаҳо тавассути қонунҳое танзим шавад, ки ҷавобгӯйи меъёрҳои ахлоқӣ ва адолату инсондӯстӣ бошанд».

Воқеан ҳам вақте ки мо шахс - соҳибкорро барои як кори ночиз ҷинояткор мехонем ва ӯ доғи судӣ мегирад, на танҳо ба ӯ, балки ба хешовандони наздикаш низ оқибатҳои нохубро ба бор меорад. Зиёда аз ҳама, ин ҳолат ба генофонди миллат таъсири манфӣ мерасонад.

Ҳамчунин, Пешвои миллат дар аксари паёмҳои худ оид ба афзоиш додани бахши хусусӣ, фароҳам овардани фазои мусоид барои соҳибкорӣ ва ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ қайд намуда истодаанд. Аз ин лиҳоз, ворид гардидани тағйироти мазкурро метавон ҳамчун яке аз роҳҳои ҳавасмандгардонии соҳибкорӣ дар кишвар хонд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аз рӯзи мавриди амал қарор гирифтани қонуни мазкур сатҳи ҷиноят эътироф кардани кирдорҳо ва ё худ содиршавии ҷинояти мазкур зиёд гардидааст.

Чунончи, дар давоми 7 соли охир то қабул шудани тағйирот аз ҷониби мақомоти ваколатдор 499-адад парвандаҳои ҷиноятӣ бо моддаи 294 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардидааст. Дар давоми ҳафт соли пас аз қабули тағйирот бошад, ин шумора ба 1956 адад парвандаи ҷиноятӣ расидааст, ки нисбат ба ҳамин давра 1457 адад парвандаи ҷиноятӣ ва ё худ 3,9 маротиба зиёд шуда, як ҳолати нигаронкунандаро боқӣ гузоштааст.

Агар дар асл гирем, чӣ тавре ки Пешвои миллат низ қайд карда буданд, воридкунандагон ва истеҳсолкунадагони асосии молу колои пастсифатро як сӯ гузошта, барои як кори ночиз мо нисбати шахс парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда истодаем. Ҳоло дар дилхоҳ нуқтаи фурӯш метавон бо арзиши 5 сомонию 80 дирам моли пастсифат ва ё ҷавобгӯйи талаботнабударо пайдо кард ва оё месазад, ки ҳамаи ин шахсонро ҷинояткор хонд. Барои он ки иқтисодиёти давлат рушду нумӯ кунад ва ҷойҳои нави корӣ пайдо шавад, моро мебояд барои баъзе корҳои камаҳамият нисбати соҳибкорон гузашт карда, ба онҳо имконият бидиҳем то соҳибкорӣ дар ҷумҳурӣ равнақ ёбад.

Ҳоло метавон гуфт, ки яке аз роҳҳои асосии пешгирӣ намудани ҷинояти мазкур, ин муайян ва ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани воридкунанда ва истеҳсолкунандагони молҳои пастсифат ва ба стандарти давлатӣ ҷавобгӯй набуда мебошад, на шахсони хариду фӯрушкунанда. Ё худ ба қавле «Обро аз сараш бояд чим зад»-ро мебояд кард.

Маҳз ҳамин ҳолати поён бурдани ченаки ҳисобкунӣ- «миқдори назаррас» ва ба роҳ мондани ҳисобкунӣ аз рӯи «нишондиҳанда барои ҳисобҳо» боиси ҳамчун ҷиноят зиёд эътироф намудани кирдорҳо, ки барои ҷамъият он қадар хавфнок нест, гардидааст. Масалан, барои расонидани

зарар ба маблағи 4 сомонӣ оғоз гардидани парвандаи ҷиноятӣ нисбати шаҳрванд И.Д. бо моддаи 294 қисми 1 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 07.02.2013 с.), барои расонидани зарар ба маблағи 7 сомониву 83 дирам оғоз гардидани парвандаи ҷиноятӣ нисбати шаҳрванд Т.М. бо моддаи 294 қисми 1 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 22.11.2016 с.) ва барои расонидани зарар ба маблағи 12 сомонӣ оғоз гардидани парвандаи ҷиноятӣ нисбати шаҳрванд Қ.З. бо моддаи 294 қисми 1 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 04.05.2017 с.) исботи гуфтаҳои болост.

Дар моддаи 627 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳамин кирдорҳо, яъне фиреб додани истеъмолкунандагон бо роҳи кам чен кардан, кам баркашидан ва зиёд ҳисоб кардан, ба фурӯш баровардани моле, ки муҳлати истеъмолиаш гузаштааст, гумроҳ кардан оид ба хусусияти истеъмолӣ ва сифати мол ё бо дигар роҳ фиреб додани харидорон аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии фурӯшандаи мол ё хизматрасонӣ ба аҳолӣ ҳангоми набудани аломати ҷиноят, ҷавобгарии маъмурӣ бо таҳдиди муҷозот барои шахсони воқеӣ аз ҳафт то понздаҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ба шахсони мансабдор аз чил то панҷоҳ ва барои шахсони ҳуқуқӣ аз сад то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо пешбинӣ кардааст. Аз мазмуни ин модда ва моддаи 294 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки дар ҳолати аз панҷ сомонию 80 дирам поёнтар расонидани зарар пасон фарорасии ҷавобгарии маъмурӣ ба миён меояд.

Омӯзиши қонунгузории кишварҳои пасошӯравӣ нишон дод, ки аксари ин давлатҳо ба моддаҳое, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои фиреби истеъмолкунандагон пешбинӣ мекарданд, тағйиротҳо ворид кардаанд ва ҳатто баъзеи ин давлатҳо ҷавобгарии ҷиноятиро барои фиреби истеъмолкунандагон аз қонуни ҷиноятии худ хориҷ карда, барои он танҳо ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ кардаанду халос. Чунончи, тибқи Қонуни Федератсияи Россия «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия» №162-ФЗ аз 08 декабри соли 2003 моддаи 200 КҶ ФР, ки барои фиреби истеъмолкунандагон ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ мекард, ҳориҷ карда шудааст. Ҳамчунин, Ҷумҳурии Қирғизистон низ санаи 10 феврали соли 2010 ҷавобгарии ҷиноятиро барои фиреби истеъмолкунандагон аз Кодекси ҷиноятии худ хориҷ ва ё ба истилоҳ декриминализатсия кардааст. Ҷумҳурии Ӯзбекистон низ аз ҷумлаи онҳост.

Ё худ, дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Туркманистон бошад, ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фиреби истеъмолкунандагон танҳо баъди соли татбиқи ҷазои маъмурӣ пешбинӣ карда шудааст. Яъне, аксари ин давлатҳо бо мурури замон ба ин ҷиноят тағйиротҳо ворид карда, санадҳои маъёрии ҳуқуқии худро такмил дода, нисбати қонуни мо ҷазоҳои сабуктарро пешбинӣ намудаанд.

Вобаста ба шароити ҷумҳурӣ ва бо назардошти он ки айни ҳол ҳолатҳои фиреби истеъмолкунандагон дар кишвар зиёд ба назар мерасад, ки бештари онҳо оид ба сифати мол, сохтакории мол, кам чен кардан, кам баркашидан ва ба фурӯш баровардани моле, ки муҳлати истеъмолиаш гузаштааст, ҷой дорад, зарурати пурра хориҷ кардани моддаи мазкур ҷой надошта, танҳо лозим аст, ки дар эзоҳи моддаи мазкур андозаи зарарро, ки барои оғоз кардани парвандаи ҷиноятӣ асос мешавад, зиёд кунем. Зарари аз шаш нишондиҳанда поёнтар расонидашударо дар доираи қонунгузории маъмурӣ ба танзим даровардан, ҳам аз ҷиҳати адолат ва ҳам аз ҷиҳати манфиатҳои миллӣ ба фоидаи кор мебошад.

Қобили тазаккур аст, ки қонун догма ва ё худ тағйирнопазир нест. Аз ин рӯ, бояд вобаста ба тақозои давру замон ба он тағйирот ворид кард ва онро мутобиқи замон гардонид, то дар амал татбиқ гардидани он одилона бошад. Чуноне ки Муҳаммади Ҳиҷозӣ фармудааст: «Ҳар чи қонун ба табиати башар мувофиқтар бошад, иҷрои

он осонтар ва ба адолат наздиктар хоҳад буд».

Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки дар эзоҳи моддаи мазкур тағйирот ворид карда, миқдори назаррасро аз – «шаш нишондиҳанда барои ҳисобҳо бештар» ва миқдори калонро аз «даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо бештар» арзёбӣ кард. Пешниҳоди мазкур норасоиҳои кодексро дар ин самт аз байн бурда, аз буҷети давлатӣ маблағгузории иловагиро талаб наменамояд.

Ногуфта намонад, ки новобаста аз ин нуқсонҳо, мутаассифона имрӯз зимни баҳодиҳии кирдор ва татбиқи ин модда низ аз ҷониби кормандони амалӣ ба хатоӣ роҳ дода мешавад. Яке аз аломатҳои тарафи объективии ҷинояти мазкурро гумроҳ намудани истеъмолкунанда дар мавриди сифати маҳсулот ташкил медиҳад. Масалан, имрӯз дар баъзе аз нуқтаҳои фурӯши фита (диск), фитаҳоро вобаста аз сифат ва ҷавобгӯйи стандарт буданашон бо арзиши аз 15 то 30 сомонӣ ба фурӯш мебароранд ва дар баъзеи дигараш бошад, бо арзиши аз 2 то 3 сомонӣ пешкаши харидорон мекунанд. Дар ин ҷо ҳама медонад, ки фитаи бо сифат арзишаш баландтар ва дигаре бошад, арзишаш поёнтар мебошад ва ба қавле, ки дар миёни мардум роиҷ аст, «Қимат беҳимат, арзон бе иллат нест»-ро медонанд. Интихоб дар дасти харидор аст. Ӯ вобаста ба вазъи молиаш аз он фитае, ки арзишаш барои ӯ дастрас аст, харидорӣ мекунад. Дар ин ҷо фиреб ва гумроҳкунӣ дар куҷост? Моро мебояд дар ин ҳолат кирдори шахсро на бо ин модда, балки бо дигар моддаҳои дахлдор бандубаст кунем. Вале, агар шахс фитаи қалбакӣ, пастсифат ва ҷавобгӯйи талабот набударо бо арзиши фитаи бо сифат ба фурӯш барорад ва онро ҷавобгӯйи стандарт хонад, дар ин ҳолат метавон гуфт, ки фурӯшанда харидорро гумроҳ кардааст.

# КОРРУПЦИЯ И КОРРУПЦИОННАЯ ПРЕСТУПНОСТЬ

***Алимардони Манучехр Усмонзод, начальник кафедры организации управления правоохранительной деятельностью факультета №1, доцент кафедры государственно-правовых дисциплин факультета №2 Академии МВД Республики Таджикистан, кандидат исторических наук, подполковник милиции***



В статье рассматриваются основные определения коррупции и коррупционной преступности. Дается авторская интерпретация коррупционной преступности и коррупционных преступлений, а также указываются их характерные признаки и свойства.

**Ключевые слова:** *Коррупция, коррупционная преступность, коррупционные преступления.*

Коррупция как негативное социальное явление неизбежно приводит к упадку правопорядка и как следствие ослабляет все без исключения государственные институты. Не секрет, что главным катализатором коррупционных преступлений и правонарушений, как правило, выступают социальные катаклизмы. Так, например, начавшиеся во второй половине 80-х годов прошлого века политико-экономические преобразования в Советском Союзе привели к тому, что в Таджикистане коррупция стала характерной чертой таджикского общества. В условиях государственной независимости в Республике Таджикистан наблюдается рост коррупционных преступлений и правонарушений. Из года в год обстановка становится более напряженной и обретает новые формы. Причиной тому служат всеобщий правовой нигилизм, снижение духовно-нравственной культуры, а также несовершенство законодательства.

При изучении генезиса коррупции становится ясно, что она возникла с образованием государства и сегрегации людей на классы. В наши дни коррупция фактически проникла во все сферы общественных отношений. Последствия коррупции крайне негативны, так как коррупция, по сути, образует различие между объявленными ценностями, выступающих в качестве идеалов и реальными ценностями, господствующими в обществе. Кроме того, коррупция негативна и тем, что она приводит к формированию в обществе представления о так называемой «системе двойных стандартов» нравственности и поведения. Также коррупция дискредитирует право как главный инструмент регулирования государственной и общественной жизни, что сопровождается снижением общественного доверия к государственной власти.

Коррупции, как и любому другому социальному явлению присущи характерные признаки. К таковым признакам относятся:

1. Становление коррупционных деяний (преступления и правонарушения) повседневной нормой общественной жизни, что

приводит к разложению и деградации общества и государства;

2. Существует особый круг субъектов коррупции - должностные лица;

3. Осуществление указанными субъектами с использованием своего должностного положения деяний, противоречащих интересам службы и установленным правовым и моральным нормам;

4. Противоправная деятельность указанных субъектов направлена как на личное обогащение, так и удовлетворение интересов других лиц.

Несмотря на то, что термин «коррупция» часто используется в существующей литературе, однако по сей день отсутствует единое понимание природы данного явления.

Само слово «коррупция» этимологически возникло от латинского «corruptio», что означает «подкуп» или «порча». На практике эти слова и формируют понимание коррупции и создают возможность для толкования этого явления.

На национальном уровне существует определение коррупции, приведенное в ст. 1 Закона Республики Таджикистан «О борьбе с коррупцией». Так, согласно указанного закона: «коррупция - деяние (действие или бездействие), совершаемое лицами, уполномоченными на выполнение государственных функций или приравненными к ним лицами с использованием своего положения и связанных с ним возможностей для незаконного получения материальных и нематериальных благ, преимуществ и иных льгот в свою пользу или в пользу других лиц, а также обещание, предложение или предоставление указанным лицам этих благ, преимуществ и иных льгот в целях их склонения или вознаграждения за совершение таких деяний».

По убеждению социологов, коррупция как форма девиантного поведения это не какая-нибудь совокупность девиантных деяний, а целая система общественных отношений. Иначе говоря, коррупция социологами рассматривается в качестве деструктивной системы социальных связей, характеризующихся использованием должностных полномочий и служебного положения для получения материальной (нематериальной) выгоды [3;6].

В юридическом значении коррупция представляет собой общественно-опасное, противоправное явление, состоящее из совокупности преступлений, совершенных специальными субъектами (должностными лицами), с использованием своих должностных полномочий.

Не вдаваясь в подробное приведение определений коррупции, отметим, что в целом коррупция понимается как социальное явление негативного характера, за наиболее тяжкие проявления которой предусматривается юридическая (уголовно-правовая, административная, дисциплинарная) ответственность.

Коррупция по своей природе динамичное и крайне изменчивое социальное явление, имеющее как различные формы проявления, так и различную степень восприятия и оценки [7;9].

Она, то есть коррупция, в итоге сводится к пресловутым взяточничествам и злоупотреблениям. Кроме того, коррупция может проявляться в таких формах, как непотизм, вымогательство, злоупотребление властью или должностным положением и т.п. [9;50]

В связи с этим, специалисты приводят различные вариации группирования (классификации) коррупции и коррупционной деятельности. При этом исчерпывающего перечня деяний коррупционного характера к настоящему времени не формировалось. Поэтому исследования коррупции в юридической науке не ограничиваются исключительно изучением ее уголовно-правовых проявлений. Необходимо отметить, что за коррупционные деяния (действия и бездействие) существуют также административная

и дисциплинарная ответственность, однако эти деяния не охватываются определением коррупции.

В то же время существует целый ряд коррупционных проявлений, обладающих характерными признаками коррупционных правонарушений, но не закрепленных законом в качестве таковых.

В научной литературе к таковым причисляют:

– неформальные отношения обмена услугами;

– предоставление преимуществ, не предусмотренных законом, как при поступлении на государственную службу, так и при дальнейшем продвижении по службе;

– неправомерное предпочтение физических и юридических лиц при оказании государственных услуг. [9;52]

В зарубежной литературы тоже можно встретить большое количество определений коррупции. Так, например, Справочный документ Организации Объединенных Наций о международной борьбе с коррупцией под коррупцией понимает злоупотребление государственной властью для получения выгод в личных целях. [10] Этому определению аналогично определение, закрепленное в отчете Всемирного банка: «коррупция есть злоупотребление государственной властью ради личной выгоды». [6;123]

В юридическом словаре Г. Блэка коррупцией является «деяние, которое совершается должностным лицом с намерением предоставить преимущество (привилегию), несовместимое с его обязанностями и правами других лиц», и это «деяние должностного лица, незаконно и неправомерно использующего свой статус или положение для извлечения пользы либо преимущества для себя или другого лица». [1;240]

В одном из фундаментальных международных актов в сфере противодействия коррупции, в Конвенции ООН против коррупции 2003 г. понятие «коррупция» отсутствует. По мнению И. Камынина именно определение термина «коррупция» вызвало больше всего споров, в результате которых было решено не включать его в текст Конвенции[4;15]. Все же это не значит, что в данном документе отсутствует само значение коррупции. Из содержания конвенции можно заключить, что к коррупционным деяниям относятся: любые проявления подкупа; злоупотребление служебным положением; незаконное обогащение; отмывание доходов, добытых преступным путем и т.п.

Понятие коррупции можно также обнаружить в документе регионального значения – в Модельном законе СНГ «О противодействии коррупции». Так, согласно ст. 3 закона «коррупция — совершение лицом виновного противоправного деяния, носящего общественно-опасный характер, направленного на использование своего служебного положения и связанных с ним возможностей для неправомерного получения материальных и иных благ в виде услуги, покровительства, обещания преимущества для себя или третьих лиц, предложения или предоставления ему таких благ физическим или юридическим и лицом». [5;70-84]

Таким образом, анализ научной литературы, посвященной проблеме коррупции, показывает, что универсальных определений терминов «коррупция» и «коррупционная преступность» к настоящему времени не существует. Так, например, Р.Р. Газимзянов утверждает, что эти термины хоть и имеют общее лингвистическое происхождение, однако должны по-разному толковаться. По его убеждению, коррупция как социальное явление представляет собой «разложение», «порчу», продажность должностных лиц и охватывает широкий круг деяний, запрещенных правовыми и моральными нормами. Коррупционная преступность им рассматривается в качестве криминологической категории и представляет собой совокупность коррупционных преступлений. Таким образом, сопоставляя термины «коррупция»

и «коррупционная преступность» Р.Р. Газимзянов заключает, что коррупцию следует рассматривать как более широкое понятие, чем коррупционную преступность. [2;15-16]

Отечественные исследователи А.И. Сафаров и А.Х. Авзалов также подробно разбирая проблему соотношения терминов «коррупция» и «коррупционная преступность» отмечают, что относительно определения этих понятий среди ученых нет единого мнения. Одни ученые употребляют понятие «коррупционная преступность», другие – «коррупционные преступления», третьи – «преступления коррупционного характера», а четвертые употребляют все эти понятия. [8;176] Так, А.И. Сафаров и А.Х. Авзалов утверждают, что синонимичное использование терминов «коррупция» и «коррупционная преступность» не совсем верно, так как понятие коррупции шире. Коррупция, по их мнению, включает, кроме собственно коррупционной преступности и другие правонарушения коррупционного характера, в том числе административные, дисциплинарные, гражданско-правовые правонарушения. [8;176]

В связи с этим, А.И. Сафаров и А.Х. Авзалов убеждены, что коррупция определяется как социальное явление, а коррупционные преступления – как уголовно-наказуемое деяние, предусмотренное особенной частью Уголовного кодекса. В то же время, отмечая целесообразность употребления терминов в их этимологическом значении, вышеупомянутые авторы допускают ошибку в использовании терминов «коррупционная преступность» и «коррупционные преступления». По нашему мнению, коррупционная преступность представляет собой уголовно-правовое негативное явление, состоящее из системы преступлений, совершенных в определенное время на определенной территории, а коррупционные преступления представляют собой совокупность преступлений, связанных с проявлениями коррупции.

Коррупционной преступности свойственны такие же признаки, которыми обладает вся преступность в целом, в том числе историческая изменчивость (криминализация и декриминализация), социальная и правовая природа, а также негативность.

Кроме того, преступность, в том числе и коррупционная, имеет системные свойства, то есть существуют устойчивые зависимости между отельными ее элементами, а также связи с другими внешними социальными явлениями.

Таким образом, на основе анализа законодательного и научного определения коррупции и коррупционной преступности можно прийти к следующим выводам:

1. Характерными признаками коррупции являются:

– Становление коррупционных деяний (преступления и правонарушения) повседневной нормой общественной жизни, это приводит к разложению и деградации общества и государства;

– Существует особый круг субъектов коррупции - должностные лица;

– Осуществление указанными субъектами с использованием своего должностного положения деяний, противоречащих интересам службы и установленным правовым и моральным нормам;

– Противоправная деятельность указанных субъектов направлена как на личное обогащение, так и удовлетворение интересов других лиц.

2. Коррупционная преступность представляет собой уголовно-правовое негативное явление, состоящее из системы преступлений, совершенных в определенное время на определенной территории, а коррупционные преступления представляют собой совокупность преступлений, связанных с проявлениями коррупции.

3. Коррупционной преступности свойственны такие же признаки, которыми обладает вся преступность в целом, в том числе историческая изменчивость (криминали-

зация и декриминализация), социальная и правовая природа, а также негативность.

**ПРИМЕЧАНИЯ:**

1. Black H. Law Dictionary. St. Paul MN, 1991.

2. Газимзянов Р.Р. Коррупционная преступность в Республике Татарстан на рубеже веков: криминологическое исследование: дисс. …канд. юрид. наук. – Нижний Новгород. 2005.

3. Гевелинг Л.В. Клептократия. Социально-политическое измерение коррупции и негативной экономики. Борьба африканского государства с деструктивными формами организации власти. М., 2001.

4. Камынин И. Конвенция ООН против коррупции: новые контуры международного сотрудничества // Российская юстиция. 2004. № 4.

5. Модельный закон Содружества Независимых Государств о борьбе с коррупцией.

6. Отчет Всемирного банка о мировом развитии. М., 1997.

7. Сативалдыев Р.Ш. Правовая политика в сфере противодействия коррупции // Труды Академии МВД Республики Таджикистан (Научный журнал). - 2014. - № 4 (24).

8. Сафаров А.И., Авзалов А.Х. Соотношение понятий коррупциии и коррупционной преступности по законодательству Республики Таджикистан // Юридическая наука: история и современность. Санкт-Петербург, 2016, №3.

9. Симон А.Л. Правовой режим противодействия коррупции. Дисс. на соиск. канд. юрид. наук. Душанбе, 2015.

10. Справочный документ Организации Объединенных Наций о международной борьбе с коррупцией. A / CONF. 169/ 14, 1995. 13 April.

**Алимардонӣ Манучеҳр Усмонзод – сардори кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети №1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, подполковники милитсия**

## КОРРУПСИЯ ВА ҶИНОЯТКОРИИ КОРРУПСИОНӢ

Дар мақолаи мазкур мафҳумҳои қонунгузорӣ ва илмии коррупсия ва ҷиноятқории коррупсионӣ баррасӣ гардидаанд. Аз ҷониби муаллифи мақола шарҳ ва аломатҳои хоси ҷиноятқории коррупсионӣ ва ҷиноятҳои коррупсионӣ оварда шудааст.

**Вожаҳои калидӣ:** *Коррупсия, ҷиноятқории коррупсионӣ ва ҷиноятҳои коррупсионӣ.*

**Alimardoni Manuchehr Usmonzod - Head of the Department of Management of Law Enforcement Activity of the Faculty No.1, Associate Professor of the Department of State and Legal Disciplines of the Faculty No. 2 of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan, Candidate of Historical Sciences, Lieutenant colonel of Militsia**

## CORRUPTION AND CORRUPTION CRIMINALITY

The article examines the legislative and scientific definitions of corruption and corruption criminality. The author's interpretation of corruption criminality and corruption crimes is given, as well as their characteristic features and properties.

**Key words:** *Corruption, corruption criminality, corruption crimes.*

# ИСТИҚЛОЛУ ОЗОДӢ МУАРРИФГАР ВА ЗАМИНАСОЗИ ШИНОХТИ ТОҶИКИСТОНУ ТОҶИКОН БА ҶАҲОНИЁН

***Мирсаид Раҳмонов – ходими илмии Институти Омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Авру Осиёи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон***



Барои ҳар миллату халқияти дунё овардани лафзи пурфайзи Истиқлол ва шарафёбшудан ба он муҳтарам ва муаззаз маҳсуб мешавад. Зеро Истиқлол калимаи зебоест, ки тавассути зикри он тасвири кишвари озоду мустақил дар зеҳни инсонҳо ҳувайдо ва пайдо мегардад. Ба зикри Истиқлол доштани макону шараф, адабу фарҳанг ва забони ин ё он миллат тасвир меёбад. Зеро он таҷассумгар ва тараннумсози фарҳанг ва оину адаби миллатҳову халқиятҳо буда, моҳияти арзишмандии шахсиятҳо ва таъриху маданияти онҳоро арзёбӣ менамояд.

Истиқлол волотарин ва пураризиштарин мақомест барои шинохти арзишҳои ҳар миллату кишвари дунё яке аз нодиртарин неъматҳоест, ки Худованд онро барои башарият арзонӣ гардонидааст. Зеро дар сайёраи олам бисёре аз халқияту миллатҳое мавҷуданд, ки ҳанӯз ба ин неъмат шарафёб нагаштаанд.

Ин неъмати бебаҳо соли 1991 баъд аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ қадами нахустинашро ба Тоҷикистон гузошт, ки бисёре аз кишвари собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ аз ҷумлаи Осиёи Марказӣ низ дар талошу мубориза барои худмухторият буданд. Ин ҳамон даврону замоне буд, ки кишвари Тоҷикистон аз як тараф ба шинохти ҳуввияти миллӣ майлон дошт ва аз тарафи дигар ба кашмакашҳои ба истилоҳ "бемаънӣ" ва таҳмилӣ таҳрик мешуд. Бисёре ба ин андеша буданд, ки шояд дер ё зуд ин миллат аз байн равад ва нобуд шавад. Зеро пас аз фурӯпошии Шӯравӣ халқиятҳову миллатҳои он як дам ба чолишҳое рӯ ба рӯ шуданд, ки паси он афроде буданд, ки мехостанд ин ё он миллатро нобуд кунанд. Ва бо ҳамин найрангу ҳила байни онҳо оташи ҷанги хонумонсӯзро бармеангехтанд.

Қобили зикр аст, ки охирҳои соли 1980 ва аввалҳои соли 1992 буд, ки шиорҳои ошкорбаёнӣ ва озодӣ аз ҷониби баъзе роҳбарони собиқ Шӯравӣ оғоз шуд, ки амалкарди онҳо Тоҷикистонро дар шинохти ҳуввияти миллӣ бо тарзу муносибатҳои нодурусту ноустувор равона мекард. Ин ҳама дасисаву васвасаҳо ва маҷроҳои ноҳамвору бесубот зери сарпарастии бегонаситезон кишварро ҳар сонияву дақиқа ба самти норӯшан ва ноором мекашонд, ки дар натиҷа ҷони зиёда аз ҳазорҳо шахс талаф ёфт ва миллионҳо хасорати иқтисодӣ бар ҷой гузошт.

Бо лутфу меҳрубонии Худованд ва оҳу дарду алами мардуми ҷафокашида дар ҳамин вақт болои мардуми мо боли тараҳҳум ва меҳрубониашро кушода, донаи файзу баракат ва нуру саодатро болои осмони кишвар чош дод, ки ба ивази он яке аз фарзандони фарзонаи миллат - Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вориди майдон шуд ва миллатро аз ҳалокат наҷот дод.

Бо омадани ин фарзанди фарзонаи миллат, кишвар марҳили пуртазодеро тай намуд

ва имрӯз ба як такомул ва рушди миллӣ ноил гашт. Зеро тибқи арзёбии таҳлилгарон Кирил Нурҷанов ва Крисшан Блеур охирҳои соли 1980 ва аввалҳои соли 1990 вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии дар Тоҷикистон ноустувор буд. Ва корбурдони гурӯҳҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва роҳбарони сиёсӣ барои тағйири вазъ талош мекарданд. Аммо баъди чанд муддате вазъ нооромтар шуд ва тақсимбандии гуруҳӣ ва минтақавии кишвар оғоз шуд, овардаанд дар китоби худ зери унвони “Tajikistan: Political and Social History” by Kirill Nourzhanov and Christian Bleuer, Australia National University, 2013”.

Эмомалӣ Раҳмон дар чунин фазои ноором, хатари аз байн рафтани миллат ва халқияти онро андешида, дар қадами аввалини худ ба халқ бо шаҳомату ҷасурона чунин хитоб кард: "То замоне, ки дар бадан ҷон дорам барои озодӣ ва ободии халқу ватан ҷонамро фидо мекунам ва ҳаргиз иҷозат намедиҳам, ки душманон ба он хадша зананд".

Ин ҳама аз талошу заҳамоти халқу миллати мо дарак медиҳад, ки соҳиби дарёфти Истиқлолу озодӣ гардиданд ва якҷоя тавонистанд миллатро аз вартаи ҳалокшавӣ нигоҳ доранд.

Ва беҳуда нест, ки сарвари давлати Тоҷикистон арзишу баҳои Истиқлолро дарк карда,онро чунин арзёбӣ кардаанд, "Истиқлолият-дастоварди муҳимтарин, бузургу бебаҳо ва таърихии миллати мо, ормони чандинасраи фарзандони асилу огоҳ ва маҳсули талошҳои садҳо ҳазор муборизони роҳи бақои давлати тоҷикон мебошад".

Бояд қайд кард, ки натиҷаи таҳлилу баррасиҳои гуногун нишон медиҳад, ки бисёре аз миллияту халқиятҳои ҷаҳон аз надоштани неъмати Истиқлолу озодӣ ва роҳбари одилу раиятпарвар азият кашида,то ҳол натавонистанд, масоили қавмии худро ҳаллу фасл намоянд. Зеро таҳлилҳо баёнгарӣ онанд, ки дар ҷаҳон қуввахои аҳримание ҳастанд, ки намехоҳанд қавми дорои тамаддуну фарҳанг, маърифату матонат ва шоистагиву ҷасорат дар ҷаҳон шуҳрату шаҳомат пайдо карда, ҳамчун кишвари озоду мустақил умр ба сар баранд.

Ҳамин буд, ки баъд аз дарёфт ва шарафёб шудан ба Истиқлолият дар таърихи 9-уми сентябри соли 1991 миллати мо сарфароз ба доштани ватани озоду мустақил дар байни тамоми кишварҳои олам мавриди эътирофи қонунӣ гардид. Бо дарёфти чунин неъмати бебаҳо кишвари мо чун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфта шуд ва тавонист пояҳои давлатдории миллии худро барои таҳкими муносибатҳо бо кишварҳои ҷаҳон гузорад. Дар як муддати кутоҳ кишвар тавонист заминаҳои устувори ҳуқуқиашро тавсеа бахшида, муносибатро бо кишварҳо ва созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ба вуҷуд оварад.

Тоҷикистони имрӯза бо зиёда аз 130 кишвари дунё муносибатҳои дипломатӣ баркарор карда, аз ҷониби 170 давлати олам чун кишвари мустақил ва озод эътироф гардидааст. Консепсияи нави сиёсати хориҷии Тоҷикистон қабул гардидааст, ки заминаи хубест барои рушд, тақвият ва таҳкими равобити байналмилалӣ дар даврони Истиқлолият. Дар байни кишварҳои мазкур Покистон низ шомил аст, ки яке аз аввалинҳо шуда, истиқлолияти Тоҷикистонро пазируфт ва эътироф кард.

Тибқи манобеи Вазорати хориҷӣ ва сомонаи сафоратҳои Тоҷикистону Покистон муносибатҳои дипломатӣ байни ҳар ду кишвар аз моҳи июни соли 1992 баркарор шуда, дар натиҷа ҳар ду кишвар доштани сафирони худ мушарраф гаштанд. Дар соли 1993 Ҷумҳурии Исломии Покистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафоратхонаи худро боз намуд, ки он дертар дар соли 1994 расман ба фаъолият оғоз намуд. Ҳамин тавр санаи 23 феврали соли 2005 Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Исломии Покистон ифтитоҳ шуд, ки то имрӯз ҳар ду кишвари дӯст зиёда аз 30 санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ба имзо расонданд.

Мавриди зикр аст, ки бар асоси санадҳои имзошуда, дар моҳи марти соли 1994 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз Покистон боздиди расмӣ ба амал оварад. Бори нахуст соли 1997 Консулгарии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш. Исломободи Ҷумҳурии Исломии Покистон ва дертар дар ш. Карочӣ кушода шуда, ҳамзамон, парвозҳо байни Душанбеву Карочӣ роҳандозӣ шуда буданд. Дар давоми 26 соли муносибатҳои дипломатии байни ду кишвар зиёда аз 50 ширкатҳои хусу-

сии покистонӣ ва соҳибкорони покистонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамоянд.

То соли 2011 гардиши мол байни ду кишвар 14 млн. 850,1 ҳазор долл. амрикоӣ буд, ки он дар соли 2012 ба 78 млн. 814,8 ҳазор доллар расид. Дар натиҷа 26 млн. 498,5 ҳазор доллари он содирот ва 52 млн. 316,3 ҳазор доллар воридотро ташкил медод. Тибқи омори нав дар даҳ соли охир табодули тиҷоратии ҳар ду кишвар то 100 миллион доллари амрикоӣ расидааст ва тарафҳо талош доранд, то онро афзоиш дода, ба 500 миллион доллар расонанд.

Рушд ва таҳкими равобит ва ҳамкории байни Тоҷикистону Покистон дар ҷаласаи Коммиссияи муштараки ҳар ду кишвар 2-юми июли 2019 дар шаҳри Душанбе мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор гирифт, ки барои ояндаи ҳар ду кишвар муфид хоҳад буд.

Дар соҳаи омӯзиши маҳоратҳо ва такмили ихтисос, маориф ва табодули барномаҳои гуногун муносибатҳо байни ҳар ду кишвар тадриҷан рушд меёбанд ва дар ҳоли ҳозир донишҷӯёни покистонӣ дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил ва омӯзиш мегиранд.

Бародаршаҳрии Душанбе ва Лоҳури Покистон аз солҳои 1973 заминаи муносиб ва қадами некест дар таҳкими дӯстӣ ва равобити фарҳангии ҳар ду ҷониб. Бо ташаббуси ҷонибҳо маркази омӯзишии Покистон низ ифтитоҳ шуд, ки ба манфиати ҳар ду кишвар хоҳад буд.

Тоҷикистон ва Покистонро амалисозии лоиҳаи КАСА-1000 бо ҳам наздиктар месозад, корбурдони асосии он Тоҷикистон, Қирғизистон, Афғонистон ва Покистон мебошанд. Бояд қайд кард, ки тавлид ва интиқоли барқи обӣ аз Осиёи Миёна ба Осиёи Ҷанубӣ аз аҳдофи асосии лоиҳаи КАСА-1000 мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки лоиҳаи мазкур дорои 3 бахш аст, ки иборат аз сохтани 1,222 км линаи интиқолӣ ва истгоҳҳо, эҷоди кумакҳои техникӣ ва молӣ тавассути коммиссияҳои муштарак ва рушд ва кумак намудани мардуми ҷойгирифтаи масири он иборатанд.

Истифода ва амалисозии лоиҳаи мазкур кишвари Покистон 1300 мегават барқ дарёфт менамояд, ки бо ин роҳ масоили энергетикӣ коҳиш ёфта, равобит байни кишварҳои минтақа тавсеа меёбад. Зеро ҳамкории минтақавӣ метавонад кафили амн ва тавсиа шавад ва рушди иқтисодии тарафҳо гардад. Ифтитоҳи чархаи дуввуми Роғун низ фоли нек ва заминаи хубест барои интиқоли барқ ба кишварҳои ҳамсоя аз ҷумла, Афғонистону Покистон, ки аз масрафкунандагони асосии энергия маҳсуб мешаванд.

Бояд қайд кард, ки ҳар ду кишвар метавонанд бахши кишоварзӣ ва саноатии худро мавриди омӯзиш қарор дода, заминаҳои муносиберо барои рушд ва тақвият ба вуҷуд оваранд. Зеро ҳар ду кишвар дорои манобеи хуби кишоварзӣ ва саноатӣ ҳастанд.

Дар ҳоли ҳозир Тоҷикистон метавонад дар бахши коркарди маҳсулоти пахта ва бофандагӣ, кишоварзӣ, дорусозӣ, ғизо ва нассоҷӣ аз таҷрибаи Покистон истифода намояд, зеро он дар тавлид ва коркарди маҳсулоти пахтагин дар ҷаҳон дар ҷойи саввум меистад. Коркарди мева, шолипарварӣ, банану мандарини он низ аз маҳсулоти босифат ҳастанд, ки метавон аз он истифода кард. Зеро биринҷи бренди "басматӣ" покистонӣ дар бештар кишварҳои Аврупо, аз ҷумла Амрико харидорӣ ва чун ғизои солиму босифат мавриди истифода мегардад. Аз таҷрибаҳои пешрафтҳои илмии Покистон дар омӯзиши лоиҳаҳои обӣ, физикӣ ва муҳити зист метавон истифода кард, ки ба манфиати тарафайн хоҳад буд.

Хулоса, Тоҷикистони озоду соҳибихтиёр моҳи сентябри соли 1991 чун узви комилҳуқуқи ҷомеа ҷаҳонӣ мавриди эътирофи кишварҳои олам гашт ва бо сарварии фарзанди фарзонаи миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сӯи фардои нек равон-давон аст.

Ҳамин тавр, ин кишвари ҷавону мутамаддин тавонист дар ин 29 соли Истиқлол ба дастовардҳои хубе ноил гардад, ки дар шинохт ва муаррифии халқу ватан кумак расонд. Дар шинохти кишвар ва миллату халқияти он дарёфт ва шарафёб шудан ба Истиқлол замина ва асос маҳсуб мешавад, ки мо насли имрӯз бояд қадру манзалати онро ҳеҷ гоҳ ба чашми паст нанигарем, балки дар шукуфоии он саҳм гирем ва чуноне ки шоир фармудааст,

*Дар ҷаҳон болу пари хеш кушодан омӯз,*
*Ки паридан натавон бо пару боли дигарон.*

# КОРРУПСИЯ ҲАМЧУН ЯКЕ АЗ ҶИНОЯТҲОИ МУТАШАККИЛ: ГУЗАШТА ВА ИМРӮЗ

***Холиқзода Шералӣ Лоиқ – дотсенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ***
***Сайфуллозода Унвониддин Абдулҳамид – ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ***





**Калидвожаҳо:** коррупсия, муқовимат, ҷиноят, ҷомеаи ҷаҳонӣ, иқтисодиёт, қонунгузорӣ, қонун, суиистифода аз ваколатҳои мансабӣ, шахси мансабдор.

**Ключевые слова:** коррупция, противодействие, преступлений, международное сообщество, экономика, законодательство, закон, злоупотребление должностными полномочиями, должностное лицо.

**Key words:** corruption, misconduct, crimes, international community, economy, legislation, law, abuse of power, official personality.

Тоҷикистони соҳибистиқлол тӯли анқариб 30 сол аст, ки дар роҳи эъмори ҷомеаи демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёд ба дастовардҳои назаррас ноил гардида, дар фазои истиқлолияти босубот рушд намуда истодааст. Дар баробари комёбиҳо ва афзалиятҳои ҷомеаи муосир мутаассифона ҷомеаи мо ба зуҳуроти номатлуб – коррупсия, ки ба рушду нумӯи кишвари мо монеагӣ эҷод мекунад, рӯ ба рӯ шудааст.

Ба ҳамагон маълум аст, ки коррупсия чун падидаи номатлуби ҳар давру замон дар ҷаҳони мутамаддин сарҳадҳои давлатҳоро убур карда, ба як масъалаи фаромарзӣ табдил ёфтаст. Ҷомеаи ҷаҳонӣ бо дарназардошти хатари ин ҷиноят кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки пеши роҳи ин зуҳуротро гиранд, ки кишвари мо чун ҷузъи ҷудонопазири ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ин росто истисно нест.

Коррупсия ин зуҳуроти таърихӣ буда, аз таърих ва низоми давлатдорӣ маълум аст, ки вобаста ба шароитҳои мавҷуда, муносибатҳои нави ҷамъияти пайдо мегардиданд. Чуноне ки ба мо маълум аст, аз даврањои пайдоиши давлат байни шахсони мансабдор ва аҳолӣ дар доираи имкониятҳои мавҷуда оиди истифодаи манфиатҳои шахсӣ фарқияти калоне дида мешуд. Ба монанди меҳнат кардани ғулом ва ба даст овардани ҳосил, ки дар ин маврид ғуломдор кӯшиш мекард, ки фоидаи бисёр гирад, ҳуқуқҳои ғуломро поймол намояд ва дар як вақт бо шахсони табақаи болоӣ бо истифода аз ин манфиати бадастовардаи худ, мақоми доштаи худро дар ҷамъият нигоҳ дорад.

Бо мурури замон авҷ гирифтани муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, баланд гардидани шуурнокии аҳолӣ, иқтисодиёти давлат, муносибатҳои молию – пулӣ ва сиёсати давлатдорӣ ба он оварда расонд, ки меъёрҳои нави ҳуқуқӣ аз нав эҷод гардиданд, қонунҳои нав қабул шуда, дар доираи онҳо муносибатҳои ҷамъиятию сиёсии давлатдорӣ ба танзим дароварда мешуданд.

Лекин дар ҳамаи давраҳои таърихии пайдоиши давлатдорӣ ҳамеша фарқият байни табақаҳои болоӣ ва поёнӣ ба назар мерасид. Яъне низоми давлатдорӣ, сиёсати пешгирифташуда чунин тарз амалӣ гардид, ки ҳуқуқ, манфиат ва озодиҳои инсонҳо поймол мегардид. Аммо дар асл поймол шудани ҳуқуқу озодиҳо танҳо бо вайрон кардани меъёрҳои муқарраркардашуда аз ҷониби шахсони мансабдори давлатӣ, яъне кӯшиши ба манфиатҳои шахсӣ кашидани манфиатҳое, ки қонун пешбинӣ кардааст, мебошанд. Ба муқобили ин гуна қонуншиканиҳо табақаи поёнӣ кӯшишҳои сарнагун кардани чунин давлатдориро мекард.

Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки аз давраҳои пайдоиши аввалин давлатҳо низои манфиатҳои шахсӣ ва манфиатҳои давлатӣ, боло гузоштани манфиатҳои шахсию гурӯҳӣ аз манофеъи ҷамъиятӣ, суиистифода аз ваколатҳои мансабӣ арзи ҳастӣ дошт.

Бархӯрди манфиатҳои шахсӣ ва манфиатҳои давлатӣ яке аз асосҳои пайдоиши ҷиноятҳои коррупсиониро ташкил медиҳад. Пас коррупсия ин зуҳуроти таърихӣ буда, мавҷудияти он дар ҳар давру замон вобаста ба шароити мавҷуда мақомеро доро мегардад. Он чун зуҳуроти иҷтимоӣ ҳамқадами инсоният буда, аз он давроне, ки ҷомеаи инсонӣ ба синфҳои антагонистӣ тақсим гашт, коррупсия низ пайдо гардид. Коррупсия падидаи бисёрсамта (иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва психологию ахлоқӣ) буда, моҳиятан маҳсули ҷамъият мебошад, чунки ин падида арзиши ҷамъиятӣ дошта, аз тарафи аъзоёни ҷамъият пардохта мешавад, ба ҷараёнҳои муҳимтарини ҷомеа таъсири худро мерасонад, решаи таърихӣ ва аҳамияти ҷаҳонӣ касб намуда, чун ба одати муқаррарӣ ё қоидаи рафтори ҳатмӣ табдил меёбад. Таърихи башарият мисолҳои зиёдеро медонад, ки сар то ба пой пур аз ришваситонӣ ва фасод аст. Вале таҳқиқи илмии ин падида чун зуҳуроти номатлуби иҷтимоӣ дар охири асри 20 оғоз гардид. Замоне, ки муҳаққиқон ин ё он қисмати коррупсияро мавриди таҳқиқ қарор медоданд андешаи ҷомеа дар атрофи он чун як амали дур аз ахлоқ, ки тобиши ҷиноятомез дорад, ташаккул меёфт.

Дар асоси гуфтаҳои боло ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки давлати Тоҷикистон даҳаи сеюм аст, ки дар фазои истиқлолияти сиёсии ҷаҳон арзи ҳастӣ намуда, барои рушди мардуми кишвар гомҳои устуворона бардошта истодааст. Рушди мустақилона дар баробари афзалиятҳо баъзе омилҳои манфӣ низ дорад, ки яке аз онҳо ин коррупсия мебошад. Ин зуҳуротҳо имрӯзҳо ба яке аз таҳдидҳои олами муосир табдил ёфтааст, ки амнияти кишварҳо ва минтақаҳоро зери хатар мегузорад. Он кулли мамлакатҳои оламро фаро гирифтааст ва дар ҳар макону замон дар сатҳи мухталиф зоҳир мегардад. Онҳо монанди дигар зуҳуротҳои зиддиҷамъиятӣ, коҳишдиҳандаи қонуният, адолат ва боварии мардум ба давлат буда, аз ин лиҳоз боиси ташвишу нигарониҳои сиёсию ахлоқӣ дар ҷомеа мегардад.

Бояд қайд намуд, ки баъди истиқлолият ба даст овардани Тоҷикистон он ба гирдоби муқовимати ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашида шуд ва аз ин рӯ, низоми идора ва арзишҳои ахлоқии он зиёни ҷиддӣ диданд. Ин давра ба пайдоиши муносибатҳои нави иқтисодӣ ва тағйир ёфтани нақшу вазифаҳои мақомоти давлатӣ рост омада, нокифоягии вақт барои ба заминаҳои ҳуқуқии фарогири он, набудани таҷриба ва пайдоиши арзишҳои нави ахлоқӣ, ба вусъати ҷиноятқорӣ дар соҳаи иқтисодиёт ва ҷиноятқории муташаккилона дар кишвар мусоидат намудааст[1].

1.Ниг.: Сафарзода А.И. Правовая природа преступлений в сфере предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан, материалы XVI Международной научно-практической конференции. – М.: РГ-Пресс, 2019. – С. 307.

Коррупсия бемории давраи нумӯ буда, афзоиш дорад ва таҷрибаи давлатҳои пешрафта нишон медиҳад, ки ҳеҷ вақт ба пурраги онро наметавон аз байн бурд. Дар мубориза бо ин падидаи нопок иродаю майли ба он мубориза кардан, қонунҳои дахлдору мақомоти ба мубориза ваколатдор ва афкори ба он созгор доштан, шарт ва зарур аст.

Асосан мафҳуми муқовимат ба коррупсия фаъолияти тамоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ чиҳати ошкор, пешгирӣ ва бартараф намудани сабабу шароитҳои ба коррупсия мусоидаткунанда, ошкор ва мубориза бо ҷиноятҳои коррупсионӣ, инчунин кам намудани содиршавии чунин қонуншиканиҳо ва бартарафсозии оқибатҳои онро дар бар мегирад[2].

Таҳлилҳои муҳаққиқон ва таҷрибаи андӯхтаи фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судӣ аз он дарак медиҳад, ки воқеан шакли ҳарчи бештар хавфнокии зоҳир гардидани коррупсия порахӯрӣ маҳсуб мегардад, зеро он пеш аз ҳама фаъолияти муътадили мақомоти давлатиро халалдор менамояд. Мавзӯи коррупсия ва порахӯрӣ айни замон дар кишвари мо яке аз мавзӯъҳои мубрами ҷомеа ва давлат ба ҳисоб меравад.

Чи тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронӣ ба муносибати 10-солагии таъсиси Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд, ки «Аксарияти мусоҳибон сатҳи коррупсияро дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқу судҳо, соҳаҳои заминсозиву тандурустӣ, бахшҳои оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои милливу сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва комиссариатҳои ҳарбӣ баланд арзёбӣ кардаанд.

Дар соли 2016 аз тарафи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар 145 ҷиноят хусусияти коррупсионидошта содир гардидааст.

Аз ин шумора 45 ҷиноят аз тарафи кормандони Вазорати корҳои дохилӣ, 20 ҷиноят дар Вазорати адлия, 15 ҷиноят дар Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, 12 ҷиноят дар Вазорати мудофиа, 1 ҷиноят дар мақомоти прокуратура ва 5 ҷиноят аз тарафи кормандони мақомоти судӣ содир карда шудааст.

Инчунин, 90 ҷинояти содирнамудаи кормандони соҳаи маориф, 103 ҷинояти кормандони соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва 12 ҷинояти дар комиссариатҳои ҳарбӣ ва 31 ҷинояти кормандони соҳаи идораи замин содиршуда дурустии назарсанҷиро собит месозанд[3]».

Ошкор ва дастраси аҳолии ҷомеа гардидани омори содиршавии ҷиноятҳои коррупсионӣ ва мақомотҳои бештар даст ба кор ба ин кирдори манфӣ имконият медиҳад то он нуқта тасдиқи худро ёбад, ки сиёсати ҳуқуқии давлат бахусус сиёсати ҷиноятии он сарфи назар аз мақому манзалати ниҳодҳои зисалоҳи давлатӣ, мавқеи иҷтимоию мансабии субъектони ба фаъолияти онҳо мувоҷеҳ, воқеан баҳри муқовимат ба коррупсия нигаронида шудааст. Ба сифати айбдоршаванда оид ба парвандаҳои коррупсионӣ ва хусусияти коррупсионӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсоне, ки субъектони ин ҷиноятҳо мебошанд аз он дарак медиҳад, ки мубориза ба ин гуна кирдори таҷовузкунандаи баррасишаванда дар Тоҷикистон ба як сатҳи сифатии нав гузашта, ҳамзамон боиси қабули қарори қатъии роҳбари давлат дар мавриди андешидани тадбирҳои муассир чиҳати

2. Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020 аз 30.08.2013 №1504 [Манбаи электронӣ] // Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикиситон. Тартиби дохилшавӣ: URL: https://anticorruption.tj (санаи истифодабарӣ: 20.01.2020).

3.Ниг.: Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 10-солагии таъсиси Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия. Аз 10.01.2017. [Манбаи электронӣ]. – URL: http://orien.info/siyosat/1190-suhanronii-peshvoi-millat-emomal-ramon-ba-munosibati-10-solagii-tasisi-agentii-nazorati-davlatii-moliyav-va-muboriza-bo-korrupsiya.html (санаи истифодабарӣ: 28.07.2020).

гузоштани садди устувор дар роҳи амалҳои коррупсионӣ гардидааст[4].

Вале ногуфта намонад, ки ошкор намудани шумораи зиёди ҷиноятҳои коррупсионӣ ва оғоз намудани парвандаҳои ҷиноятӣ дар ин хусус муайянкунандаи самаранокии фаъолияти дахлдори мақомоти ҳифзи ҳуқуқро дар муқобили он таҳдидҳою оқибатҳое, ки ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ ва манфиатҳои хизмати давлатӣ ба бор меоваранд, шуда наметавонад. Ноил нашудан ба натиҷаҳои дилхоҳ дар самти муқовимат бо чунин як кирдори таҷовузкоронаи ишорашуда ба сифати дахлдор қабул ва муқаррар нагардидани меъёрҳои таъминкунандаи таҳти ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ қарордошта муносибатҳои ҷамъиятӣ аз ҳама гуна суиистеъмолҳо аз ҷониби шахсони мансабдор содир шаванд, мебошад.

**Руйхати адабиёт:**

1. Суханронии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 10-солагии таъсиси Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия. Аз 10.01.2017. [Манбаи электронӣ]. – URL: http://orien.info/siyosat/1190-suhanronii-peshvoi-millat-emomal-ramon-ba-munosibati-10-solagii-tasisi-agentii-nazorati-davlatii-moliyav-va-muboriza-bo-korrupsiya.html (санаи истифодабарӣ: 28.07.2020).

2. Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020 аз 30.08.2013 №1504 [Манбаи электронӣ] // Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикиситон. Тартиби дохилшавӣ: URL: https://anticorruption.tj (санаи истифодабарӣ: 20.01.2020).

3. Сафарзода А.И. Правовая природа преступлений в сфере предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан, материалы XVI Международной научно-практической конференции. – М.: РГ-Пресс, 2019. – С. 307.

4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (26.12.2018). ш. Душанбе – 2018 с. 27-35

***Холиқзода Ш.Л., Сайфуллозода У.А.***

**Фишурда**

**Коррупсия ҳамчун яке аз ҷиноятҳои муташаккил: гузашта ва имрӯз**

Дар мақола зери омӯзиш масоили коррупсия ҳамчун яке аз ҷиноятҳои муташаккил: гузашта ва имрӯз, қарор дода шудаанд. Дар натиҷаи таҳлили ҷуқур ва ҳаматарафаи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои байналмилалӣ оиди ҷиноятҳои коррупсионӣ, аз тарафи муаллифон хулосаҳои муайян пешниҳод карда шудаанд, ки онҳо ҷиҳати ноил шудан ба натиҷаҳои дилхоҳ дар самти муқовимат ба ҷиноятҳои коррупсионӣ, пешгирӣ ва муборизаи босамар бурдан бо онҳо, мусоидат хоҳанд кард.

***Холиқзода Ш.Л., Сайфуллозода У.А.***

**Аннотация**

**Коррупция как одно из организованных преступлений: прошлое и настоящее**

В статье изучаются вопросы коррупции как одной из организованных преступлений: прошлое и настоящее. В результате всестороннего и глубокого анализа уголовного законодательства Республики Таджикистан и международных актов о коррупционных преступлениях, авторами сделаны определенные заключения, которые будут способствовать достижению желаемых результатов по противодействию, предупреждению и борьбе с коррупционными преступлениями.

***Kholikzoda Sh.L., Saifullozoda U.A.***

**Annotation**

**Corruption as one of the organized crimes: past and present**

The article studies the issues of corruption as one of the organized crimes: past and present. As a result of a comprehensive and in-depth analysis of the criminal legislation of the Republic of Tajikistan and international acts on corruption, the authors have made certain conclusions that will help to achieve the desired results of the fight against corruption.

# ТАЪСИРИ МАНФИИ КОРРУПСИЯ БА СОҲАҲОИ ҲАЁТИ ҶАМЪИЯТӢ

***Миралиев Эмомалӣ Бобоевич – муаллими калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон***
***Раҳмонзода Муҳаммад Ҷамшед – асситенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон***





Мақолаи мазкур ба яке аз масъалаҳои мубрами ҷаҳонӣ, доғи рӯз, зуҳуроти номатлуб, ки ба амнияти дилхоҳ давлати ҷаҳон таҳдидовар мебошад, яъне коррупсия бахшида шудааст. Дар асоси омӯзиши адабиёти илмии соҳа, сомонаҳои расмии ташкилотҳо ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон масоили коррупсия зери таҳлилу баррасӣ қарор дода шуд. Аз ҷумла, диққати асосӣ ба масоили таъсири манфии коррупсия ба соҳаҳои ҳайёти ҷамъиятӣ дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** *пайём, коррупсия, муқовимат, иқтисодиёт, ҷамъият, муносибатҳои ҷамъиятӣ.*

## АННОТАЦИЯ

В этой статье рассматривается одна из наиболее актуальных глобальных проблем - негативное явление, угрожающее безопасности любой страны мира, а именно коррупция. На основе изучения научной литературы на официальных сайтах организаций и действующего законодательства Республики Таджикистан были проанализированы проблемы коррупции. Особое внимание уделяется негативному влиянию коррупции на общественную жизнь.

**Ключевые слова:** *послание, коррупция, противодействие, экономика, общество, связь с общественностью.*

## ANNOTATION

This article examines one of the most pressing global problems - stigma and a negative phenomenon that threatens the security of any country in the world, namely corruption. Based on the study of scientific literature on the ground, official websites of organizations and the current legislation of the Republic of Tajikistan, the problems of corruption were analyzed. Particular attention is paid to the negative impact of corruption on public life.

**Key words:** *message, corruption, counteraction, economy, society, public relations.*

Яке аз масъалаҳои ташвишовари инсоният дар ҳама давру замон ва дар тамоми миқёси давлатҳои ҷаҳон, аз ҷумла Тоҷикистон – коррупсия мебошад. Маҳз муқовимат бо коррупсия устувории сатҳи хуби иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, инчунин хотирҷамъии мардуми кишвар ба ҳисоб меравад.[1]

Ин падидаи манфии хатарзо рушди босуботи мамлакатро боз дошта, боиси нигаронии зиёди шаҳрвандон, ҷомеа ва давлат гаштааст.

Зиёд гардидани ҳодисаҳои коррупсионӣ ва даст задани шаҳрвандону шахсони мансабдор ба ин амали номатлуб, боиси коста-шавии нуфузу эътибори мақомоти давлатӣ гардида, рушди соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро боз дошта, монеаи ҷиддиеро дар самти таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ба бор меорад.

Аз ин рӯ, ҳукумати мамлакат давра ба давра чораҳоеро андешида истодааст, ки пеши роҳи амалҳои коррупсионӣ дар кишвар гирифта шавад, то ки шаҳрвандон тавонанд, ҳуқуқу озодиҳои худро дар дилхоҳ соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ба таври озод амалӣ намоянд.

Новобаста аз он ки дар кишвар тамоми тадбирҳо ҷиҳати бартараф намудани амалҳои коррупсионӣ андешида мешавад, ҳоло ҳам ҳодисаҳои зиёди коррупсионӣ ба назар мерасанд. Бинобар ташвишовар будани ҳолат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 22 декабри соли 2016 зикр намуданд, ки коррупсия рушди босуботи иқтисодиву иҷтимоии кишварро халалдор намуда, боиси нигаронии шаҳрвандон шудааст[2].

Барои пойдор ва дуруст нигоҳ доштани муносибатҳои ҷамъиятӣ зарурат ба миён меояд, ки ҳамеша ва дар ҳама самтҳо ба амалҳои коррупсионӣ муқовимати устувор намоем. Маҳз муқовимат ба коррупсия ва амалҳои коррупсионӣ устувории сатҳи хуби иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, инчунин хотирҷамъии мардуми кишварро таъмин менамояд.

Муқовимат ба коррупсия кори дастаҷамъона ва умум буда, дар он мақомоти давлатӣ дар ҳамбастагӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бо иштироки ҳар як фарди ҷомеа метавонад натиҷаҳои дилхоҳ ба даст оварад ва пеши роҳи коррупсия гирифта шавад. Ин нукта дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии ҶТ таъкид шудааст: «Дар кори мубориза бо коррупсия ғайр аз мақомоти давлатӣ ҳар як фарди ҷомеа низ бояд саҳмгузор бошад[3]».

Тадқиқотҳо шаҳодат медиҳанд, ки қариб 90% аҳолӣ дар он нуқтаи назаранд, ки коррупсия сабаби асосии ҳамаи бадбахтиҳои ҷомеаи мо мебошад. Аз ин хотир, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳои худ қайд карда буданд: “Коррупсия зуҳуроти номатлубест, ки эътимоди мардумро ба давлат коста гардонида, обруву эътибори онро коҳиш медиҳад, барои рушди иқтисодиёти пинҳонӣ ва истифодаи ғайримақсадноки маблағҳои давлативу ҷамъиятӣ шароит фароҳам меорад ва дар маҷмӯъ, боиси поймолшавии ҳуқуқи инсон

1. Раҳмонзода М.Ҷ. Муқовимат ба фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ҳамчун чинояти коррупсионӣ. Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: роҳҳо ва натиҷаҳои он» (ш. Душанбе 7 декабри соли 2019) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Сафарзода А.И.- Душанбе: «Матбаа-и ДМТ», 2020. – 280 саҳ.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2016// Ҷумҳурият. Душанбе, 26 декабри 2016 №254 (23076)
3. Ниг: www.prezident.tj Пайёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ 24.04.2010 12:00

ва заиф шудани пояҳои ахлоқии ҷомеа мегардад[4]".

Барои муайян кардани мафҳуми коррупсия бояд ба панҷ маҳаки асосӣ диққат дод:

1. Муайян намудани соҳаҳое, ки коррупсия дар онҳо рушд намудааст;

2. Ошкор сохтани характер (моҳият)-и кирдорҳое, ки барои ба вуҷуд омадани коррупсия заминагузорӣ мекунанд;

3. Муайян сохтани субъектоне, ки даст ба коррупсия мезананд (субъектони коррупсия);

4. Ангеза ва мақсади содир кардани кирдорҳои коррупсионӣ;

5. Ошкор ва муайян сохтани оқибатҳои кирдорҳои коррупсионӣ.

Дар ин сурат, имконияти муқовимати мукаммал ба коррупсия ва омилҳои коррупсионӣ ба миён меояд.

Яке аз соҳаҳое, ки дар он коррупсия имконият дорад, ки бо авҷи баланд рушд намояд, ин бахши иқтисодиёт аст. Коррупсия ва омилҳои коррупсионӣ махсусан ба муносибатҳои иқтисодӣ алоқаи ногусастанӣ дорад ва он метавонад ба соҳаи иқтисодиёт таъсири манфии худро гузорад. Мақсади асосии афроде, ки ба амалҳои коррупсионӣ даст мезананд, ин гирифтани манфиатҳои моддӣ ба ҳисоб меравад, ки ин манфиатҳо ба соҳаи иқтисодият робитаи зич доранд. Бинобар ин, гуфтан мумкин аст, ки коррупсия ба соҳаи иқтисодиёт чунин таъсир мерасонад:

– имконият фароҳам меорад, ки саркашӣ аз иҷрои вазифаҳо оид ба пардохти андозҳо, пардохтҳои гумрукӣ ва дигар боҷҳо мусоидат ба миён оянд;

– боиси ба вуҷуд омадани иқтисодиёти пасипардагӣ гашта, имкониятҳои буҷавии давлатро оид ба иҷрои барномаҳои иҷтимоӣ коста мегардонад;

– ҷалби сармоягузории ватанӣ ва хориҷиро дар соҳаи иқтисодиёт кам месозад;

– азхудкунӣ ва тасарруф кардани моликияти давлатӣ зиёд гашта, сабаби ноустувор гардидани захираҳои молиявии давлат, аз ҷумла маблағҳои буҷетӣ мегардад;

– барои ходимони давлатӣ имконият фароҳам меорад, ки дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ғайриқонунӣ иштирок намоянд, рақобати озод дар фаъолияти соҳибкорӣ аз байн меравад, дахолат ба фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ ва нобаробарии шароитҳо барои тиҷорат мусоидат менамояд;

– аз ҳама мудҳиштар он ки иқтидори иқтисодӣ, қобилияти мудофиавӣ ва истиқлолияти давлатро суст мегардонад ва боиси нобоварии мардум ба ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдор мегардад.

Инчунин, коррупсия ба пурсамар амалӣ гардонидани ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ, аз ҷумла ҳуқуқ ба моликияти шахсӣ, ҳуқуқ ба меҳнат, интихоби касб ва ғайра халал мерасонад. Вайронкориҳои коррупсионии ҳуқуқ ба моликияти хусусӣ аз ғайриқонунӣ кашида гирифтани он, маҷбурсозӣ ба даст-кашӣ (баъзан бепул додан) аз молу мулк ба манфиати мақомоти давлатӣ ё шахсони дигар, халал расондан ё сохтани монеаҳои сунъӣ барои пурсамар истифода кардани моликият, дахолат ба раванди фаъолияти хоҷагидории моликон иборат аст. Вайрон кардани ҳуқуқ ба меҳнат истифодаи меҳнат бе ба расмият даровардани қабул ба кор, гирифтани маблағҳои музди меҳнат ба дигар мақсадҳо, напардохтан ё сари вақт пардохт накардани музди меҳнат, ба кормандони хоҷагиҳои коллективӣ напардохтани ҳиссаи онҳо аз даромадҳои умумии корхона ва ғайра мебошад.

Дар қисмати суиистифодаи ваколатҳои мансабӣ бо мақсадҳои ғаразнок ё мақсадҳои дигари шахсӣ, кирдорҳои коррупсионӣ ба намудҳои зерин ҷудо мешаванд:

1. Тассаруфи амволи ғайр ё ҳуқуқ ба амволи ғайр бо истифодаи ваколатҳои мансабӣ;

4.Ниг: Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дастрас - http://president.tj

2. Аз тарафи шахси мансабдор содир намудани кирдорҳои коррупсионие, ки бо тассаруфи амволи ғайр ё ҳуқуқ ба он алоқаманд нест. Ин намуди коррупсия дар шакли вайрон намудани ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, поймол сохтани обрӯ ва эътибори ҳокимияти давлатӣ зоҳир меёбад;

3. Намуди классикии коррупсия. Ин аз тарафи мансабдор гирифтани ҳар гуна неъматҳои моддӣ ва ғайримодӣ, хизматрасонӣ вобаста ба содир намудани ягон ҳаракат ё худдорӣ намудан аз ягон ҳаракат мебошад.

4. Кирдорҳое, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд будани шахсони мансабдорро барои гирифтани фоида дар бар мегиранд.

Бинобар ин, муқовимат ба коррупсия дар сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамеша яке аз масъалаҳои мубрам буда, мубориза бо ин зуҳуроти номатлуб ва пешгирии омилҳои ба он мусоидаткунанда сол ба сол ҷиддитар шуда истодааст.

Ба ақидаи мо, бояд барои пешгирӣ намудани вусъати коррупсия дар Тоҷикистон чунин корҳо пеш гирифта шаванд:

1. Баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқии аҳолӣ. Бо мардум наздик шудани ходимони давлатӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратӣ, яъне ба шаҳрвандон фаҳмондани мақсаду мароми қонунҳо ва санадҳои зеріқонунӣ, ки дар онҳо дараҷаи ҳуқуқдорию амалкунии субъектон мустаҳкам гаштааст, омили мусоидаткунандаи ин манбаъ мебошад.

2. Ошкоро, шаффоф ва таҳти принсипи қонуният фаъолият намудани мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар мақомоти давлатӣ, бо мақсади эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон. Заминаи сарчашмагирандаи ин омил сиёсати дурусти интихоби кадрӣ дар соҳаи мазкур, баланд бардоштани савияи дониш ва рушди малакаи касбии ходимони онҳо ба ҳисоб меравад.

3. Беҳбудӣ бахшидан ба сатҳи аз ҷиҳати моддӣ ҳавасмандсозии кормандони ҳифзи ҳуқуқ ва дигар муассисаҳои давлатӣ, таъминоти онҳо бо ашёҳои зарурӣ ва дигар васоити илмию техникӣ, баланд бардоштани сатҳи ҳаёти иҷтимоию иқтисодии онҳо.

4. Пурзӯр намудани назорат аз болои фаолияти шахсоне, ки бо харҷу дахли давлатӣ машғуланд.

5. Мусоидат намудан ба рушди маърифатнокии аҳолӣ ва инкишофи ҷаҳонбинии тафаккури равонии онҳо, тарбияи шаҳрвандон дар рӯҳияи ватандустӣ, масъулиятшиносӣ, худшиносии миллӣ, садоқатмандию эҳтиром ба қонун, ба муқаддасоти миллӣ ва дигар арзишҳои олии инсонӣ ва софдилона ҳифз намудани амнияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва марзу буми кишвар.

6. Тақвият бахшидан ва назорати раванди татбиқгардии қонунҳо ва асноди ҳуқуқие, ки нашр гаштаанд.

7. Ба қонунгузории ҷиноятӣ ворид намудани бандубасти «ваъда кардан», «таклиф намудан» ё «пешниҳод»-и ягон хел афзалияти ғайриқонунӣ ва «пешниҳод/ваъда»-и ҳамин гуна бартарӣ ба сифати таркиби мустақили ҷиноят.

8. Пешбинӣ намудани ҷавобгарӣ барои порагирии ғайрифаъол ва порагирӣ ба фоидаи шахси сеюм бо розигӣ ва огоҳии шахси мансабдор.

9. Баррасӣ намудани имконияти қабул намудани меъёрҳои дахлдори қонунгузорӣ бо мақсади пешбинӣ намудани ҷазои ҷиноятӣ барои бойшавии ғайриқонунӣ.

10. Ба сифати ҷиноят пешбинӣ намудани «суиистифода аз нуфуз» бо мақсадҳои ғаразнок.

Дар умум бояд гуфт, ки коррупсия ин хӯрдашавии пояи ҳокимият аст, ҳамон тавре ки занг оҳанро мехӯрад, коррупсия низ дастгоҳи давлатро хароб намуда, устувории ахлоқи ҷомеа ва бовариро ба он коста мегардонад ва ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ соҳаҳои асосии ҳаётан муҳимми шаҳрвандонро фаро гирифта, ба шуурнокии ахлоқӣ ва ҳуқуқии онҳо ва тамоми ҷанбаҳои ҳаёти

ҷамъиятӣ таъсири манфии худро мерасонад. Мо бояд эътироф кунем, ки коррупсия яке аз мушкилоти шадид ва душвортарин мебошад.[5] Новобаста аз он ки мубориза бо ин зуҳурот бо шеваҳои шадидтар сурат гирифта, аз ҷониби Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва дигар ниҳодҳои давлатӣ садҳо ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ошкору ҷинояткорон дастгир мешаванд, вале то ҳанӯз ришвахӯрӣ дар ҷомеаи мо аз байн нарафтааст. Дар ин сурат, ҳар як фарди ҷомеаро зарур аст, ки дар робита ба таъкиди Президенти кишвар амал намуда, дар муқовимат ба коррупсия саҳмгузор бошад.

**Рӯйхати адабиёти истифодашуда:**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2016// Ҷумҳурият. Душанбе, 26 декабри 2016 №254 (23076)

2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2008, №34 Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012

3. Пайёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ 24.04.2010 12:00 Ниг: www.prezident.tj

4. Паёми Президети Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии ҶТ. Соли 2014// Сайти электронӣ: http://Prezident.tj

5. Сафарзода А.И. Коррупционные преступления в сфере предпринимательской деятельности по законадательству Республики Таджикистан. Вестник университета. 2015. Т.1. №4


6. Сафарзода А.И., Авзалов А.Х. Соотношение понятие коррупции и корупционой преступности по законодательство Республики Таджикистан. //Юридическая наука: история и современность. Санкт-Петербург.,ст.174 – 183.

7. Раҳмонзода М.Ҷ. Муқовимат ба фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ҳамчун ҷинояти коррупсионӣ//Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: роҳҳо ва натиҷаҳои он» (ш. Душанбе 7 декабри соли 2019) // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Сафарзода А.И.- Душанбе: «Матбааи ДМТ», 2020. – 280 саҳ.

5. Сафарзода А.И., Авзалов А.Х. Соотношение понятие коррупции и корупционой преступности по законодательство Республики Таджикистан. //Юридическая наука: история и современность. Санкт-Петербург.,ст.174 – 183.

# ҲАФТ СОЛИ МУҚОВИМАТ БА МАВОДИ НАШЪАОВАР

***Абдуллозода Озода – нозири калони шуъбаи равобит бо ҷомеаи Ситоди Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, майори х.н.м.н.***



Бо ба поён расидани соли 2020, ҳафт соли мубориза зидди мухаддирот, ки дар доираи “Стратегияи миллии мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020” ва “Барномаи соҳавӣ оид ба амалигардонии он барои солҳои 2017-2020” пеш мерафту амалӣ мешуд, ҷамъбаст мешавад.

Бешубҳа, ҳаминро қайд кардан бамаврид аст, ки мубориза бар зидди муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир дар баробари дигар хатару таҳдидҳои замони муосир, аз қабили терроризму ифротгароӣ ва ҷиноятқориҳои муташаккили фаромиллӣ ва киберҷиноятҳо омили муҳими пешрафт дар роҳи таъмини тартиботи ҳуқуқӣ, амнияту бехатарии давлат, суботу оромии ҷомеа ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб меравад.

Дар ин робита, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ бо эҳсос намудани хатари оқибати ногувор дошгани гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар ба генофонди миллат ва амнияти миллӣ, тамоми заминаҳои ташкилию ҳуқуқиро барои пурзӯр намудани муборизаи беамон бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир муҳайё намуданд.

Тавре Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии кишвар иброз доштанд, даромад аз муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, ки ҳамасола дар ҷаҳон даҳҳо миллиард долларро ташкил медиҳад, яке аз манбаъҳои асосии маблағгузории терроризми байналмилалӣ мебошад ва мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ҷузъи мубориза бо терроризм ва экстремизм маҳсуб меёбад.

Аз соли 2013 то ҷамъбасти шаш моҳи аввали соли 2020 мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратии Тоҷикистон аз муомилоти ғайриқонунӣ 32 тонна маводи нашъовар мусодира карданд. Аз ин миқдор беш аз 2 тоннаи онро героин ташкил дода, афюни дар ин муддат мусодирашуда зиёда аз 7 тоннаро дар бар мегирад. Мухаддироти гурӯҳи бангдона зиёда аз 22 тонна ва боқӣ беш аз 43 килои онро мухаддироти навъҳои дигар ташкил намудааст.

Пешгирӣ ва мубориза бо муомилоти моддаҳои психотропии синтетикӣ, ки ба саломатии инсон хатари бештар доранд, фурӯши чаканаи онҳо ва тавассути интернет-мағозаҳо бидуни аз даст ба даст додан, паҳн намудани онҳо дар байни ҷавонон дар тарабхонаҳо ва марказҳои дилхушӣ низ ҷиддан ба роҳ монда шудааст.

Дар ин росто, бо қувваи муштараки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратии кишвар дар муддати зикршуда 65 ҳазору 642 ҳабби ситетикӣ ва 68 килою 464 грамми

дигар моддаҳои психотропӣ дар намуди хока мусодира карда шуд.

Тӯли ин муддат 6256 ҷинояти вобаста ба маводи мухаддир ба қайд гирифта шуд ва тибқи ин парвандаҳо 7 ҳазору 114 нафар ба ҷурми ширкаташон дар муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шуданд, ки 198 нафари онҳо занон буданд.

**Бозгашти шаҳрвандони мо дар хориҷ ва хориҷиён дар мо**

Аз соли 2013 то шаш моҳи соли 2020 берун аз хоки Тоҷикистон 3 ҳазору 392 нафар барои иштирок дар интиқол ва фурӯши маводи мухаддир бозгашт шуданд ва аз онҳо ба миқдори наздик ба 4 тоннаву 759 кило маводи мухаддир мусодира шудааст. Аммо боиси хушнудист, ки сол ба сол шумораи шаҳрвандони Тоҷикистон, ки дар хориҷи кишвар бо ҷурми маводи нашъадор дастгир мешаванд ва миқдори маводи мухаддире, ки аз шаҳрвандони Тоҷикистон дар хориҷи кишвар мусодира мегардад, мутаносибан 2,5 ва 8 маротиба коҳиш ёфтааст.

Аз шаҳрвандони ҷумҳурӣ, ки дар ин давра дар хориҷи кишвар бо ҷурми муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар дастгир шудаанд, дар маҷмӯъ 4 т 758 кг 991 гр маводи нашъаовар мусодира карда шудааст, ки тибқи таҳлилҳо ҳаҷми маводи мусодирагардида сол аз сол рӯ ба коҳиш ниҳодааст, аз ҷумла дар соли 2013 – 1 т 189 кг 921 гр, 2014 – 1 т 217 кг 317 гр, 2015 – 1 т 299 кг 890 гр, 2016 – 474 кг 871 гр, 2017 – 160 кг 401 гр, 2018 – 205 кг 925 гр, 2019 – 166 кг 402 гр ва 6 моҳи соли 2020 - 44 кг 263 гр мебошад.

Соли 2019 аз ҳамватанони дар хориҷ бозгаштаи мо каме бештар аз 166 кило ва дар 6 моҳи соли 2020 44 килову 263 грамм мусодира кардаанд. Шаҳрвандони мо аз ҳама бештар дар Федератсияи Россия бозгашт мешаванд. Мутаассифона аз соли 2013 то охири соли 2019 дар шаҳрҳои мухталифи Росия 2999 нафар ҳамватанони мо бозгашт ва зиндонӣ шудаанд. Аммо боз ҳам омори таҳлилӣ нишон медиҳад, ки зарфи 5 соли охир бозгашти шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар бо ҷурми даст доштан дар муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир 2,5 маротиба коҳиш ёфтааст. Яъне агар соли 2015 бо ин ҷурм 750 нафар шаҳрвандони Тоҷикистон дар хориҷи кишвар дастгир шуда бошанд, дар соли 2019 ҳамагӣ 308 нафар дастгир шудаанд.

Дар Тоҷикистон низ хориҷиён барои интиқолу тиҷорати мухаддирот бозгашт мешаванд. Чунончи, дар солҳои 2013-2019 ва 6 моҳи соли 2020 аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратии Ҷумҳурии Тоҷикистон 179 нафар шаҳрвандони хориҷӣ дастгир карда шуданд ва аз онҳо бештар аз 3 тоннаву 200 кило мухаддирот мусодира гардид.

**Фаъолияти Агентӣ дар чанд сатр**

Албатта наметавон ҳама дастоварду комёбиҳои як ниҳоди зиддимухаддиротиро дар ҳаҷми як мақоли кутоҳ ғунҷонд. Вале бахшҳои басо муҳиме ҳастанд, ки мехоҳем атрофашон ибрози назар кунем.

Аз соли 2013 то 6 моҳи соли равон кормандони Агентӣ аз муомилоти ғайриқонунӣ 5 тоннаву 714 кило маводи мухаддир мусодира намуданд, ки 265 килои он героин, зиёда аз 1 тонна афюн, 3 тоннаву 590 килло бангдона мебошад.

Ҳамчунин, дар ин давра Агентӣ аз муомилоти ғайриқонунӣ 16 ҳазор ҳабҳои синтетикӣ ва зиёда аз 17 кило маводҳои нави психотропӣ дар намуди хока ва кристалл мусодира намудааст.

Дар ин давра Агентӣ дар ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакат 60 амалиёти муштарак гузаронид, ки натиҷаи он мусодираи беш аз 1 тонна маводи мухаддир буд.

Агентӣ аз соли 2013 бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварҳои хориҷӣ 72 амалиёти муштарак гузаронидааст, ки бар асари он аз муомилоти ғайриқонунӣ бештар аз 4 тоннаву 126 кило маводи мухаддир мусодира гардидааст. Ҳудудан 357 килои он героин, бештар аз 3 тонна афюн ва ҳудудан 678 кило бангдонаро дар бар мегирифт. Бештар бо сохторҳои дахлдори Афғонистон (53), Россия (12), Қирғизистон (3), Чин (2) ИМА (1) ва Қазоқистон (1) амалиёти муштарак роҳандозӣ шудааст.

**Маҳви мухаддирот ва пешгирӣ аз нашъамандӣ**

Зарфи ин муддат, дар асоси ҳалномаи судҳои кишвар дар бухории махсуси Агентӣ 10 тоннаву 803 кило маводи мухаддир маҳв карда шуд.

Дар солҳои 2013-2019 ва 6 моҳи соли 2020 кормандони Агентӣ муштаракан бо намояндагони вазорату идораҳои дахлдори кишвар ҷиҳати пешгирии нашъамандӣ ва тарғиби тарзи ҳаёти солим, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ ва дар ин замина пешгирӣ намудани паҳншавии нашъамандӣ дар байни аҳолии кишвар мунтазам вохӯрию мулоқот, семинарҳои омӯзишӣ, мизҳои мудаввар ва чорабинии оммавӣ ва варзишии зиддинашъамандиро ташкил ва баргузор намуданд.

Дар доираи татбиқи Стратегияи миллии мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020 ва қарорҳои Шӯрои ҳамоҳангсозӣ оид ба пешгирии суиистеъмоли маводи нашъадор, аз ҷониби Агентӣ дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ корҳо баҳри пешгирии нашъамандӣ боз ҳам вусъат бахшида шуданд. Дар натиҷаи тадбирҳои амалигардида сатҳи нашъамандӣ коҳиш ёфта, шумораи нашъамандон аз 7176 нафари соли 2013 то 5190 нафар дар шаш моҳи аввали соли 2020 коҳиш ёфтааст. Яъне тибқи омори таҳлилӣ шумори гирифторон ба бемории нашъамандӣ дар кишвар дар ин солҳо ба 1986 нафар, яъне 27,7 фоиз кам шудааст.

**Ҳамкориҳои байналмилалӣ**

Бо мақсади боз ҳам вусъат бахшидан ба ҳамкориҳои дуҷониба ва баланд бардоштани самаранокии мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар бо ташаббуси Агентӣ дар давоми солҳои 2013-2020 як силсила созишномаҳои ҳамкорӣ миёни Ҳукумат ва мақомоти салоҳиятдори Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумат ва мақомоти салоҳиятдори Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Ҷумҳурии Қирғизистон ба имзо расида, ҳамчунин лоиҳаҳои созишномаҳои ҳамкорӣ миёни Ҳукумат ва мақомоти салоҳиятдори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумат ва мақомоти салоҳиятдори Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Италия ва Ҷумҳурии Исломии Покистон таҳия шудааст, ки дар айни замон ҷонибҳо онро мавриди баррасӣ қарор медиҳанд.

**Натиҷаи ин талошҳо чӣ буд?**

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки татбиқи Стратегияи миллии мубориза бар зидди гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пурзӯр кардани ҳифзи сарҳади давлатӣ ва дар маҷмӯъ чораҳои андешидаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратии кишвар дар мубориза бо муомилоти ғайриқонунии маводи нашъаовар барои ба даст овардани натиҷаҳои мусбат мусоидат намуданд.

Дар ин росто, аз рӯи маълумоти мақомоти салоҳиятдори давлатҳои Осиёи Марказӣ ва Федератсияи Россия, ки дар “Масири Шимол” қарор доранд, то 5-6 маротиба коҳиши назарраси ҳаҷми воридот ва қочоқ, содирот ва мусодираи маводи мухаддири афғонӣ дар муқоиса бо солҳои пешин ба мушоҳида мерасад.

Ба ин ҳолат далелҳои зерин шаҳодат медиҳанд:

– интиқоли 10 фоиз маводи мухаддири истеҳсоли Афғонистон тавассути “Масири Шимол” ва боқимонда 90 фоиз аз дигар масирҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки назорат дар ин самт дар ҷумҳурӣ ва умуман дар Масири Шимол ба маротиб пурзӯр карда шудааст;

– аксарияти маводи мухаддир, ки ба таври қочоқ ба Тоҷикистон ворид мегарданд, дар хати сарҳад ё дар минтақаҳои наздисарҳадӣ мусодира мегарданд. Соли 2019 дар Тоҷикистон дар маҷмӯъ аз муомилоти ғайриқонунӣ 1 т 637 кг маводи мухаддир мусодира гардид, ки аз онҳо 781 кг ё 48 фоиз дар минтақаҳои наздисарҳадӣ мусодира гардидаанд. Мо ба воридшавии маводи нашъадор ба дохили Тоҷикистон ва минбаъд аз Тоҷикистон ба дигар кишварҳо садди устувор гузоштаем;

– дар чор соли охир (2017-2020) дар давлатҳои хориҷӣ ягон ҳолати қочоқи маводи мухаддир тавассути нақлиёти автомобилӣ, ҳавоӣ

ва роҳи оҳани Тоҷикистон ошкор нашудааст, ба истиснои як ҳолат дар Қазоқистон (аз автомашина 12 кг героин). Солҳои пешин, яъне 5-6 сол қабл ҳамасола дар ҳудуди Федератсияи Россия, Қазоқистон ва дигар давлатҳо 10-15 чунин ҳолатҳо ба миқдори махсусан калон (100 кг ва зиёд) ошкор мешуданд;

– дастгиршавии шаҳрвандони мо дар хориҷа соли 2017 ба 33 фоиз ва соли 2018 ба 10 фоиз, аз ҷумла дар Федерасияи Россия мутаносибан ба 31 ва 11 фоиз кам шудааст. Ин раванд дар соли 2019 низ идома ёфта, аз руи маълумотҳои пешакӣ коҳишёбӣ 23 фоизро ташкил медиҳад, аз ҷумла дар Федератсияи Россия 24 фоиз;

– ҳамин тавр, дар 5 соли охир дастгиршавии шаҳрвандони мо дар хориҷа 2,5 маротиба (750/308) ва ҳаҷми мусодираи маводи нашъаовар аз шаҳрвандони мо дар хориҷи кишвар 8 маротиба (1299/166 кг) кам шудааст;

– ҳамасола мақомоти салоҳиятдори Тоҷикистон аз 500 то 1000 ҷиноятҳои мухаддиротиро муайян ва ошкор менамоянд. Танҳо дар соли 2019 582 ҷиноятҳои вобаста ба маводи мухаддир ошкор ва ба қайд гирифта шудаанд (соли 2018-812 ҷиноят);

– дар Тоҷикистон мақомоти салоҳиятдор ҳамасола аз муомилоти ғайриқонунӣ аз 2 то 5 тонна маводи мухаддирро мусодира менамоянд. Танҳо дар се соли охир (2017-2019) аз муомилоти ғайриқонунӣ қариб 10 тонна маводи мухаддир мусодира гардидааст. Солҳои охир коҳиш ёфтани мусодираи маводи нашъаовар дар ҷумҳурӣ ба мушоҳида мерасад, мисол ҳаҷми мусодираи он дар соли 2018 29 фоиз ва соли 2019 2,2 маротиба кам гардидааст. (соли 2019-1 т 637,5 кг);

– дар Тоҷикистон ҳаҷми мусодираи маводи мухаддири афғонӣ, аз ҳаҷми умумие, ки дар ҳамаи кишварҳои ҳамсояи Осиёи Марказӣ ва Федератсияи Россия мусодира гардидааст, зиёдтар мебошад;

– солҳои охир дар Тоҷикистон коҳишёбии сатҳи нашъамандӣ дар байни аҳолии маҳаллӣ ба мушоҳида расида, шумораи нашъамандон аз 8645 нафар дар соли 2008 то 5190 нафар ба ҳолати 1 июли соли 2020 расидааст, ки он ба 3455 нафар ё 39,8 фоиз ва дар муқоиса бо соли гузашта бошад ба 684 нафар ё 11,3 фоиз коҳиш ёфтааст;

– дар давоми солҳои 2017-2020 мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Тоҷикистон 35 гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятии фаромиллиро ошкор ва фаъолияташонро қатъ намуданд;

– аз сабаби он, ки мубориза дар кишварҳои Масири Шимолӣ, аз ҷумла Тоҷикистон тақвият дода шуд, чанд соли охир мусодираи маводи мухаддири истеҳсоли афғонӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Федератсияи Россия қариб 6 маротиба коҳиш ёфтааст;

– дар ин давра ягон ҳолати ошкори қочоқи прекурсорҳо тариқи сарҳади Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ба қайд гирифта нашудааст;

– фаъолияти муназзами Агентӣ ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ мусоидат намуданд, ки дар Тоҷикистон ба кишт ва истеҳсоли маводи нашъаовар роҳ дода нашуд;

– ҳар сол (4 соли охир) дар Тоҷикистон 10-15 ҳазор таблеткаҳои моддаҳои нави синтетикии психотропии нашъадор мусодира мегарданд.

Дар соли 2018 15 880 ва соли 2019 7555 адад чунин ҳаббҳо мусодира шудаанд. Асосан ҳаббҳои МДМА, алпразолам, фенобарбитал, амфетамин ва дигар намудҳо мусодира мегарданд. Бори аввал дар Тоҷикистон моддаҳои синтетикии психотропии нашъадор соли 2006 дар намуди 1 (як) адад ҳабб мусодира шуда буд. Баъдан низ чунин ҳаббҳо мусодира мешуданд, вале онҳо характери якдафъаинаро доштанд. Дар панҷ соли охир бошад, ошкор ва мусодираи моддаҳои синтетикии психотропии нашъадор характери системавӣ ва доимӣ пайдо намудааст, ки боиси нигаронӣ мебошад.

Кормандони Агентӣ дар қатори дигар кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва қудратӣ мекӯшанд то сарбаландона дар мубориза бо қочоқи маводи мухаддир, ҳифзи солимии ҷомеа аз истеъмоли маводи нашъадор ва баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии аҳолӣ содиқона иҷрои вазифа намоянд.

# ВАҲДАТИ МИЛЛӢ – ДАСТОВАРДИ БУЗУРГИ ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛ

***Равшаналиев Фирӯз Рамазонович – корманди Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон***



Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои аввали Истиқлолияти давлатӣ, бо сабабҳои дохилию берунӣ ба ҷанги шаҳрвандӣ рӯ ба рӯ шуда буд, ки хисороти хеле зиёдро ба бор овард. Дар натиҷаи ин ҷанги хонумонсӯз зиёда аз 150 ҳазор нафар сокинони кишвар ба ҳалокат расида, қариб як миллион нафар гуреза шуданд ва 55 ҳазор кӯдак ятим монд. Аммо бо “раҳми Парвардигор” (Лоиқ Шералӣ) ва бо иродаи қавию сулҳпарваронаи миллати тоҷик 27 июни соли 1997 Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ ба имзо расид, ки ба раванди ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон нуқта гузошт. Ин руйдоди ниҳоят муҳими таърихӣ давлати тоҷиконро аз парокандагӣ наҷот бахшида, тақдири ояндаи миллатро ба тарафи дурахшандагӣ тағйир дод.

Раванди низоъҳои дохилидавлатии кишварҳои шарқи наздик, эътирозҳои пай дар пайи шаҳрвандон дар кишварҳои Ғарб баёнгари мушкилоти ҷадиди инсоният ва таҳдиди бевосита ба амнияти давлатҳо дар замони муосир мебошад. Шароити ҷаҳони зудтағйирёбанда тақозо менамояд, ки давлатҳои миллӣ баҳри амнияти пойдор ва сулҳу оромӣ дар кишвар беш аз пеш таваҷҷуҳи хосаро зоҳир намоянд, зеро омилҳои низоъбарангез, ки аз ҷониби гурӯҳҳои манфиатдор ва тибқи нақшаҳои давлатҳои абарқудрат ба хотири ноором сохтани вазъияти як кишвар ва минтақа равона шудаанд, ҳанӯз ҳам давом дорад. Пӯшида нест, ки вазъияти пурихтилофи кишварҳои шарқи наздик ва Афғонистон, агар барои мардуми ин давлатҳо фоҷиаи бузург ва боиси талафоти ҷониву молӣ бошад, аз тарафи дигар барои гурӯҳҳои алоҳида он ба сифати воситаи расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ мебошад.

Гарчанде, ки насли ҷавони имрӯзаи Тоҷикистон хушбахтона он давраи фоҷеабори солҳои ҷанги шаҳрвандиро бо чашмони худ надидаанд, имрӯз аз сархатти хабарҳои кишварҳои ҷангзада, аз қабили Ироқу Шом ва Сурия баръало мушоҳида менамоянд, ки чӣ гуна шаҳрвандони бегуноҳ ва бесарпаноҳ ранҷу азоб дида, ҷони худро аз даст медиҳанд. Бояд гуфт, ки замоне ин давлатҳо чун “гаҳвораи тамаддуни ҷаҳонӣ” машҳур буданд ва фазои орому осуда ва шаҳрвандони он зиндагии шоистаро доштанд, вале бо пайдоиш ва густариши ҳар гуна гурӯҳҳои иртиҷоӣ суботи ин ҷомеаҳо халалдор гашта, аҳолии осоишта қурбони низоъҳо гардиданд ва нисфи зиёди шаҳрвандон ба кишварҳои дигар гуреза шуданд. Бо гузашти чандин солҳо ҳанӯз ҳам барои ин кишварҳо муяссар нашудааст, ки оташи ин ҷангро хомӯш созанд. Бояд гуфт, ки яке аз сабабҳои асосии нарасидан

ба сулҳ дар ин кишварҳо, вуҷуд надоштани пешвои сиёсӣ ва мардумӣ мебошад. Шахсияти барҷастае пайдо намешавад, ки мардум аз паси ӯ бираванд. Пешво ва сарваре пайдо намешавад, ки аксари шаҳрвандон ба суханонаш гӯш фаро диҳанд ва идеяҳои ӯро ҷонибдорӣ намоянд. Ҳанӯз ҳам дар ин кишварҳои ҷангзада фарде пайдо нашудааст, ки қудрати муттаҳид кардани халқро дошта бошад.

Дар ин ҷо мавриди зикр аст, ки дар роҳи расидан ба сулҳу ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон нақши фарзанди фарзонаи миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон басо бузург аст. Маҳз шахсияти Пешвои миллат буд, ки халқи тоҷик аз парокандагӣ наҷот ёфт ва то охирин гурезаи тоҷик ба ватан баргашт. Аз ин ҷост, ки хизматҳои бузурги ӯро миллат ҳаргиз фаромӯш нахоҳад кард.

Сулҳи тоҷикон на танҳо давлату миллатро наҷот дод, балки дар дили насли ҷавони тоҷик умед ба ояндаи нек, хушбахтӣ, ифтихори миллӣ ва ваҳдати ногусастаниро зинда намуд. Имрӯз миллати тоҷик ифтихор аз он дорад, ки дар баробари дигар халқиятҳои олам ҳуқуқу овози баробар дошта, ҳувияти миллии хешро дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ менамояд.

Маҳз истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллӣ ба мо имкон дод, ки ба сифати кишвари соҳибистиқлол ва узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ сиёсати “дарҳои боз”-ро эълон ва пайгирӣ намуда, барои ҳимоя ва пешбурди манфиатҳои миллӣ бо тамоми кишварҳои ҷаҳон, созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ муносибатҳои нек ва мутақобилан судмандро ба роҳ монад. Дар муддати начандон тӯлонӣ Тоҷикистон тавонист худро на танҳо чун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ, балки ба сифати кишвари пешсаф дар роҳи ҳалли масъалаҳои сатҳи ҷаҳонӣ нишон диҳад.

Мусаллам аст, ки тамоми пешравиҳо ва рушду инкишофи ҷомеа аз сулҳу субот вобастагӣ дорад. Маҳз фазои ороми кишвар имкон медиҳад, ки кӯдакону наврасон дар шароити мусоид ва ҷомеаи солим тарбия ёфта, ба камол расанд. Ҷавонон таҳсили хуб гирифта, зарфиятҳои зеҳнии бузург, ки неруи асосии давлат ба ҳисоб мераванд, пайдо шаванд ва дар хидмати давлату ҷомеаи худ қарор гиранд. Дар чунин ҳолат тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ пешрафт мекунад.

Бо гузашти замон аз санаи имзои Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ ва таҷлили ҳар сола аз ҷашни Ваҳдати миллӣ моро водор месозад, ки моҳияти ваҳдату ягонагиро беҳтару бештар дарк намоем. Ба қадру қимати сулҳу оромӣ бирасем. Тоҷикистони мо ганҷинаҳои бениҳоят зиёд дорад, аммо аз ҳама неъмати бебаҳои миллату давлати мо ин сулҳу ваҳдат дар кишвар мебошад. Пӯшида нест, ки ҳанӯз ҳам гурӯҳҳои манфиатҷӯ сулҳу оромии кишвари моро намехоҳанд ва ба ҳар восита кӯшиш менамоянд, ки амнияти ҷомеаро халалдор созанд. Аз ин рӯ, ҷомеаи мо ва махсусан ҷавонони закии моро зарур аст, ки баҳри ҳифз ва пойдории сулҳу субот ва ваҳдату якдигарфаҳмӣ миёни тамоми бошандагони Тоҷикистони азиз талош варзанд. Бархе аз кишварҳои дунё дар орзӯи як рӯзи оромӣ ва ташнаи сулҳ ҳастанд, зеро қариб рӯзе нест, ки бе қатлу куштор ва бе гиряи кӯдакону занон сипарӣ шавад.

Бинобар ин, аҳли ҷомеаи моро зарур аст, ки тамоми кӯшишу заҳмати худро бар он равона созанд, ки сулҳи пойдор дар ватани маҳбубамон ҷовидон бошад. Танҳо дар ҳамбастагӣ бо якдигар мо метавонем зиндагии шоиста дошта бошем. Чунон ки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фармудаанд: “Тавоноӣ ва некбахтии ҳар як миллат ба иттиҳоду ваҳдати афроди он вобаста аст”.

# НАҚШИ ПАДИДАИ ТАҲЛИЛИ ТАЪСИРИ ТАНЗИМКУНӢ ДАР ПЕШГИРИИ ОМИЛҲОИ КОРРУПСИОНӢ

***Зариф Умед Мирзомиддин – сардори бахши таҳлили таъсири танзимкунии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон***



***Калидвожаҳо:*** *татбиқ; марҳила; таҳлил; танзимкунӣ; таъсир; коррупсия.*

***Ключевые слова:*** *внедрение; этапы; анализ; регулирование; воздействие; коррупция.*

***Key words:*** *introduction; stages; analysis; regulation; impact; corruption.*

Иҷро ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ мавриди таваҷҷуҳи хоси давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон қарор доранд. Рушди иқтисодиёти рақамӣ дар тағйир ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсир расонида, боиси пешрафти фаъолияти бахши хусусӣ мегардад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба рушди муносибатҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва фазои мусоиди сармоягузорӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд.

Бо дарназардошти муҳимияти он Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 26 декабри соли 2019 дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳор намуданд, ки “Ҳукумати кишвар вазифадор карда мешавад, ки минбаъд ба ҷанбаҳои сифатии рушди иқтисоди миллӣ, тақвияти неруи инсонӣ, бо истифода аз технологияҳои муосир ва ҷорӣ намудани инноватсия, вусъат додани истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ, такмили низоми дастгирии соҳибкориву сармоягузорӣ ва тавсеаи иқтисодиёти рақамӣ диққати аввалиндараҷа диҳад”.

Ҳамчунин, таъкид гардид, ки диққати аввалиндараҷа ба заминаи ягонаи ҳуқуқӣ, такмили қонунгузории низоми дастгирии соҳибкориву сармоягузорӣ, дар рушди бахши хусусӣ, махсусан истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ равона гардида, ҷорӣ намудани низоми дақиқи андозбандӣ, содда гардонидани расмиёти иҷозатдиҳиву иҷозатномадиҳӣ ва кам кардани шумораи онҳо, ба талаботи замони муосир мутобиқ намудани тартиби пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ ва роҳандозии чорабиниҳои ҳавасмандгардонӣ дар соли 2020 аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нақша гирифта мешаванд[1].

Вобаста ба механизми танзими ҳуқуқии самтҳои зикргардида, таъсиррасонии санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда мавқеи муҳимро ишғол менамояд.

Қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 танзим ва такмили муносибатҳои нави ҷамъиятиро ба миён оварда, марҳилаи навро дар таҳия, такмил ва қабули қонунҳо оғоз намуд.

Дар заминаи он Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30 майи соли 2017, №1414 дар

таҳрири нав қабул шуд, ки махсусан боби алоҳида бо номи «Боби 4. Хусусиятҳои банақшагирӣ, таҳия, таҳлили таъсири танзимкунии санади меъёрии ҳуқуқие, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ таъсири имконпазир дорад» пешбинӣ карда шуд ва инчунин, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 ноябри соли 2015 №673 «Дар бораи Консепсияи низоми таҳлили таъсири танзимкунӣ» тасдиқ шудааст, ки барои таъмини иштироки фаъоли ҷомеа дар раванди фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, аз ҷумла соҳибкорону сармоягузорон заминаи ҳуқуқӣ барои таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ шароит фароҳам оварад[2].

Бо мақсади мушаххас намудани мазмуни меъёрҳои боби 4 Қонун ва боз ҳам муфассал танзим намудани муносибатҳо вобаста ба таҳлили таъсири танзимкунӣ Дастурамал оид ба гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби пешбурди Портали интернети иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 июли соли 2018, №355 ва аз 29 декабри соли 2018, №617 тасдиқ шуданд», қабул шудааст [3].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки рӯз то рӯз шумораи давлатҳое, ки таҳлили таъсири танзимкуниро қабул менамоянд зиёд шуда истодааст. Барои мисол, тибқи таҳлили Волшинская А.А. шумораи лоиҳаҳое, ки дар кишварҳои Британияи Кабир, Америка, Канада, Австралия, Россия ва дигар давлатҳои Аврупо аз таҳлили таъсири танзимкунӣ гузаронида мешаванд, ки ба соҳаи соҳибкорӣ ва иқтисодиёт таъсиррасон аст, дар як сол ба ҳисоби миёна аз 500 то 1200 лоиҳаҳоро дар бар мегирад. Ҳамаи лоиҳаҳои гузаронидашуда барои муайян намудани оқибатҳои мусбӣ ва манфии он равона шудааст, ки дар ҷомеа танзимнамоии дурусти он ба роҳ монда мешавад.

Таҳлили таъсири танзимкунӣ ин механизме, ки бо мақсади паст намудани монеаҳои маъмурӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ, баланд бардоштани сифати қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва беҳтар намудани фазои мусоиди соҳибкориву сармоягузорӣ равона шудааст. Тартиби мазкур барои таҳлили лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо мақсади муайян намудани муқаррароте, ки ба монеаҳои маъмурӣ ва дигар маҳдудиятҳо дар соҳаи соҳибкорӣ, инчунин харочотҳои беасос ҳам барои соҳибкорӣ ва ҳам барои буҷети давлатӣ, ки мушкилоти мавҷуда дар доираи танзимнамоии мазкур ҳалли худро меёбад, равона гардидааст. Яъне барои танзими ин ё он муносибатҳо дар ҷомеа тавассути ин падидаи нав аввалиндараҷа мушкилоти онро муайян намуда, баъдан роҳҳои танзимнамоӣ, роҳҳои ҳалли он, натиҷаи мусбӣ ва манфии танзими роҳҳои пешниҳодшуда дар асоси таҳлили иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳолати воқеӣ ва мушкилот дар ҷомеа баҳо медиҳад.

Ба замми ин, субъектони таҳиякунандаи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар баробари муайян намудани мушкилоти танзимнамоии муносибатҳои ҷамъиятӣ, инчунин уҳдадориҳо ва маҳдудиятҳоро барои субъектони соҳибкорӣ муайян намуда дар таҳлили таъсири танзимкунӣ дарҷ менамоянд.

Аз 21-уми апрели соли 2019 бо расман роҳандозии Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ аз таҳлили таъсири танзимкунӣ гузаронида шудааст. Аз ҷумла, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш», ки аз ҷониби Кумитаи ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуда буд. Дар лоиҳаи мазкур уҳдадориҳо ва маҳдудиятҳое, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ равона шуда буд, аз ҷумла аз ҷониби ташкилотҳои букмекерӣ пардохти 5% даромади худ ба фоидаи Кумита пешниҳод шуда буд. Таҳлил муайян кард, ки уҳдадориҳои барзиёд нисбати ташкилотҳои букмекерӣ мувофиқи талаботи қонун ва таҷрибаи бай-

налмилалӣ тартиб дода шуда, нисбати он хулосаи ҳуқуқӣ пешниҳод карда шуд.

Дигар лоиҳаҳои пешниҳодшуда, бодарназардошти омода накардан тибқи талаботи моддаи 36 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз таҳлили таъсири танзимкунӣ гузаронида нашудаанд.

Боиси зикр аст, ки яке аз талаботҳои таҳлили таъсири танзимкунӣ арзёбии хароҷоти буҷети давлатӣ ва оқибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар сурати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ мебошад.

Бо дарназардошти он ки ҳангоми гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ механизми арзёбии хароҷоти буҷети давлатӣ ва оқибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар сурати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ пурра танзими ҳуқуқии худро наёфтааст, дар асоси қонунгузорӣ дар самти муқовимат ба коррупсия арзёбӣ намудани хароҷотҳои зикргардида мувофиқи мақсад мебошад.

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки омили муҳимтарине, ки ба сатҳи коррупсия дар ҷомеа таъсир мерасонад, самаранокии истифодаи воситаҳои ҳуқуқӣ мебошад[4]. Мутобиқи банди 3 моддаи 5 Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия, ки аз ҷониби Тоҷикистон дар соли 2006 ба тасвиб расидааст, ҳар як давлати иштирок дар кӯшиш менамояд ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии дахлдор ва чорабиниҳои маъмуриро бо мақсади муайян кардани мутаносибии пурраи онҳо ҷиҳати пешгирии коррупсия ва мубориза бар зидди он мунтазам баҳо диҳад, бо эҷод намудани меъёрҳои ҳуқуқӣ пеши роҳи онро гирад[5].

Аз соли 2012 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» қабул карда шуд, ки дар моддаи 5 омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия муайян карда шудааст[6]. Ин омилҳои муайяншуда аз ҷумла, васеъ будани доираи ваколатҳои додашуда, муайян кардани салоҳият аз рӯи қоидаи «ҳуқуқ доштан», интихобан тағйир додани доираи ҳуқуқҳо, озодии аз ҳад зиёди меъёрэҷодкунии санадҳои зерқонунӣ, қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ берун аз доираи салоҳият, ихтилофҳои меъёрӣ, мукаммалгардонии норасоиҳо дар қонунгузорӣ таваccути санадҳои зерқонунӣ бидуни ба таври қонунгузорӣ ваколатдор шудан, мавҷуд набудан ё нопуррагии расмиёти маъмурӣ, даст кашидан аз расмиёти баргузории озмунҳо, мавҷудияти талаботи барзиёд нисбат ба шахсе, ки ҳуқуқҳои худро амалӣ мекунад, меъёрҳои имконияти сӯиистифода намудани ҳуқуқро аз ҷониби мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ё шахсони мансабдори онҳо бавуҷудоваранда ва номуайянии ҳуқуқию лингвистӣ (забонӣ) ба шумор мераванд.

Субъектони таҳиякунанда, пеш аз он ки лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро таҳия менамоянд, бояд ба омилҳои хусусияти коррупсионидошта дар лоиҳаи онҳо роҳ надиҳанд.

Дигар санади асосие, ки субъектони таҳиякунандаи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бояд ба инобат гирад, мутобиқ будан ба бандҳои 13, 14 ва 15 «Тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва лоиҳаҳои онҳо, арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мебошад. Таҳиякунандагон арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаро гузаронида, натиҷаи онро дар маълумотномаи асосноккунанда бо нишон додани ҳолатҳои пешбинишаванда, баён намудани мақсади танзими ҳуқуқии санади мазкур, меъёри баҳодиҳии ҳолати иҷрои нишондиҳандаҳо ва омилҳое, ки ба хусусияти коррупсиондошта оварда мерасонад, дарҷ менамоянд[7].

Нақши таҳлили таъсири танзимкунӣ дар пешгирии омилҳои хусусияти коррупсион-

дошта дар соҳаи соҳибкорӣ дар се маврид ҳангоми таҳияи огоҳиномаи нақшаи таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ, омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он ва ҳангоми гузаронидани машваратҳои оммавӣ, ки дар Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир карда мешаванд, ба назар мерасад.

Огоҳиномаи нақшаи таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз қисмати аввали гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ буда, бо ташаббуси узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таҳия шуда, барои ҷойгир намудан дар Феҳристи нақшаҳои таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешниҳод карда мешаванд.

Дар огоҳинома бояд мушкилот, роҳҳои ҳалли он, мақсади танзимнамоӣ ва оқибати иқтисодию иҷтимоии онро ба таври умумӣ ва мухтасар инъикос намояд. Ин ҳолат бо мақсади таъмини ошкорбаёнӣ, шаффофият дар раванди таҳлили муайян намудани моҳияти мушкилиҳо ва роҳҳои имконпазири ҳалли он, ба вуҷуд наомадани хароҷоти беасос вобаста ба амалӣ намудани он, ҳамчунин бо мақсади дастрас намудани он ба аҳолӣ барои машварати оммавӣ пешниҳод карда мешавад[8].

Бояд қайд кард, ки машварати оммавӣ яке аз қисматҳои таҳлили таъсири танзимкунӣ ба ҳисоб рафта, аз расмиёти баррасии пешниҳоди шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, мақомоти давлатӣ дар робита бо ҷойгир намудани огоҳинома оид ба нақшаҳои таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар Портали интернетӣ дар назар дошта шудааст. Тавассути гузаронидани машваратҳои оммавӣ, принсипи ба ҳисоб гирифтани афкори ҷомеа амалӣ шуда, дар он дилхоҳ шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар Портали интернетӣ дар Вазорати адлия ба тариқи ройгон ба қайд гирифта шудаанд, иштирок намуда, фикру ақидаҳои худро иброз менамоянд[9].

Мавриди ба зикр аст, ки ҳар як иштирокчӣ фикру мулоҳизаҳои худро иброз намуда, таҳиякунанда уҳдадор мешавад, ки ба он ҷавоби асоснок омода намуда пешниҳод намояд. Ҳамин расмиёти машварати оммавӣ боис мешавад, ки пеши роҳи омили бавуҷудоварандаи коррупсияро гирифта ба мавҷуд набудани тартиби амалисозии ҳаракатҳои муайян ё ҷузъиёти онҳо аз ҷониби мақомоти давлатӣ, муайян намудани тартиби маъмурии пешниҳоди ҳуқуқҳо ва муқаррар намудани талаботи номуайян, иҷрояшон мушкил ва заҳматталаб барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ монеа эҷод менамояд. Дар заминаи амалишавии расмиёти машваратҳои оммавӣ шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳуқуқи худро оид ба иштирок дар раванди фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бе ягон заҳмат, мушкилот ва талаботи зиёдатӣ тавассути интернет амалӣ менамоянд.

Мавриди дигаре, ки метавонад пеши роҳи омилҳои хусусияти коррупсионидоштаро гирад, ин омода намудани лоиҳа ва таҳлили таъсири танзимкунӣ доир ба он мебошад. Субъектони таҳиякунанда бояд лоиҳаро бо риояи техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, забонӣ, зиддикоррупсионӣ ва дигар қоидаҳо омода намоянд. Ҳангоми дар Портали интернетӣ пешниҳод намудан, таҳиякунанда маълумоти иловагӣ, аз ҷумла маълумотномаи асоснокнамоӣ ва таҳлили таъсири танзимкуниро ҷойгир менамояд.

Дар ҳуҷҷати таҳлили таъсири танзимкунӣ таҳиякунанда, мушкилоти асосӣ, роҳҳои танзимнамоӣ, роҳҳои ҳалли он, бо кадом асос маҳдуд намудан ё монеа эҷод намудан барои татбиқи ҳуқуқҳо ё уҳдадор

кардани соҳибкорон, сарчашмаҳои маблағгузории хароҷоти барои татбиқи санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур, ҳангоми зарурат овардани ҳисоббарории даромади моддӣ барои буҷети давлатӣ ва манфиатҳои ҷамъиятӣ, инчунин нишондоди арзёбии инкишоф ва даврияти ҷаъволии он, таҳлили воқеии оқибати таъсиррасонӣ ба ҷамъият, ки дар қабули лоиҳаи мазкур пешбинӣ шудааст, ба таври муфассал арзёбӣ намояд.

Ҳангоми таҳияи маълумотҳои болозикр таҳиякунанда дар лоиҳа, оқибати мавҷуд набудани омилҳои хусусияти коррупсиондошторо баррасӣ намуда, ҷиҳати дарҷ намудани омилҳои мазкур дар ҳуҷҷати таҳлили таъсири танзимкунӣ инъикос менамояд.

Тибқи ақидаи Арзамасов Ю.Г мақсади асосии таҳлили таъсири танзимкунӣ бо усулҳои илмӣ ва методологӣ аз байн бурдани тавакалли танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ба манфиат қабул намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад[10].

Дар таҳлили таъсири танзимкунӣ метавонад, мақсади асосии маҳдуд намудани ҳуқуқҳои соҳибкорон ё пешниҳод намудани уҳдадориро таҳиякунанда асоснок намуда, оқибати ба манфиати давлат, ҷамъият ва соҳибкорон будани лоиҳаи худро асоснок намояд. Мақсади асосии таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳамин иборат буда, гирифтани пеши роҳи монеа, маҳдудиятҳо ё уҳдадориҳои барзиёд дар лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нисбати соҳибкорон мебошад.

Ёдовар шудан ба маврид аст, ки коррупсияи оммавӣ асосан тавассути санадҳои сифати паст ва нокомил имконпазир аст[10]. Аз ин лиҳоз, ҳангоми муқовимат ба коррупсия, падидаи таҳлили таъсири танзимкунӣ ҳамчун роҳи нав барои ошкор сохтани оқибатҳои эҳтимолии ғайричашмдошт ва ё хароҷоти пинҳонии ба талаботи меъёрӣ вобаста дар ҳуҷҷати тасдиқшуда ошкоро инъикос карда мешавад. Мутобиқи банди 18 Консепсияи таҳлили таъсири танзимкунӣ таҳлилҳои мазкур барои тавсифоти миқдорӣ, бо ифодаи пулӣ инъикос намудани фоидаю хароҷот, инчунин мушаххас кардани оқибатҳои таъсиррасонии ба ҷомеа, давлат ва субъектони хоҷагидор мувофиқи мақсад мебошад. Яъне таҳиякунанда дар таҳлили таъсири танзимкунӣ шаффофият ва ошкоро бо ифодаи пулию сифатӣ, миқдорӣ хароҷоти лоиҳаи мазкурро аз буҷети давлатӣ ва хароҷотҳои соҳибкорон, инчунин оқибати дар амал татбиқ намудани лоиҳаи пешниҳодшударо содаву фаҳмо дарҷ менамояд, ки он дар асоси усули таҳлили иқтисодӣ тавассути модели стандартии хароҷот муайян карда мешавад. Талаботи муқарраршуда омили хусусияти бавуҷудоварандаи коррупсия, ки пешбинӣ намудани имконияти бо салоҳдиди мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (шахсони мансабдори онҳо) содир намудани амалҳо нисбати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ пешгирӣ намуда, ошкоро ифшо намудани хароҷотҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва соҳибкорон, инчунин таъмин намудани ҳуқуқҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро ба дастрасӣ ба иттилоот амалӣ менамояд.

Аммо бояд қайд кард, ки самаранокии сиёсати танзимкунӣ, илова ба чорабиниҳои андешидаи ҳукумати ҷумҳурӣ аз дараҷаи ҷалби ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар татбиқи падидаи таҳлили таъсири танзимкунӣ вобаста аст[11]. Фаъолияти мақомоти давлатӣ ва мақомотҳои маҳаллиро ба назар гирифта, дар самти фаҳмондадиҳии падидаи таҳлили таъсири танзимкунӣ мо ба механизмҳои зерини зиддикоррупсионӣ аҳамият медиҳем, ки татбиқи онҳо аз аҳамият холӣ нест:

1. Баланд бардоштани шаффофияти фаъолияти мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллӣ дар татбиқи таҳлили таъсири танзимкунӣ;

2. Ташкили чорабиниҳои маърифатӣ оид ба баланд бардоштани дониш ва малакаи ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ (пеш аз ҳама намояндагони ассотсиатсияҳои соҳибкорӣ, инчунин коршиносон аз соҳаҳои мухтали-

фи иқтисод, ҳуқуқ ва илм), ки дар арзёбии таҳлили таъсири танзимкунӣ заруранд;

3. Дохил кардани ҷанбаҳои алоҳидаи таҳлили таъсири танзимкунӣ ба самтҳои асосии фаъолияти мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои кам кардани омилҳои коррупсия;

4. Пешбурди назорати ҷамъиятӣ аз болои таҳлили таъсири танзимкунӣ.

Асосҳои дар боло овардашуда имконият медиҳад, ки лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷиҳати сифат ва техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ нақши муҳимдошта, мукаммал таҳия карда шаванд. Зеро таҳиякунанда баъди таҳияи ҳуҷҷати таҳлили таъсири танзимкунӣ дорои донишҳои муайян мегардад, ки минбад гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ бе мушкилии зиёдатӣ муяссар мегардад.

Дигар мавриде, ки метавонад пеши роҳи омилҳои хусусияти бавуҷудоварандаи коррупсияро дар Тоҷикистон монеъ шавад, ин маълумот дар Портали мазкур мебошад.

Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун воситаи таҳрири электронӣ ва ҳуҷҷатгузорӣ маълумоти муҳим ба ҳисоб меравад. Бояд қайд кард, ки дилхоҳ лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ таъсири имконпазир мерасонад, бояд огоҳиномаи он ва дар мавриди дуюм бошад, таҳлили таъсири танзимкунӣ бо лоиҳаи он дар Портали мазкур мавриди машварати оммавӣ қарор гирад. Нисбати ин қисмат дар боло гуфта гузаштем.

Қисмати сеюми Портал аз Феҳристи санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулшудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст, ки дар он тамоми намуди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ шурӯъ аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон то санадҳои зерқонуниро дарбар мегирад. Мураттабсозӣ дар ин қисмати Портал тибқи муқаррароти моддаи 92 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» сурат гирифта, дар 4 шакл ҷустуҷӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ шудааст. Шахсони воқеию ҳуқуқӣ аз ҷумла, соҳибкорон метавонанд бе мамониат ба сомона ворид шуда, ҷиҳати дастрасӣ аз дилхоҳ санади меъёрии ҳуқуқӣ бе расмиёти иловагӣ ба тариқи ройгон истифода ва чоп намоянд.

Маҳз Портали интернетии мазкур ҳамчун маҳзани электронии санадҳои меъёрии ҳуқуқии дорои таъсири имконпазир ба субъектони соҳибкорӣ ба шумор меравад, ки ҳуқуқи шаҳрвандонро ба иттилоот ва дигар маводҳои электронӣ, инчунин ҳуқуқи иштироки онҳоро дар раванди фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ таъмин менамояд[12].

Дар робита ба ин, бояд хотиррасон намуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030» қабул шудааст. Барномаи мазкур барои баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ, таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, тавассути фаъолияти мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо, шаҳрвандон ва ҷалби воситаҳои ахбори омма амалӣ мегардад[13].

Ҳамзамон, лозим ба таъкид аст, ки барои ҷалби бештари ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҷараёни тарҳрезӣ ва амалигардонии сиёсати зиддикоррупсионии давлат, таъмини шаффофияти фаъолияти мақомоти давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини дастрасӣ ба иттилоот, ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи шахсони дар мубориза ба коррупсия мусоидаткунанда, ташаккули ҷаҳонбинӣ ва фазои оштинопазирӣ ба коррупсия татбиқи чорабиниҳои зерин ба мақсад мувофиқ аст:

– ҷалби ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва дигар ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳои давлатӣ вобаста ба таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, мубориза бо коррупсия ва пешгирии он;

– таъмини шаффофияти фаъолияти мақомоти давлатӣ бо роҳи иштироки васеи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таҳия ва қабули қа-

рорҳои мақомоту ташкилотҳои давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо, иттилоотонии ҷомеа тариқи воситаҳои ахбори омма бо мақсади амалисозии назорати ҷамъиятӣ аз рӯи шаффофияти қарорҳое, ки мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва маҳаллӣ қабул менамояд:

– ташкил ва гузаронидани барномаҳои омӯзишӣ вобаста ба мавзӯъ, моҳият, мафҳум ва оқибатҳои коррупсия, қонунгузории оид ба муқовимат бо коррупсия ва самтҳои пешгирифтаи давлат оид ба муборизa ва муқовимат ба коррупсия, стандартҳои байналмилалии пешгирии коррупсия ва муборизa бар зидди он;

– ташкил ва истифодаи васеи шабакаи Интернет ҷиҳати пурзӯр намудани тарғибу ташвиқи зиддикоррупсионӣ, ба самъи аҳолӣ расонидани моҳияти сиёсати зиддикоррупсионии давлат ва мақсадҳои амалигардонии он;

– ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба баррасии муроҷиатҳои шаҳрвандон, иттилоот ва дастрасии он мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ ва аз байн бурдани монеаҳо ҷиҳати дастрасӣ ба иттиллоот, аз ҷумла таҷдиди назар намудани мафҳуми иттилооти махсус (махфӣ) ва кам намудани доираи маълумотҳое, ки ба ин мафҳум шомил ҳастанд;

– баргузории нишастҳои матбуотии даврӣ бо иштироки доираҳои васеи рӯзноманигорон ва намояндагони воситаи ахбори оммаи хориҷию ватанӣ бо мақсади ба самъи онҳо расонидани натиҷаҳои фаъолияти мақомоти давлатӣ дар соҳаи муқовимат ва муборизa бо коррупсия, инчунин фаҳмонидани моҳияти сиёсати давлат дар соҳаи муқовимат ва муборизa ба коррупсия;

– баррасии таъсиси мақоми мустақил оид ба иттиллоот, дастрасӣ ба он, аризаҳо, шикоятҳо, таклифҳо ва назорату мониторинги он.

Дар баробари далелҳои дар боло овардашуда, асоси дигаре, ки метавонад омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсияро аз байн барад, иштироки бевоситаи шахсони воқеию ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Зеро яке аз принсипи таҳлили таъсири танзимкунӣ ин ба инобат гирифтани афкори ҷомеа мебошад. Бо ҳамин мақсад шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои бақайдгирӣ дар Портали интернетӣ бояд дар шакли хаттӣ пуркардашудаи дархост ба тариқи пешниҳод ба Вазорати адлия ҳуқуқи ширкат варзиданро дар таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пайдо менамоянд. Тартиби бақайдгирии мазкур метавонад ҳуқуқу манфиат ва имкониятҳои иштироки васеи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла онҳое, ки суроғаи ҳуқуқӣ ва маҳалли зисташон дар минтақаҳои дурдасти ҷумҳурӣ ва хориҷи кишвар мебошанд, то андозае маҳдуд созад.

Аз ин лиҳоз, пешниҳод менамоям, ки бо мақсади аз байн бурдани монеаҳои маъмурӣ, расмиёт ва дигар омилҳо ҳангоми иштирок дар раванди фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, аз ҷумла ҳангоми таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи соҳибкорӣ бақайдгирӣ дар шакли электронӣ аз тариқи интернет ва бевосита дар Портали интернетӣ қабул карда шавад. Бо ҳамин мақсад, зарурият пеш меояд, ки ба Тартиби пешбурди Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018, №617 тасдиқ шудааст, тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шавад. Дар натиҷа шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ метавонанд, ки масъулияти шаҳрвандӣ ва ҳуқуқҳои худро дар раванди фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ амалӣ намоянд.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон», 26 декабри соли 2019, ш.Душанбе.

2. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 ноябри соли 2015 №673 // Маҳ-

зани марказонидашудаи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Адлия версияи 7.00.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», аз 30 майи соли 2017, таҳти № 1414 // Маҳзани марказонидашудаи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Адлия версияи 7.00.

4. Сомонаи иттилоотӣ [Манбаи электронӣ] //URL: https://studref.com. (санаи муроҷиат 1.02.2020 сол).

5. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2013, № 1504 // Маҳзани марказонидашудаи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Адлия версияи 7.00.

6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 13 декабри соли 2012, №436 // Маҳзани марказонидашудаи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Адлия версияи 7.00.

7. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2014, №355 // Маҳзани марказонидашудаи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Адлия версияи 7.00.

8. Мақола «Татбиқи падидаи таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» маҷаллаи «Қонунгузорӣ» апрел-июнь 2018, №2(30). Саҳ 45.

9. Саидзода И.Х. Право граждан на обращение и его реализация в РТ. – Душанбе: Империал-Гупп, 2016.-Саҳ.116.

10. Южаков В. Антикоррупционная экспертиза нормативных правовых актов и проектов нормативных правовых актов. – Москва: Дело, 2014. Саҳ.21-22.

11. Сомонаи иттилоотӣ [Манбаи электронӣ] //URL: https:// pravo.hse.ru(санаи муроҷиат 1.02.2020 сол).

12. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 ноябри соли 2015, №673 // Маҳзани марказонидашудаи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Адлия версияи 7.00.

13. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2019, №599 // Маҳзани марказонидашудаи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Адлия версияи 7.00.

**Аннотатсия**

**Нақши падидаи таҳлили таъсири танзимкунӣ дар пешгирии омилҳои коррупсионӣ**

Дар мақола масъалаи татбиқи падидаи таҳлили таъсири танзимкунӣ ва омилҳои пешгирикунанда хусусиятҳои коррупсиони баррасӣ шудааст. Муаллиф дар асоси таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон падидаи навро ҳамчун омили пешгирикунанда хусусиятҳои коррупсия таҳлил намуда ба хулоса омадааст, ки барои бақайдгири дар шакли электронӣ пешниҳод намудааст.

**Аннотация**

**Роль анализа регулирующего воздействия в предотвращении коррупционных факторов**

В статье рассматриваются вопросы внедрение института анализа регуляторного воздействия и превентивных факторов на коррупционные характеристики. На основе анализа законодательства Республики Таджикистан автор анализирует новое явление как превентивный фактор в особенностях коррупции и приходит к выводу, что оно было представлено для электронной регистрации.

**Annotation**

**The role of regulatory impact analysis in preventing corruption factors**

The article discusses the implementation of the institute of analysis of regulatory impact and preventive factors on corruption characteristics. Based on an analysis of the legislation of the Republic of Tajikistan, the author analyzes the new phenomenon as a preventive factor in the particularities of corruption and concludes that it was submitted for electronic registration.

# ТАЪСИРИ ОМИЛҲОИ КОРРУПСИОНӢ БА РАВАНДИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Зарифӣ Дилшод Неъматзода – сардори Раёсати экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳои Сарраёсати муқовимат ба коррупсияи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники адлия***



Мавриди зикр аст, ки коррупсия ба тақсимоти ғайриодилона ва харочоти воситаҳои давлатӣ, ба тасарруфи маблағҳои буҷетӣ, ба кам ҷамъ шудани андозҳо, паст шудани сифати кори дастгоҳи давлатӣ, ташаккули рақобати носолим дар бозор, муфлис шудани соҳибкорон, аз кор рафтани кадрҳои соҳибтаҷриба, ба кам шудани сармоя ва пешрафти истеҳсолот, ба паст шудани сатҳи хизматрасонӣ, ба нобаробарии иҷтимоӣ, авҷ гирифтани ҷиноятқорӣ, норозигӣ ва нобоварии шаҳрвандон ба институтҳои давлатӣ ва ниҳоят ба паст гардидани меъёрҳои ахлоқ дар ҷомеа оварда мерасонад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми вохӯриву мулоқотҳо, чорабиниҳои сиёсӣ доир ба ин падидаи номатлуб изҳори нигаронӣ намуда, баҳри пешгирӣ ва бартараф намудани оқибатҳои омилҳои коррупсионӣ дар назди мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои давлатӣ вазифаҳои мушаххас мегузоранд.

Яке аз сабабҳои содир шудани омилҳои коррупсионӣ ин аз номукаммал будани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ буда, таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии босифат ва асоснок талаботи замон мебошад. Зеро ба ҳамагон маълум аст, ки муносибатҳои муҳимми ҷамъиятӣ тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим дароварда шуда, ҳаматарафа ва мушаххас намудан, аз лиҳози коррупсионӣ шаффоф будан, содда ва фаҳмо ифода ёфтани меъёрҳои он кафолати таъмини қонуният буда, низоми давлатдориро мустаҳкам хоҳад гардонид.

Тибқи қисми 3 моддаи 5 Конвенсияи СММ бар зидди коррупсия ҳар як давлати иштирокчӣ бояд мунтазам баҳодиҳии ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии худро вобаста ба пешгирӣ намудани омилҳои коррупсионӣ дар онҳо роҳандозӣ намояд.

Омилҳои коррупсионӣ дар замони муосир хусусияти касбӣ пайдо намуда, ба фаъолияти муътадили институтҳои давлатӣ, баргузории чораҳои иҷтимоӣ ва рушди иқтисодиёт хавфи таҳдидкунанда дошта, дар ҷомеа ба поймол шудани ҳуқуқ ва боварии шаҳрвандонро ба ниҳодҳои давлат коста мегардонад.

Чораҳои самараноки муқовимат бо коррупсия ва мубориза бо он бе бартараф

намудани сабабҳои пайдоиши онҳо номумкин мебошад.

Мусаллам аст, ки номукаммалии қонунгузории амалкунанда ва қабулшаванда, холигиҳои он, камбудиҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, духурагӣ ифода ёфтани меъёрҳо ва мавҷудияти омилҳои коррупсионӣ ба содир шудани амалҳои коррупсионӣ ва дар ин замина ба қабул шудани қарорҳои хусусияти коррупсионидошта зимни татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мусоидат намуда, барои содир шудани омилҳои коррупсионӣ шароити ҳуқуқиро фароҳам меоварад.

Аз ин лиҳоз Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо мақсади пешгирӣ ва бартараф намудани омилҳои коррупсионӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳо ва тақвияти чораҳои муқовимат ба коррупсия 28 декабри соли 2012, №925 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ”-ро қабул намуда, ҳамзамон дар ин асос 27 ноябри соли 2014, №1136 ба моддаҳои 3 ва 19 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон” бобати гузаронидани экспертизаи давлатии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тағйироту иловаҳо ворид карда шуда, ин вазифа ба зиммаи Агентӣ вогузор гардид .

Гарчанде ҳанӯз дар ин самт Агентӣ тачрибаи начандон зиёд дошта бошад ҳам, кӯшиш намуда истодааст, ки фаъолиятро тибқи талаботи қонунгузорӣ ба роҳ монда, мутахассисони ботачрибаро ҷалб намояд. Вале бояд зикр намуд, ки институти мазкур дар тачрибаи мо нав буда, қаблан чунин фаъолият дар кишвар амалӣ намегардид. Тачрибаи фаъолияти Агентӣ собит намуда истодааст, ки гузаронидани экспертизаи давлатии зиддикоррупсионӣ дар ин самт манфиатовар буда, чораҳои мазкур пайваста тақвият бахшида шаванд.

Зарур меояд, ки дар аснои гузаронидани экспертизаи давлатии зиддикоррупсионӣ асоснокӣ, холисӣ, салоҳиятнокӣ, мустақилият ва шаффофиятро таъмин намуда, хулосаҳои асоснок манзур карда шаванд.

Омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия – меъёрҳо дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, ба барномаҳои давлатӣ дар самти муқовимат ба коррупсия мухолифат дошта, барои зуҳуроти коррупсия, аз ҷумла бархӯрди манфиатҳо, вайрон намудани одоби касбӣ ва риоя накардани принсипи шаффофият шароит фароҳам оварда, ба мақомоти давлатии ҳуқуқтатбиққунанда ва шахсони мансабдори онҳо берун аз қоидаҳои умумӣ ваколатҳои беасоси фармонфармоӣ ва ихтиёрдорӣ дода, имконияти татбиқи беасоси истисноҳо аз қоидаҳои умумии муқарраршуда, ҳамчунин хавфи пайдоиши ҳолатҳоеро ба вуҷуд меорад, ки заминаи пешниҳод намудани талаботи номуайян, иҷрояшон мушкил ва монеаҳои сохтаро барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ эҷод мекунад .

Дар қисми 2 моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” 12 адад омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия пешбинӣ карда шудаанд, ки ошкор ва муайян намудани онҳо дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳо яке аз вазифаҳои асосии Агентӣ ба шумор рафта, ҳамчун чораҳои асосии муқовимат ба коррупсия эътироф мегардад.

Дар ин росто дар соли 2019 аз ҷониби Агентӣ бо 1242 адад лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ экспертиза гузаронида шуда, дар ҷараёни баррасии лоиҳаҳо ба 255 адади он ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта эроду пешниҳодҳои

дахлдор дода шуда, дар 111 лоиҳа омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ошкор карда шудааст.

Дар нимсолаи аввали соли 2020 бошад бо 521 лоиҳа экспертизаи давлатии зиддикоррупсионӣ гузаронида шуда, ба 119 адади он ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта эроду пешниҳодҳо дода шуда, дар 75 лоиҳа омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ошкор карда шуданд.

Санадҳое, ки дар онҳо омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ошкор карда шудаанд, бештар ба лоиҳаҳои кодексҳо, қонунҳо, низомномаҳо, тартибҳо, қоидаҳо, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, лоиҳаҳои қарорҳои Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иртибот доранд.

Ҷиҳати возеҳу равшан шудани масъалаи баррасишаванда мисолҳои мушаххасро аз таҷрибаи Агентӣ манзур менамоем.

Омӯзиш ва таҳлили лоиҳаи Низомномаи Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуд, ки дар он омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия, ки дар сархатҳои 1, 2, 6, 7 ва 11 қисми 2 моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” пешбинӣ гардидааст, мавҷуд мебошанд.

Зимни омӯзиш муайян карда шуд, ки Хадамоти номбурда ҷиҳати қабули Низомномаи нав, сохтори Дастгоҳи марказӣ ва Нақшаи идоракунии худ лоиҳаро таҳия намуда, ҷиҳати гирифтани хулосаи зиддикоррупсионӣ манзур намудааст.

Аммо дар рафти таҳлил ва омӯзиши бандҳои Низомнома муайян карда шуд, ки Хадамот ҷиҳати зиёд кардани ваколатҳои худ кӯшиш намуда, талаботҳои қонунҳои амалкунандаро сарфи назар намудааст.

Чунончи, дар сархати 18 банди 5 боби 2 лоиҳа қайд шудааст, ки “-қабули амрномаҳо оид ба тағйир додан ва бекор намудани шартномаҳое, ки ба қонунгузорӣ дар бораи ҳимояи рақобат, инҳисороти табиӣ, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва назорати фаъолияти рекламавӣ мухолифат мекунанд;”

Тибқи талаботи моддаи 452 боби 26 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон “Шартнома созиши ду ё якчанд шахс барои ба вуҷуд овардан, тағйир додан ё қатъи ҳуқуқ ва уҳдадории гражданӣ мебошад.” Инчунин, мутобиқ ба моддаи 464 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон “Агар байни тарафҳо, мутобиқи шакли дар ҳолатҳои муайяни зарурӣ аз рӯи ҳама шартҳои асосии шартнома созиш ба даст омада бошад, шартнома басташуда дониста мешавад.”

Масъалаи тағйир додан ва бекор кардани шартномаро бошад моддаи 482 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим даровардааст. Аз ин лиҳоз пешниҳод гардид, ки сархати 18 банди 5, боби 2 аз лоиҳаи Низомнома хориҷ карда шавад.

Дар сархати 4 банди 6 боби 3 лоиҳа қайд шудааст, ки “-мувофиқи тартиби мукарраргардида оид ба бастани ҷарима нисбати субъектҳои хоҷагидор ва роҳбарони онҳо қарор қабул намуда, ҳангоми дар муҳлати мукарраргардида пардохт нагардидани ҷаримаҳо, оид ба ҳабси суратҳисоби онҳо дар бонкҳо ва ташкилотҳои молиявӣ ба суд ҷиҳати қабули таъинот мурочиат намояд;”.

Таҳлили банди мазкур муайян намуд, ки боби 30 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқвайронкуниҳоро дар соҳаи қонунгузории зиддиинҳисорӣ пешбинӣ намуда, ба Хадамот ва сохторҳои зертобеи он ваколат додааст, ки чунин намуди ҳуқуқвайронкуниҳоро баррасӣ намоянд. Санксияҳои моддаҳои дар боло зикргашта муайян намуд, ки ҳамаи онҳо барои ҳуқуқвайронкуниҳои содирнамуда ба андозаи гуногун ҷаримабандӣ карда мешаванд. Аммо дар санксияҳои моддаҳои ин ҳуқуқвайронкуниҳо ҳамчун

ҷазо ҳабси суратҳисоб дар бонкҳо ва ташкилотҳои молиявӣ муқаррар нагардидааст.

Тибқи талаботи моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи истеҳсолоти иҷро” иҷрои маҷбурии санадҳои судӣ ва санадҳои дигари мақомоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои судии дигар давлатҳо ба зиммаи иҷрочиёни суд гузошта мешавад. Аз ин лиҳоз дар ҳолати аз ҷониби ҳуқуқвайронкунанда ихтиёран напардохтани маблағи ҷарима мақомоти ваколатдор бояд маводҳоро барои иҷроиш ба Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол намояд.

Дар ин асос пешниҳод карда шуд, ки сархати 4 банди 6 боби 3 лоиҳа хориҷ карда шавад.

Мисоли дигар. Лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии ба экспертиза пешниҳодшуда, вобаста ба маъқул донистани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” мебошад.

Омӯзиш ва таҳлили лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” муайян намуд, ки дар он омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия, ки дар сархатҳои 3, 6 ва 10 қисми 2 моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” пешбинӣ гардидааст, мавҷуд мебошад.

Қоидаҳои қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дастгирӣ ва ҷалби духтарону писарони деҳоти дурдасти шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифату фарҳанги онҳо ва ба низом даровардани раванди қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ омода ва пешниҳод гардидааст.

Дар банди 52-и Қоидаҳои мазкур муқаррар шудааст, ки “Довталабоне, ки 2 соли охир аз шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Бохтар ва Хоруғ ба дигар шаҳру ноҳияҳо рафта, синфҳои 10 ва 11-ро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ин шаҳру ноҳияҳо хатм намуданд, ба озмуни квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ роҳ дода намешаванд”.

Тибқи моддаи 14-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, ҳифз мегарданд.

Маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад.

Дар асоси талаботи дар боло пешбинишуда ҳуқуқу манфиатҳои хатмкунандагон поймол гашта, дар ҳолати он ки агар аз тарафи комиссияи босалоҳият довталабон қабул карда шаванд ва он шаффоф ташкил карда шавад, мақсад аз муқаррар намудани ин меъёр дар чӣ аст, маълум намебошад. Принсипи баробарии ҳама дар назди қонун сарфи назар карда мешавад.

Дар ин асос пешниҳод карда шуд, ки банди 52-и Қоидаҳо хориҷ карда шавад.

Ё ин ки лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии ба экспертиза пешниҳодшуда, вобаста маъқул донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи назорати маъмурӣ аз болои шахсоне, ки аз муассисаҳои ислоҳӣ озод шудаанд” мебошад.

Омӯзиш ва таҳлили лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи назорати маъмурӣ аз болои шахсоне, ки аз муассисаҳои ислоҳӣ озод шудаанд” муайян намуд,

ки дар он омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия, ки дар сархатҳои 3, 6 ва 10 қисми 2 моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” пешбинӣ гардидааст, мавҷуд мебошад.

Зимни омӯзиши лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи назорати маъмурӣ аз болои шахсоне, ки аз муассисаҳои ислоҳӣ озод шудаанд” муайян карда шуд, ки маротибаи аввал лоиҳаи мазкур пешниҳод гардида, тибқи мазмун ва моҳияти он бо мақсади амалӣ намудани назорат аз болои шахсоне, ки аз муассисаҳои ислоҳӣ озод мегарданд, яъне шахсоне, ки ҷиноятҳоро дар ҳолати ретсидиви хавфнок ва махсусан хавфнок, ҷиноятҳои экстремистӣ ва ё террористӣ, ҷиноятҳо бар зидди дахлнопазирии ҷинсӣ, ҷинояти вазнин ё махсусан вазнин, инчунин ду ва ё зиёда аз он ҷинояти қасдона, аз ҷумла то пурра адо намудани муҳлати ҷазои таъиннамудаи суд такроран ҷинояти қасдона содир намудаанд ва доғи судиашон барҳам нахӯрдааст ва ё бардошта нашудааст, бо қарори суд ба муҳлати аз як то се сол муқаррар карда шуда, назорати он ба зиммаи мақоми ваколатдор – Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда хоҳад шуд.

Аз рӯи таҳлили лоиҳаи мазкур бармеояд, ки дар мавриди амалисозии ваколатҳои худ ба мақомоти корҳои дохилӣ ҳуқуқу ваколатҳои зиёд пешбинӣ карда шудаанд, ки он боиси содир гаштани омилҳои коррупсионӣ мегардад. Ғайр аз он ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд бобати ҳуқуқ ба мусофират, интихоби озоди маҳалли зист, тарки ҷумҳурӣ ва бозгашт ба он, ҳуқуқ ба таҳсил, интихоби касбу кор, ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ ва ғайра поймол мегарданд. Дар лоиҳа қайд шудааст, ки дар ҳолати марги хешовандони наздик ва ба бемории вазнин гирифтор шудан, ҳангоми ба кор ва муассисаи таълимӣ дохил шудан, шартномаи меҳнатӣ бастан, ба соҳибкорӣ машғул гаштан, аз муоинаи тиббӣ гузаштан ва дигар ҳолатҳо иҷозати мақомоти корҳои дохилӣ ҳатман гирифта мешавад. Аз мазмуни талаботҳои пешбинигардида аён мегардад, ки шахс барои бархурдор шудан аз ҳуқуқҳои конститутсионии худ аввал бояд иҷозати мақомоти корҳои дохилиро гирад, ки он хилофи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Агентӣ соли ҷорӣ бобати ошкор ва бартараф намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда корҳои мушаххасро ба иҷро расонид. Бояд зикр намуд, ки чунин таҷриба бори аввал дар фаъолияти Агентӣ роҳандозӣ гардид.

Тибқи сархати 1 қисми 2 моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” мониторинги татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар Вазорати маориф ва илми Ҷуиҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронид.

Таҳлил ва омӯзиши санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Вазорат муайян намуд, ки ҷиҳати ба низом даровардани фаъолият вобаста ба соҳаҳои алоҳидаи он қонунҳо, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, низомномаҳо, қоидаҳо, қарорҳои мушовараи Вазорат қабул гардида, мавриди амал қарор доранд.

Дар ин замина санадҳои меъёрии ҳуқуқии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати мавҷудияти омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия мавриди омӯзиш қарор дода шуда, дар ин самт камбудиҳои зиёд ошкор карда шуданд.

Аз он ҷумла, дар “Қоидаҳои гузаронидани донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз гурӯҳҳои ғайриройгон ба гурӯҳҳои ройгон”, “Қоидаҳои гузаронидани хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва миёнаи касбии Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз гурӯҳҳои ғайриройгон ба гурӯҳҳои ройгон”, “Низомномаи гузаронидан, барқароркунӣ ва хориҷ намудани хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Низомномаи намунавии муассисаи таҳсилоти умумии ғайридавлатӣ (хусусӣ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Низомномаи хориҷ, барқарор ва интиқоли донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Низомномаи гузаронидан, барқарор ва хориҷ намудани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва “Низомномаи хориҷ, барқарор ва интиқоли донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон” омилҳои ба вуҷудоварандаи коррупсия, ки дар қисми 2 моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” пешбинӣ карда шудаанд, ошкор ва муайян карда шуданд.

Таҳлилҳо дар ин самт собит сохтанд, ки масъулини Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни омода ва таҳия намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ талаботҳои Конститутсия, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ”, “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ”, “Дар бораи маориф”, “Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ”, Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июни соли 2018, №306, Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти миёнаи касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2018, №94 тасдиқ карда шудааст, сарфи назар намуда, ба қонунвайронкуниҳо роҳ додаанд.

Бо мақсади бартараф намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ба 8 адад санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда хулосаҳои зиддикоррупсионӣ ва ҷиҳати бартараф намудани сабабу шароитҳои ба қонунвайронкуниҳо мусоидаткунанда унвонии Вазорати мазкур 1 адад пешниҳод ирсол карда шуда, вазифадор карда шудаанд, ки камбудиҳои мавҷударо дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо роҳи даровардани тағйиру иловаҳои дахлдор бартараф намоянд.

Ҳамчунин, мониторинги санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд.

Аз он ҷумла, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он”, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифз ва самараноку оқилона истифода намудани заминҳои корами обӣ”, “Низомномаи назорати давлатии истифода ва ҳифзи замин”, “Қоидаҳои ҷудо кардани қитъаи замин барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ”, “Қоидаҳои оид ба амалӣ намудани қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи гирифтан ва ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо додани қитъаҳои замин” барои ба гурӯҳи заминҳои маҳалҳои аҳолинишин гузаронидани онҳо”, “Қоидаҳои тартиби аз як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар гузаронидани заминҳо” ва “Оинномаҳои корхонаҳои давлатии фаръии “Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул” дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ” омилҳои ба вуҷудоварандаи коррупсия, ки дар қисми 2 моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” пешбинӣ карда шудаанд, ошкор ва муайян карда шуданд.

Таҳлилҳо дар ин самт собит сохтанд, ки масъулини Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни омода ва таҳия намудани санадҳои меъ-

ёрии ҳуқуқӣ талаботҳои Конститутсия, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ”, “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ”, “Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет”, “Дар бораи истеҳсолоти иҷро”, “Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ”, Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфи назар намуда, ба қонунвайронкуниҳо роҳ додаанд.

Дар маҷмӯъ, таҳлилҳои гузаронидашуда муайян намуд, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа духӯра ифода ёфтани меъёрҳо, номуайянии мафҳумҳо, поймол гаштани ҳуқуқу манфиатҳои заминистифодабарандагон, мавҷуд набудани тартиб ва низоми якхела, истисноҳо аз қоидаҳо ва тартиби муайянгашта, бе асос пешбинӣ намудани ваколатҳо, сари вақт ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ворид накардани тағйиру иловаҳо ва дигар камбудиву омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ҷой доранд.

Муайян карда шуд, ки “Қоидаҳои ҷудо кардани қитъаи замин барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ” бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 сентябри соли 2005, №342 тасдиқ карда шудааст, қоидаҳои ҷудо кардани қитъаҳои замин барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, тартиби пешниҳод ва баррасӣ кардани дархости шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро дар бораи ҷудо кардан ва мусодира намудани қитъаҳои замин аз ҳамаи намудҳои заминҳо ва заминистифодабарандагонро муқаррар менамояд.

Аз ҷумла, аз боби 2 Қоидаҳои мазкур муайян карда шуд, ки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои ҷудо кардани қитъаҳои замин ба раисони вилоятҳо, ноҳияҳо, шаҳрҳо дархост пешниҳод менамоянд.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия (шаҳр) дар муҳлати 15 рӯз дархостро баррасӣ намуда, барои интихоби қитъаи замин ба комиссияи доимоамалкунандаи ноҳиявӣ (шаҳрӣ) пешниҳод менамоянд.

Баъдан ҳангоми мувофиқат кардани маҳалли ҷойгиршавии иншоот комиссия хулоса пешниҳод намуда, маълумотҳои дар банди 11 Қоидаҳо лозимаро дарҷ менамояд. Санади интихоби қитъаи замин ва нусха аз харитаи заминистифодабарӣ бо имзо ва муҳри ҳамаи аъзоёни комиссияи тарафҳои манфиатдор маъқул шуморида, ба расмият дароварда мешавад ва ба Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ пешниҳод карда мешавад.

Минбаъд Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ маводҳои пешниҳодшударо оид ба интихоби қитъаи замин баррасӣ менамояд. Дар сурати мусбӣ ҳал шудани масъала раиси ноҳия (шаҳр) оид ба тартиб додани лоиҳа барои қитъаи интихобшудаи замин қарор қабул мекунад.

Аз мазмуни меъёрҳои мазкур бармеояд, ки гарчанде аз ҷониби комиссия хулосаи мусбӣ ба раиси ноҳия (шаҳр) пешниҳод гардад ҳам, охирон танҳо дар сурати мусбӣ ҳал шудани масъала қарор қабул хоҳад кард. Ин меъёрҳо фаъолияти комиссияро зери шубҳа гузошта, фаъолияти онро бесалоҳият мегардонад. Раиси ноҳия (шаҳр) чӣ тавр масъаларо мусбӣ ва ё манфӣ ҳал менамояд, номуайян аст. Яъне, ин меъёрҳо гӯё танҳо расман буда, масъалаи додани қитъаи заминро танҳо худи раис ҳал мекунад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки раис тариқи субъективӣ рафтор намуда, ба амалҳои коррупсионӣ даст мезанад. Ҳолатҳои мазкур борҳо аз рӯи таҷрибаи тафтишотиву оперативии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон исботи худро ёфтааст.

Ғайр аз он, муайян карда шуд, ки баъд аз дархости шаҳрванд дар муддати 15 рӯз Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ онро ба комиссия барои баррасӣ равон мекунад. Вале дархостро комиссия дар кадом муҳлат баррасӣ намуда, ба ра-

иси ноҳия (шаҳр) пешниҳод менамояд, раиси ноҳия дар кадом муҳлат қарор қабул менамояд, номуайян буда, аз рӯи таҷриба боиси поймол гаштани ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ гашта, омилҳои коррупсиониро ба вуҷуд меорад. Муҳлатҳои тӯлонӣ дархости шаҳрвандон ғайриқонунӣ аз ҷониби раисони шаҳру ноҳия баррасӣ намегардад.

Инчунин, масъалаи дуруст иҷро намудани вазифаҳои хизматӣ, масъулияти раис ва аъзоёни комиссия бояд ба танзим дароварда нашудааст.

Бо мақсади бартараф намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ба 8 адад санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда хулосаҳои зиддикоррупсионӣ ва ҷиҳати бартараф намудани сабабу шароитҳои ба қонунвайронкуниҳо мусоидаткунанда унвонии Кумитаи мазкур 1 адад пешниҳод ирсол карда шуда, вазифадор карда шудаанд, ки камбудиҳои мавҷударо дар онҳо бо роҳи даровардани тағйиру иловаҳои дахлдор бартараф намоянд.

Бояд зикр намуд, ки дар таҷриба зимни амал ва татбиқи санади меъёрии ҳуқуқӣ мо бо камбудӣ ва холигиҳои зиёд рӯбарӯ мешавем, вале ҷиҳати ислоҳ ва бартараф намудани онҳо чораҷӯӣ намекунем. Моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳотро вазифадор намудааст, ки дар мавриди ошкор намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки соҳаи фаъолияти онҳоро танзим менамоянд, ба мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ахборот ирсол намоянд. Аз ин лиҳоз зарур аст, ки аз ҷониби субъектони мазкур ин раванд ҷоннок карда шуда, чораҳои дахлдор андешида шавад.

Хуллас, ислоҳи камбудиҳои зикршуда ва тибқи талаботи қонунгузорӣ омода ва таҳия намудани санади меъёрии ҳуқуқӣ кафили пешгирӣ намудани омилҳои коррупсионӣ дар раванди қонунгузорӣ мебошад.

# КОФТУКОВИ БАЙНИДАВЛАТИИ ШАХСОНИ БЕДАРАКГУМШУДА Ё ДАР ВАЗЪИЯТИ ҶИНОЯТӢ ГУМШУДА

***Қурбонзода Убайдулло Саъдулло – корманди Сарраёсати мубориза бо ҷиноятҳои коррупсионӣ ва иқтисодии хусусияти коррупсионидоштаи Агентӣ, капитани адлия***



Яке аз самтҳои муҳими фаъолияти амалии мақомоти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бахусус Сарраёсати мубориза бо ҷиноятҳои коррупсионӣ ва иқтисодии хусусияти коррупсионидошта дар мубориза бо ҷинояткорӣ – фаъолияти оперативӣ ҷустуҷӯӣ мебошад. Маҳз бо муваффақият амалӣ шудани ин чорабиниҳо доир ба ҷустуҷӯи ҷинояткорон риоя гардидани принсипи ногузирии ҷазоро таъмин менамояд ва ҷустуҷӯи шахсони бедаракгумшуда бошад, метавонад сатҳи қайднашавандагии (латентии) ҷиноятқориро паст карда, боварии аҳолиро нисбати мақомоти ҳифзи ҳуқуқ зиёд намояд. Криминалистика ва назарияи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии муосир ҷустуҷӯро аз рӯи мазмуни чорабиниҳои гузаронидашаванда ба ҷустуҷӯ дар маънои маҳдуд ва васеи ин мафҳум ҷудо менамоянд. Таҳти якум ҷустуҷӯи шахсони мушаххас, шахсони ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ маълум фаҳмида мешавад; дар маънои васеъ бошад, ҷустуҷӯ дар худ тамоми маҷмӯи чорабиниҳоро вобаста ба ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо дар бар мегирад. Критерияи тақсимот ба намудҳои ишорашуда – мушаххасияти фардии объекти ҷустуҷӯ мебошад. Бояд қайд намуд, ки аввалин маротиба ба қатори шахсони ҷустуҷӯшаванда чунин категория, ба монанди шаҳрвандони бедаракгумшуда, аз тарафи Тетерзиев Н.В. шомил карда шудааст [7; 182].

Қайд кардан бамаврид аст, ки фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ - намуди фаъолияте, ки ба таври ошкоро ё ғайриошкоро аз ҷониби мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар доираи салоҳияти худ бо роҳи гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ бо мақсади ҳифзи ҳаёт, саломатӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, моликият, таъмини амнияти ҷамъият ва давлат аз таҷовузҳои ҷиноятӣ амалӣ карда мешавад[3; 291].

Қариб дар тамоми кишварҳои ҷаҳон эълони ҷустуҷӯ (кофтуков) – вазифаи мақомоти амаликунандаи оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мебошад, ба гузаронидани он бошад, хадамоти махсус ва ё сохтори ҷустуҷӯии дар таркиби он амалкунанда, машғул мебошанд. Мутобиқи моддаи 3 қисми 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷуӣ” аз 25 марти соли 2011 «ҷустуҷӯи шахсони бедаракгумшуда» вазифаи мустақили фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷуӣ мебошад[3;7]. Чунин вазифаҳо дар назди мақомоти ҳифзи ҳуқуқи тамоми давлатҳои аъзои ИДМ гузошта мешаванд: Ҷумҳурии Белорус (м. 3 Қонуни ҶБ «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ»); Қазоқистон (қисми 5 м.1 Қонуни ҶҚ «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ»); Ҷумҳурии

Молдова (қ.2 м.2 Қонуни Ҷумҳурии Молдова «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ») [4; 288] ва ғайраҳо. Дар асоси шартномаҳои байни давлатҳои иштирокчии ИДМ басташуда, ки асосҳои ҳамкориро дар мубориза бо ҷиноятҳои мустаҳкам менамоянд, намуди нави ҷустуҷӯи шахсон ба ташаккулёбӣ оғоз намуд, ки дар доираи қаламрави давлатҳои аъзои ИДМ маҳдуд мегардад. Шумораи шахсоне, ки дар ҷустуҷӯи байнидавлатӣ аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварҳои аъзои ИДМ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон мегардад, ҳар сол зиёд мешавад. Талаботи анҷом додани чунин ҷустуҷӯ аз тарафи мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷуии давлатҳои аъзои ИДМ, бо мақсади ба таври дақиқу самаранок ташкил ва гузаронида шудани ин фаъолият зарурати танзими ҳуқуқии онро ба вуҷуд овард. Дар ҷаласаи Шӯрои вазирони корҳои дохилии давлатҳои иштирокчии ИДМ, ки 7 сентябри соли 2007, дар ш.Маскав шуда гузашт, Дастурамали нав «Дар бораи тартиби ягонаи амалисозии ҷустуҷӯи байнидавлатии шахсони ҷиноятқор» қабул ва тасдиқ шуд. Мутобиқи ин Дастурамал ҷустуҷӯи байнидавлатии шахсон – ин маҷмӯи чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, кофтуковӣ, таҳлилӣ-иттилоотӣ ва дигар чорабиниҳои вазоратҳои корҳои дохилю макомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мебошад, ки мутобиқи созишномаҳои байналмилалӣ ва қонунгузории миллӣ амалӣ гашта, ба пайдо намудан бо мақсади минбаъд ҳабс кардан ва ё пешниҳоди маълумот дар хусуси тамоми категорияҳои шахсони ҷустуҷӯшаванда, ки берун аз давлати ҷустуҷӯкунанда, вале дар доираи қаламрави давлатҳои иштирокчии ИДМ қарор доранд, равона гардидааст. Дар Маскав 10 декабри соли 2010 байни Ҷумҳурии Озорбойҷон, Ҷумҳурии Арманистон, Ҷумҳурии Белорус, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Молдова, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Туркманистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон шартномаи давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар бораи ҷустуҷӯи байнидавлатии шахсон баста шуда буд, ки дар моддаи 1 он омадааст: “ҷустуҷӯи байнидавлатии шахсон – маҷмӯи чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, кофтуковӣ, таҳлилӣ-иттилоотӣ ва дигар чорабиниҳо мебошад, ки ба мақсадҳои зерин равона гардидаанд: - ошкоркунӣ, дастгирнамоӣ ва ҳабси шахсон бо мақсади супоридан ва ё анҷомдиҳии таъқиби ҷиноятии шахсони аз мақомоти таҳқиқ, тафтиш ва суд пинҳоншуда, аз адои ҷазои ҷиноятӣ саркашинамуда; - муайян намудани ҷои пинҳон шудани шахсоне, ки аз иҷрои қарорҳои судҳо аз рӯи даъвоҳо саркашӣ менамоянд; - муқаррар намудани ҷои буду боши шахсони бедарак гумшуда ва ё алоқаро бо хешовандон аздастдода; - муайян намудани шахсияти шаҳрвандоне, ки дар бораи худ маълумоти мушаххаскунанда дода наметавонад; - муайян намудани шахсияти инсон аз рӯи ҷасади шинохтанашуда; - инчунин пешниҳод намудани маълумот дар бораи ҳамаи категорияҳои шахсони ҷустуҷӯшаванда ва муайяншаванда, ки берун аз ҳудуди давлати ҷустуҷукунанда, вале дар ҳудуди тарафҳо қарор доранд” [2; 1].

Ҳамин тавр, бо дарназардошти он ки айни замон ҷустуҷӯи байнидавлатӣ навъи мустақили ҷустуҷӯ мебошад, аз рӯи ҳудуди бо чорабиниҳои ҷустуҷӯӣ фарогирифташаванда намудҳои зерини ҷустуҷӯро ҷудо намудан мумкин аст: -дохилидавлатӣ (маҳаллӣ) – дар Тоҷикистон дар доираи субъектон дар ҳудуди он гузаронида мешавад; -давлатӣ (ҷумҳуриявӣ, умумидавлатӣ) – ҳудуди тамоми субъектонро дар Тоҷикистон фаро мегирад; - байнидавлатӣ – дар ҳудуди давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ба роҳ монда мешавад; байналмилалӣ – дар ҳудуди кишварҳои хориҷӣ гузаронида мешавад (дар бештари мавридҳо аз тарафи Ташкилоти байналмилалии полиси ҷиноятӣ – Интерпол ҳамоҳанг сохта мешавад).

Дар қаламрави давлатҳои аъзои ИДМ гузаронидани ҷустуҷӯи байнидавлатӣ шабеҳи низоми амалкунандаи ҷустуҷӯи дохи-

лидавлатӣ дар баъзе давлатҳо (Федератсияи Россия байни давлатҳои федератсия) мебошад ва тавре аллакай қайд намуда будем, он ҷустуҷӯи байналмилалиро иваз наменамояд. Ҷустуҷӯи байнидавлатии шахсон дар он ҳолатҳое эълон карда мешавад, ки дар натиҷаи чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ҷойи пинҳоншавии эҳтимолии шахсони ҷустуҷӯшаванда дар қаламрави як ва ё якчанд давлати иштирокчии ИДМ муқаррар карда мешавад ва ё дар хусуси нияти ба қаламрави ин давлатҳо сафар кардан ё қаблан якчанд маротиба сафар доштани чунин шахсон маълумот дастрас мегардад. Моддаи 7 Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» имконияти аз тарафи мақомоти амалиқунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷуӣ гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯиро дар асоси дархости мақомоти ҳифзи ҳуқуқи давлатҳои хориҷӣ ё созмонҳои байналмилалии ҳифзи ҳуқуқ тибқи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам менамояд[3; 7]. Дар ин ҳол, чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯии аз рӯи чунин дархостҳо гузаронидашаванда, бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии тоҷикистон анҷом дода мешаванд.

Ҳамин тавр, ҷустуҷӯи байнидавдатии шахсони аз тафтишоти пешакӣ ва суд пинҳоншавандаро метавон ҳамчун маҷмӯи чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, кофтуковӣ, таҳлилӣ-иттилоотӣ ва дигар чорабиниҳои мутобиқи қонунгузории давлатҳои иштироккунандаи кофтукови байналмиллалӣ, инчунин дар асоси шартномаҳои байналмилалии аз тарафи давлатҳои иштирокчии ИДМ басташуда амалишаванда муайян намуд, ки ба ошкор кардан бо мақсади ҳабс ва минбаъд супоридани (истирдоди) шахсони ҷустуҷӯшаванда ва ё қабули қарори дигар нисбати онҳо, ки берун аз давлати ташаббускори ҷустуҷӯ, вале эҳтимолан дар доираи қаламрави давлатҳои иштирокчии ИДМ қарор доранд, равона гардидааст. Ҳангоми ҷустуҷӯи байнидавлатии шахсон - низоми бонгию хабардиҳии тамоми қайдҳои оперативӣ-иттилоотонии марказҳои иттилоотӣ ва бюроҳои суроғавии вазоратҳои корҳои дохилии давлатҳои аъзои ИДМ истифода бурда мешаванд. Ташкил ва пешбурди махзанҳои марказҳои иттилоотии ҷустуҷӯи байнидавлатӣ мутобиқи банди 5 Дастурамали Маркази асосии иттилоотӣ ва ё Сармаркази иттилоотиву таҳлилии ВКД ҶТ (МАИ ва СМИТ ВКД ҶТ), ки мутобиқи Созишнома дар бораи муносибатҳои мутақобилаи вазоратҳои корҳои дохилӣ дар соҳаи мубодилаи иттилоот аз 3 августи соли 1992 анҷом дода мешавад, ҷустуҷӯи байнидавлатии бедараккумшудагон аз тарафи ташаббускори ҷустуҷӯ тавассути МАИ ва СМИТ ВКД ҶТ бо қарори мақомоти корҳои дохилии амалисозандаи ҷустуҷӯ эълон карда мешавад[5; 227]. Ҳамин тавр, ҷустуҷӯи шахсони бедараккумшуда, новобаста аз шаҳрвандии онҳо, аз тарафи ташаббускор ва мақомоти корҳои дохилии давлате, ки дар қаламрави он факти маскунгирии охирини шахси ҷустуҷӯшаванда муқаррар карда шудааст, анҷом дода мешавад. Асос барои анҷом додани ҷустуҷӯи ин категорияи шахсон - аризаи (хабари) шаҳрвандон ё ин ки дархост ва супориши мақомоти ҳифзи ҳуқуқи давлатҳои иштирокчии ИДМ мебошанд.

**Руйхати адабиётҳои истифодашуда:**

1. Гасымов Н.Г. Международный розыск: вопросы теории и практики. Автореф. дисс. док.юр.наук. –М., 2005;

2. Дастурамали нав дар бораи тартиби ягонаи амалисозии ҷустуҷӯи байнидавлатии шахсони ҷиноятқор аз 7 сентябри соли 2007 [Захираи электронӣ]. www.mmk.tj. (санаи муроҷиат 18. 03. 2020);

3. Қонуни ҶТ “Дар бораи Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷуӣ” аз 25 марти соли 2011 №687 [Захираи электронӣ]. www.mmk.tj. (санаи муроҷиат 18. 03. 2020);

4. Путова И.В. Международный розыск преступников: Правовые, организационные,

оперативно-тактические аспекты. Дисс… канд. юрид. наук. – М., 2001. Стр. 288-321;

5. Раҳимзода Р.Ҳ. “Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷуӣ” китоби дарсӣ. дастури таълимӣ. Душанбе 2014 саҳ 221-382;

6. Решетов Ю.А. Борьба с международными преступлениями (правовые проблемы). - Автореф. дисс... док.юрид.наук - М.: Институт государства и права АН СССР, 1983. - 25 с.;

7. Тетерзиев Н. В. Розыск // Настольная книга следователя. М.: Юриздат, 1949. С. 182-184.;

8. Шеварега А.Б. Сотрудничество государств в борьбе с международ-ными уголовными преступлениями. - Автореф.дисс... кан.юрид.наук. - Киев: Киевский государственный институт им. Т.Г.Шевченко, 1990.

## КОФТУКОВИ БАЙНИДАВЛАТИИ ШАХСОНИ БЕДАРАКГУМШУДА Ё ДАР ВАЗЪИЯТИ ҶИНОЯТӢ ГУМШУДА

Дар мақолаи мазкур масоили мафҳуми ҷустуҷуи байналмиллалӣ, намудҳои он, асосҳои татбиқи он, тартиби амалигардонии ҷустуҷуи байналмиллалии шахсони бедарак ғайбзада ё дар вазъияти ҷиноятӣ гумшуда, тартиби ҳамкории давлатҳои аъзои ИДМ дар самти ҷустуҷуи байналмиллалӣ ва байнидавлатӣ, асосҳои ҳуқуқии танзимнамоии ҷустуҷуи байналмиллалӣ, тартиби амалигардонии ҷустуҷуи байналмиллалӣ дар ҳудуди давлатҳои аъзои ИДМ ва асосҳои ҳуқуқии гузаронидани он мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Инчунин дар мақолаи мазкур тартиби пешниҳоди маълумотҳо оиди шахсони гумшуда ё дар вазъияти ҷиноятқорӣ гумшуда аз ҷониби мақомоти ваколатдор пешбинӣ шудааст.

**Калидвожаҳо:** *кофтукови байнидавлатӣ, давлат, ҷиноятқорона, пинҳон шудан, фаъолият, оперативӣ-ҷустуҷуӣ, санадҳои байналмиллалӣ, қонунгузорӣ, шахсон, байнидавлатӣ, ҷумҳурӣ.*

## МЕЖГОСУДАРСТВЕННЫЙ РОЗЫСК БЕЗ ВЕСТИ ПРОПАВШИХ ЛИЦ ИЛИ ПРОПАВШИХ ПРИ КРИМИНАЛЬНЫХ ОБСТОЯТЕЛЬСТВАХ

В данной статье рассматриваются актуальные вопросы международного поиска, его виды, основы его реализации, порядок осуществления международного розыска пропавших без вести лиц или пропавших без вести в уголовном состоянии, порядок взаимодействия государств-участников СНГ в сфере международного и межгосударственного поиска и правовые основы регулирования международного поиска, порядок осуществления международного поиска в пределах государств-участников СНГ и правовые основы его проведения. Также в настоящей статье предусмотрен порядок представления уполномоченными органами сведений о потерянных или пропавших в ситуации с преступностью.

**Ключевое слова:** *межгосударственного розыска, государство, преступность, скрывщих, оперативно-розыскное, деятельность, международное акты, законодательство, лиц, межгосударство, республика.*

## INTERNATIONAL MAELSTROM OF UNPROTECTED PERSONS OR MISSING PERSONS IN CRIMINAL STATUS

This article discusses current issues of international search, its types, the basis for its implementation, the procedure for international search for missing persons or missing persons in criminal status, the procedure for interaction of CIS member States in the field of international and interstate search and the legal basis for regulating international search, the procedure for international search within the CIS member States and the legal basis for its conduct. This article also provides for the procedure for submitting information by authorized bodies about lost or missing persons in a crime situation.

**Key words:** *inter-state investigation, government, criminal, disappeared, the operational-search, activity, international acts, legislation, person, inter-state, republic.*

# МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ КОРИ ДАСТАҶАМЪИСТ

***Носирӣ Алишер Қаҳҳор – сарнозири шуъбаи муқовимат ба коррупсияи Раёсати Агентӣ дар шаҳри Душанбе, подполковники адлия***



Яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин ба роҳ мондани пешгирии коррупсия мебошад, ки аз иродаи бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарчашма мегирад.

Муқовимат ба коррупсия кори дастаҷамъона буда, дар он мақомоти давлатӣ дар ҳамбастагӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бо иштироки ҳар як фарди ҷомеа метавонад натиҷаҳои дилхоҳро ба даст оварад ва болоравии коррупсияро коҳиш диҳад.

То он даме ки мафкураи ҷомеа тағйир дода нашавад, то он даме ки ҷомеа коррупсияро чун зуҳуроти бадиву бадкирдорӣ қабул накунад, ҳар ташаббусу иқдоми наҷиби давлат дар ин самт камтаъсир меанҷомад.

Коррупсия яке аз мушкилиҳои муҳими ҷомеаи имрӯзаи ҷаҳонӣ боқӣ монда, хатари тамоми соҳаҳои хоҷагии халқро фаро гирифтани он вуҷуд дорад. Аз ин рӯ, вазифаи стратегии ҳар як давлат паст кардани сатҳи коррупсия ва пешгирӣ кардани ҷараёни паҳншавии он дар ҷомеа мебошад.

Хатари коррупсия аз хатари терроризму ифротгароӣ кам набуда, вобаста ба падидаҳои иҷтимоии манфии худ, метавонад ба генафонди миллӣ зарари ҷиддӣ расонад.

Бояд қайд кард, ки коррупсия ҳамчун зуҳуроти хафноки ҷамиятӣ, таърихи дуру дарозро доро буда, шаҳодати гуфтаҳои болоро дар бойгониҳои Бобулистони қадим (нимаи дуюми асри XXIV то мелод), дертар дар қонунҳои машҳури Ҳаммурапӣ дучор омадан мумкин аст.

Ин падидаи номатлуб ба таърихи ҳазорсолаи халқи тоҷик ва яке аз ёдгориҳои таърихии “Авесто” низ алоқаи зич дорад.

Мисоли коррупсияро дар яке аз аввалин ёдгориҳои таърихи халқи тоҷик “Авесто” чунин гуфтааст: «Бо одами хасис ҳамкорӣ накун ва ӯро мансаб мадеҳ».

Аз гуфтаҳои боло хулоса кардан мумкин аст, ки коррупсия таърихи куҳан дошта, он бо истилоҳҳои гуногун баён шуда, оиди ин амали зишт аз ҷониби олимон ва дигар равшанфикрони замон пешниҳоду тавзеҳот дода мешуд, то ки он ҳадди имкон аз байн бардошта шавад ва шароити мусоиде барои халқ дар ҳама гуна соҳаҳои давлатию ҷамъиятӣ фароҳам оварда шавад.

Вобаста ба ин масоил мутафаккири бузурги Фаронса Ш.Л. Монтеске гуфта буд, ки «Дар натиҷаи амалҳои коррупсионӣ тартиботи хуби ҷамъиятӣ аз байн рафта, дастгоҳи давлатӣ фалаҷ ва ба як чизи бекора мубаддал мешавад».

Коррупсия феълан падидаи иҷтимоиест, ки дар тафаккури ҷамъиятӣ низ фаҳмиш ва тафсири якхела надорад. Муносибати шаҳрвандон бо коррупсия гуногун буда, онро бо ришва, суиистифода аз мансаб, пораситонӣ, судхӯрӣ, падидаи тамаллуқкорӣ, хушомад задан ва ғайра мешуморанд.

Бо вуҷуди ин ҳама новобаста аз зиёд будани фаҳмиш ва нуқтаи назари гуногун нисбат ба коррупсия аксарияти одамон дар ақидаанд, ки ин амал ҳамчун зуҳуроти манфӣ пояҳои ҷомеаро вайрон намуда, таҳаввулоти ҷомеаро зери хатар мегузорад, вазъияти рифоҳӣ ва ахлоқии одамонро хароб ва ба пайвасти институтҳои давлатӣ бо доираҳои ҷиноятӣ ва коҳиш ёфтани боварии мардум нисбати мақомоти давлатӣ оварда мерасонад.

Имрӯзҳо доираи коррупсия васеъ гашта, ба соҳаҳои гуногуни фаъолияти ҷомеа, аз ҷумла ба сиёсат, иқтисодиёт, иҷтимоиёт ва ахлоқ бетаъсир буда наметавонад. Барои муборизаи самаранок бар зидди коррупсия тадбирҳои комплексиро аз қабили иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ андешидан зарур аст.

Чӣ тавре, ки аз муқаррароти моддаҳои 1, 5, 10 ва 14-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ҳуқуқҳои асосӣ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат кафолат додааст ва инчунин ӯҳдадор аст, ки барои амалӣ намудани онҳо шароит муҳайё созад. Ин муқаррарот, инчунин дар қисми 2-и моддаи 1-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ки тибқи он «Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як шахс шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад».

Барои расидан ба ҳадафҳои дар боло зикргардида зарур аст, ки корҳои назаррасе баҳри бартараф намудани ин мушкилотҳо ба сомон расонда шавад.

Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид бар зидди коррупсия, маҳз ба хотири мубориза бар зидди коррупсия, пешгирии сабаб ва омилҳои ба пайдоиши ҷиноят ва ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ мусоидаткунанда ва решакан намудани онҳо 31 октябри соли 2003 қабул шуда, баҳри амалӣ кардани ин мақсад чораҳои мушаххас пешбинӣ намудааст.

Муҳимияти ин ҳуҷҷати Созмони Милали Муттаҳидро ба назар гирифта Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз аввалинҳо шуда, 25 сентябри соли 2006 ба он имзо гузошт. Конвенсияи мазкур 16 апрели соли 2008 аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ (ратификатсия) шудааст ва минбаъд қисми таркибии низоми ҳуқуқии мо ба шумор рафта, ҳамаи қонунҳои қабулгардида ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонида шуда истодаанд.

Қонунҳо, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумат, ки дар давраи соҳибистиқлолии кишвар ба тасвиб расидаанд, гувоҳи гуфтаҳои боло ва диққати ҷиддии Роҳбари давлат дар самти мубориза бар зидди коррупсия мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста баҳри паст намудани шиддати коррупсия дар кишвар тадбирҳои судманд андешида, баҳри амалӣ намудани он якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дар асоси онҳо барномаҳои давлатӣ қабул намудааст.

Дар ин ҷода баҳри банақшагирии фаъолияти давлат дар самти муқовимат ба коррупсия бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2008, №34 бори аввал барномаи зиддикоррупсионии давлатии “Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012” ба тасвиб расида, баъди ба охир расидани муҳлати амали он, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2013, №1504 “Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020” қабул гардид. Баҳри амалӣ гаштани мақсаду мароми Барномаҳои мазкур Агентӣ аз тамоми имкониятҳои мавҷуда истифода бурда, ҷиҳати татбиқи нақшаи чорабиниҳои онҳо дар ҳамбастагӣ бо вазорату идораҳо чораҳои таъхирнопазир ва муассирро андешида истодааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми вохӯриву мулоқотҳо ва чорабиниҳои сиёсӣ доир ба ин падидаи номатлуб, яъне коррупсия изҳори нигаронӣ намуда, баҳри пешгирӣ ва бартараф намудани оқибатҳои омилҳои коррупсионӣ дар назди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои давлатӣ вазифаҳои мушаххас гузоштаанд.

Тавре таъкид гардид, коррупсия зуҳуроти номатлубест, ки эътимоди мардумро ба

давлат коста гардонида, обрӯву эътибори онро коҳиш медиҳад, барои рушди иқтисодиёти пинҳонӣ ва истифодаи ғайримақсадноки маблағҳои давлативу ҷамъиятӣ шароит фароҳам оварда дар маҷмӯъ, боиси поймолшавии ҳуқуқи инсон ва заиф шудани пояҳои ахлоқии ҷомеа мегардад.

Дар паёмҳои ҳамасолаи Роҳбари давлат ба ин масъала диққати ҷиддӣ дода мешавад ва онҳо аз ҷониби ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташкилотҳои давлатӣ ва табақаҳои гуногуни аҳолӣ пазируфта шуда, зина ба зина дар амал татбиқ мегарданд.

Масъалан, дар Паёми навбатӣ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуданд, ки “Коррупсия яке аз монеаҳои ҷиддии рушди босуботи кишвар буда, метавонад боиси коҳиш ёфтани эътибору обрӯи давлат дар арсаи байналмилалӣ ва норизоии шаҳрвандон аз фаъолияти сохтору мақомоти давлатӣ гардад.

Дар кишвари мо ҷиҳати пешгирӣ ва аз байн бурдани омилҳои коррупсионӣ ва тавсеаи ҳамкориҳои давлат бо ҷомеаи шаҳрвандӣ заминаҳои дахлдори ҳуқуқиву сохторӣ фароҳам оварда шудаанд.

Бо вуҷуди ин, таҳлили муроҷиатҳои шаҳрвандон нишон медиҳад, ки фаъолияти баъзе мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори онҳо дар ин самт ҳанӯз ҳам ба талабот ҷавобгӯй нест.

Бинобар ин, роҳбарони вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии шаҳраку деҳотро зарур аст, ки ба масъалаи интихобу ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо, тарбияи онҳо дар рӯҳияи поквиҷдонӣ ва муносибати боэҳтиром ба шаҳрвандон эътибори аввалиндараҷа диҳанд.”

Ин гуфтаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки мубориза дар ин самт аз диққати ҳамарӯзаи Сарвари давлат ва Ҳукумати ҷумҳурӣ холӣ нест.

Бо ташаббуси Пешвои муаззами миллат, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, имрӯз аз оғози фаъолияти он 13 сол сипарӣ гаштааст. Агентӣ ҳамчун мақомоти махсуси муборизабаранда бар зидди коррупсия мубориза бо коррупсияро ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ қарор дода, ба ташаккули заминаҳои ҳуқуқиву сохторӣ ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин самт фаъолиятро пурзӯр намуда истодааст.

Бо назардошти он ки дар самти мубориза бо коррупсия мавқеи афзалиятнокро таҳия ва татбиқи чораҳои комплексии пешгирӣ ва профилактикаи коррупсия ишғол менамояд, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2008 дар сохтори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шуъбаи пешгирии коррупсия таъсис ёфт.

Қайд кардан зарур аст, ки мубориза бар зидди коррупсия ва коҳиш додани сатҳи он аз бисёр омилҳо ба мисли дастаҷамъӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, савияи баланди донишу шуурнокӣ ва фаъолнокии ҳар як фарди ҷомеаро сатҳи воқеии зиндагӣ вобаста аст.

Барои ноил гаштан ба ҳадафҳои сиёсати зиддикоррупсионии давлатӣ ҷалби бештари қишрҳои ҷомеа ҷиҳати муқовимат ба коррупсия ва баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии ҳуқуқии шаҳрвандон, истифодаи маҷмӯи воситаву усулҳои муосир мувофиқи мақсад дониста мешавад.

Аз ин рӯ, воқеан ҳам ҳар як фарди бо нангу номуси ватан бояд чунин дастуру супоришҳои сарвари кишварро сармашқи кори худ намуда, бо дастгирӣ аз сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумат, баҳри аз байн бурдани ин падидаи номатлуб дар фазои ҳамдигарфаҳмии миллӣ бо дарки баланди масъулияти ватандорӣ ва бо ифтихор аз миллату ватани хеш сарҷамъона муборизаи беамон бурда, баҳри рушду нумуи ватани азизамон саҳми арзандаи худро гузорад.

Бо мақсади коҳиш додани сатҳи коррупсия пешниҳод менамоем, ки тавсияҳои зерин ба инобат гирифта шавад:

– такмил ва васеъгардонии низоми тарғибу ташвиқоти зиддикоррупсионӣ дар байни аҳолӣ;

– баланд бардоштани афзалиятнокӣ ва беҳтар намудани таъминоти захиравии фаъолият оид ба пешгирии коррупсия;

– устуворгардонии кафолатҳои конститутсионӣ ба шаҳрвандони кишвар;

– тақвият додани низоми назорати ахлоқӣ ва коркарди механизмҳои таъсирбахши пешгирии бархӯрди манфиатҳо дар хизмати давлатӣ;

– баланд бардоштани сатҳи дастрасии маълумот дар бораи фаъолияти мақомоти давлатӣ;

– дастгирии равандҳои шаффофияти фаъолияти мақомот ва ташкили ҳамкориҳои самаранок бо ҷомеа;

– баланд бардоштани самаранокии кори Комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба пешгирии коррупсия ва дигар ниҳодҳои машваратӣ;

– ташкили бозиҳои зеҳнӣ ва ҳама гуна озмуну мусобиқаҳо дар байни хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таълимӣ;

– таъсиси курсҳои кӯтоҳмуддат барои баланд бардоштани донишҳои ҳуқуқии соҳибкорон оид ба масъалаҳои ташкили коргузорӣ, андозситонӣ, тартиби баргузор намудани санҷиши фаъолият ва ғайра;

– паҳн кардани варақаҳои иттилоотии зиддикоррупсионӣ;

– ташкили силсилаи барномаҳои телевизионии зиддикоррупсионӣ;

– таҳияи филмҳои бадеиву ҳуҷҷатии зиддикоррупсионӣ;

– ташкили вохӯрии олимону коршиносон бо аҳли ҷомеа оид ба ҷанбаҳои алоҳидаи зуҳуроти коррупсионӣ;

– ташкилоту корхона ва муассисаҳое, ки иҷрои нишондоди барномаҳои зиддикоррупсионӣ ба зиммаашон вогузор карда шудааст, баҳри ноил гаштан ба натиҷаҳои баланди фаъолият рақобати солим ташкил карда, беҳтаринҳо қадршиносӣ карда шаванд;

– ба сифати ёрдамчиёни ҷамъиятӣ ҷалб кардани ҷавонону шахсони ташаббускор ба фаъолияти мақомоти зиддикоррупсионӣ;

– ташкили саҳифаҳои алоҳидаи зиддикоррупсионӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ, бо ҷойгиркунии иттилооти мухталиф оид ба асосҳои ҳуқуқии муқовимат ба коррупсия;

– омӯзиши таҷрибаи пешқадами ташкилоту корхонаҳои байналмилалӣ ва алоҳидаи дохилӣ дар самти муқовимат ба коррупсия.

# ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АГЕНТИИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯВӢ ВА МУБОРИЗА БО КОРРУПСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР САМТИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ

***Бобохонзода Комрон Субҳон – нозири калони шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ, маркази матбуот ва робита бо ҷомеаи Сарраёсати муқовимат ба коррупсияи Агентӣ, лейтенанти калони адлия***



Коррупсия аз замонҳои қадим яке аз мушкилоти печида ва муҳими инсоният ба шумор меравад, зеро дар тамоми давраи рушди тамаддуни башарӣ ин зуҳуроти номатлуби иҷтимоӣ фаъолияти муътадили ҳокимияти давлатиро халалдор намуда, барои пешрафту инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ монеа эҷод намудааст.

Дар замони муосир низ падидаи мазкур ба худ хусусиятҳои мухталиф – аз порагирӣ то суиистифодаи ваколатҳои мансабиро дар бар гирифта, ба институтҳои демократӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва арзишҳои волои маънавӣ таъсири манфии худро расонида истодааст.

Бояд қайд намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ва ташаббусҳои созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қадамҳои устувори худро дар самти муқовимат бо коррупсия гузошта, тамоми заминаҳои ташкилию ҳуқуқиро фароҳам овардааст.

Дар соли 2003 қабул гардидани Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия баёнгари муттаҳидӣ ва иродаи зиёда аз 100 кишвари олам дар атрофи ақидаи муқовимати дастаҷамъона бо ин вабои аср мебошад.

Дар ин ҷода, Тоҷикистон яке аз иштирокчии фаъоли раванди ҷаҳонии муқовимат ба коррупсия маҳсуб ёфта, 25 сентябри соли 2006 Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсияро пазируфта, онро 16 апрели соли 2008 тасдиқ намуд.

Бо ба инобат гирифтани муқаррароти моддаи 36 Конвенсияи мазкур бо ибтикори Пешвои муаззами миллат 10 январи соли 2007 мақомоти махсусгардонидашудаи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Дар баробари ин, ду маротиба қабул ва роҳандозӣ намудани Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолати ноил гардидан ба муборизаи дастаҷамъона зидди ин зуҳуроти номатлубро таъмин намуда, боиси аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардидани ташаккули сиёсати зиддикоррупсионии кишвари мо гардидааст.

Бояд хотирнишон созем, ки вазъи ноустувори ҷаҳони муосир дар шароити шиддат ёфтани таҳдиду хатарҳои глобалӣ аҳамияти таҳкиму густариши муносибатҳои байналми-

лалиро дучанд менамоянд. Аз ин рӯ, Агентӣ ҳамкориҳои фарогирро бо созмонҳои байналмилалию минтақавӣ идома дода, ҷиҳати пешбурди фаъолияти самарабахш бо онҳо пайваста кӯшиш менамояд.

Дар ин асно, ҳамкорӣ дар асоси Нақшаи Истамбулии амалҳо бо Котиботи Шабакаи зиддикоррупсионӣ барои давлатҳои Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказии Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд (СҲИР) аз рӯзҳои аввали таъсисёбии мақомот ба роҳ монда шудааст.

Бояд тазаккур дод, ки Нақшаи Истамбулии амалҳо оид ба мубориза бо коррупсия – ин барномаи шарҳии минтақавии коллегиалӣ буда, соли 2003 дар доираи Шабакаи зиддикоррупсионӣ оғоз ёфтааст. Аввалин маротиба моҳи январи соли 2004 вобаста ба вазъи ҳуқуқӣ ва иқдомоти зиддикоррупсионии давлат ба Шабакаи СҲИР аз ҷониби Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми ваколатдори мубориза бо коррупсия ҳисобот манзур карда шудааст.

Барномаи мазкур ислоҳоти зиддикоррупсиониро тариқи гузаронидани шарҳи давлатӣ ва мониторинги мунтазами иҷрои тавсияҳо ҷонибдорӣ намуда, онро дар доираи стандартҳои байналмилалӣ ва таҷрибаи муваффақи ҷаҳонӣ роҳандозӣ менамояд.

Баъд аз таъсис ёфтани Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти махсусгардонидашуда вазифаи таҳия ва пешниҳоди ҳисоботҳои ҳамасола дар ин самт бар дӯши мақомот вогузор гардид, ки то ба имрӯз вобаста ба 4 даври мониторинги тавсияҳои созмон баҳри амалигардонии Нақшаи Истамбулии амалҳо ҳисоботҳои фосилавию даврии кишвар дар ҳамбастагӣ бо субъектони муқовимат ба коррупсия таҳия гардида, унвонии созмон пешниҳод карда шудаанд. Дар натиҷа дар ҷаласаҳои ҳамасолаи Шабака масъулини мақомот ва роҳбарони вазорату идораҳои кишвар ширкат варзида, ҳисоботҳои давлатиро ҳимоя намуданд.

Қобили қайд аст, ки даври якуми мониторинг солҳои 2004-2007, даври дуюм 2008-2012, даври сеюм 2013-2015 ва даври чоруми он 2016-2019 гузаронида шудааст, ки дар баробари ҳисоботҳои давлатӣ ҳисоботҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ низ дар ҷаласаҳои шабака



***Маросими аксгирии Иштирокчиёни ҷаласаи СҲИР. Ҷумҳурии Фаронса, Париж 11-14-уми сентябри соли 2017***

мавриди баррасӣ қарор гирифта, аз ҷониби коршиносон баҳогузорӣ карда мешаванд.

Ҳамзамон, дар доираи мониторингҳои гузаронидашуда Котиботи Шабака ва коршиносони Созмон вобаста ба ҳар даври мониторинг ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварда, иҷроиши тавсияҳои ба ҷумҳурӣ пешниҳоднамудаи худро дар самти амалисозии Нақшаи мазкур арзёбӣ намуда, ҳолати иҷроиши онро таҳлил ва натиҷагирӣ менамоянд.

Равандҳои ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироӣ дар иқтисоди ҷаҳони муосир низ ба вазъи ҷинояткорӣ дар соҳаи иқтисодиёт таъсири бевосита мерасонад.

Бо мақсади пешгирии ҷиноятҳкории молиявию иқтисодӣ ва аз байн бурдани мушкилот дар ошкор ва тафтиши онҳо 20 октябри соли 1999 роҳбарони мақомоти тафтиши молиявии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил қарор доданд, ки Шӯрои ҳамоҳангсозии роҳбарони мақомоти тафтиши молиявии давлатҳои аъзои ИДМ (ШҲРМТМ – минбаъд Шӯро) таъсис дода шавад.

30 ноябри соли 2000 бо қарори Шӯрои сарони давлатҳои ИДМ, Шӯрои мазкур ҳамчун мақомоти соҳавии ҳамкориҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил эълон гардида, Низомномаи он тасдиқ карда шуд.

Шӯро фаъолияти худро ҳамасола дар шакли ҷаласа доир менамояд. Аз давраи таъсисёбӣ то ба имрӯз бо иштироки роҳбарони мақомоти тафтиши молиявӣ, намояндагони вазорату идораҳо ва дигар коршиносон 20 ҷаласаи Шӯро гузаронида шудааст.

Сохтори Шӯро аз Котибот ва Бюро иборат мебошад, ки масъалаҳои ташкилию ҳамоҳангиро ба уҳда дошта, барои таъмини рушди самаранок ва ҳамоҳангсозии ҳамкориҳои бисёрҷонибаи мақомоти салоҳиятдори тафтиши молиявӣ масъул аст.

Бояд қайд кард, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ду маротиба, солҳои 2007 ва 2019 ҷаласаҳои Шӯрои ҳамоҳангсозии роҳбарони мақомоти тафтиши молиявии давлатҳои аъзои ИДМ доир карда шудааст, ки охирин




***Роҳбарони ҳайатҳои XX-умин ҷаласаи Шӯрои ҳамоҳангсозии роҳбарони мақомоти тафтиши молиявии (КСОНР) давлатҳои аъзои ИДМ***

маротиба 21-23 август дар шаҳри Душанбе баргузор гардид.

Тибқи анъана дар 20-умин ҷаласаи Шӯро солҳои 2019-2020 Ҷумҳурии Тоҷикистон раёсатро ба уҳда гирифт, ки онро директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Султонзода Сулаймон Саид роҳбарӣ менамояд.

Дар ҷаласаи баргузоргардида намояндагони 7 давлат бо шумораи умумии 27 нафар иштирок намуданд, ки аз натиҷаи он оид ба масъалаҳои муҳими баррасишуда 10 адад қарорҳои ниҳоӣ қабул карда шуд. Ҷаласаи мазкур дар муҳити дӯстона, руҳияи ҳамдигарфаҳмӣ, эътимоднокӣ ва ҳамкории созанда баргузор гардид.

Қайд кардан зарур аст, ки бо мақсади муаррифӣ намудани фарҳангу анъанаҳои пурғановати мардуми тоҷик тамоми маводҳои корӣ ҷаласа бо нақшу нигори миллӣ омода ва пешкаши иштирокчиён карда шуданд.

Дар як вақт ҷиҳати тарғиби имкониятҳои сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иштирокчиён маводҳои таблиғкунандаи сайёҳӣ, туҳфаҳои армуғонӣ ва медали ҷашнии 20-умин ҷаласаи Шӯро тақдим карда шуд.

Боиси хушнудист, ки иштирокчиёни ҷаласа аз фарҳанги меҳмоннавозӣ ва анъанаҳои миллии мардуми тоҷик таассуроти нек бардошта, дар ин ҷода ба роҳбарияти Агентӣ минатдории худро изҳор намуданд.

Маврди ба зикр аст, ки Агентӣ мутобиқи қонунгузории кишвар ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории байналмилалии ҳуқуқиро бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, дигар мақомоти салоҳиятдори давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ ба роҳ мемонад.

Аз ҷумла, 1 феврали соли 2018 байни Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти давлатии мубориза бо ҷиноятҳои иқтисодии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба ҳамкориҳо дар соҳаи мубориза бо ҷиноятҳои молиявӣ ва иқтисодӣ Созишнома ба имзо расонида шуд.

Дар ин замина, дар доираи 20-умин ҷаласаи Шӯрои ҳамоҳангсозии роҳбарони мақомоти тафтиши молиявии (КСОНР) давлатҳои аъзои ИДМ, мулоқоти дуҷониба байни роҳбарони Агентӣ ва Хадамоти давлатии мубориза бо ҷиноятҳои иқтисодии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон доир карда шуд. Дар мулоқоти мазкур Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии Созишнома барои солҳои 2019-2020, ки иборат аз 5 банд мебошад, ба имзо расонида шуд.


Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурииии Тоҷикистон ҳамкориҳои судмандро дар соҳаи мубориза бо ҷиноятҳои молиявию иқтисодӣ бо Хадамоти мазкур тақвият дода, ҷиҳати амалисозии талаботи Созишнома ва Нақшаи чорабиниҳои зикршуда тамоми чораҳои заруриро роҳандозӣ намуда истодааст.

Дар ҳамин радиф Агентӣ ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкориҳои мутақобилан судманд як қатор лоиҳаҳо, аз ҷумла лоиҳаҳои Созишномаҳои ҳамкорӣ дар самти пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия бо давлатҳои Беларус, Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Фаластинро омода намуда, баъд аз мувофиқа намудан бо вазорату идораҳои дахлдор тавассути роҳҳои дипломатӣ ба ин давлатҳо ирсол кардааст.

Илова бар ин ҳамкориҳои дигари Агентӣ дар доираи Шӯрои байнидавлатӣ оид ба муқовимат ба коррупсия роҳандозӣ гардида истодааст.

Бояд зикр намуд, ки 25 октябри соли 2013 дар ҷаласаи Шӯрои сарони давлатҳои ИДМ дар Минск роҳбарони 6 давлат (Ҷумҳуриҳои Арманистон, Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон ва Федератсияи Россия) Созишнома «Дар бораи ташкили Шӯрои байнидавлатӣ оид ба муқовимат ба коррупсия”-ро ба имзо расониданд, ки он бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 марти соли 2020, №1496 тасдиқ карда шуд.

Шӯро мақомоти соҳавии ҳамкориҳои давлатҳои аъзои ИДМ буда, дар доираи салоҳи-



***Маросими имзогузорӣ ба Созишнома байни Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти давлатии мубориза бо ҷиноятҳои иқтисодии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба ҳамкориҳо дар соҳаи мубориза бо ҷиноятҳои молиявӣ ва иқтисодӣ***

яти худ ҳамкории устувори байналмилалӣ ва қабули чораҳои самарбахши дастаҷамъонаро дар самти муқовимат бо коррупсия амалӣ мегардонад. Аъзои Шӯро роҳбарони мақомоти салоҳиятдор ва (ё) мақомоти махсуси давлатҳои аъзои ИДМ дар соҳаи мубориза бо коррупсия мебошанд. Раиси Шӯро ба таври навбатӣ аз ҷониби ҳар як аъзои Шӯро дар асоси принсипи ҷойивазкунӣ бо тартиби алифбои русӣ ба муҳлати на бештар аз як сол сурат мегирад, агар дар қарори Шӯро тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад. Раисони қаблӣ ва минбаъдаи Шӯро ҳамраисони он мебошанд.

Яке аз самти фаъолияти Шӯрои мазкур ин баргузории озмуни байналмилалии реклamаи иҷтимоии зиддикоррупсионии “Вместе против коррупции!” ташкил менамояд.

Озмуни мазкур ҳамасола дар ду ҷабҳа “видеоролики беҳтарин” ва “овезаи (баннер) беҳтарин” гузаронида шуда, шаҳрвандони давлатҳои аъзо метавонанд маводҳои омоданамудаи худро вобаста ба ин мавзӯъ пешниҳод намоянд.

Боиси хушнудист, ки дар соли 2018 намояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чорабинии мазкур аз ҷабҳаи “овезаи (баннер) беҳтарин” ҷойи сеюмро ишғол намуд. Чунин чорабиниҳо диққати ҷамъиятро ба масоили пешгирии коррупсия ҷалб намуда, баҳри баланд бардоштани маърифати зиддикоррупсионӣ ва боварии мардум ба мақомоти давлатӣ манфиатнок арзёбӣ мегардад.

Дар як вақт, аз ҷониби мақомоти Агентӣ ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо дигар созмону ташкилотҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Дафтари барномаҳои Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) дар шаҳри Душанбе дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шудааст.



*Ҳайати Агентӣ дар ҷаласаи панҷуми Шӯрои байнидавлатӣ оид ба муқовимат ба коррупсия*

Бояд зикр намуд, ки самтҳои асосии фаъолияти Дафтари барномаҳои САҲА дар Душанбе мавзӯъҳои таъмини амнияти экологӣ ва иқтисодӣ, рушди иқтисодӣ ва савдои наздисарҳадӣ, мусоидат ба идоракунии оқилонаи об дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ, баланд бардоштани сатҳи амнияти энергетикӣ, таҳия ва такмили қонунгузории экологӣ ва мубориза бо коррупсияро дар бар мегирад.

Лозим ба ёдоварист, ки Дафтар дар амалӣ гардонидани сиёсати зиддикоррупсионии кишвар ҳамкориҳои дуҷонибаро бо мақомоти Агентӣ ба роҳ монда, дар ҳамбастагӣ пайваста барои Комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба пешгирии коррупсия дар назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва дар мавзӯъҳои “Экспертизаи зиддикоррупсионии қонунгузории бонкӣ ва муқовимат бар зидди қонунигардонии маблағҳои бо роҳи ҷиноят ба дастовардашуда”, “Экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” ва “Стратегияи зиддикоррупсионӣ” бо иштироки намояндагони вазорату идораҳои дахлдор семинарҳои омӯзишӣ баргузор менамояд.

Ҳамзамон, ҳамкориҳо бо Дафтар ҷиҳати анҷом додани сафарҳои хизматии хориҷии кормандони Агентӣ барои андухтани таҷрибаи пешқадами давлатҳои пешрафта дар самти муқовимат ба коррупсия дар сатҳи зарурӣ қарор дорад.

Инчунин Агентӣ дар якҷоягӣ бо Дафтари барномаҳои САҲА дар Душанбе ҳамасола ҷиҳати баланд бардоштани маърифати зиддикоррупсионии шаҳрвандон видеороликҳои иҷтимоӣ оид ба оқибатҳои ногувори коррупсия ва овезаву брашураҳои навро таҳия менамояд.

Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд низ ҷиҳати тақвият ва рушди ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо мақомоти давлатҳои хориҷӣ ва дигар созмону ташкилотҳои байналмилалӣ тамоми тадбирҳои муассирро роҳандозӣ менамояд.

**Бо фармоиши директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 июни соли 2020, №03 тасдиқ шудааст.**

# ДАСТУРАМАЛИ
## ИЛМӢ-АМАЛӢ ОИД БА ТАРЗУ УСУЛИ ОШКОР ВА ТАФТИШИ ПЕШАКИИ ҶИНОЯТҲО МАРБУТ БА ГИРИФТАНУ ДОДАНИ ПОРА ВА РИШВАДИҲИИ ТИҶОРАТӢ

### МУҚАДДИМА

Тоҷикистони соҳибистиқлол дар роҳи эъмори ҷомеаи демократӣ ба дастовардҳои назаррас ноил гардида, дар фазои истиқлолияти сиёсӣ босубот рушд намуда истодааст. Мусовиан бо комёбиҳо ва афзалиятҳои ҷомеаи муосири мо зуҳуроти номатлубе, ки ба пешравии кишвар монеагӣ эҷод мекунад, коррупсия мебошад. Ин зуҳурот ба яке аз таҳдидҳои олами муосир табдил ёфта, амнияти кишварҳо ва минтақаҳоро зери хатар мегузорад.

Лозим ба ёдоварист ки коррупсия дар радифи дигар зуҳуроти зиддиҷамъиятӣ, ҳамчун коҳишдиҳандаи реҷаи қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, адолат ва боварии мардум ба давлат мегардад. Аз ин рӯ, дастаҷамъона мубориза бурдан бо омилҳои коррупсионӣ ва анҷом додани ҳамагуна чораҳои қонунӣ баҳри пешгирии он метавонад ба рушди босуботи ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ, сиёсиву фарҳангӣ шароити мусоид фароҳам оварад.

Мусаллам аст, ки давлату Ҳукумати кишвар бо дарназдошти шароити мавҷуда муборизаро алайҳи коррупсия дар Тоҷикистон аз вазифаҳои муҳими имрӯзу фардо мешуморад. Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мубориза бо ин зуҳурот таваҷҷуҳи пайваста ва хосса зоҳир намуда, қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таъсиси ниҳоди махсуси давлатӣ аз таваҷҷуҳи бевоситаи роҳбари давлат ба ин мавзӯи мубрам маҳсуб меёбад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои ҳуқуқии мубориза бар зидди коррупсия фароҳам оварда шудааст. Вале таъмини заминаҳои ҳуқуқӣ роҳи ягонаи ҳалли ин масъала набуда, татбиқи санадҳои ҳуқуқӣ фаъолнокӣ ва муборизаи дастаҷамъонаи кулли аъзоёни ҷомеаро талаб менамояд. Зеро бо вусъат ёфтани доираи ҷиноятҳои коррупсионӣ ва саривақт наандешидани чораҳои пешгирии содиршавии онҳо, боиси он мегарданд, ки ин намуди ҷиноятҳо ба худ шакли ошкоро, рӯйрост ва худсаронаро пайдо мекунанд. Ба иборае дигар, «коррупсия ва фасодкориҳо ҳамчун одат» вориди ҷомеа гашта, мавқеи бисёр категорияҳои ахлоқии ҷомеа ба мисли «виҷдон», «адолат», «покӣ», «ватандустию меҳанпарастӣ»-ро маҳдуд менамоянд.

Гирифтану додани пора ва ё ришва низ ба истилоҳи "коррупсия" робитаи зич дошта, он таърихи қадима дорад. Дар асрҳои миёна дар кишварҳои Аврупо истилоҳи "коррупсия" барои ифода намудани зуҳуроти "ришвадиҳӣ", "сӯиистифодаи мансаб" ва монанди инҳо истифода шуда, то ба имрӯз маънову муҳтавои худро гум накардааст.

Ҷиноятҳои марбут ба гирифтан, додани пора ва ришвадиҳии тиҷоратӣ ба таври ҷиддӣ масъалаҳоеро ба миён меорад, ки ба амнияти кишвар, арзишҳою падидаҳои демократӣ, меъёрҳои ахлоқӣ ва адолати иҷтимоӣ халал расонида, ба рушду устувории давлат ва тартиботи ҳуқуқии он зарар мерасонад.

Гирифтан ва додани пора ба теъдоди ҷиноятҳои хавфноки коррупсионӣ шомил буда, ошкор ва тафтиши пешакии ин гуна ҷиноятҳо яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Тибқи талаботи моддаи 161 қисми 7 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноятҳои дар моддаҳои 319-320 (гирифтан ва додани пора) ва 279 (ришвадиҳии тиҷоратӣ) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда тобеияти тафтишотии мақомоти махсусгардонишудаи мубориза бо коррупсия мебошанд.

Новобаста аз ин таҳлили маълумотҳои оморӣ собит менамоянд, ки раванди ошкор ва бақайдгирии ҷиноятҳои гирифтану додани пора ва ришвадиҳии тиҷоратӣ сол то сол коҳиш ёфта истодааст, ки аз фаъолияти бесамари сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ арзёбӣ гардида, донишҳои махсусро талаб менамояд. Субъектони ҷиноятҳои мазкур тарзҳои нави содир намудани онҳоро коркард намуда, кӯшиш менамоянд, ки аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ як қадам пеш бошанд.

Аз ин лиҳоз, бо дарназардошти рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ҳолати кунунии криминогенӣ вобаста ба ҷиноятҳои гирифтан, додани пора ва ришвадиҳии тиҷоратӣ, ки субъектони ҷиноят тарзу усулҳои муосири содир намудани чунин кирдорҳоро андешида, бо ин сабаб дар аксар мавридҳо онҳо ҳамчун латентӣ боқӣ мемонанд, инчунин ҷой доштани камбудиву нуқсонҳо дар раванди баргузории амалиётҳои оперативӣ-тафтишотӣ ва муаммоҳо роҷеъ ба хусусиятҳои хоси тафтиши ин қабил ҷиноятҳо, ба мақсад мувофиқ дониста шуд, ки дастурамали илмӣ-методӣ оид ба тарзу усули ошкор ва тафтиши пешакии ин гуна ҷиноятҳо таҳия ва мавриди истифода қарор дода шавад.

Гарчанде дастури методии мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта бошад ҳам, вале итминон дорем, ки он дар раванди фаъолияти хизматӣ аз тарафи кормандони мақомотҳои таҳқиқ, тафтишот ва пешбарандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, инчунин дигар доираҳои илмӣ-амалӣ васеъ истифода шуда, ҷиҳати дар ин самт самарабахш намудани фаъолияти хизматӣ таъсири мусбӣ хоҳад расонид.

## 1. МАФҲУМ, ТАРКИБ ВА НАМУДҲОИ ГИРИФТАНУ ДОДАНИ ПОРА ВА РИШВАДИҲИИ ТИҶОРАТӢ

Мувофиқи моддаи 319 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои аз ҷониби шахси мансабдор шахсан ё ба воситаи миёнарав гирифтани пора дар намуди пул, коғазҳои қиматнок, дигар молу мулк ё фоидаи дорои характери молу мулкидошта, барои иҷро кардан ё накардани амали муайян ба манфиати порадиҳанда ё намояндагони ӯ, агар чунин ҳаракат (беҳаракатӣ) ба доираи ваколати хизматии шахси мансабдор, шахси мансабдори давлати хориҷӣ ё шахси мансабдори ташкилоти байналмилалӣ дохил бошанд ё онҳо вобаста ба қудрати мавқеи мансабиашон ба чунин ҳаракат (беҳаракатӣ) мусоидат карда метавонанд, ҳамчунин барои пуштибонии умумӣ ё саҳлангорӣ дар хизмат, ҷавобгарӣ пешбинӣ карда шудааст.

Моддаи 320 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад ҷавобгариро барои додани пора шахсан ба шахси мансабдор, шахси мансабдори давлати хориҷӣ ё шахси мансабдори ташкилоти байналмилалӣ ё аз тариқи миёнарав, муқаррар менамояд.

Объекти ҷиноятҳои мазкур муносибатҳои ҷамъиятие, ки фаъолияти муътадил ва нуфузи ҳокимияти давлатӣ, мақомотҳои давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ҷузъу томъҳои ҳарбӣ ва ташкилоти корхонаҳои давлатиро таъмин мекунанд, дониста мешаванд.

Тарафи объективии ҷиноят дар ҳаракат ва кӯшиши гирифтан ва додани пора ифода меёбад. Пора метавонад бевосита

аз ҷониби порагир шахсан ва ё тавассути миёнарав бо супориши шахси мансабдори пора талабкарда, гирифта шавад.

Таркиби ҷиноятҳои мазкур расмӣ буда, он аз лаҳзаи гирифтан ва додани предмети пора ба итмомрасида ҳисобида мешавад.

Субъекти ҷинояти гирифтани пора шахсони мансабдор, шахси мансабдори давлати хориҷӣ ё шахси мансабдори ташкилоти байналмилалӣ дониста мешаванд.

Субъекти ҷинояти додани пора умумӣ буда, шахси мукаллафи ба синни шонздаҳсолагӣ расида мебошад.

Тарафи субъективии ҷиноятҳои гирифтан ва додани пора ба қасди бевосита асос меёбад. Аз ҷумла, шахси мансабдор дарк менамояд, ки арзишҳои моддӣ (хизматрасонии хусусияти амволӣ дошта)-ро барои содир намудани кирдори дахлдор бо истифода аз ваколатҳои хизматии худ ба манфиати порадиҳанда мегирад.

Ба сифати предмети пора метавонанд, маблағҳои пулӣ (асъори миллӣ ва ё хориҷӣ), қоғазҳои қиматнок (чек, аксия, вексел ва ғайра), молу мулк (манқул ва ё ғайриманқул) ва ё дигар фоидаи дорои характери молу мулкидошта (сохтмони бинову бӯстонсарой, фурӯхтани предмет бо нархи баръало арзон аз арзиши аслӣ ва ғайра) баромад кунад.

Мувофиқи диспозитсияи моддаи 279 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ғайриқонунӣ додани пул, коғазҳои қиматнок ё дигар молу мулк ба шахсе, ки дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона вазифаи идоракуниро ба ҷо меорад, ҳамчунин вобаста ба мақоми ишғолнамудаи ин шахс ғайриқонунӣ расонидани хизмати дорои хусусияти молу мулкӣ ба ӯ барои амали анҷомдодааш (беамалиаш) ба манфиати ришвадиҳанда, ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар карда шудааст.

Қисми 3 моддаи 279 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад ҷавобгарии ҷиноятиро барои аз ҷониби шахсе, ки вазифаи идоракуниро дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона анҷом медиҳад, ғайриқонунӣ гирифтани пул, коғазҳои қиматнок ё дигар молу мулк, ҳамчунин аз ҷониби ӯ ғайриқонунӣ вобаста ба мақоми ишғолнамудаи хизматӣ истифода бурдани хизматрасонии дорои хусусияти молу мулкӣ барои амали анҷомдода (беамалӣ) ба манфиати ришвадиҳанда, пешбинӣ менамояд.

Аз муҳтавои диспозитсияи моддаҳои 319 ва 320 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қиёс бо моддаи 279 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон аён мешавад, ришвадиҳии тиҷоратӣ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро воқеан барои ду ҷиноят пешбинӣ менамояд (додан ва гирифтани ришва), аз ҷиҳати тарафи объективии худ бо таркибҳои ҷиноятҳои гирифтан ва додани пора монанд мебошад. Аммо агар дар моддаҳои 319 - 320 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарӣ новобаста аз он ки шахси мансабдор амали ваъдашударо иҷро мекунад ё не, ҷиноят хотимаёфта ҳисобида шавад, мувофиқи моддаи 279 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад ришва барои амали анҷомдода дода мешавад.

Фарқияти ин ҷиноятҳо аз лиҳози объекти сӯиқасд ва субъекти ҷиноят мебошад. Бахусус, объекти ҷинояти ришвадиҳии тиҷоратӣ муносибатҳои ҷамъиятие, ки фаъолияти муътадили корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхонае, ки саҳми давлат дар он аз нисф кам мебошад, дониста мешаванд.

Тарафи объективии ҷинояти ришвадиҳии тиҷоратӣ дар ҳаракат, яъне кӯшиши гирифтан ва додани ришва ифода меёбад. Ришва метавонад бевосита аз ҷониби ришвагиранда шахсан ва ё тавассути миёнарав бо супориши шахси вазифаи идоракуниро дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона анҷомдиҳанда талаб карда гирифта шавад.

Таркиби ҷинояти мазкур расмӣ буда, он аз лаҳзаи гирифтани предмети ришва ва амали анҷомдодашуда ба итмомрасида ҳисобида мешавад.

Субъекти ҷинояти гирифтани ришва шахсе, ки вазифаи идоракуниро дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона анҷом медиҳад, дониста мешавад.

Тарафи субъективии ҷиноят дар қасди бевосита ифода мегардад. Ҳар ду тараф – ҳам ришвадиҳанда ва ҳам ришвагиранда – дарк менамоянд, ки туҳфа ё расонидани хизмати дорои хусусияти амволидошта ғайриқонунӣ дода шуда истодааст ва ё гирифта шуда истодааст барои анҷом додани амалҳои муайян ба манфиати ришвадиҳанда.

Ба сифати предмети ришва ба мисли пора метавонад, маблағҳои пулӣ, қоғазҳои қиматнок, молу мулк ва ё дигар фоидаи дорои характери молу мулкидошта баромад кунад.

Субъекти ҷиноятҳои додани пора ва ришва бошад ҳама гуна шахсони ба синни 16 солагӣ расида, ки кӯшиши додани пора ва ё ришваро анҷом медиҳанд, шуда метавонанд.

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ пора ё ришва ба ду намуд ҷудо карда шудааст. Пора ҳамчун "харидан" ва пора ҳамчун "мукофот". Пора ҳамчун "харидан" - ин то аз ҷониби шахси мансабдор содир гардидани кирдорҳои дахлдор ё баъди он аз рӯи маслиҳати пешакӣ аз ҷониби порадиҳанда дода мешавад.

Масалан, шахси мансабдор дар доираи ваколатҳои худ барои мусоидат намудан дар ғайриқонунӣ ҷудо намудани қитъаи замини наздиҳавлигӣ мувофиқи маслиҳат аз шаҳрванд пора мегирад.

Пора ҳамчун "мукофот" пас аз содир гардидани кирдорҳои дахлдор аз ҷониби шахси мансабдор бе маслиҳати пешакӣ ба ӯ дода мешавад. Масалан, агар судя аз рӯи кори меросгирӣ қарори асоснок барорад, вале меросгир мурофиаро бурд карда, ҳамчун аломати миннатдорӣ ба судя арзишҳои моддӣ диҳад, ин пора- мукофот ба ҳисоб меравад.

## 2. АЛОМАТҲОИ ТАВСИФКУНАНДАИ ГИРИФТАНУ ДОДАНИ ПОРА ВА РИШВАДИҲИИ ТИҶОРАТӢ

Тавре дар боло қайд гардид, субъекти ҷинояти гирифтани пора шахсони мансабдор, шахси мансабдори давлати хориҷӣ ё шахси мансабдори ташкилоти байналмилалӣ дониста мешавад.

Мувофиқи эзоҳи моддаи 314 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон шахси мансабдор шахси таъин ё интихобшуда фаҳмида мешавад, ки ба таври доимӣ, муваққатӣ ё бо ваколати махсус вазифаи намояндаи ҳокимияти давлатиро амалӣ менамояд, яъне бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои ваколатҳои амрдиҳӣ нисбат ба шахсоне мебошад, ки дар тобеияти хизматии ӯ қарор надоранд, инчунин шахсе, ки вазифаҳои ташкилию амрдиҳӣ, маъмурию хоҷагидориро дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ҳамчунин дар субъектҳои хоҷагидори давлатӣ ва дигар субъектҳои хоҷагидоре, ки дар онҳо ҳиссаи давлат на кам аз нисфро ташкил медиҳад, ба таври муздиок ё бемузд иҷро менамояд ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда.

Тибқи ҳамин меъёри қонуни ҷиноятӣ вазифаҳои ташкилию амрдиҳӣ - ваколатҳо оид ба амалӣ намудани роҳбарии коллективи меҳнатӣ, доираи муайяни кор, кормандони алоҳида, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо, ташкили меҳнати кормандони тобеъ, назорат ва санҷиши риояи интизоми меҳнат, татбиқи чораҳои ҳавасмандгардонӣ ва муҷозоти интизомӣ, вазифаҳои маъмурию хоҷагидорӣ бошад ваколатҳо оид ба идора ва ихтиёрдории молу мулк мебошад.

Дар асоси қисмҳои 1 ва 2 эзоҳи моддаи 319 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти мафҳуми шахси мансабдори давлати хориҷӣ шахси дар мақомоти қонунгузор, иҷроия, маъмурӣ ё судии давлати хориҷӣ ягон мансабро ишғолнамуда (интихобгардида ё таъингардида) ва дигар шахсе, ки барои ин мақомоти давлати хориҷӣ ягон функсияи давлатиро иҷро менамояд, инчунин таҳти мафҳуми шахси мансабдори ташкилоти байналмилалӣ хизматчии ташкилоти байналмилалӣ ё дигар шахсе, ки ваколатдор

аст аз номи ин ташкилот фаъолият намояд, фаҳмида мешавад.

Шахсоне, ки ба таври доимӣ, муваққатӣ, ё бо ваколати махсус вазифаҳои ташкилию амрдиҳӣ ё маъмурию хоҷагидориро дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхонаҳо, ки саҳми давлат дар онҳо аз нисф кам буда, мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, муассисаи давлатӣ намебошад, шахсони мансабдор эътироф карда намешаванд ва дар сурати ғайриқонунӣ гирифтани ашёи қиматнок ё истифодаи хизматрасонӣ барои анҷом додани ҳаракат (беҳаракатӣ) ба манфиати ришвадиҳанда, бинобар ишғол намудани мавқеи хизматиаш, бояд тибқи моддаи 279 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида шаванд.

Ҳамин тариқ, шахси мансабдор, шахси мансабдори давлати хориҷӣ ё шахси мансабдори ташкилоти байналмилалӣ бар ивази пораи гирифташуда, бояд дар доираи ваколатҳои хизматии худ амали муайянро ба манфиати порадиҳанда иҷро намояд ва ё ӯ вобаста ба қудрати мавқеи мансабиаш ба чунин ҳаракат (беҳаракатӣ) мусоидат карда метавонад, ҳамчунин барои пуштибонии умумӣ ё саҳлангорӣ дар хизмат, пора мегирад.

Мувофиқи диспозитсияи моддаҳои 279 ва 319 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз аломатҳои асосии ҷавобгарии ҷиноятӣ аз рӯи ин моддаҳо ин аз ҷониби субъектони ҷиноят бар ивази пора (ришва) ба манфиати порадиҳанда (ришвадиҳанда) анҷом додани ҳаракате (беҳаракатӣ) мебошад, ки он ба доираи ваколатҳои мансабии (идоравии) порагиранда (ришвагиранда) аз рӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, дастурамалҳои мансабӣ ва ғайра дохил бошад.

Мавқеи мансабӣ ин анҷом додани ҳаракатҳои муайян ба манфиати порадиҳанда аз ҷониби шахсони мансабдори зикргардида мусоидат намудаанд, бояд аз ҷумла аҳамият ва обурӯю эътибори вазифаи ишғолнамуда, таҳти тобеият қарор доштани дигар шахсони мансабдор, ки нисбаташон аз ҷониби порагир роҳбарӣ амалӣ мегардад, фаҳмида мешавад. Дар баробари ин, мақомоти тафтишоти пешакӣ бояд ба назар гирад, ки истифода бурдани муносибатҳои шахсӣ, агар онҳо ба вазифаи ишғолнамуда алоқаманд набошанд, ҳамчун истифодабарии мавқеи мансабӣ дониста намешаванд.

Зери мафҳуми пуштибонии умумӣ дар хизмат, мумкин аст, аз ҷумла ҳаракатҳои марбут ба ҳавасмандкунии номуносиб, беасос дар вазифаи худ гузоштан ё ба вазифаи баланд гузаронидан, анҷом додани дигар ҳаракатҳое, ки зарурат надоштанд, фаҳмида шаванд.

Таҳти мафҳуми саҳлангорӣ дар хизмат масалан, аз ҷониби шахси мансабдор наандешидани чора барои бартараф намудани камбудиҳо ё норасогиҳо дар фаъолияти хизматии порадиҳанда ё намояндагони ӯ, беэътиноӣ зоҳир намудан ба кирдори ғайриқонунии ӯ, фаҳмида мешавад.

Дар сурати аз ҷониби шахсони мансабдор, шахси мансабдори давлати хориҷӣ ё шахси мансабдори ташкилоти байналмилалӣ бар ивази пора ба манфиати порадиҳанда анҷом додани ҳаракати ғайриқонунӣ, ки аз ваколати хизматиашон барнамеоянд ё ин ки бархилофи манфиати хизматӣ амалӣ гардонида шудааст ва инчунин ҳаракатҳое, ки аломати ҷиноят ё дигар ҳуқуқвайронкуниро дар бар мегиранд, кирдори порагиранда бо қисми 2 моддаи 319 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кирдори порадиҳанда бо қисми 2 моддаи 320 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст карда мешавад. Масалан, аз ҷониби шахси мансабдор гирифтани пора барои ғайриқонунӣ аз ҷавобгарии маъмурӣ озод намудани шахс.

Ҳангоми аз тарафи шахси мансабдор, шахси мансабдори давлати хориҷӣ ё шахси мансабдори ташкилоти байналмилалӣ, инчунин шахсе, ки вазифаи идоракуниро дар корхонаи тиҷоратӣ ва дигар корхонаҳо (аз ҷумла, корхонаҳое, ки саҳми давлат дар он аз нисф кам бошад) бо воситаи миёнараве, ки субъекти ин ҷиноят намебошад,

гирифтани пора ё ришва, ҷавобгарии ҷиноятии миёнарав дар гирифтан ва додани пора бо дарназардошти ҳолатҳои воқеии кор ва нақши ӯ дар ин ҷиноятҳо бо ишора ба моддаи 36 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал меояд.

Ҷавобгарии ҷиноятӣ бо қисми 3 моддаи 319 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гирифтани пора аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё шахсе, ки вазифаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё роҳбарии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳотро ишғол мекунад, пешбинӣ менамояд.

Таҳти мафҳуми шахсе, ки мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ишғол мекунад, шахсоне дар назар дошта шудаанд, ки мансабҳои барои иҷрои бевоситаи салоҳияти мақомоти давлатӣ муайнамудаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро ишғол мекунанд.

Инчунин, зимни гирифтани пора ё предмети ришвадиҳии тиҷоратӣ ду ва зиёда шахсони мансабдор ё ду ва зиёда шахсоне, ки вазифаҳои идоракуниро дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона анҷом медиҳанд иштирок карда, қаблан барои якҷоя содир намудани ҷинояти мазкур бо истифодаи мавқеи хизматии худ маслиҳат карда бошанд, он гоҳ ҷиноят бо маслиҳати пешакӣ аз ҷониби гурӯҳи ашхос содиршуда дониста мешавад. Дар ин маврид аҳамият надорад, ки кадом маблағро ҳар яке аз ин шахсон гирифтаанд.

Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои такроран гирифтани пора (моддаи 319 қисми 4 банди "а" КҶ ҶТ) дар сурати на камтар аз ду маротиба содир намудани ҷинояти дар моддаҳои 319, 320, 324 ва 325 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда ва барои такроран гирифтани мукофоти молу мулкӣ ҳангоми ришвадиҳии тиҷоратӣ (моддаи 279 қисми 4 банди "а" КҶ ҶТ) ҳангоми на камтар аз ду маротиба содир намудани ҳамин ҷиноят ба вуқӯъ меояд, ки агар муҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан барои ҷиноятҳои қаблӣ нагузашта бошад ё ин ки доғи судӣ барои чунин ҷинояти қаблан содирнамуда бардошта ё барҳам нахӯрда бошад.

Дар як маврид, бояд ба инобат гирифт, ки дар сурати барои иҷрои ҳамон як амал, яъне бо қасди умумӣ ва мақсади ягона дар якчанд марҳила дода шудани пора ва ё ришва кирдор бо аломати такрорӣ банду баст карда намешавад.

Мувофиқи қисми 2 эзоҳи моддаи 320 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон тамаъҷӯӣ ин талаботи шахси мансабдор, шахси мансабдори давлати хориҷӣ ё шахси мансабдори ташкилоти байналмилалӣ оид ба додани пора зери таҳдиди содир кардани чунин амалҳои вобаста ба фаъолияти хизматие, ки метавонад ба манфиатҳои қонунии порадиҳанда зарар расонад, ё инчунин қасдона гузоштани шаҳрванд ба чунин ҳолате, ки ӯ маҷбур аст барои бартараф кардани оқибатҳои зарарнок ба манфиатҳои қонунии худ пора диҳад, фаҳмида мешавад.

Дар асоси қисми 1 эзоҳи моддаи 319 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон зери мафҳуми миқдори калон, миқдори пул, арзиши қоғазҳои қиматнок, дигар молу мулк ё фоидаи дорои хусусияти молу мулкӣ дошгае фаҳмида мешавад, ки арзиши онҳо аз як ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо, яъне 58 ҳазор сомонӣ зиёд бошад.

## 3. ТАРЗУ УСУЛҲОИ ОШКОРКУНИИ ҶИНОЯТҲОИ ГИРИФТАНУ ДОДАНИ ПОРА ВА РИШВАДИҲИИ ТИҶОРАТӢ. БАРАСМИЯТДАРОРИИ РАВАНДИ АМАЛИЁТИ ОПЕРАТИВӢ-ТАФТИШОТӢ МАРБУТ БА ГИРИФТАНУ ДОДАНИ ПОРА ВА РИШВАДИҲИИ ТИҶОРАТӢ

Таҷриба нишон медиҳад, ки аз рӯи маслиҳати байни иштирокчиёни ҷиноят ҷойдошта, доду гирифти пора мумкин аст дар дилхоҳ вақту соат, ҷой ва макон ба амал биёяд. Пул, қоғазҳои қиматнок ва ғайра

одатан дар ҷойҳои корӣ, наздикии манзили истиқоматӣ, дохили автомашина ва дигар ҷойҳои ноаён гирифта мешаванд.

Усулҳои гирифтани пора вобаста ба хусусияти фаъолияти субектони порагир, таҷрибаи касбӣ ва ҷиноятии онҳо муайян карда мешавад. Ин усулҳоро мумкин аст аз рӯи чунин нишонаҳо ба якчанд гурӯҳ тақсим намуд:

а) вобаста ба ҷой доштан ва ё надоштани миёнарав дар доду гирифти пора (тавассути миёнарав ва ё бидуни он);

б) вобаста ба ҳаракатҳое, ки порагир ба манфиати порадиҳанда иҷро мекунад (бо иҷрои ҳаракатҳои қонунӣ ва ё ғайриқонунӣ);

в) вобаста ба таъсиррасоние, ки порадиҳандаро ба додани пора маҷбур месозад (бо тамаъҷуӣ ва ё бидуни он);

г) вобаста ба тарзи гирифтани пора (бевосита аз тарафи порагир ва ё мавқуф гузоштани пора дар ҷои пешакӣ маслиҳатшуда ва ё тариқи почта).

Ба сифати сабаб ва асосҳои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ оид ба додан ва гирифтани пора аризаҳои шаҳрвандон, нашрияҳо дар воситаҳои ахбори омма, омада ба гуноҳи худ иқрор шудан, ошкор намудани аломатҳои ҷиноят аз тарафи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар раванди гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, гузориш ё иттилоти шахси мансабдор (ҳангоми пешниҳоди маблағи пора) баромад мекунад.

Дар сурати ҷой доштани хабару маълумот, аз ҷумла хабари оперативӣ оид ба ҳолати аниқи доду гирифти пора, ки дар ин хусус иштирокчиёни ҷиноят хабардор нестанд, аввалан шахсони аризадиҳанда ва ё онҳое, ки оиди доду гирифти пора маълумот доранд, оид ба ҳодисаи доду гирифти пора (вақт, ҷой, тарзу усул ва дигар ҳолатҳои ҷиноят) мавриди пурсиш қарор дода мешаванд.

Дар ҳолати муайян кардани ҷои аниқи содиршавии ҷиноят ва бо қадри имкон ҷои вохӯрии иштирокчиёни доду гирифти пора пешакӣ зери мушоҳида ва истифодаи воситаҳои махсуси техникӣ қарор дода мешавад. Дар чунин ҳолатҳо низ зарур аст, ки нақшаи босифати амалиёти дастгиркунӣ, теъдоди иштирокчиён амалиёт, роҳбари гурӯҳи оперативӣ-тафтишотӣ, воситаҳои нақлиёт ва техникаҳои истифодашаванда ва дигар ҳолатҳои аҳамиятдошта муайян карда шаванд.

Ошкор намудани ҳолатҳои порагирии пеш содиршуда, ки дарёфт карда гирифтани предмети пора душвор буда, тафтиши ин қабил ҷиноятҳо хеле мушкил мебошад ва зиракӣ, маҳорати баланди касбии кормандони оперативӣ ва тафтишотиро тақозо менамояд. Дар ин бобат таҷрибаи тафтишотӣ мавҷуд мебошад, аммо шарҳу тавзеҳи чунин парвандаҳо бо назардошти ворид намудани тағйиру иловаҳо ба банди 16 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 декабри соли 2008, №11 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба гирифтан, додани пора ва ришвадиҳии тичоратӣ» ба мақсад мувофиқ намебошад.

Зимнан вобаста ба санҷиши муроҷиатҳои шахсони порадиҳанда оиди аз ҷониби шахсони мансабдор талаб ё тамаъҷӯӣ намудани пора, ҳалли масъалаи оғози парвандаи ҷиноятӣ ва гузаронидани амалиёти оперативӣ-тафтишотӣ ҷиҳати дастгир намудани шахси порагиранда истода мегузарем.

Инак, ҳангоми қабул ва санҷиши муроҷиатҳо дар бораи аз ҷониби шахсони мансабдор гирифтан ва ё тамаъҷӯӣ намудани пора бояд талаботҳои моддаҳои 141 ва 145 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди тарз ва усулҳои қабулу санҷиши ин гуна муроҷиатҳо (аризаҳо) риоя карда шаванд.

Шаҳрвандон ҳуқуқ доранд, ки оиди содиршавӣ ё сӯиқасди содиршавии ҷинояти гирифтани пора бо аризаи хаттӣ ё ба таври шифоҳӣ ба мақомоти хифзӣ ҳуқуқ муроҷиат намоянд.

Дар чунин ҳолатҳо корманди масъуле, ки аризаи шаҳрвандро оиди ин масъала қабул намудааст, бояд фавран дар ин бора ба роҳбари бевоситаи худ хабар дода, тибқи талаботи моддаҳои 141 ва 145 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷатҳоро пурра ва бо дараҷаи баланди касбӣ тартиб диҳад.

Ҳангоми гирифтани аризаи шаҳрванд ва ё дар протоколи қабули аризаи шифоҳии ӯ оиди содиршавии ҷинояти гирифтани пора, аризадиҳанда барои дидаву дониста расонидани хабари бардурӯғ мувофиқи моддаи 346 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон огоҳонида шуда, имзои ӯ дар ин бора гирифта мешавад.

Протокол бояд бо риоя намудани талаботи моддаи 172 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон (протоколи амали тафтишӣ) тартиб дода шавад.

Дар протокол инҳо бояд инъикос ёбанд:

– маҳалли (ҷой) тартибдиҳии он;

– вақти оғоз ва анҷоми тартиб додани он;

– вазифа ва ному насаби шахси тартибдиҳандаи протокол;

– ному насаб, рӯз, моҳ ва соли таваллуд, суроғаи аниқи шахси аризадиҳанда.

Мазмуни ариза бояд чунин ҳолатҳоро дар бар гиранд:

– нисбати кадом шахси мансабдор дар бораи иҷро кардан ё накардани кадом ҳаракат ё беҳаракатӣ хабар дода мешавад;

– рӯз, моҳ, сол ва ҷойи содиршавии ҷиноят;

– хоҳиши шахси аризадиҳанда оиди ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсони гунаҳгор;

– имзои аризадиҳанда ва корманди оперативие, ки аризаи шифоҳиро қабул намудааст.

Баъд аз қабули аризаи хаттӣ ё тартиб додани протоколи қабули аризаи шифоҳӣ корманди масъули ҳифзи ҳуқуқ вазифадор аст, ки барои пурра, ҳаматарафа ва холисона муайян намудани ҳолати талаб намудан ё тамаъҷӯии пора, баёноти аризадиҳанда ва шахсони дигаре, ки ин ҳолатро тасдиқ мекунанд, гирифта, ҳуҷҷатҳои заруриро, ки ин ҳодисаро исбот мекунанд, фавран ҷамъоварӣ намояд.

Аз тарафи кормандони воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқ дар раванди санҷиши ариза ва маълумот дар бораи аз ҷониби шахси мансабдор талаб кардани пора, ҳамчунин дар ин хусус гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (ЧОҶ) бояд ҳатман ба асоснокӣ ва бо роҳҳои пешбиникардаи қонун ба даст овардани сабтҳои гуфтугӯи пинҳонии байни шахси порагиранда ва порадиҳанда, инчунин минбаъд аҳамияти далелӣ пайдо кардани ин сабтҳо диққати ҷиддӣ дода шавад.

Дар таҷриба бештар ҳолати аз тарафи аризадиҳанда (порадиҳанда) ва ё намояндаҳои онҳо дар воситаҳои техникии (телефонҳо) худ сабт кардани гуфтугӯ бо порагиранда ба назар мерасад, ки он ба ариза ва баёноти онҳо замима мегардад.

Ҳамчунин, ҳастанд ҳолатҳое, ки аз тарафи кормандони оперативӣ зимни гузаронидани ЧОҶ дар асоси ҳуҷҷатҳои дахлдор (санад) ба шахси порадиҳанда воситаи техникӣ - диктофон дода мешавад.

Бояд зикр кард, ки мувофиқи қисми 2 моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ" иҷозати судя танҳо барои амалӣ гардонидани гӯш кардани гуфтугӯҳои телефонӣ ва сабти онҳо лозим мебошад. "Гӯш кардани дигар гуфтушунидҳо" бояд аз "гӯш кардани гуфтугӯи телефонӣ" фарқ карда шавад. Яъне, ин чунин маъно дорад, ки барои амалӣ гардонидани "гӯш кардани дигар гуфтушунидҳо" иҷозати судя зарур намебошад (мисол гӯш кардани гуфтушунидҳои яктарафа ва бисёртарафаи шахсон дар иншоот, биноҳо, воситаи нақлиёт, тарабхонаҳо ва дигар ҷойҳо, ки бидуни истифодаи хатҳои алоқаи телефонӣ амалӣ мегарданд).

Гӯш кардани дигар гуфтушунидҳо (назорати суханронӣ) - ин маҷмӯи ҳаракатҳо оид ба назоратбарии сомеавии (шунавоӣ) пинҳонии ҳама гуна гуфтугӯҳо мебошанд, ки дар иншоот, бино, тарабхона, кӯча,

утоқҳои хизматӣ ва дигар ҷойҳо сурат мегиранд ва бо мақсади дарёфт намудани ахборот оиди фаъолияти ҷиноятии шахс, ошкор намудани алоқаи ӯ ва гирифтани дигар маълумотҳое, ки барои ҳалли вазифаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ (ФОҶ) мусоидат мекунад, равона карда шудаанд (яъне, назорати нутқи инсон, аз ҷумла нутқи тоналӣ ва эҳсосотӣ, мулоқоти шифоҳии байни ду ва зиёда шахсон).

Натиҷаҳои ЧОҶ бо маълумотнома, санад ва ё дигар ахборот ба расмият дароварда мешавад ва дар ҳолати зарурат ба он ҳомилони магнитӣ (диск) замима мегарад.

Дар сурати пайдо шудани зарурат натиҷаи ФОҶ бо тартиби муқарраркардаи қонун ғайримахфӣ карда шуда, он ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ пешниҳод карда мешавад.

Дар баробари ин, бояд ба инобат гирифт, ки тибқи талаботи кисми 4 моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ", дар ҳолати ба вуҷуд омадани таҳдид ба ҳаёт, саломатӣ ва моликияти шахсони алоҳида, мувофиқи ариза ва ё розигии хаттии онҳо иҷозат дода мешавад, ки гуфтугӯҳои тавассути телефонҳои онҳо бурдашаванда дар асоси қарори тасдиқнамудаи яке аз роҳбарони мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ гӯш карда, сабт шаванд ва оид ба он ҳатман дар давоми 24 соат ба таври хаттӣ ба прокурори ваколатдор ва суди (судяи) дахлдор хабар дода шавад.

Баъди оғози парвандаи ҷиноятӣ дар асоси қисми 2 моддаи 196 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми мавҷуд будани таҳдиди истифодаи зӯроварӣ, тамаъкорӣ ва дигар амали ҷиноятӣ нисбат ба ҷабрдида, шоҳид ё аъзои оилаи онҳо, тибқи аризаи хаттии онҳо ё ҳангоми мавҷуд набудани чунин ариза тибқи дархости муфаттиш бо иҷозати суд, судя мумкин аст гуфтугӯе, ки тавассути телефони онҳо ё ба воситаҳои дигари алоқа сурат мегирад ва сабти он анҷом дода шавад.

Қобили қайд аст, ки пас аз ҷамъоварии ҳама ҳолатҳои тасдиққунанда, агар сӯиқасди гирифтани пора бошад фавран бо қисми 3 моддаи 32 ва қисмҳои дахлдори моддаи 319 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин агар ҷиноят ба охир расида бошад бе ишора ба моддаи 32 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда мешавад.

Бо дарназардошти таҷрибаи тафтишоти имрӯза дар ин маврид бояд ҳолатҳои зерин муайян карда шаванд:

– шахси мансабдоре, ки пора талаб ва ё тамаъҷӯӣ намудааст кист, дар кучо ва дар кадом вазифа фаъолият дорад, номбурда ҳамчун субъекти махсус ба ҳисоб меравад ё не (вакил, суд, прокурор ва ғайра);

– оё номбурда ба субъекти дар эзоҳи моддаи 314 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда шомил мебошад ё не;

– пораро барои ба анҷом расонидани кадом ҳаракат ё беҳаракатӣ талаб намудааст ва ё чунин ҳаракат ё беҳаракатӣ ба доираи ваколатҳои ин шахси мансабдор дохил мешавад ё не;

– дар равандаи додан ва гирифтани пора иштирок намудани шахсони миёнарав;

– дар сурати иштирок намудани миёнаравҳо шахсият ва вазифаи ишғолнамудаи онҳо муайян карда шавад (барои муайян намудани шахси мансабдор будан ва ҷой доштани маслиҳати пешакӣ бо порагиранда);

– предмети пора аз чӣ иборат мебошад (пул, коғазҳои қимматнок, молу мулк ё фоидаи дорои хусусияти молу мулкидошта);

– ҷой, вақт ва тарзи додан ва гирифтани пора;

– шахси порагир ба манфиати порадиҳанда ягон амали муайян иҷро ва ё барои иҷрои он мусоидат карда метавонад ё не;

– агар иҷро карда бошад он дар чӣ ифода ёфта, дар кадом шакл зоҳир мегардад;

– дар бораи додану гирифтан ва тамаҷӯии пора, ғайр аз порадиҳанда боз кадом ашхос медонанд ё ин ҳолатро тасдиқ карда метавонанд.

Оғози парвандаи ҷиноятӣ оиди додану гирифтани пора, вобаста ба мансаби ишғолкардаи шахси порагир (судя, прокурор, вакили мардумӣ ва ғайра) хусусиятҳои хоси худро доранд, ки ба онҳо аҳамияти ҷиддӣ додан лозим аст.

Минбаъд, корманди оперативӣ ҳолати ҳуқуқии аризадиҳандаро оиди ба таври ихтиёрӣ иштирок намудани ӯ дар амалиёти дастгир кардани шахси порагир ё миёнарав фаҳмонида, дар ин бора розигии ӯро мегирад.

Баъд аз ин, бо риояи талаботи моддаҳои 85-88 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳолатҳое, ки бояд бо парвандаи ҷиноятӣ исбот карда шаванд; ҷамъ овардани делел; тафтиши далелҳо ва баҳодиҳии далелҳо), амалҳои тафтишотӣ гузаронида мешавад.

Баъд аз он ки ҷой ва вақту соати гирифтани пора ва тамаъҷӯии порагиранда аниқ карда мешавад, протоколи коркарди пул бо хокаи кимёвии махсус, протоколи нишонакунии махсуси пул ва додани он тартиб дода мешавад (намунаи протоколҳои нишонакунии махсус ва коркарди пул замима карда мешавад).

Дар ин протоколҳо низ вақт, ҷои тартиб додани он, ному насаб ва вазифаи ишғолнамудаи шахси мансабдор, ки протоколро тартиб додааст, навишта шуда, дар ҳузури шахсони холис бо нишон додани ному насаб, суроға ва фаҳмонидани ҳуқуқу вазифаҳои онҳо, бо иштироки мутахассис ва фаҳмонидани хуқуқу вазифаҳои ӯ тибқи моддаи 179 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон (иштироки мутахассис), амалиёти нишонакунии пулҳо бо қалами махсус ва коркарди пулҳо бо моддаи махсуси кимёвӣ гузаронида мешавад.

Дар ин раванд, ба иштирокчиёни ин ҳаракати тафтишотӣ хусусияти қалами махсус ва моддаи мушаххаси кимиёвӣ, тартиби аён гаштани коркард ва навиштаҷот, истифода намудани техникаи криминалистӣ бо нишон додани ном ва тамғаи онҳо фаҳмонида мешавад.

Пулҳои нишонакарда ва коркардашуда ба аризадиҳанда барои ба шахси порагиранда ё миёнарав супоридани он, дода мешавад.

Ҳаминро таъкид кардан зарур аст, ки ашё ва пулҳо бояд ҳатман аз тарафи худи аризадиҳанда оварда шаванд ва дар ин бора дар протокол қайд карда мешавад, ки пул ё ашёи ба сифати предмети пора истифодашуда аз тарафи аризадиҳанда пешниҳод карда шудаанд.

Дар таҷриба ҳастанд ҳолатҳое, ки аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ваколатдор бо назардошти ҷой доштани таҳдиди ҷиноятӣ оиди аз ҷониби шахси мансабдор ба сифати пора тамаъҷӯӣ намудани маблағҳои калони пулӣ бо мақсади ҳалли вазифаҳои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ аз муассисаҳои бонкӣ расман маблағҳои пулии лозима гирифта шуда, бо тартиб додани ҳуҷҷатгузории оперативӣ ва мурофиавии дахлдор чунин маблағҳо зимни гузаронидани амалиёти оперативӣ-тафтишотӣ оиди дастгир намудани шахси порагиранда истифода карда мешаванд.

Дар як маврид, зимни гузаронидани чунин амалиётҳои оперативӣ-тафтишотӣ аз мақомоти таъқиби ҷиноятӣ тақозо карда мешавад, ки талаботи КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ" ва дигар санадҳои меъёрии соҳавӣ ба таври дақиқ риоя карда шуда, ҷиҳати роҳ надодан ба сохтакории далелҳо ва иғвои порадиҳӣ чораҳои муассир андешида шавад.

Баъд аз он ки ба аризадиҳанда пул ё ашё ҳамчун предмети пора барои додан ба шахси пора талабкарда, супорида мешавад, бояд сару либос ва дастони аризадиҳанда бо воситаи асбоби равшандиҳандаи ултрабунафш (тамғаи «ОЛД») азназар гузаронида, муайян карда шавад, ки дар онҳо нишонаҳои хокаи махсуси кимиёвӣ мавҷуд нестанд ва дар ин бора бо иштироки шахсони холис ва мутахассис протокол тартиб

дода шуда, дурустии он аз ҷониби онҳо бо имзои худ тасдиқ карда мешавад.

Ғайр аз ин, пеш аз дастгир намудани шахси порагиранда ба аризадҳанда (порадиҳанда) барои сабти гуфтугӯи байни онҳо диктофон супорида шуда, дар ин бора мувофиқи талаботи моддаи 172 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки шахсони холис протокол тартиб дода мешавад.

Дар вақти тарҳрезӣ намудани нақшаи амалиёти дастгир кардани шахси порагир, нақшаи ҷои эҳтимолии ҳодиса, яъне ҷои доду гирифти пора тартиб дода шуда, ҷои исти ҳар як корманди оперативӣ ва вазифаҳои онҳо муайян ва ба онҳо фаҳмонида мешавад.

Қабл аз гузаронидани амалиёти оперативӣ-тафтишотӣ оид ба дастгиркунии шахси порагир, корманди оперативии ба ин амалиёт мутасаддӣ бояд ҷои эҳтимолии ҳодисаро дида барояд ва вобаста ба мавқеи ҷои ҳодиса имконоти ба вуҷуд омадани ҳаргуна вазъиятҳоро баъди доду гирифти пора пешбинӣ намуда, роҳҳои пешгирии онҳоро ба нақша гирад.

Барои ин, бояд пешакӣ ҷойҳои истиқомат ва кори поргиранда, роҳҳо ва тарзи ба кор рафта омадан, утоқи корӣ (дар ошёнаи чандум, рақами утоқи корӣ, қабулгоҳ дорад ё не), соатҳои корӣ, одатҳои ҳаррӯзаи шахси мансабдор ва дигар ҳолатҳои лозима омӯхта шуда, чораҳои бехатарӣ низ пешбинӣ карда шавад.

Масалан, шахси порагиранда силоҳҳои сарду оташфишон дорад ё не, усулҳои худдҳимоякуниро медонад ё не ва инчунин дигар ҳолатҳои ӯ омӯхта шавад. Ба аризадиҳанда, ки шахси порадиҳанда мебошад, фаҳмонда мешавад, ки чӣ тавр диктофонро истифода барад, дар бораи мақсади додани пора, ҳаракатҳои порагир бар ивази пораи гирифташуда бо ӯ гуфтугузор намояд, ки он дар диктофон сабт шавад.

Инчунин, порадиҳанда баъд аз додани пора ишора ё ҳаракати муайянро иҷро карда, ба иштирокчиёни амалиёт фаҳмонад, ки порагир пул ё ашёи талабкардаро гирифт.

Ин ишораи порадиҳанда асос барои саршавии амалиёти дастгиркунии порагир мебошад ва иштирокчиёни амалиёт мувофиқи нақшаи пеш аз ин тарҳрезишуда, нақши худро иҷро карда, амалиёти дастгиркунии порагирро ба анҷом мерасонанд.

Бояд кӯшиш кард, ки раванди амалиёти додану гирифтани пора ва дастгир намудани порагир бо истифода аз техникаи муосири сабткунӣ ва видео, суратгирӣ ва истифодаи асбобҳои равшандиҳандаи ултробунафш, гузаронида шавад.

Таҷрибаи якчанд амалиётҳои гузаронидашуда нишон медиҳад, ки дар истифодаи техникаҳо, сабткунии видео, истифодаи асбобҳои равшандиҳандаи ултрабунафш, истифодаи хока ва қалами махсуси кимёвӣ ба хатогиҳои зиёде роҳ дода мешаванд. Аз ҷумла:

– наворгирии видеоӣ аз тарафи шахсоне гузаронида шудааст, ки таҷрибаи сабти видеоро надоранд ва ба онҳо оиди тартиби сабти ҳолатҳо, яъне аз куҷо сар карда, ба кадом ҳолатҳо аҳамият додан, кадом ҳолатҳоро аз масофаи дуртар сабт намудан ва ё баръакс фаҳмонида нашудааст;

– нақши роҳбарикунандаи муфаттиш, ки дар ҷои ҳодиса роҳбари гурӯҳи оперативӣ-тафтишотӣ мебошад, ноаён буда, фаъол намебошад;

– дар протоколи коркарди маблағҳои пулӣ нодуруст нишон додани ранги хокаи истифодашуда ва қалами махсус, ки дар мавриди дар ҷои ҳодиса азназаргузаронии маблағҳои дарёфтшуда он мухолифат мекунад.

Дастгир намудани шахси порагир дар ҷои ходиса ин амалиёти дастгиркунии ҷинояткори ҷинояти вазнинро содирнамуда буда, дар вақти муқобилият нишон додани порагир, ҳамиштирокони ӯ ё шахсони дигар нисбати онҳо кувваи ҷисмонӣ ё яроқи табелӣ, техника ва дигар воситаҳои таъсир-

расонии қонунгузор иҷозатдода, истифода бурда шуданаш мумкин аст.

Дар ҳолатҳои зарурӣ нисбати порагир ва ҳамиштирокони ӯ, ҳатто расонидани зарари ҷисмонӣ иҷозат дода мешавад, ба шарте, ки аз ҳадди мудофиаи зарурӣ нобаромада, мақсад аз дастгиркунии ҷинояткор ё пешгирии ҳаракатҳои ӯ, ки ба дигарон зарар расониданаш мумкин аст, бошад.

Азназаргузаронии ҷои ҳодиса ин ҳаракати ниҳоят зарурӣ, ҷиддӣ ва нозук буда, ба саросемагӣ роҳ додан мумкин нест. Аз ин лиҳоз, ба муфаттиш (таҳқиқгар) лозим аст, ки бо риояи талаботи моддаи 172 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иштироки шахсони холис, мутахассис - криминалисти ҷалбшуда, гумонбаршуда (порагиранда) ва дигар иштирокчиёни амали тафтишӣ азназаргузаронии ҷои ҳодисаро дар сатҳи баланди касбӣ анҷом дода, дар протокол бояд шарҳи пурра ва воқеии ҷои ҳодиса, шахсияти порагиранда, намуди зоҳирӣ ва либосҳои ӯ, маълумот оиди дар кадом ҳолат ва аз куҷо ёфта гирифтани предмети пора, қайди ҳолати аз тарафи мутахассис-криминалист бо истифода аз асбоби махсуси криминалистӣ азназаргузаронии дастон ё дигар аъзои бадан ва либосҳои гумонбаршуда, дигар предметҳои ба ӯ тааллуқдошта, предмети пора ва зимнан муайян намудани изу пайи хокаҳои кимиёвӣ ва дигар нишонакуниҳои махсус, барои ташхис гирифтани намунаҳои изу пайи хокаҳои муайяншуда, либосҳо ва предметҳои дахлдор, қайди мухтассари гумонбаршуда оиди ҳолати гирифтани пора ва дигар ҳолатҳои марбута дарҷ карда шаванд.

Қайд кардан зарур аст, ки дар ҷои ҳодиса техникаи криминалистӣ ва дигар воситаҳои махсуси зарурӣ истифода намуда, далелҳои шайъӣ, предметҳо ва воситаҳои ҷиноятро дар протокол дуруст дарҷ карда, ба лифофа, пакетҳо ва қуттиҳои махсус ҷой карда, бо воситаи муҳр ва имзои шахсони иштирокчӣ махкам кардан лозим аст.

Бояд ба инобат гирифт, ки тибки талаботи банди 16 карори Пленуми суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 декабри соли 2008 «Дар бораи тағрибаи суди оид ба парвандаҳои ҷинояти марбут ба гирифтан, додани пора ва ришвадиҳии тичоратӣ» хусусияти хоси пешбурди парвандаҳои марбут ба ҷиноятҳои гирифтану додани пора ва ришвадиҳии тиҷоратӣ дар ошкор кардан, ёфта гирифтан ва ҳамчун далели шайъӣ эътироф намудани предмети пора ва ришвадиҳии тиҷоратӣ зоҳир мегардад. Аз ин рӯ, зимни гузаронидани амалиёти оперативӣ- тафтишотӣ оид ба дастгир кардани порагиранда ҷиҳати ошкор кардан, ёфта гирифтан ва дар оянда ҳамчун далели шайъӣ ба парванда ҳамроҳ намудани предмети пора ва ришвадиҳии тиҷоратӣ бояд тамоми чораҳои бо Қонуни мурофиавии ҷиноятӣ пешбинигардида андешида шавад.

Баъд аз анҷоми амалиёти дастгиркунии порагир аз аризадиҳанда бо риояи талаботи моддаи 172 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон боз протокол «Оиди гирифтани диктофон» тартиб дода мешавад (намунаи протоколи гирифтани диктофон замима карда мешавад).

Сабти гуфтугӯи дар диктофон дарҷгардида, инчунин дигар гуфтугӯҳои доир ба парванда мавҷудбуда мавриди азназаргузаронӣ ва стенограмма қарор дода шуда, доир ба парвандаи ҷиноятӣ ҳамчун далели шайъӣ эътироф карда мешаванд.

Пурсиши шахси мансабдори порагир аз тарафи муфаттиш ба тайёрии пурра ва истифодаи техникаи наворбардории видео гузаронида мешавад.

Пеш аз дастгиркунии порагир ва мутобиқи моддаҳои 91-92 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой кардани ӯ дар тавқифгоҳи нигоҳдории муваққатӣ (ТНМ), ӯро аз муоинаи тиббӣ гузаронида, хулосаи табибонро оиди вазъи саломатиаш гирифта, ба маводҳои парвандаи ҷиноятӣ ҳамроҳ карда мешавад.

Аз лаҳзаи дастгиркунии шахси гунаҳкор ба ӯ тибқи талаботи моддаи 46 КМҶ Ҷумҳу-

рии Тоҷикистон (гумонбаршуда), ҳуқуқу уҳдадориҳояш фаҳмонида дода шуда, дар ин хусус протокол тартиб дода мешавад, ки он аз ҷониби дастгиршуда ва муфаттиш ба имзо расонида мешавад.

Дар рафти тафтишоти ин парвандаҳои ҷиноятӣ, ки гумонбаршудагон ва айбдоршавандаҳо шахсони мансабдор буда, дорои маълумоти олӣ, таҷрибаи зиёди касбӣ, роҳбарӣ ва ҳаётӣ мебошанд, бояд муфаттиш ва кормандони оперативӣ маданияти баланд, касбият ва кордонӣ нишон дода, бо диққат, ҷиддӣ ва босаводона рафтор намоянд.

## 4. ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ ТАФТИШИ ПЕШАКИИ ПАРВАНДАҲОИ ҶИНОЯТӢ МАРБУТ БА ГИРИФТАНУ ДОДАНИ ПОРА ВА РИШВАДИҲИИ ТИҶОРАТӢ

Таҷрибаи тафтишотӣ ва судӣ собит менамояд, ки пешбурди тафтиши пешакӣ ва баррасии судии парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба гирифтан, додани пора ва ришвадиҳии тиҷоратӣ як қатор хусусиятҳои хоси худро дорад.

Чунончи, дар марҳилаи оғози парвандаи ҷиноятӣ оид ба гирифтани пора ба мақомоти таъқиби ҷиноятӣ ба мансаби ишғолкардаи шахси мансабдор, ки порагиранда мебошад, аҳамият додан зарур мебошад. Мисол, нисбати судяҳо, ки ҳангоми иҷрои вазифаанд, мувофиқи моддаи 10-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" парвандаҳои ҷиноятӣ танҳо аз тарафи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз карда мешавад.

Судяи Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодиро бе ризояти Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва ба ҳабс гирифтан мумкин нест.

Судяи суди ҳарбӣ, суди вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон, суди вилоятҳо, суди шаҳри Душанбе, суди шаҳр ва ноҳия, суди иқтисодии вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон, суди иқтисодии вилоятҳо ва суди иқтисодии шаҳри Душанберо бе ризояти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва ба ҳабс гирифтан мумкин нест.

Мувофиқи моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии вакили маҷлиси вакилони халқи вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри душанбе, шаҳр ва ноҳия» аз 13 декабри соли 1996 парвандаҳои ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати вакили Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия аз тарафи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони ӯ, прокурори Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, прокурори нақлиёти Тоҷикистон, прокурори шаҳр, ноҳия оғоз карда мешаванд.

Ба ҳабс ва ҳабси хонагӣ гирифтан, ҳабси молу мулк, ҳабси муросилот, гӯш ва сабт кардани гуфтугӯи телефонии вакили Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия бо розигии Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони ӯ, прокурори Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, прокурори нақлиёти Тоҷикистон ва бо иҷозати Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, суди вилоят, шаҳри Душанбе бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешаванд.

Мавриди зикр аст, ки пеш аз оғози парвандаи ҷиноятӣ мансаби ишғолкардаи шахси порагиранда бояд дуруст муайян карда шавад. Дар таҷриба чунин ҳолатҳое ҷой доранд, ки мансаб ва ваколати шахси порагирро ба пуррагӣ муайян накарда, бармаҳал бо қисми 3-и моддаи 32 ва моддаи 319-и КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда мешавад, лекин баъди дастгир кардани шахси порагиранда муайян карда мешавад, ки шахси порагиранда субъекти ҷинояти гирифтани пора намебошад ва ё

ин шахси мансабдор ваколати ба манфиати порадиҳанда иҷро кардани амали муайянро надорад. Аз ин сабаб, минбаъд кирдори номбурда бо моддаҳои 247 (қаллобӣ) ё 279 (ришвадиҳии тиҷоратӣ) КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст карда мешавад, ки ин ҳолат ба баҳогузории сифати тафтиши пешакӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Ё ин ки пеш аз оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ аз тарафи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба ҳолатҳои махсус, аз ҷумла дахлнопазирӣ доштани субъекти ҷиноят аҳамият намедиҳанд. Барои мисол, нисбати вакилони Маҷлиси вакилони халқии қаламрави дахлдор бармаҳал парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуда, ҳанӯз баъди дастгиркунии номбурдагон дахлнопазирӣ доштани ин шахсон маълум мегардад, ки дар ин маврид барои аз лиҳози имконпазирӣ ва ба таври қонунӣ ҷамъоварии далелҳо нақши муҳим мебозад. Дар ин самт, зарур аст, ки пешакӣ бо роҳи гузаронидани маҷмӯи чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯии дахлдор шахсияти парагиранда, вазифаи ишғолкардаи ӯ, доштани дахлнопазирӣ ва ғайра муайян карда шавад.

Ҳамчунин, бояд ба инобат гирифт, ки ҳаракатҳои тафтишотӣ оид ба ҷамъоварии далелҳо фақат баъд аз оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ гузаронида мешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонунгузор пешбинӣ намудааст (масалан, азназаргузаронии ҷои ҳодиса).

Далелҳое, ки бе оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ дар ҷараёни таҳқиқ ё тафтиши пешакӣ бо роҳи зӯрӣ, таҳдид, азобу шиканҷа, рафтори бераҳмона ва ё усулҳои дигари ғайриқонунӣ ба даст оварда шудаанд, беэътибор дониста мешаванд ва қувваи ҳуқуқӣ надоранд.

Тавре дар боло қайд гардид, предмети пора ё ришвадиҳии тиҷоратӣ дар баробари маблағҳои пулӣ, қоғазҳои қиматнок ё дигар молу мулк инчунин фоида ё хизматрасонии хусусияти молу мулкидошта, ки беподош расонида мешаванду аммо бояд пардохт карда шаванд (пешниҳод намудани роҳҳатҳои сайёҳатӣ, таъмири манзили истиқоматӣ, сохтмони бӯстонсарой ва ғайра), шуда метавонанд.

Мутобиқи Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 декабри соли 2008, №11 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба гирифтан, додани пора ва ришвадиҳии тиҷоратӣ» таҳти мафҳуми фоидаи хусусияти амволидошта паст кардани арзиши молу мулки додамешуда, объектҳои хусусишаванда, кам кардани пардохти иҷора, маблағи фоизи истифодаи қарзи бонкӣ ва ғайра фаҳмида мешавад.

Бо назардошти он ки андозаи пора ба банду басти ҷиноят таъсир мерасонад, бояд ба ҳар як предмети додашуда ё хизмати расонидашуда дар асоси арзиши аслии он дар лаҳзаи содир намудани ҷиноят ва дар сурати мавҷуд набудани онҳо бошад, дар асоси хулосаҳои экспертиза баҳои пулӣ дода шавад.

Дар асоси банди 16 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 декабри соли 2008, №11 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба гирифтан, додани пора ва ришвадиҳии тиҷоратӣ» хусусияти хоси пешбурди парвандаҳои марбут ба ҷиноятҳои гирифтану додани пора ва ришвадиҳии тиҷоратӣ дар ошкор кардан, ёфта гирифтан ва ҳамчун далели шайъӣ эътироф намудани предмети пора ва ришвадиҳии тиҷоратӣ зоҳир мегардад. Аз ин рӯ, ба мақомоти анҷомдиҳандаи тафтишоти пешакӣ зарур аст, ки ҷиҳати ошкор кардан, ёфта гирифтан ва ҳамчун далели шайъӣ ба парванда ҳамроҳ намудани предмети пора ва ришвадиҳии тиҷоратӣ тамоми чораҳои бо қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ пешбинигардидаро андешанд.

Баъди ворид шудани тағйиру илова ба банди 16-и Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 декабри соли 2008, №11 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба ги-

рифтан, додани пора ва ришвадиҳии тиҷоратӣ» таҷрибаи тафтишотӣ ва судӣ ба назар мерасад, ки дар ҳолати дарёфт нагардидани предмети пора ё ришвадиҳии тиҷоратӣ мақомоти тафтишоти пешакӣ, нишондодҳои порадиҳанда ва ашхоси дигар, сабтҳои пинҳонӣ ва ғайраро дар маҷмӯъ бо дигар далелҳои парвандаи ҷиноятӣ дақиқан санҷида, ба ҳаракатҳои шахси мансабдор барои сӯиистифода аз ваколатҳои мансабӣ (м.314 КҶ ҶТ) баҳои ҳуқуқӣ дода мешавад. Аммо таҷрибаи мазкур то ҳанӯз маҳдуд набуда, бо назардошти зиёд шудани таҷрибаи тафтишотӣ ва тағйир ёфтани амсоли (прецедент) судӣ эҳтимолияти минбаъд такмил ёфтани чунин ҳолат ва мувофиқи санадҳои меъёрии соҳавӣ якхела банду басти кирдори шахси порагир, ки зимнан предмети пора дарёфт карда нашудааст, ҷой дорад.

Мавриди ба зикр аст, ки ёфта гирифтан ва ҳамчун далели шайъӣ ба парванда ҳамроҳ намудани фоида ё хизматрасонии хусусияти молу мулкидошта ғайриимкон мебошад. Аз ин рӯ, ба мақсад мувофиқ мебошад, ки танҳо дар ҳолати мавҷуд набудан ё дарёфт нагардидани предмети пора ё ришвадиҳии тиҷоратӣ дар шакли маблағҳои пулӣ, қоғазҳои қиматнок ва дигар молу мулк ҷавобгарии ҷиноятӣ истисно карда шавад. Дар дигар ҳолат мақомоти таъқиби ҷиноятӣ вазифадор карда шавад, ки ҷиҳати муайян кардани намуд, шакл ва баҳои маблағи фоида ё хизматрасонии хусусияти молу мулкидошта, ки ба сифати пора расонида мешавад, тамоми чораҳои бо қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ пешбинигардидаро андешад.

Дар таҷрибаи тафтишотӣ ҳолатҳои додани пора ба шахси мансабдор бо роҳи интиқоли маблағҳо, ки тавассути бонкҳо ё дигар тарзҳои муосири интиқоли электронии пулӣ сурат мегиранд, ба назар мерасад. Дар чунин ҳолатҳо низ ёфта гирифтан ва ҳамчун далели шайъӣ эътироф намудани предмети пора имконнопазир буда, мақомоти тафтишотӣ бо роҳи ёфта гирифтани ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ-хазинавии бонкӣ оид ба интиқол ва қабули маблағ, инчунин гузаронидани амалҳои тафтишии дахлдор дар маҷмӯъ бо дигар далелҳои парвандаи ҷиноятӣ дақиқан санҷида, ба онҳо баҳои ҳуқуқӣ медиҳад.

Ҳамчунин, бояд диққат дод, ки мувофиқи талаботҳои Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 декабри соли 2008, №11 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба гирифтан, додани пора ва ришвадиҳии тиҷоратӣ» маблағи пулӣ ва дигар ашёҳои қиматдори ёфта гирифташуда, ки предмети пора ё ришвадиҳии тиҷоратӣ мебошанд ва далелҳои шайъӣ эътироф гардидаанд, дар асоси муқаррароти КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун бо роҳи ҷиноят бадастовардашуда, ба фоидаи давлат гузаронида мешаванд.

Аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод намудани порадиҳанда ё шахсе, ки ришвадиҳии тиҷоратиро анҷом додааст, бо асосҳои ихтиёран дар бораи содир шудани ҷиноят хабар расонидан, маънои дар ҳаракатҳои шахсони мазкур мавҷуд набудани таркиби ҷиноятро надорад. Аз ин рӯ, онҳо ҷабрдида эътироф карда намешаванд ва барои баргардонидани ашёҳои қиматдори ба сифати пора ё предмети ришвадиҳии тиҷоратӣ додашуда ҳуқуқи талабгор шудан надоранд ва ин ашёҳо ба онҳо баргардонида намешаванд.

Агар маблағҳои пулӣ, қоғазҳои қиматноку дигар амвол, бо мақсади бо далели шайъӣ дастгир кардани шахсе, ки чунин талаботро пешниҳод намудааст, таҳти назорати мақомоти мазкур ба амал бароварда шуда бошад, пас маблағҳои пулӣ ва дигар амвол ба фоидаи давлат дода нашуда, бояд ба соҳибаш баргардонида шаванд ва тақдири дигар далелҳои шайъӣ тибқи ин талабот бояд аз ҷониби суд матраҳ карда шавад.

Тавре маълум аст, агар шахси мансабдор ё шахсе, ки вазифаҳои идоракуниро дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона анҷом медиҳад пора (ришва) гирифта, аммо бино-

бар надоштани ваколат ва ё мавқеи хизматӣ иҷрои амали ваъдашуда имконнопазир бошад, кирдори ӯ бояд ҳамчун қаллобӣ банду баст карда шавад.

Агар шахс аз ягон кас маблағи пулӣ ё дигар ашёҳои қиматдорро бо баҳонаи гӯё барои ба шахси мансабдор ё шахсе, ки вазифаҳои идоракуниро дар корхонаи тиҷоратӣ ё дигар корхона анҷом медиҳад, ба сифати пора ё ришва додан, гирифта, аммо ин ниятро амалӣ накардааст ва онҳоро тасарруф карда бошад, кирдори содирнамудаи ӯ бояд ҳамчун қаллобӣ банду баст карда шавад.

Дар ҳардуи ҳолатҳои болозикр соҳиби ашёҳои қиматдор ҳамчун сӯиқасд ба додани пора ё ришвадиҳии тиҷоратӣ банду баст карда мешаванд.

Ба ҳамин монанд, дар сурати аз тарафи шахс ҳамчун таҳриккунанда бо роҳи багапдарорӣ шахсро барои додани пора моил намояд, кирдори номбурда бо қисми 4 моддаи 36 ва моддаи 320 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар мавриди дар ҳаракатҳои шахси маблағи пулӣ ё дигар ашёҳои қиматдорро гирифта ҷой доштани ҷинояти қаллобӣ, кирдори таҳриккунанда бо қисми 4 моддаҳои 36, қисми 3 моддаи 32 ва моддаи 320 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст карда мешавад.

Мақомоти таъқиби ҷиноятӣ бояд ба инобат гиранд, ки хабари ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ваколатдор расонидашуда (ба тариқи хаттӣ ё шифоҳӣ) оиди талаби маблағи пора (ришва) новобаста аз ангезаҳои ба асосгирифтаи муроҷиаткунанда, бояд ихтиёрӣ эътироф карда шуда, номбурда бо риояи талаботи қисми 1 эзоҳи моддаи 320 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷавобгарӣ озод карда мешавад.

Дар сурати оид ба ҳолати додани пора (ришва) аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мустақилона маълум карда шавад, хабари баъдан дар ин бора расонидашуда, ихтиёран эътироф карда намешавад ва шахс барои додани пора (ришва) ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Мувофиқи талаботи қисмҳои 3 ва 4 моддаи 4 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи қонуни ҷиноятӣ аз рӯи қиёс манъ буда, мазмуни Кодекси ҷиноятӣ бояд дақиқан мутобиқи матни он фаҳмида шавад.

Мафҳуми шахси мансабдор ва шахсе, ки мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ишғол мекунад, ба таври возеҳ дар эзоҳи моддаи 314 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст. Аз ин лиҳоз, ба мақсад мувофиқ мебошад, ки зимни пешбурди таъқиби ҷиноятӣ мафҳуми шахси мансабдор танҳо аз рӯи меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ муайян гардида, дар ин раванд зарурати истифода намудани меъёрҳои дигар, бахусус Феҳристи мансабҳои давлатӣ, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 августи соли 2016, №737 тасдиқ шудааст, ҷой надорад.

Ҳамзамон бояд ба инобат гирифт, ки дар асоси модаи 68 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Пленуми Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷрибаи судиро оид ба амалияи татбиқи қонунгузорӣ ҷамъбаст намуда, тавзеҳоти дастурӣ медиҳанд ва онҳо барои судҳо, мақомоту шахсони мансабдоре, ки қонуни тавзеҳшударо татбиқ менамоянд, ҳатмӣ мебошанд.

Мавриди ба зикр аст, ки дар натиҷаи Баҳодиҳии миллии хавфҳо, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2017 гузаронида шудааст, дар қатори муомилоти ғайриқонунӣ бо маводҳои мухаддир, коррупсия, алалхусус порагирӣ низ ҳамчун хавфи қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда арзёбӣ шудаанд.

Новобаста аз ин дар таҷрибаи тафтишотӣ ошкор ва тафтиши пешакии ҷиноятҳо марбут ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳое, ки дар натиҷаи содир намудани ҷиноятҳои порагирӣ ба даст оварда шудаанд, ба назар намерасанд.

Бо назардошти он ки ҷиноятҳои ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳо

марбута дар рафти тафтиши ҷиноятҳои асосӣ (предикатӣ) ошкор карда мешаванд, ба мақомотҳои пешбарандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мебояд ҷиҳати муайян намудани хароҷоти молу мулк, маблағҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва эҳтимолияти қонунигардонии он сари вақт чорабиниҳои опертивӣ-ҷустуҷуӣ дар намуди ҷамъоварии маълумот (аз идораҳои натариалӣ ва корхонаҳои бақайдгирии молу мулки ғайриманқул, бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ, мақомоти БДА ВКД ва ғайра оиди теъдоди молу мулки гумонбаршудагон (айбдоршавандагон) ва наздикони онҳо), гӯш ва сабт кардани гуфтугӯҳои телефонии шахсони далхлдор, ҷустуҷӯи шахсӣ, пурсиши оперативӣ, таҳқиқи оперативии ашё, ҳуҷҷатҳо ва объектҳои дигари мавриди таваҷҷуҳ, воридсозии оперативӣ ва дигар амсоли ин гуна чорабиниҳо гузаронида шуда, бо ин роҳ заминаҳои бо роҳи ҷиноят ба даст оврада шудани молу мулки болозикр муқаррар карда шавад.

Гузаронидани амали тафтишии кофтукови таъхирнопазир дар биноҳои хизматӣ ва истиқоматӣ, дарёфт карда гирифтани сабтҳои видеоӣ, предметҳо ва ҳуҷҷатҳо (аз ҷумла ҳуҷҷатҳои бонкӣ), ки барои парванда аҳамият доранд, пурсишу рӯбарӯкуниҳо ва дигар амалҳои дахлдор низ метавонад барои ошкор кардани ин намуд ҷиноятҳо мусоидат намоянд.

## ХУЛОСА

Дар муддати фаъолияти начандон тӯлонӣ Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия доир ба пешгирӣ ва ошкор кардани ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, инчунин ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони гунаҳкор як қатор корҳоро ба анҷом расонидааст.

Дар баробари ин, мубориза ба муқобили ҷиноятқорӣ, аз ҷумла додан ё гирифтани пора ва ришвадиҳии тиҷоратӣ, пешгирӣ ва аз байн бурдани ин қабил ҷиноятҳо вазифаи муҳими дигар мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ низ мебошад.

Ошкор намудан ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони гунаҳкор дар содир намудани кирдорҳои ҷиноятии вобаста ба порахурӣ нисбатан мушкил мебошад, чунки аз тарафи ду нафар шахс одатан ба таври пинҳонӣ содир мегардад ва дар бисёр ҳолатҳо тарафҳо - чӣ шахси порадода ва чӣ шахси порагирифта барои ошкор гардидани кирдори худ ҳавасманд нестанд. Дар дастурамали илмӣ-амалӣ ба қадри имкон фишурдаи масъалаҳои нисбатан актуалӣ ва ҳалталабе, ки дар раванди пешбурди фаъолияти хизматии мақомоти махсусгардонидашудаи мубориза бо коррупсия ба назар расида, барои тавзеҳоти касбии ягона ниёз доштанд, истинод ба меъёрҳои қонунгузорӣ дар самти фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ҷиноятӣ, мурофиавии ҷиноятӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ мавриди тадқиқот қарор дода шуданд.

Боварӣ дорем, ки истифода намудани тавзеҳоти болозикр барои баланд намудани касбияти кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, беҳтар намудани сифати тафтишоти пешакӣ, бо риояи талаботи қонунгузории ҷорӣ ошкор ва таъмини тафтиши пурра, холисона ва ҳамаҷонибаи парвандаҳои ҷиноятии марбут ба гирифтану додани пора ва ришвадиҳии тиҷоратӣ мусоидат хоҳад кард.

Минбаъд низ бо омӯзиши таҷрибаи тафтишотӣ ва судии дохили кишвар, ҳамчунин таҷрибаҳои мақомотҳои соҳавии давлатҳои мутараққӣ роҳу усул ва механизмҳои муосири ошкор ва тафтиши пешакии ин қабил ҷиноятҳо, алалхусус гирифтани пора тавассути воситаҳои электронии пардохт, криптоасъорҳо, тавассути бонкҳои давлатҳои хориҷа, расонидани хизматрасонӣ ва ғайра омӯхта шуда, он дар раванди фаъолияти илмӣ-амалӣ татбиқ карда мешавад.

***Раёсати тафтишотии Агентӣ.***

**Бо фармоиши директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 июни соли 2020, №04 тасдиқ шудааст.**

# ДАСТУРАМАЛИ
## ИЛМӢ-АМАЛӢ ОИД БА ТАРЗУ УСУЛИ ОШКОР ВА ТАФТИШИ ПАРВАНДАҲОИ ҶИНОЯТӢ МАРБУТ БА АЗОНИХУДКУНӢ Ё ИСРОФКОРӢ (МОДДАИ 245 КҶ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН)

### МУҚАДДИМА

Баъд аз ба даст овардани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳотҳои куллӣ дар муносибатҳои ҷамъият, ба хусус муносибатҳои молу мулкӣ ба вуҷуд омад. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шакли иқтисоди ягонаи давлатӣ рӯ ба иқтисоди бозаргонӣ ниҳод. Давлат аз сиёсати пушида ба сиёсати дарҳои кушод дар ҳама самт гузашт.

Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи Конститутсия давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари ҳуқуқҳои асосии шаҳрвандон ҳуқуқ ба моликиятро мустаҳкам кардааст. Мутобиқи моддаи 32 Конститутсия ҳар кас ҳақ дорад соҳиби моликият ва мерос бошад. Давлат ҳифзи баробари ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад (м.12.Конситутсия). Ғайр аз ин муносибати молумулкӣ яке аз асосҳои устувории таъминоти муътадили амали иқтисодиёти ҳар як давлат ба шумор меравад. Яке аз роҳҳои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, инчунин манфиатҳои ҷомеа ва давлат, ин ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба шумор меравад. Чуноне, ки маводҳои таҷрибаи тафтишотӣ ва судӣ нишон медиҳад, азонихудкунӣ ё исрофкорӣ яке аз ҷиноятҳои паҳнгаштаи муқобили моликият ба шумор рафта, қисмати муайяни шумораи ҷиноятҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифташударо ташкил медиҳанд.

Таҳлил ва ҷамъбасти таҷрибаи мақомоти Агентӣ вобаста ба ҷиноятҳои азонихудкунӣ ва исрофкорӣ нишон дод, ки дар тули 13 соли сипаришуда кормандони Агентӣ ҳамагӣ бо моддаи 245 КҶ - 4 132 ҷиноят, аз ҷумла соли 2007-181, соли 2008-222, соли 2009-200, соли 2010-302, соли 2011-305, соли 2012-345, соли 2013-336, соли 2014-298, соли 2015-361, соли 2016-437, соли 2017-442, соли 2018-358 ва соли 2019-345 ҷиноят ошкор ва бақайд гирифта, мавриди таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ қарор додаанд. Қайд кардан ҷоиз аст, ки аз соли 2007 то ин ҷониб ошкор ва бақайдгирии ин қабил ҷиноятҳо дар мақомоти Агентӣ афзоиш ёфта, содиршавии он бемайлон боло рафта, фарқияти он дар ин давра аз 9 то 40 фоизро ташкил додааст.

Таҷриба ва маълумотҳои омории ҳарсола нишон медиҳанд, ки новобаста аз таҳия, қабул ва мукаммалгардонии қонунҳо дар самти молияи давлатӣ, дар таҳия ва амалигардонии чорабиниҳо ҷиҳати ташаккул ва хароҷоти маблағҳои буҷети давлатӣ дар ҳама сатҳҳо, истифодабарии самараноки маблағҳою амволи давлатӣ ва хариди давлатӣ ҳоло ҳам қонуншиканиҳо ва камбудиҳои зиёди коррупсионӣ, аз ҷумла расонидани зарарҳои молиявӣ, азонихудкунии

маблағу амволи давлатӣ ва ғайраҳо ҷой доранд.

Бояд қайд кард, ки дар асоси қисми 7 моддаи 161 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноятҳои дар моддаи 245 қисми 2 банди «г», қисмҳои 3 ва 4 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон (азонихудкунӣ ё исрофкорӣ) ва боз 50 моддаҳои дигари қисми махсуси КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, ки хусусияти коррупсионӣ доранд, тобеияти мақомоти махсусгардонидашудаи муборизa бо коррупсия буда, тафтиши пешакии ин қабил парвандаҳо аз ҷониби муфаттишони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва муборизa бо коррупсия гузаронида мешаванд.

Мавриди зикри хос аст, ки муқовимат бо тасарруфи молу мулки ғайр, ки ба шахс бовар карда шудааст, яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва муборизa бо коррупсия ба ҳисоб рафта, кормандони тафтишот ва дигар воҳидҳои сохтори ин мақомот мунтазам баҳри ошкор, тафтиш ва барқарор намудани зарарҳои молиявӣ марбут ба ҷиноятҳои азонихудкунӣ ва исрофкорӣ чорабиниҳои судманд андешида, ҷиҳати пешгирӣ ва бартараф намудани ин қабил ҷиноятҳо корҳои муайянро анҷом медиҳанд. Мақомоти тафтишотии Агентӣ дар тӯли фаъолияти худ дар самти тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба азонихудкунӣ ва исрофкорӣ, ки бо истифодаи ваколати мансабдорӣ содир гардидааст, таҷрибаи зарурӣ андухтаанд.

Ногуфта намонад, ки ғайримақсаднок истифода кардан ва азонихудкунии маблағҳо метавонанд раванди ноилшавии мақсадҳои гузоштаи давлатро халалдор созад ва ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат таъсири манфӣ расонад. Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгариро барои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, яъне тасарруфи молу мулки ғайр, ки ба гунаҳгор бовар карда супурда шудааст ё дар ихтиёри ӯ мебошад, муқаррар намудааст.

Боварӣ аст, ки Дастурамали мазкур барои пурра, ҳаматарафа ва холисона банду баст ва тафтиши ҷиноятӣ азонихудкунӣ ё исрофкорӣ мусоидат менамояд.

## 1. МАФҲУМ ВА АЛОМАТҲОИ ТАРКИБИ ҶИНОЯТИ АЗОНИХУДКУНӢ Ё ИСРОФКОРӢ

Дар моддаи 245 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ду шакли тасарруф пешбинӣ шудааст, ки яке «азонихудкунӣ» ва дигаре «исрофкорӣ» мебошад.

Тибқи муқаррарроти эзоҳи моддаи 244 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон тасарруф - ин ғайриқонунӣ, боғараз, ройгон гирифтан ва (ё) ситонидани молу мулки ғайр ба фоидаи гунаҳгор ё дигар шахсон дар назар дошта шудааст.

Таҳти мафҳуми азонихудкунӣ ин аз ҷониби шахс ғайриқонунӣ, боғараз, ройгон гирифтан ва ба манфиати худ табдил додани молу мулки ғайр, ки ба ӯ бовар карда супурда шудааст ё дар ихтиёраш мебошад, фаҳмида мешавад. Дар ҳолати азонихудкунӣ ҳуқуқҳои соҳибмулк оид ба нигоҳ доштан, истифода бурдан ва ихтиёрдорӣ кардани молу мулки ба таври ғайриқонунӣ ва бидуни хоҳишу иродаи соҳибмулк ба ихтиёри шахси гунаҳкор мегузарад.

Исрофкорӣ ҳамчун намуди мустақили тасарруф ин аз тарафи шахс дар ҳар шакл боғараз, ройгон, бе бозгашт ба манфиати худ ё шахси дигар бегона кардан ё ин ки истифода намудани молу мулки ба ӯ бовар кардашуда ё дар ихтиёраш бударо дар бар мегирад. Дар ҳолати исрофкорӣ молу мулке, ки ба шахси гунаҳгор бовар карда супурда шудааст ё дар ихтиёри ӯ қарор дорад, бо роҳҳои гуногун сарф карда мешавад.

Фарқияти азонихудкунӣ аз исрофкорӣ дар он аст, ки азонихудкунӣ дар он ҳолате ҷой дошта метавонад, агар молу мулки гирифташуда дар шакли воқеӣ (натуралӣ) вуҷуд дошта бошад ва онро аз гунаҳгор ги-

рифта ба соҳибмулк баргардонидан мумкин аст.

Исрофкорӣ бошад, дар он ҳолате ҷой дошта метавонад, ки агар молу мулки гирифташуда дар ихтиёри гунаҳгор набошад ва ба соҳибмулк мумкин аст танҳо арзиши он ҷуброн карда шавад ё ин ки молу мулк ба дигар шахс дода шуда, бегона карда шудааст.

Таҳти мафҳуми молу мулки ба гунаҳгор бовар карда супурдашуда, ин молу мулке дониста мешавад, ки ба таври муваққатӣ ё доимӣ дар нигаҳдошти қонунии ӯ қарор дошта, барои онҳо ба ӯ ҳуқуқҳои муайян дар хусуси ихтиёрдорӣ кардан, идора намудан, нигоҳ доштан, бурда расонидан ва ғайра дар асоси уҳдадориҳои мансабӣ, муносибатҳои шартномавӣ, меҳнатӣ, супоришҳои соҳибмулк ваколатдор карда шудааст.

Зери мафҳуми молу мулки дар ихтиёри гунаҳгор буда, чунин молу мулке фаҳмида мешавад, ки нисбати он шахс танҳо функсияҳои оперативӣ-фармондеҳии хусусияти хоҷагидоштаро доро гардида, вай шахси масъулияти моддидошта ҳисобида намешавад, яъне молу мулк ба ӯ бовар карда супурда нашудааст.

Бояд қайд намуд, ки дар КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳи «тасарруф» ба ду маънӣ истифода мегардад, аввалан он вазъияти воқеии ҷиноятро бар зидди моликияти ғайр ифода мекунад, дуюм ин, ки дар шакли умумӣ он ҳамчун мафҳуме истифода мешавад, ки тамоми намудҳои тасарруфи молу мулки ғайрро тавсиф менамояд (моддаҳои 244-250 КҶ ҶТ). Инчунин мафҳуми «тасарруф» бо як чанд моддаҳои дигари КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз қабили моддаҳои 199, 202, 339 ва ғайра мутааллиқ аст. Аз ин ҷиҳат доир ба он, ки таҳти мафҳуми «тасарруф» фақат азонихудкунӣ ё исрофкорӣ фаҳмида мешавад, нодуруст мебошад.

Ифодаи воқеии хусусияти иқтисодии ҳар мол – ин арзиш, яъне нархи вай ё баҳои пулии он мебошад. Аз ин ҷиҳат, нарх нишонаи зарурии тасарруфи молу мулки ғайр буда, муайянкунии нарх талаботи ҳатмии бандубасти дурусти кирдори ҷиноятии шахс, ки барои ба даст овардани молу мулки ғайр равона гардидааст, мебошад.

Ҳуҷҷатҳои хусусияти молумулкӣ надошта ба сифати молу мулк баҳо дода намешаванд (шиноснома, бланкаҳо, шаҳодатномаи ронандагӣ ва ғайра). Аммо, агар чунин ҳуҷҷатҳо аз ҷониби гунаҳкор бо мақсади сохтакорӣ барои минбаъд соҳиб шудани арзишҳои молу мулкӣ ё худ воситаҳои пулӣ тасарруф гардида бошанд, кирдори содиршуда бояд ҳамчун тайёрӣ ба ин ҷиноят бандубаст карда шавад.

Мафҳуми “молу мулки ғайр” дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон шарҳ дода нашудааст, аммо аз мазмуни ибора бармеояд, он молу мулке мебошад, ки на худи он ва на ҳуқуқ ба он ба шахси содиркунанда ҷиноят тааллуқ надошта, он моликияти шахси дигар ё ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ аст.

Субъекти ин ҷиноят ба ғайр аз шахсони масъули ҷавобгарии моддидошта, дигар шахсоне низ шуда метавонанд, ки молу мулк ба онҳо бовар карда супурда шудааст ё дар ихтиёрашон мебошад.

Тарафи субъективии ҷинояти мазкур дар қасди бевосита ва нияти ғаразнок ифода мегардад, яъне гунаҳгор дарк мекунад, ки ғайриқонунӣ ва ройгон молу мулки ба ӯ боваркардашударо азонихуд ё исроф мекунад, пешбинӣ менамояд, ки бо ҳаракатҳои худ ба соҳибмулк зарари моддӣ мерасонад ва хоҳони он аст, ки чунин ҳаракатҳоро содир намояд ва чунин оқибатҳо ба вуқуъ оянд.

Объекти ҷинояти мазкур муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки барои ҳифзи молу мулки ғайр (шахсӣ, давлатӣ ва ё дастаҷамъона) аз таҷовузи ҷиноятқорона равона гардидаанд.

Тарафи объективии ин намуди ҷиноят дар шакли ҳаракати фаъол ё ғайрифаъол вобаста ба тасарруфи молу мулки ғайр бо роҳи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, ки ба гу-

наҳгор бовар карда супурда шудааст ё дар ихтиёри ӯ мебошад, зоҳир мегардад.

Ҷинояти азонихудкунӣ ва исрофкорӣ таркиби моддӣ дорад. Азонихудкунӣ аз лаҳзае, ки молу мулк ба нигаҳдошти ғайриқонунии гунаҳгор гузашта, ӯ имкони истифода бурдан ё ихтиёрдорӣ кардани онро пайдо мекунад, ҷиноят хотимаёфта эътироф мешавад.

Исрофкорӣ дар ҳолате ҷинояти хотимаёфта дониста мешавад, ки шахс воқеан молу мулкро ихтиёрдорӣ карда, ҷараёни бегонакунии онро ба анҷом расонида бошад.

## 2. АЛОМАТҲОИ ТАВСИФКУНАНДАИ АЗОНИХУДКУНӢ ВА ИСРОФКОРӢ

Аломатҳои таснифкунандаи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ бояд фарқ карда шавад, зеро он барои баҳои дурусти ҳуқуқӣ додан ва бандубасти кирдори содирнамудаи шахс лозим аст. Аз ҷумла, азонихудкуние, ки аз якчанд лаҳзаҳо иборат буда, бо қасди ягона равона шуда, мақсади умумии ба тасарруфи худ даровардани молу мулки ғайрро дорад, ҷинояти давомдор дониста мешавад.

Мутобиқи қисми 2 моддаи 245 КҶ ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ инҳоянд:

а) такроран;

б) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ;

в) бо расонидани зарари ҷиддӣ ба шахрванд;

г) бо истифодаи ваколати мансабдорӣ содир шуда бошад.

Азонихудкунӣ ё исрофкорие, ки такроран содир карда мешавад. Азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дар ҳамон вақт бо банди «а» қисми 2-и моддаи 245 КҶ такроран дониста мешавад, ки агар шахс қабл аз он як ё якчанд ҷиноятҳои дар моддаҳои 244-251, 254 ва 257 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин дар моддаҳои 186, 194, 199, 202 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишударо содир карда бошад.

Азонихудкунӣ ва исрофкорӣ такроран эътироф намешавад, агар шахс барои ҷинояти қаблан содирнамудааш тибқи талаботи моддаҳои 72-75 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод ё парвандаи ҷиноятӣ бо асосҳои пешбининамудаи қонун нисбаташ қатъ гардида ё мутобиқи моддаи 84 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон доғи судиаш барҳам хӯрда ё бардошта шуда бошад.

Азонихудкунӣ ё исрофкорие, ки аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содир карда мешавад. Ҷинояти мазкур дар сурате бо банди «б» қисми 2 моддаи 245 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо аломати аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ банду баст карда мешавад, ки агар ҳангоми содир намудани он асосҳои дар қисми 2 моддаи 39 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида ҷой дошта, ҳамиштирокчиён барои гирифтани молу мулк маслиҳат намуда, яке аз онҳо бевосита онро амалӣ карда бошад. Агар иштирокчиёни дигар мутобиқи тақсими нақшҳо ҳаракатҳои мувофиқашударо, ки ба расонидани ёрии бевосита ба иҷрокунанда барои содир намудани ҷиноят равона шуда буданд, содир карда бошанд, ҳаракатҳои содиркардаи онҳо ҳамиҷрокунанда ба ҳисоб меравад ва мутобиқи қисми 2 моддаи 37 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон банду басти иловагиро бо моддаи 36 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб намекунад.

Ҳаракатҳои шахсе, ки дар тасарруфи молу мулки ғайр бевосита иштирок накардааст, вале бо маслиҳату дастурҳояш ё пешакӣ ваъда додани пинҳонсозии осори ҷиноят, бартарафкунии монеаҳои бо расонидани ёрӣ ба иҷрокунандагони бевоситаи ҷиноят алоқаманд набуда, ба соҳибияти каси дигар додани молу мулки тасарруфшуда ва ғайраҳо дар содиршавии ин ҷиноят ёрдам додааст, бояд дар шакли ёрдамчӣ чун ҳамиштирокчӣ дар ҳаракати содиршуда, бо ишора ба қисми 5 моддаи 36 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст карда шавад.

Шахсе, ки ҷиноятро ташкил кардааст, ё дидаю дониста иштирокчии ҷиноятро, ки

тибқи қонун ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад, ба содир намудан моил кардааст, мутобиқи қисми 2 моддаи 36 КҶ ҶТ чун иҷрокунандаи ҳаракати содиршуда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Дар мавриди ҷой доштани асосҳое, ки бо қонун пешбинӣ шудаанд, дар сурати иҷрокунандаи ҷиноят ноболиғ бошад ҳаракатҳои шахси зикргардида бояд ба таври иловагӣ бо моддаи 165 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷалби ноболиғон ба содир намудани ҷиноят банду баст карда шаванд.

Азонихудкунӣ ё исрофкорӣ бо расонидани зарари ҷиддӣ ба шахрванд. Мувофиқи банди 2 эзоҳи моддаи 244 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон андозаи зарари ба шахрванд расонидашуда аз рӯи аҳволи моддии вай бо назардошти вазъи молу мулкӣ, манбаҳои даромади оилавӣ, вобаста ба шумораи шахсони дар тарбияаш буда, сарчашмаҳои даромад ва ғайраҳо муайян карда мешавад.

Ҳангоми банду басти азонихудкунӣ ё исрофкории молу мулки давлатӣ ё дастаҷамъӣ бояд арзиши ашёи тасарруфшуда, дар лаҳзаи содир гардидани кирдор ба инобат гирифта шавад.

Бояд дар назар дошт, ки тибқи банди 4 эзоҳи дар боло зикргардида азонихудкунӣ ё исрофкории молу мулки давлатӣ ё дастаҷамъӣ дар ҳолате ба миён меояд, ки агар арзиши молу мулки тасарруфшуда аз дах андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тасарруфи молу мулки шахсӣ новобаста аз арзиши он ба миён меояд.

Азонихудкунӣ ё исрофкорие, ки бо истифодаи ваколати мансабдорӣ содир шуда бошад. Субъекти ҷинояти дар банди «г» қисми 2 моддаи 245 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, шахсоне шуда метавонанд, ки нисбат ба молу мулки ба онҳо бовар карда супурда шуда ё дар ихтиёрашон буда ҳуқуқи идоракунии оперативӣ доранд. Инҳо шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идораҳои давлатӣ ва шахсоне, ки ваколатҳои фармонфармоӣ ё дигар ваколатҳои идоравиро дар ташкилотҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо иҷро мекарданд. Бинобар ин, агар шахс бо истифодаи ваколати мансабдорӣ молу мулки ғайри ба ӯ бовар карда супурдашуда ё дар ихтиёраш бударо ғайриқонунӣ, боғараз, ройгон ва бебозгашт аз худ карда, онро ба фоидаи худ ё дигарон табдил диҳад, кирдори ӯ бояд бо банди «г» қисми 2 моддаи 245 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст карда шавад.

Таҳти мафҳуми ваколатҳои мансабдорӣ ин маҷмӯи ваколатҳое дониста мешавад, ки хусусияту аломати таркибии онҳо дар эзоҳи моддаҳои 295 ва 314 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд. Бояд ба эътибор гирифт, ки субъекти ин ҷиноят на танҳо шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идораҳои давлатӣ, инчунин, шахсоне дониста мешаванд, ки ваколатҳои фармонфармоӣ ё дигар ваколатҳои идоравиро дар ташкилотҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо иҷро мекунанд.

Тасарруфи молу мулки ғайр бо истифода аз ваколати мансабдорӣ бо кирдорҳои зерин низ содир шуданашон мумкин аст. Аз ҷумла, ба зердастони худ дар бораи ба соҳибияти каси дигар додани молу мулк ё онро аз ҳисоб баровардан супориши ғайриқонунӣ додан, ғайриқонунӣ пардохти музди меҳнат, нафақа, ёрдампулӣ бо роҳи сохтани ҳуҷҷатҳои қалбакӣ, зиёд нишон додани ҳаҷми корҳои иҷрошуда ва ғайраҳо, ки вобаста ба он маблағҳои пулии калон пардохта мешаванд.

Аз таркиби ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ чунин сӯиистифодаи мансаби хизматӣ, ки гарчанде бо мақсади ғаразнок содир шуда, ба моликияти давлат ё дигар корхона новобаста аз шакли моликияташон зарар расонида, вале ба қасди бе бозгашт ба манфиати худ ё шахси дигар табдил додани он алоқамандӣ надошта бошад, бояд фарқ карда шавад.

Агар азонихудкунӣ ё исрофкорӣ аз ҷониби шахсоне, ки дорои ваколати мансабӣ

намебошанд, бо роҳи сохтакории ҳуҷҷатҳо содир шуда бошад, он гоҳ ҳаракатҳои онҳо бояд барои маҷмӯи ҷиноятҳо бо моддаҳои 245 ва 340 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст карда шавад. Дар дигар ҳолатҳо, агар ин ҷиноят дар шарикӣ бо шахси мансабдор содир шуда бошад, кирдорҳо бояд ҳамчун ҳамиштирокчӣ дар сохтакории хизматӣ банду баст карда мешавад.

Қисми 3 моддаи 245 КҶ чунин ҳолатҳои бандубастшавандаи азонихудкунӣ ё исрофкориро пешбинӣ мекунад:

а) ба миқдори калон;

б) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир шуда бошад,

Таҳти мафҳуми тасарруфи молу мулки давлатӣ ё дастаҷамъӣ ба миқдори калон, ки ба гунаҳгор бовар карда супурда шудааст ё дар ихтиёри ӯ мебошад, арзиши молу мулки тасарруфшуда аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо як ҳазор маротиба зиёдтар бошад.

Нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли дахлдор муқаррар карда мешавад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нишондиҳанда барои ҳисобҳо» аз 5 январи соли 2008 нишондиҳанда барои ҳисобҳо маблағи пулие мебошад, ки ҳар сол дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли дахлдор муқаррар гардида, барои ҳисоб кардани андозҳо, боҷҳо, дигар пардохтҳои ҳатмӣ ва муҷозоти ҷаримавӣ, инчунин барои ҳисоб кардани ин ё он бузургии арзиши ҳадди ниҳоӣ (поёнӣ ё болоӣ), кӯмакпулиҳо ва иловапулиҳои иҷтимоӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешавад. Ҳар сол муқаррар намудани нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Буҷети давлатӣ барои соли дахлдор бояд ҳамчун қоида бо дарназардошти сатҳи бекурбшавӣ, ки барои соли дахлдор пешбинӣ карда мешавад, сурат гирад. Масалан, бо Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02 ноябри соли 2007 «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2008» нишондиҳанда барои ҳисобҳо аз 01 июли соли 2008-ум 25 сомонӣ, аз 19 ноябри соли 2008 «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2009» аз 01 июли соли 2009-ум 35 сомонӣ, аз 11 ноябри соли 2010 «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2011» аз 01 январи соли 2011-ум 40 сомонӣ, аз 16 ноябри соли 2017 «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2018» аз 01 январи соли 2018-ум 50 сомонӣ, аз 26 ноябри соли 2018 «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019» аз 01 январи соли 2019-ум 55 сомонӣ ва аз 26 ноябри соли 2019 «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020» аз 01 январи соли 2020 нишондиҳанда барои ҳисобҳо 58 сомонӣ муайян карда шудааст.

Агар шахс тасарруфи якчанд молу мулки ғайрро, ки ба ӯ бовар карда супурда шудааст ё дар ихтиёраш мебошад, дар маҷмӯъ бо як тарз ва бо қасди ба миқдори калон ё махсусан калон содир карда бошад, он гоҳ кирдори ӯ мувофиқан бо банди «а» қисми 3 ё банди «б» қисми 4 моддаи 245 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст карда мешавад.

Дар мавриди содир кардани тасарруфи молу мулки ғайр, ки ба гунаҳгор бовар карда супурда шудааст ё дар ихтиёраш мебошад, қасд бевосита барои ба даст овардани молу мулки ғайр ба миқдори калон ё махсусан калон равона шуда, он бо сабабҳои аз гунаҳгор вобаста набуда, то ба охир расонида нашуда бошад, ин кирдор бояд ҳамчун сӯиқасди тасарруфи молу мулки ғайр ба миқдори калон ё махсусан калон ҳисобида шавад.

Ҳангоми аз ҷониби шахс содир намудани тасарруфи молу мулки ғайр, ки ба ӯ бовар карда супурда шудааст ё дар ихтиёраш мебошад, бо роҳи сохтакорӣ ё қасдан несту нобуд ё вайрон кардани молу мулк, ин кир-

дорҳо аз рӯи маҷмӯи ҷиноятҳо бо моддаҳои дахлдори КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон банду баст карда мешаванд.

Ба моликияти худ табдил додани молу мулки ғайр ё дигар ашёҳои арзишнок аз рӯи созишномаҳои меҳнатии қалбакӣ ё дигар шартномаҳо дар намуди музди меҳнат барои иҷрои кор ё хизматрасонӣ, ки дар асл қисман ё пурра иҷро нашудаанд, аз рӯи маслиҳати пешакӣ байни шахси дорои ваколати мансабдорӣ ва дигар шахсони чунин аҳдро баста, ки дар гирифтани маблағҳо иштирок кардаанд, бояд ҳамчун тасарруф ҳам шахсони дорои ваколати мансабдорӣ ва ҳам шахсони воқеӣ дар маслиҳати пешакӣ иштирок намуда, ки ин молҳоро соҳиб шудаанд ҷавобгар мебошанд, банду баст карда шавад.

Ба даст овардани маблағҳои пулӣ аз ҷониби корманди соҳаи хизматрасонии аҳолӣ, ки аз рӯи нархномаҳо барои иҷрои корҳо бо истифода аз ашё ва молҳои корхона аз фармоишгар гирифтааст, бояд ҳамчун тасарруфи молу мулки ғайр дониста шавад.

Дар сурати содир намудани ин ҳаракатҳо аз ашё ва молҳои корхона истифода нашуда бошад, ин кирдор бояд бо моддаи 253 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун расонидани зарари молу мулки бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ банду баст карда шавад.

Ҳамчунин муфаттишонро зарур аст, ки ҳангоми банду басти кирдори шахс бо моддаи 245 КҶ бояд талаботи Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тафрибаи баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба азонихудкунӣ ва исрофкорӣ» аз 26 июни соли 2009 ба эътибор гиранд.

Азонихудкунӣ ва исрофкорӣ бо аломати аз ҷониби гурӯҳи муташаккил дар ҳолате банду баст карда мешавад, ки агар ин ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи устувори шахсоне, ки пешакӣ барои содир кардани як ё якчанд ҷиноят муттаҳид шудаанд, содир шуда бошанд.

## 3. ТАФОВУТИ АЗОНИХУДКУНӢ Ё ИСРОФКОРӢ БО ДИГАР ҶИНОЯТҲОИ МУҚОБИЛИ МОЛИКИЯТ

Азонихудкунӣ ё исрофкориро аз дигар таркибҳои ҷиноятҳо ба муқобили моликият, пеш аз ҳама аз дигар шаклҳои тасарруф алалхусус, аз қаллобӣ бояд фарқ кард, гарчанде, ки тарзи содир кардани онҳо метавонад монанд бошад. Мисол, ҳам дар азонихудкунию исрофкунӣ ва ҳам дар қаллобӣ, ҷабрдида (соҳибмулк ё дигар дорандаи қонунии молу мулк) ба таври ихтиёрӣ молу мулки худро ба ҷинояткор месупорад, дар ҳар ду ҳолат ҳам гунаҳкор бо роҳи сӯиистеъмолии боварӣ ва он ваколатҳое, ки соҳибмулкро доро кардааст, тасарруфи молу мулкро содир мекунад. Вале бо вуҷуди ин, фарқият байни ин шаклҳои тасарруф ҷой дорад, ки нишонаҳояшон ба таври зайл аст:

1) дар азонихудкунӣ ва исрофкорӣ молу мулк ба гунаҳкор дар асосҳои қонунӣ супорида мешавад, ки он аз муносибатҳои меҳнатӣ, ҳуқуқӣ-граждани ё супориши махсус бармеояд. Ин чунин маъно дорад, ки нигаҳдошти чунин амвол аз ҷониби шахси гунаҳкор ҳам мазмунан ва ҳам шаклан хусусияти қонунӣ дорад (дар доираи қонун мебошад). Аммо дар қаллобӣ бошад, ҷабрдида (соҳибмулк) амволи худро ба шахси гунаҳкор дар зери таъсири фиреб ё суистеъмоли боварӣ месупорад, яъне дар асосҳои ғайриқонунӣ. Инчунин агар ҳатто супоридани чунин амвол ба гунаҳкор зоҳиран хусусияти қонунӣ дошта бошад ҳам (яъне, соҳибмулк амволи худро ба гунаҳкор ихтиёрона месупорад), вале моҳиятан ва мазмунан нигаҳдошти чунин амвол аз ҷониби гунаҳкор хусусияти ғайриқонунӣ дорад, чунки чунин аҳд бо қалбакикунонии шуур ва иродаи ҷабрдида содир шуда, аз нуқтаи назари ҳуқуқ ночиз эътироф мешавад;

2) дар азонихудкунӣ ва исрофкорӣ қасди гунаҳкор оид ба тасарруф намудани амвол дар лаҳзае пайдо мешавад, ки чунин амвол

аллакай дар асосҳои қонунӣ дар ихтиёри ӯ мебошад. Аммо дар қаллобӣ бошад, қасд оид ба тасарруфи амвол то супоридани чунин амвол ба гунаҳкор ва то бастани аҳд (шартнома) бо ӯ пайдо мешавад, яъне гунаҳкор пешакӣ нақша кашидааст, ки ӯҳдадориҳои худро дар назди соҳибмулк иҷро намекунад ва амволи ӯро тасарруф мекунад;

3) дар азонихудкунӣ ва исрофкорӣ ба гунаҳкор танҳо амвол ва дар баробари он танҳо ваколатҳои муайян оид ба ихтиёрдорӣ кардан, идора кардан ва ғайра супорида мешавад, яъне чунин амвол ба моликияти гунаҳкор гузаронида намешавад (нисбати чунин амвол гунаҳкор ҳаққи моликиятӣ пайдо намекунад). Аммо дар қаллобӣ бошад, ҷабрдида (соҳибмулк) метавонад ба гунаҳкор на танҳо амволро, балки ҳуқуқ ба амволро низ супорад, яъне амвол мумкин аст ба моликияти гунаҳкор гузаронида шавад.

Азонихудкунӣ ва исрофкориро бояд аз дуздӣ низ фарқ кард, онҳо асосан бо аломати субъекти ҷиноят тафовут мекунанд. Субъекти азонихудкунӣ ва исрофкорӣ танҳо ашхосе шуда метавонад, ки молу мулк ба онҳо дар асоси муносибатҳои меҳнатӣ ё шартномаҳои ҳуқуқӣ-граждани ё супоришҳои махсус бовар карда супорида шудааст ва ё дар ихтиёри онҳо мебошад ва гунаҳкор ваколатҳои худро нисбат ба амволи тасарруфшаванда истифода мебарад. Ба субъект тааллуқ доштани ваколатҳои муайян нисбат ба амволи тасарруфшаванда ва суиистеъмол кардани он ваколатҳо чун воситаи асосии ғайриқонунӣ гирифтаниамвол моҳияти азонихудкунӣ ва исрофкориро ташкил медиҳад. Дар ҳолати дуздӣ бошад, субъектони он танҳо ашхосе шуда метавонанд, ки онҳо нисбати молу мулки тасарруфшаванда ягон хел ваколат надоранд. Бинобар ин, агар тасарруфи амволи ғайр аз ҷониби шахси надоштаи ваколатҳои дар боло зикргардида содир шавад, лекин шахс оид ба чунин амвол вобаста ба супориши корӣ ё иҷрои ӯҳдадориҳои хизматӣ ҳуқуқи дастрасӣ дошта бошад, чунин кирдор бояд ҳамчун дуздӣ квалификатсия (бандубаст) карда шавад.

Масалан, қаравуле, ки ба ӯ муҳофизати молу мулк супориш дода шудааст (на он ки ваколат ба нигоҳ доштани молу мулк), комбайнчие, ки ҳосилро аз саҳро ҷамъоварӣ мекунад, борбардори амбор ва ғайраҳо. Инчунин азонихудкунӣ ё исрофкорӣ аз дигар чиноятхо ба муқобили моликият фарқ мекунад. Аз расонидани зарар молу мулки бо роҳи фиреб ё суйистифодаи боварӣ (моддаи 253) бо предметаш, мисол, агар предмети расонидани зарар молу мулки бо роҳи фиреб ё суйистифодаи боварӣ кору хизматҳо бошанд, предмети азонихудкунӣ ё исрофкориро молу мулки муайяни тасарруфшуда ташкил медиҳад.

## 4. ТАРЗУ УСУЛИ ТАФТИШИ ПАРВАНДАҲОИ ҶИНОЯТИИ АЗОНИХУДКУНӢ ВА ИСРОФКОРӢ

Мақомоти тафтишотии Агентӣ дар самти тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба азонихудкунӣ ва исрофкорӣ қабл аз ҳама бояд зимни тафтиши пешакӣ талаботҳои моддаи 21 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин намуда, тафтиши ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи ҳолати корро анҷом диҳад.

Асос барои оғоз намудани парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ин санҷиши фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории субъекти хоҷагидор (санад, маълумотнома ва хулосаи мутахассис) ва маводҳои аз рӯи он ҷамъоварда шуда метавонад. Санҷиш аз ҷониби сохторҳои назорати давлатии молиявӣ ва аудиторӣ дар асоси муроҷиатҳои шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва хабар дар васоити ахбори омма, инчунин санҷишҳои нақшавию баҳисобгирии ногаҳонӣ гузаронида мешавад.

Тартиби гузаронидани санҷишу тафтишро Қоидаҳои ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фиристодан ва ба истеҳсолоти онҳо

қабул намудани маводи тафтиш (ревизия) ва санҷиш, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июни соли 2005, №1570 тасдиқ шуда, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2013 №1458 тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст, муайян мекунад. Ин Қоидаҳо муносибатҳоро дар бораи ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ расонидани хабару маълумот оид ба ҷиноят, ҳатмӣ будани иҷрои талаботи ин мақомот оид ба гузаронидани тафтишу санҷишҳо, пешниҳод намудани маводи тафтишу санҷиш ва дигар иттилооти зарурӣ, таъмин намудани бақайдгирӣ, баррасӣ намудан ва чораҷӯӣ нисбати ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳо дар рафти тафтишу санҷишҳо дар ҳама мақомоти давлатӣ, дигар ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, бонк ва ташкилотҳои дигари кредитӣ ошкоршуда танзим менамояд.

Тибқи ин Қоидаҳо тафтишу санҷиш аз ҷониби мақомоти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва муборизаи бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Агентии давлатии суҷуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, нозиротҳо ва дигар мақомоти давлатии назоратӣ, воҳидҳои вазорату идораҳо ва дигар мақомоти давлатӣ, ки ҳуқуқи санҷиши фаъолияти молиявӣ ва хоҷагидории сохторҳои мақомотро доранд, гузаронида мешавад.

Дар марҳилаи аввал ба муфаттиш зарур аст, ки зимни санҷишу тафтиши молиявӣ масъалаи ба пуррагӣ иҷро шудани талаботҳои Қоидаҳои ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фиристодан ва ба истеҳсолоти онҳо қабул намудани маводи тафтиш (ревизия) ва санҷиш муайян намуда, дар сурати нопурра будани маводи санҷишӣ ва ё риоя нашудани Қоидаҳо чораҳои зарурӣ андешад.

Баъди санҷишу тафтиши молиявӣ муфаттиш бояд ҳолати аз кадом ҳисоб ва дар зиммаи кадом шахс ба вуҷуд омадани камомад ва ё фарқияти молу маводи арзишдорро аниқ намуда, муайян кунад, ки оё ба ин шахс ба таври қонунӣ тибқи шартнома, фармоиши роҳбар, уҳдадориҳои хизматӣ, ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ- хазинавӣ ва ғайра молу маводи арзишдор супорида шудааст ё не, оё маълумот ва рақамҳои мазкур дар санади санҷишии молиявӣ ба пуррагӣ инъикос шудааст ва ғайра. Бо ҳолатҳои содиршавии кирдор пурра шинос шуда, дастурамалҳои хизматӣ, низомномаҳою оинномаҳои дахлдор ва қонунҳои амалкунандаро омӯхта, бо парвандаи ҷиноятӣ нақшаи мукаммали тафтишотӣ тартиб дода шавад.

Зимнан бояд аз тарафи муфаттиш ҳамаи ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ дар шакли аслӣ, ки нусхаи онҳо дар маводҳои санҷишӣ замима гардидааст ва ё ҳуҷҷатҳое, ки ба парвандаи ҷиноятӣ аҳамияти далелӣ дорад ёфта гирифта, онҳо мавриди омӯзиш, таҳлил ва азназаргузории пурраю дақиқ қарор дода шаванд.

Ҳамчунин муфаттиш бояд аниқ намояд, ки кадом ҳуҷҷатҳо ва барои кадом давра бо парвандаи ҷиноятӣ мавриди таҳқиқ ва баҳодиҳӣ қарор дода шаванд. Ҷиҳати дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани тафтиш ба муфаттиш кумаки мутахассис-муҳосиб ва иқтисодчӣ аз манфиат холӣ нест. Мутахассисон ба муфаттиш оиди бо кадом тарзу усул таҳлил додани ҳуҷҷатҳо тавсия дода, вобаста ба ҳуҷҷатҳои амалиёти муҳосибии дар рафти тасарруф истифодашуда кумак намояд. Мутахассис-криминалист бошад дар мавриди муайян намудани ислоҳот, тозакунӣ ва ворид намудани илова дар ҳуҷҷатҳои азназаргузаронидашаванда кумак мерасонад.

Баъди он бо иштироки мутахассисон муфаттиш ҳуҷҷатҳоро азназар ва таҳлил намуда, зимнан ҳуҷҷатҳоро барои гузаронидани экспертизаи муҳосибӣ, хатшиносӣ ва техникии ҳуҷҷатҳо ҷудо мекунад. Ба му-

фаттиш зарур аст, ки ҳар як ҳуҷҷати ба кор алоқамандро мавриди таҳлили ҷиддӣ карор дода, пеш аз ҳама ӯ бояд моҳият, таъиноти ҳуҷҷат ва аз ин нуқтаи назар мавҷудияти ҳама нишонаҳои ҳуҷҷатро санҷида, дар ҳуҷҷати шакли муқаррарӣ тартиб додани он, ҷой доштани нишонаҳои барзиёд, таъсиррасонии механикӣ ба ҳуҷҷат, ки аз истифодаи такрорӣ ва ё сохтакории он шаҳодат медиҳад, муайян намояд. Дар ин раванд бояд муайян карда шавад, ки то кадом андоза дар ҳуҷҷати мазкур амалиётҳои дар он дарҷшуда таҳия шуда, дар он аломатҳои муҳолифат ҷой дорад ё не.

Бо ин мақсад, муфаттиш бояд шахси масъули моддиро, ки ба ӯ молу маводи арзишноки камомадшуда бовар карда супурда шудааст ва ё дар ихтиёраш қарор дорад, мавриди пурсиш қарор дода, муайян намояд, ки ин шахс ҳолати камомади молу маводи арзишдорро чӣ тавр шарҳ медиҳад, тасдиқ мекунад ва ё ҷиҳати рад намудани чунин ҳолат чӣ гуна ваҷҳ пешниҳод менамояд, яъне бояд ангеза ва мақсади содир шудани ҷиноят аниқ карда шавад.

Ҳамчунин муфаттишро зарур аст, ки бо рияои талаботи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо парвандаи ҷиноятӣ марбут ба азонихудкунӣ ё исрофкорӣ намояндаи ташкилоту идораҳое, ки аз ҷиноят ба онҳо зарари моддӣ расонида шудааст ҷалб карда, вобаста ба ҳолати кор пурсида, намоянда эътироф карда шавад.

Дар бисёр мавридҳо бо парвандаи ҷиноятӣ ташхисҳои судӣ таъин карда мешаванд, ки онҳо тарзу усули тасарруф ва ҳолатҳои ба кор алоқамандидоштаро муайян мекунанд. Дар мавриди таъин намудани чунин ташхисҳо муфаттиш бояд тамоми ҳолатҳои корро муқаррар намуда, баъдан оиди таъин намудани ташхиси дахлдор қарор қабул намояд, то ки ташхис бармаҳал нашуда, зимни гузаронидани он коршинос имконияти ба тамоми ҳолатҳои мавҷуда хулосаи худро дода тавонад.

Вобаста ба ҷиноятҳои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ чун қоида:

– ташхиси муҳосибӣ (санҷиш ва муайян намудани ҳолат, андозаи камомад ё зиёдомадаи молу маводи арзишдор, воситаҳои пулӣ, ҳаҷми воқеии корҳои иҷрошуда ҳароҷот, аз эътибор соқит кардани маҳсулот, татбиқи меъёр ва муайян намудани ҳақи меҳнат);

– ташхиси хатшиносӣ (масъалаи ба кадом шахси дахлдор тааллуқ доштани имзо ва хусни хат) ташхиси техникии ҳуҷҷатҳо (масъалаи муҳр, штамп ва ғайраро);

– ташхиси технологӣ (ҳолатҳои дурустии меъёри харoҷоти ашё дар корхона, муайян намудани ҳаҷми воқеии ашёи барои истеҳсоли маҳсулот зарурӣ ва ғайра);

– ташхиси кимиёвӣ (барои муайян намудани сифати маҳсулот, намуд ва ғайра);

– ташхиси молшиносӣ (барои муайян намудани арзиши молу маҳсулот, ба талабот ва шартҳои техникӣ ҷавобгӯ будан);

– ташхиси сохтмонӣ-муҳандисӣ (муайян намудани корҳои сохтмонӣ), ташхисҳои агротехникӣ, зотехникӣ ва ветеринарӣ (муайян намудани маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва ғайра) ва дигар намудҳои ташхис, агар зарур шавад ташхисҳои комплексӣ бо ҷалби мутахассисон таъин ва гузаронида мешаванд.

Инчунин, муфаттиш бояд ҳангоми тафтиши ин қабил парвандаҳо вобаста ба муайян намудани андозаи зарари ба моликияти давлатӣ ва ё дастаҷамъона расонидашуда бо назардошти қисми 2 эзоҳи моддаи 244 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон (ба миқдори ҷиддӣ, калон ва ё махсусан калон) чораҳои дахлдор андешад.

Дар ин раванд, дар шароити иқтисоди бозоргонӣ ҳангоми муайян намудани нарх ва андозаи молу мулки тасарруфшуда, бояд муқаррар карда шавад, ки молу ашёҳо бо кадом нарх гирифта шудаанд.

Ҳангоми муайян кардани миқдори зарари расонидашуда ва банду басти ҷиноят зарур аст, ки арзиши молу мулки тасарруф-

шуда бо назардошти хароҷотҳои истеҳсолӣ, ба даст овардан, нигаҳдорӣ, интиқол ва коркарди ин маҳсулот ва мол ба инобат гирифта шавад. Дар сурати мавҷуд набудани имкониятҳои муайян намудани арзиши молу мулки тасарруфшуда, нархи онҳо бояд дар асоси хулосаи экспертҳо дар вақти содир кардани ҷиноят муайян карда шавад.

Арзиши ҳар ашё, маҳсулот ва молҳои тасарруфшуда бояд аз ҷониби мақомоти тафтишоти пешакӣ аввал дар алоҳидагӣ ва баъдан дар маҷмӯъ дақиқ муайян карда шавад.

Зарари аз ҷиноят расонидашуда, чун қоида дар шакли аслӣ рӯёнида мешавад, вале дар сурати ғайриимкон будан арзиши молу мулки тасарруфшуда аз рӯи нархҳое, ки дар вақти содир гардидани ҷиноят муайян кардашуда, пардохта мешавад.

Дар сурати тасарруфи молу мулк ва дигар ашёҳои қимматнок, ки ба онҳо бо қонунгузорӣ тартиби махсуси муайянкунии андозаи зарар пешбинӣ гардидааст (металлҳо, сангҳои қимматбаҳо ва ғайра) арзиши ашёи тасарруфгардида бояд мувофиқи хулосаи ташхис ва ё маълумотномаи мутахассиси соҳа муқаррар карда шавад.

Зимни тасарруфи асъори хориҷӣ, ҳуҷҷатҳои маблағгузаронӣ, фондҳои кумакҳои хориҷӣ, бояд арзиши он аз рӯи қурби муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон, дар рӯзи содиршавии ҷиноят, ба асос гирифта шавад.

Инчунин, мақомоти тафтиши пешакӣ бояд муқаррар намоянд, ки гумонбаршуда (айбдоршаванда) молу мулки тасарруфшударо ба куҷо, ба киҳо, бо кадом роҳ ва ба кадом манбаҳо сарф намудааст. Дақиқ муайян накардани ин ҳолатҳо, ба ҳал кардани масъалаи исботи гуноҳ таъсир расонида, асос барои ба тафтишоти иловагӣ баргардонидани парванда шуда метавонад. Аз ин лиҳоз, ба муфаттиш зарур аст, ки дар ин самт амалҳои зарурии тафтишотӣ, ҷамъоварии маълумотҳо аз мақомотҳо ва сохторҳои дахлдор, таъин ва гузаронидани санҷишҳои соҳавӣ, ба мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ додани супориш ҷиҳати гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷуӣ ва дигар чораҳои дахлдор анҷом диҳад.

Ҳолати дигари ошкор намудани азонихудкунии молу мулк аз ҷониби масъулини корхона ва ташкилотҳо ин ба даст овардани маълумотҳои сохторҳои оперативӣ мебошад. Дар ин раванд бояд ҳатман вақт ва тарзу усули тасарруф намудани молу мулк, ҷойҳои нигоҳдории ашё ва ҳуҷҷатҳои дар асоси он тасарруф шудани молу мулк, инчунин масъулини корхонаю ташкилоти ба он алокамандидошта муайян ва ҳуҷҷатгузорӣ карда шавад. Барои тасдиқ шудани ҳолати мазкур дар муассисаю ташкилоти мазкур санҷиши фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ таъин намуда, ҳуҷҷатҳои бо роҳи оперативӣ ва зимни санҷиш ба даст овардаро пешниҳод намояд.

Баъди санҷиши молиявӣ бо риояи Қоидаҳои ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фиристодан ва ба истеҳсолоти онҳо қабул намудани маводи тафтиш (ревизия) ва санҷиш ва тасдиқ гардидани ҳолати тасарруфи молу мулк, маводҳои ҷамъовардашуда асос барои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ нисбати шахсони масъули даст ба ҷиноятзада, ки бо ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда ва нишондодҳои шоҳидон тасдиқ гардидааст, мегардад.

Муфаттиш маводҳои мазкурро омӯхта ҳолатҳои ҷой доштани аломатҳои таркиби ҷинояти тасарруфро муайян намуда, дар бораи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ қарор қабул мекунад. Муфаттиш (дар сурати ба миён омадани зарурат бо назардошти тавсияҳои оперативӣ) нақшаи амалҳои тафтишӣ ва чорабиниҳои дахлдорро таҳия намуда, дар он ҳар як амали тафтишӣ ва чораҳои ташкилӣ, вақт ва ҷои гузаронидани он, иҷрокунанда, муҳлати иҷро, тартиби истифодабарии воситаҳои техникӣ ва криминалистиро батафсил дарҷ менамояд. Муваффақияти тафтиши пешакӣ асосан аз амалҳои бетаъхир ва қатъии гузаронидаи

муфаттиш, ки бояд дар марҳилаи аввали тафтишот гузаронида шаванд, вобаста аст.

Бояд дар назар дошт, ки бо роҳи пурсиши кормандони корхона ва ташкилотҳое, ки дар онҳо тасарруф ҷой дорад, имконияти муайян намудан ва ба даст овардани маълумот оиди сохтор, тартиби муқарраршудаи баҳисобгирӣ, шахсони ҳисоботдиҳанда, руйхати молу мулк, дастурамалҳои хизматии шахсони мансабдори ба тасарруф алоқаманд ҷой дошта, зарур аст, ки сари вақт ҳуҷҷатҳои зарурӣ дарёфт карда гирифта шаванд.

Аз эътимол дур нест, ки дар сурати ба даст оварда нашудани ҳуҷҷатҳои мазкур, шахсони гунаҳкор имконияти нобуд кардан ва ё сохтакори намудани ҳуҷҷатҳои ба кор аҳамиятдоштаро метавонанд пайдо намоянд.

Дар чунин ҳолат бояд фавран амалҳои тафтишӣ, аз қабили ёфта гирифтан ва азназаргузаронии ҳуҷҷатҳои ба тасарруф алоқаманд, ки бо роҳи сохтакорона тайёр карда дар онҳо осори ҷиноят дида мешавад, пурсиши шахсони масъул вобаста ба сохтакорӣ, гузаронидани кофтуков дар ҷойҳои корӣ ва манзилҳои истиқоматии чунин ашхос бо мақсади дарёфт намудани предметҳо ва ҳуҷҷатҳое, ки ба кор аҳамияти далелӣ доранд, гузаронида шаванд. Ҳамзамон бо мақсади таъмини даъвои граждани ва эҳтимолияти мусодираи молу мулк ба ҳабс гирифтани молу мулкро анҷом дода, шоҳидоне, ки дар санади санҷишӣ ва маводҳои ҷамъовардашуда дарҷ шудаанд пурсида шаванд.

Ҳангоми аз ҷониби муфаттиш ошкор гардидани ҳолати аз ҷониби шахс анҷом додани аҳдҳои молу мулкӣ ё амалиётҳои дигар оид ба расмият даровардани маблағҳои пулӣ ё молу мулке, ки дар натиҷаи содир намудани ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ба даст оварда шудааст, зарур аст, ки масъалаи дар кирдори гумонбаршуда (айбдоршаванда) ҷой доштани ҷинояти моддаи 262 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шуда, дар ин хусус аз рӯи маҷмӯи ҷиноят қарори қонунӣ ва асоснок қабул намоянд.

Ҷиҳати рӯёнидани зарарҳои дар натиҷаи ҷиноят расонидашуда ва таъмини иҷрои ҷазои иловагӣ, яъне мусодираи молу мулк зимни тафтиши пешакии ин қабил парвандаҳои ҷиноятӣ муфаттишонро зарур аст, ки тамоми чорабиниҳои қонунӣ ва маҳорати касбии худро истифода намоянд. Дар ин ҷода, бояд баъди оғози парвандаҳои ҷиноятӣ таъҷилан масъалаи бо роҳи гузаронидани кофтуков ва дигар чорабиниҳои оперативӣ-тафтишотӣ муайян намудан ва ба ҳабс гирифтани молу мулки гумонбаршуда (айбдоршаванда) ва наздикони онҳо, инчунин нисбати гумонбаршудагон (айбдоршавандагон) татбиқи чораи пешгирӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан гузошта шавад.

Инчунин зарур аст, ки ҳама гуна воситаҳои нақлиёт ва дигар ашёи ба гунаҳгор тааллуқдошта, ки ба сифати олоти ҷиноят ҳангоми содир намудани ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ истифода шудаанд, барои эҳтимолияти барқарор намудани зарар барои мусодира кардан ба ҳабси молу мулк гирифта шавад.

Дар сурати аз ҷониби гунаҳгор талофӣ накардани зарари ба миқдори калон ва махсусан калон расонидашуда, ки ба категорияи ҷиноятҳои вазнин мансуб мебошад, нисбати шахсони гунаҳгор тибқи талаботи моддаи 101 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон чораи пешгирӣ ва дар ҳолатҳои истисноӣ дар намуди ба ҳабс гирифтан татбиқ карда шавад (моддаи 111 КМҶ ҶТ).

Ҳаминро бояд қайд кард, ки нисбати судяҳо, ки дар иҷрои вазифаанд, мувофиқи моддаи 10-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон" парвандаҳои ҷиноятӣ танҳо аз тарафи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз карда мешавад.

Судяи Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодиро бе ризояти Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷики-

стон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва ба ҳабс гирифтан мумкин нест.

Судяи суди ҳарбӣ, суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, суди вилоятҳо, суди шаҳри Душанбе, суди шаҳр ва ноҳия, суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, суди иқтисодии вилоятҳо ва суди иқтисодии шаҳри Душанберо бе ризояти Пезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва ба ҳабс гирифтан мумкин нест.

Вакилони маҷлисҳои вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияҳо низ дахлнопазирӣ дошта, нисбати онҳо парвандаҳои ҷиноятӣ аз тарафи прокуророни қаламрави дахлдор ва ё прокурори болоӣ оғоз карда мешавад.

Мувофиқи моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии вакили маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия» аз 13 декабри соли 1996 парвандаҳои ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати вакили Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия аз тарафи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони ӯ, прокурори Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, прокурори нақлиёти Тоҷикистон, прокурори шаҳр, ноҳия оғоз карда мешаванд.

Ба ҳабс ва ҳабси хонагӣ гирифтан, ҳабси молу мулк, ҳабси муросилот, гӯш ва сабт кардани гуфтугӯи телефонии вакили Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия бо розигии Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони ӯ, прокурори Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, прокурори нақлиёти Тоҷикистон ва бо иҷозати Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, суди вилоят, шаҳри Душанбе бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешаванд.

Бояд дар хотир дошт, ки мувофиқи талаботи қисми 6 моддаи 49 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати аз тарафи шахс содир намудани ҷинояти дар моддаи 245 КҶ (ба истиснои банди «а» қисми 4) пешбинишуда, агар гунаҳгор то баровардани ҳукми суд зарари моддиро пурра талофӣ намояд, нисбати ӯ ҷазои ҷарима ва ё дигар ҷазои бо маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманд набудаи дар муҷозоти (санксия) модда пешбинигардида таъин карда мешавад. Дар ҳолати барқарор намудани зарар мумкин аст, ки нисбати гунаҳгор чораи дигари ба ҳабс алоқаманд набуда, татбиқ карда шавад.

Муфаттишро зарур аст, ки бо парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба азонихудкунӣ ё исрофкорӣ баҳри ба пуррагӣ барқарор намудани зарари моддии ба ташкилоту идораҳои давлатӣ расонида шуда, дар асоси талаботи моддаҳои 126 ва 127 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муайянкардаи қонун ба судҳо аризаи даъвогӣ равон карданро сарфи назар накунад.

Дар рафти тафтиши пешакӣ муфаттиш бояд тамоми чораҳоро оиди риоя намудани муҳлати тафтиши пешакӣ (моддаи 164 КМҶ ҶТ) ва дар ҳабс нигоҳ доштан (моддаи 112 КМҶ ҶТ) андешад. Танҳо дар сурати ғайриимкон будани анҷом додани тафтиш дар муҳлати 2 моҳаи муқаррар кардаи қонун муфаттиш бо розигии прокурор (моддаи 111 КМҶ ҶТ) метавонад бо қарор дар бораи дароз намудани муҳлати дар ҳабс нигоҳ доштани айбдоршаванда ба суд мурочиат намояд.

Баъди гузаронидани ҳамаи амалҳои тафтишӣ, ҳангоми мавҷуд будани далелҳои кофӣ дар асоси талаботи моддаи 221 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон муфаттиш дар бораи ба ҷавобгари кашидани шахс ба сифати айбдоршаванда дар содир намудани ҷиноят ва ба ӯ эълон кардани айб қарори асоснок мебарорад. Дар қарор бояд вақт ва маҳалли тартиб додани он, аз ҷониби кӣ тартиб

дода шудани он, ном, номи падари шахсе, ки ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарӣ кашида мешавад, сана ва маҳалли таваллуди у, баёни ҷиноате, ки тибқи он шахс айбдор дониста мешавад, нишон додани вақт, маҳалли содиршавии ҷиноят ва ҳолатҳои дигаре, ки бояд мутобиқи моддаи 85 КМҶ ҶТ исбот карда шаванд, инъикос ёбад.

Баъд аз интишор кардани қарори мазкур муфаттиш айбро эълон карда, бояд ба айбдоршаванда ҳуқуқу уҳдадориҳояшро фаҳмонида, протоколи пурсиши айбдоршавандаро тартиб диҳад.

Бояд қайд кард, ки муфаттишро зарур аст, ки ҳангоми пешбурди парвандаи ҷиноятӣ ҳолатҳое, ки ба содир шудани ҷиноят мусоидат мекунанд, муқаррар намуда, баҳри пешгирӣ ва бартараф намудани онҳо ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, тибқи талаботҳои моддаи 178 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонии роҳбарони мақомоти болоии идораю ташкилотҳо, муассисаю корхонаҳои дахлдор сарфи назар аз шаклҳои ташкилию ҳуқуқиашон пешниҳод оид ба рафъи ҳолатҳои ба содир шудани ҷиноят ва дигар қонунвайронкуниҳо мусоидаткунанда ирсол карда, дар баррасии онҳо баҳри тақвият бахшидани фаъолият шахсан иштирок намояд.

Муфаттиш бо эътирофи он, ки тамоми амалҳои тафтишӣ аз рӯи парвандаи ҷиноятӣ анҷом дода шудаанд ва далелҳои ҷамъоварда барои тартиб додани фикри айбдоркунӣ кифоянд, вазифадор аст, ки дар ин бора айбдоршавандаро огоҳ созад ва ба ӯ фаҳмонад, ки ҳуқуқ дорад шахсан ё бо ёрии ҳимоятгар ба тамоми маводи парванда шинос шуда, дар бораи пурра кардани тафтиши пешакӣ барои қабул кардани қарори дигар нисбат ба парванда дархост кунад.

Бораи анҷоми тафтиши пешакӣ ва ҳуқуқи шинос шудан бо маводи парванда, инчунин арзу дархост муфаттишро зарур аст, ки ҳимоятгари айбдоршаванда, ба шарте, ки у дар парванда иштирок намояд, инчунин ҷабрдида ва намояндаи ӯ, даъвогари гражданӣ, ҷавобгари гражданӣ ва намояндагони онҳоро огоҳ созад.

Баъдан, дар асоси моддаҳои 244-246 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон муфаттиш фикри айбдоркуниро, ки дар он ҳамаи амалҳои тафтишотӣ, аз қабили моҳияти айбдоркунӣ, маҳал ва вақти содир намудани ҷиноят, усул, сабаб, оқибат ва ҳолатҳои дигари муҳим, хусусият ва андозаи зарари расонидашуда, даъвогар ва ҷавобгари гражданӣ, далелҳои тасдиқкунандаи гуноҳи айбдоршаванда, ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷазо, ваҷҳҳое, ки айбдоршаванда барои ҳимояи худ пеш меорад ва натиҷаи санҷиши ин ваҷҳҳо, тартиб медиҳад.

Ба ғайр аз ин, фикри айбдоркунӣ бояд истинод ба ҷилд ва саҳифаҳои парвандаро дарбар гирад. Дар қисми хулоса маълумоти шахсияти айбдоршаванда, ифодаи айби эълоншуда бо нишон додани қонуни ҷиноятӣ (модда, қисм, банд), ки барои ҳамин ҷиноят ҷавобгариро пешбинӣ мекунад, зикр гардад.

Муфаттишро зарур аст, ки тибқи талаботи моддаҳои 239-246 КМҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳал ва санаи таҳияи фикри айбдоркуниро нишон дода, онро имзо кунад ва баъди тартиб додани фикри айбдоркунӣ парвандаи ҷиноятиро фавран ба прокурор барои омӯзиш пешниҳод намояд.

## ХУЛОСА

Дар номгӯи арзишҳое, ки аз ҷониби қонунгузории ҷиноятӣ мавриди ҳифз қарор дода шудааст, моликият яке аз мавқеҳои муҳимро ишғол намудааст. Бинобар ин, ҳифзи ҳаматарафаи он дар ҷомеаи имрӯза бо дарназардошти рушди муносибатҳои нави ҷамъиятӣ зарурат пайдо намудааст.

Омӯзиши таҷрибаи тафтишотӣ ва судӣ нишон медиҳад, ки роҳу усул ва механизмҳои ошкор ва тафтиши пешакии ҷиноятҳо ба муқобили моликият, аз ҷумла азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, бинобар сабаби дар замони муосир тағйир ва гуногун шудани тарзу усули тасарруф доимо мавриди

таваҷҷуҳ қарор гирифта, он мунтазам мавриди истифода карда дода шавад.

Азонихудкунӣ ё исрофкорӣ яке аз ҷиноятҳои муқобили моликият мебошад, ки вобаста ба табиати ҳуқуқӣ ва тарзҳои содиршавии он аз муфаттишон дониши васеи на танҳо ҳуқуқӣ, балки иқтисодиро низ талаб менамояд. Бо дарназардошти ин, муфаттишон ҳангоми тафтиши ин категорияҳои ҷиноят сар карда аз оғози парвандаи ҷиноятӣ то ба анҷом расонидани он ба мушкилоти муайян дучор мегарданд. Бинобар ин, истифода намудани дастури методии мазкур барои беҳтар намудани сифати тафтиши пешакӣ ва баланд намудани касбияти кормандони самти тафтишот кумак расонида, ба таъмини тафтиши ҳамаҷониба, пурра ва холисонаи парвандаҳои ҷиноятии марбут ба азонихудкунӣ ва исрофкорӣ бо риояи талаботи қонунгузории ҷорӣ мусоидат мекунад.

Дар дастурамали мазкур ба қадри имкон масъалаҳои нисбатан муҳим ва ҳалталаб, ки дар раванди пешбурди тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятӣ ба назар расида, барои бартараф намудани ҳолати кор тавзеҳоти касбӣ лозим буда, бо истифодаи меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ, мурофиавии ҷиноятӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ мавриди тадқиқот қарор дода шуданд.

***Раёсати тафтишотии Агентӣ.***

# АКСҲО
# АЗ БАРГУЗОРИИ ХХ-УМИН ҶАЛАСАИ ШӮРОИ ҲАМОҲАНГСОЗИИ РОҲБАРОНИ МАҚОМОТИ ТАФТИШИ МОЛИЯВИИ (КСОНР) ДАВЛАТҲОИ АЪЗОИ ИДМ

**(21-23 августи соли 2019)**

# ТАШРИФИ МЕҲМОНОН





**Маросими аксгирии иштирокчиёни XX-умин ҷаласаи Шӯрои ҳамоҳангсозии роҳбарони мақомоти тафтиши молиявии (КСОНР) давлатҳои аъзои ИДМ**



**Рафти XX-умин ҷаласаи Шӯрои ҳамоҳангсозии роҳбарони мақомоти тафтиши молиявии (КСОНР) давлатҳои аъзои ИДМ**



# ДИДАН КАРДАН АЗ ҶОЙҲОИ ФАРҲАНГИЮ ФАРОҒАТИИ ТОҶИКИСТОН





## ДИДАН КАРДАН АЗ ҶОЙҲОИ ФАРҲАНГИЮ ФАРОҒАТИИ ТОҶИКИСТОН





# АКСҲО
# АЗ ИФТИТОҲИ БИНОИ НАВИ
# АГЕНТИИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ
# МОЛИЯВӢ ВА МУБОРИЗА БО КОРРУПСИЯИ
# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**(17 декабри соли 2019)**

# АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ - ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР МАРОСИМИ ИФТИТОҲИ БИНО




# ИМЗОГУЗОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР КИТОБИ ХОТИРАВИИ АГЕНТӢ



# БИНОИ НАВИ ДАСТГОҲИ МАРКАЗИИ АГЕНТИИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯВӢ ВА МУБОРИЗА БО КОРРУПСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



# ДИДАН КАРДАН АЗ ДОХИЛИ БИНО






# МУЛОҚОТИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БО КОРМАНДОНИ АГЕНТӢ





# МУЛОҚОТИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БО КОРМАНДОНИ АГЕНТӢ





# МУНДАРИҶА

***Султонзода С.С***. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат ..... 4
***Шодиева М.*** Ҳамбастагӣ – омили муваффақият ..... 7
***Чиллазода Қ.*** Нақши мақоми олии аудит дар арзёбии татбиқи сиёсати молияи давлатӣ ва истифодабарии моликияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ..... 9
***Каримзода К.М***. Истиқлолияти давлатии мо аз умқи таърихи куҳанбунёдамон реша мегирад ..... 13
***Ҳошимзода Д.Д.*** Роҷеъ ба баъзе ҷанбаҳои ҷавобгарии граждани-ҳуқуқии ширкатҳои сайёҳӣ ..... 21
***Қодирзода Т.Қ.*** Истиқлолияти давлатӣ ва таҳкими ҳокимияти судӣ ..... 28
***Гафурзода А.Д***. Содействия в реализации антикоррупционной политики правительства Республики Таджикистан ..... 33
***Собирзода И.С***. Маҳдудсозӣ, ҳудуд ва принсипҳои амалисозии ҳуқуқҳои падару модар ..... 36
***Назаров А.Ш***. Масоили муқовимат ба терроризм ва экстремизм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ..... 45
***Муҳаммадизода М.Т***. Таъсисиёбӣ ва рушди воҳидҳои ташхисӣ-криминалистии мақомоти корҳои дохилӣ дар даврони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ..... 50
***Раҳматуллозода А***. Андозаи зарарe, ки асоси оғози парвандаи ҷиноятӣ мегардад ..... 54
***Алимардони М.У.*** Коррупция и коррупционная преступность ..... 58
***Мирсаид Р***. Истиқлолу озодӣ муаррифгар ва заминасози шинохти Тоҷикистону тоҷикон ба ҷаҳониён ..... 63
***Холиқзода Ш.Л., Сайфуллозода У.А.*** Коррупсия ҳамчун яке аз ҷиноятҳои муташаккил: гузашта ва имрӯз ..... 66
***Миралиев Э.Б., Раҳмонзода М.Ҷ.*** Таъсири манфии коррупсия ба соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ..... 70
***Абдуллозода О.*** Ҳафт соли муқовимат ба маводи нашъаовар ..... 75
***Равшаналиев Ф.Р.*** Ваҳдати миллӣ – дастоварди бузурги даврони истиқлол ..... 79
***Зариф У.М.*** Нақши падидаи таҳлили таъсири танзимкунӣ дар пешгирии омилҳои коррупсионӣ ..... 81
***Зарифӣ Д.Н***. Таъсири омилҳои коррупсионӣ ба раванди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ..... 89
***Қурбонзода У.С***. Кофтукови байнидавлатии шахсони бедараккумшуда ё дар ваъияти ҷиноятӣ гумшуда ..... 97
***Носирӣ А.Қ.*** Муқовимат ба коррупсия кори дастаҷамъист ..... 101
***Бобохонзода К.С***. Ҳамкориҳои байналмилалии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба коррупсия ..... 105

Дастурамали илмӣ-амалӣ оид ба тарзу усули ошкор ва тафтиши пешакии ҷиноятҳо марбут ба гирифтану додани пора ва ришвадиҳии тиҷоратӣ ..... 111
Дастурамали илмӣ-амалӣ оид ба тарзу усули ошкор ва тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ марбут ба азонихудкунӣ ё исрофкорӣ (моддаи 245 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон) ..... 128

Аксҳо аз баргузории XX-умин ҷаласаи Шӯрои ҳамоҳангсозии роҳбарони мақомоти тафтиши молиявии (КСОНР) давлатҳои аъзои ИДМ ..... 143
Аксҳо аз ифтитоҳи бинои нави Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ..... 149